Аттестатсияи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки шумораи хизматчиёни давлатиашон камтар аз 15 нафарро ташкил медиҳад, дар мақомоти давлатии болоӣ ё мақомоти давлатии дахлдори ҳудудӣ гузаронида мешавад. Дар чунин ҳолат намояндаи ин мақомот ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ дохил карда мешавад. Ба андешаи мо масъалаи мазкур ба таҳлилу баррасии мутахасисони соҳа ниёз дорад, зеро: аввало, кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот хизматчии давлатӣ набуда, балки ба онҳо баробаркардашуда маҳсуб меёбанд [2], дуюм гузаронидани аттестатсияи кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз тарафи мақомоти давлатии болоӣ ё мақомоти давлатии дахлдори ҳудудӣ ба консепсияи худидоракунии маҳалӣ он қадар мувофиқ набуда, дар баъзе ҳолатҳо боиси бархурди манфиатҳо мегардад.

Комиссияи аттестатсионӣ дар вақти амалӣ намудани фаъолияти худ набояд барои пайдо шудани ихтилофи манфиатҳо, ки ба қарори вай таъсир расонида метавонанд, шароит фароҳам биёрад. Аъзои комиссияи аттестатсионӣ дар вақти баҳогузории фаъолияти хизматчии давлатӣ, додани хулоса ва тавсия мустақил мебошад.

Мувофиқи Низомнома дар вақти аттестатсия намояндаи мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад бо овози машваратӣ иштирок намояд.

Инчунин дар санади мазкур муайян гардидааст, ки арзёбии фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро дар ғоибии аттестатсияшаванда ва роҳбари ӯ анҷом дода мешавад ва қарору хулоса ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ бо овоздиҳии аксари аъзои он қабул карда мешавад.

Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ хулосаи зерин медиҳад:

- ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад;
- ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намекунад.

Албатта, хулосаҳои зикргардида қатъӣ ба назар мерасанд, вале тавре аз мазмуни меъёрҳои дигари дахлдори Низомнома бармеояд, комиссияи аттестатсионӣ хизматчии давлатии маъмурии баҳои миёнаи умумии зиёда аз 20 гирифтаро чунин тавсияҳо медиҳад:

- дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ (ба мансабҳои маъмурии категорияи дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ);
- ба мансаби баландтар таъин намудан, вале на баландтар аз мансабҳои категорияи сеюм;
- пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ ё аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ;
- иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Қайд гардидааст, ки тавсияи иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун тавсияи асосӣ ё иловагӣ пешниҳод карда шавад, вале чуин тавсияҳо бояд бо дарназардошти ҳолати воқеӣ сурат гиранд.

Ҳамчуин тибқи муқаррароти Низомнома, дар сурати ба мансаби ишғолгардида номувофиқ донистани хизматчии давлатии маъмурӣ, комиссияи аттестатсионӣ ба ӯ чунин тавсияҳо медиҳад:

- такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ (агар мақоми давлатӣ муассисаи такмили ихтисоси соҳавӣ ва азнавтайёркунӣ дошта бошад);
- гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ (агар чунин мансабҳои холӣ мавҷуд бошанд).

Бояд қайд намуд, ки масъалаи дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ аз тарафи баъзе мутахассисони соҳа дар адабиёти илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст, ки қобили таваҷҷӯҳ аст, масалан М.В. Пресняков, бар он ишора менамояд, ки дохил намудани хизматчии давлатии шаҳрвандӣ ба захираи кадрҳо тибқи расмиёти аттестатсия метавонад як усули хеле муассири канор гузоштани расмиёти озмун ҳангоми ишғоли мансабҳои холии шаҳрвандии хизмати давлатӣ гардад [ 5. с.47].

Аммо, набояд фаромӯш кард, ки озмун на танҳо «тартиби махсуси интихоби кадрҳо барои вазифаҳои холии давлатӣ тибқи қарори комиссияи давлатии озмун» мебошад [ 3. с.386].

Ғайр аз ин, озмун шакли ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи конститутсионии дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ мебошад, ки аз расмиёти махсуси интихоби номзадҳо ба мансабҳои холии хизмати давлатӣ иборат аст» [ 5. с.245].

Дар бораи мушкилоти номуайянии пешрафт дар хизмати давлатӣ дар доираи расмиёти аттестатсияи хизматчиёни давлтии шаҳрвандӣ ҳамчунин И.Н. Сурманидзе андешаҳои ҷолиб дорад, ки таҳлили онҳо барои такмили минбаъдаи низоми ҳуқуқии соҳаи мазкур аз манфиат холӣ нест [ 7. с.16].

Дар робита ба масъалаҳои зикршуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки меъёрҳои Низомнома роҷеъ ба озод кардани хизматчии давлатии маъмурӣ аз мансаби ишғолкардааш дар сурати набудани имконияти такмили ихтисос, markednavтайёркунӣ, гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ, низ ба назари мо ба таҳлилу баррасии амиқ ниёз доранд.

Тибқи муқаррарот роҳбари мақоми давлатӣ ҳуқуқ дорад хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсиониро асоснок рад намояд. Дар чунин ҳолат аттестатсияи такрории хизматчии давлатӣ бо иштироки ҳатмии роҳбари мақоми давлатӣ ва намояндаи мақоми ваколатдор на дертар аз як моҳи баъди рад намудани қарори комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад ва ҳамагуна баҳсҳои вобаста ба гузаронидани аттестатсия аз ҷониби ӯ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдор ё суд ҳал карда мешаванд.

Дар баробари рушди қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ меъёрҳои Низомнома оид ба тартиб ва шартҳои аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот низ такмил дода шудаанд, бо вуҷуди ҳамин дар соҳаи мазкур масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доранд:

- такмили минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба аттестатсияи хизматчиёни давлтии шаҳрвандӣ вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- муайян намудани тартиб ва шартҳои мавриди аттестатсия қарор додани хизматчиёни давлтии маъмурии категорияи олӣ ва ғ.

Хулоса, дар Ҷумҳурии Тоҷкистон доктринаи миллиии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ташаккул ёфтааст ва он марҳила ба марҳила рушд карда истодааст, заминаҳои ҳуқуқии аттестатсияи хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ дар ин радиф такмилу таҳким ёфта истодаанд.

## АДАБИЁТ


1. Заварихина С. А. Аттестация государственных служащих. // Бухгалтерский учёт в бюджетных и некоммерческих организациях.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3, мод. 166, №6, мод. 429; ҚҶТ аз 02.01.2020, №1672.
3. Ноздрачев А.Ф. Учебник для подготовки государственных служащих. М.: Статут, 1999. С. 386.
4. Ойев Х. Хидмати давлатӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон. Душанбе: “Ирфон”. 2011. – 400 с.

5. Пресняков М.В. Конституционное регулирование доступа к государственной гражданской службе: реализация принципов равенства и справедливости. Саратов: Научная книга, 2007. С.47.
6. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон. Нашри панҷум. Душанбе, 2020. С. 204-2016.
7. Сурманидзе И.Н. К вопросу об аттестации государственных и муниципальных служащих: понятия, сравнительная характеристика, законодательные нововведения. «Юридический мир», 2006, № 8. С16-20.
8. Фармони Президенти ҶТ аз 6.08.2019 № 1330. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ АТТЕСТАТСИЯИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ таъмин намудани дастгоҳи давлатӣ яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи роҳбарияту Ҳукумати кишвар маҳсуб меёбад, зеро ки фаъолияти пурсамари дастгоҳи давлатӣ аз ҳайати хизматчиёни давлатии соҳибкасб ва соҳибтаҷриба вобастагии амиқ дорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташаккули низоми самараноки идоракунии давлатӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба масъалаҳои таъмини устувории ҳайати шахсӣ дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳар чӣ беш диққат дода мешавад. Дар ҳамин замина, ҷиҳати муайян кардани мувофиқати хизматчиёни давлтӣ ба мансаби ишғолнамуда ва таъмини болоравии касбии онҳо аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ гузаронида мешавад. Муаллифони мақола масъалаи асосҳои ҳуқуқии аттестатсияи хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, баъзе пешниҳодҳоро ҷиҳати таҳкими соҳаи мазкур ва такмили қонунгузорӣ манзур намудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатии шаҳрвандӣ, аттестатсия, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, хизматчии давлатии маъмурӣ, мансаби давлатӣ, комиссияи аттестатсионӣ, тавсифномаи хизматӣ, варақаи аттестатсионӣ.*

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ АТТЕСТАЦИИ ГРАЖДАНСКИХ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СЛУЖАЩИХ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Обеспечение государственного аппарата высококвалифицированными кадрами в сфере государственного управления и государственной службы является одной из основных задач руководства и Правительства страны, поскольку эффективное функционирование государственного аппарата зависит от квалифицированных и опытных государственных служащих. В условиях глобализации и стремительного развития информационных технологий, в Республике Таджикистан больше внимания уделяется обеспечению стабильности кадров в центральных и местных органах власти для формирования эффективной системы государственного управления и устойчивого социально-экономического развития страны. Исходя из этого, в целях определения

соответствия государственного служащего занимаемой должности и обеспечения его карьерного роста проводится аттестация административных государственных служащих. Авторы статьи, исследуя правовые основы аттестации государственных служащих в Республике Таджикистан, внесли ряд предложений для стабильного развития и совершенствования законодательства.

***Ключевые слова:*** *гражданская государственная служба, аттестация, уполномоченный орган в сфере государственной службы, административный государственный служащий, государственная должность, аттестационная комиссия, служебная характеристика, аттестационный лист.*

## LEGAL BASIS FOR CERTIFICATION OF STATE CIVIL SERVANTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

One of the main objectives of the administration and the Government of the country is providing the state apparatus with highly qualified personnel in the field of public administration and civil service, as the effective functioning of the state apparatus depends on qualified and experienced civil servants. In the context of globalization and rapid development of information technologies in the Republic of Tajikistan, more attention is paid to ensuring the stability of personnel in central and local authorities for the forming an effective system of public administration and sustainable socio-economic development of the country. On this basis, for determining the suitability of a civil servant to the position and ensure his career growth there is carried out certification of state civil servants**.** The authors of the article studied legal basis of certification of state civil servants in the Republic of Tajikistan and made their proposals for sustainable development and improvement of legislation.

***Keywords:*** *state civil service, certification, authorized body in the field of civil service, administrative civil servant, state position, certification commission, service profile, certification sheet.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Ҷамшедзода Ҷамшед Назаршо -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Бохтар, 48.Тел.: 992 934 593636; E-mail: Jamshed_j.n1973@bk.ru

**Исломов Хушдил Зиёратшоевич -** магистранти Академияи идоракунии давлтии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон, 734003, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33. Тел.: +992 918 748871; E-mail: Khushdil_i-z@mail.ru

**Сведения об авторах: Джамшедзода Джамшед Назаршо -** кандидат юридических наук, судья Конституционного суда Республики Таджикистан, 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул.Бохтар, 48. Тел.: 992 934 593636; e-mail: Jamshed_j.n1973@bk.ru

**Исломов Хушдил Зиёратшоевич -** магистрант Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33. Тел.: +992 918 748871; e-mail: Khushdil_i-z@mail.ru

**Information about authors: Jamshedzoda Jamshed Nazarsho -** Candidate in Law, Judge of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, 48, Bokhtar st. Phone: 992-93-459-36-36; e-mail: Jamshed_j.n1973@bk.ru

**Islomov Khushdil Ziyoratshoyevich -** magistrate of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. 734003, Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir st. Phone: +992 918-74-88-71; e-mail: Khushdil_i-z@mail.ru

УДК: 351/354

# ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ

*Носирова Ф.И.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ифодакунандаи хусусиятҳои иҷтимоии давлат маҳсуб мегардад. Мақсадҳои иҷтимоии он татбиқи уҳдадориҳои давлат ҷиҳати таъмини сатҳи зиндагонии арзандаи шаҳрвандон, таъмини талаботҳои моддӣ ва маънавии онҳо ва ҳамзамон талаботҳои конститутсионии онҳо оид ба гирифтани таҳсилот, таъминоти тиббӣ ва тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, шуғл, ҳифзи меҳнат, кӯмаки иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои ниёзманд ва ғайраҳо маҳсуб мегардад [1, с. 382].

Хизмати давлатӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки мазмуни асосии сиёсати давлатро ташкил медиҳанд, нақши калидӣ дорад. Дар робита ба ин, хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди ифодакунандаи манфиатҳои ҷомеа ва шаҳрвандон муҳиммияти махсусро касб намуда, ба рушд ва инкишофи ин ниҳод беш аз ҳарвақта диққати бештар дода мешавад. Ташаккулёбӣ ва рушди ин низом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи на чандон тӯлонӣ дошта, асосан даврони соҳибистиқлолӣ рушди бемайлонро касб намудааст.

Тоҷикон ҳамчун халқи соҳибтамаддун ва дорои таҷрибаи куҳани давлатдорӣ ба масъалаҳои идоракунии давлат ва таҳкими он ҳамеша аҳамияти хосса медоданд.

Бунёди давлати воқеан миллии тоҷикон бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ муяссар гардид. Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон новобаста ба вазъи мураккаби сиёсии ҷомеа дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта барои рушду такомули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ шароити мусоид фароҳам омад. Ташаккул ва инкишофи падидаи хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи мураккаб ва пурихтилофро тай намудааст.

Хизмати давлатӣ чун падидаи ҳуқуқӣ дар замону шароити муайян ба вуҷуд омадааст, устувор гардидааст, як роҳи муайянро тай намудааст ва дар тамоми марҳилаҳои инкишофи худ мазмуни хоса касб намудааст [2, с. 11].

Таърихи шаклгирӣ ва рушди ниҳоди хизмати давлатӣ муайян менамояд, ки эътирофи принсипҳо, донистану муайян гардидани хусусиятҳо, асосҳои заминавӣ ва тамоюлҳои рушди минбаъда ба зуҳур гардидани ин ниҳод далолат мекунад, ки дар амалӣ гардонидани фаъолияти тамоми рукнҳои идоракунии давлатӣ дар ҷомеа муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар солҳои аввали Истиқлолият дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии мамлакат тағйироти ҷиддӣ ба амал омад ва масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва рушди хизмати давлатӣ ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуда, ҳамчун омили асосии рушду нумӯи кишвар ва баланд гардидани дараҷаи некӯаҳволии мардум, ки ҳадафи асосии давлат мебошад, маҳсуб мегардид. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва тақвият бахшидани низоми идоракунии давлатӣ ва рушду нумӯи хизмати давлатӣ, то ба имрӯз корҳои зиёдро ба анҷом расонидааст.

Ба муҳимияти ин масъала рӯ оварда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид менамояд: “Давлатдории муосир талаб менамояд, ки дастгоҳи идоракунии давлат самаранок, мунтазам ва бонизом кору фаъолият намояд. Маҳз ҳайати салоҳитманд ва масъули хизматчиёни давлатӣ метавонанд падидаҳои

бухрониро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар марҳила гузариш ба осонӣ ҳал кунанд" [3, с. 304].

Тибқи таҳлилҳои коршиносон таърихи шаклгирӣ ва ташаккулёбии хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ибтидои солҳои навадуми асри XX мерасад ва он марҳила ба марҳила такмил ва таҳким меёбад.

Марҳилаи аввали раванди шаклгирӣ ва ташакулёбии ниҳоди хизмати давлатӣ ба сентябри соли 1991-ноябри соли 1992 маҳсуб буда, аз қабули санади Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, зеро соҳибистиқлолӣ барои ташаккулёбии низоми хизмати давлатӣ заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Дар марҳилаи дуюми ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, ки аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) ибтидо гирифта, то ноябри соли 1994-ро дар бар мегирад, шикасти минбаъдаи пояҳои давлатдории мо боздошта шуд ва институтҳои сиёсии давлат аз нав барқарору устувор гардида, фаъолияти пурсамари онҳо ба роҳ монда шуд.

Хизмати давлатӣ бояд ба татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангии давлат, таъмини муътадили вазъи сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа нигаронида шуда бошад, рушди устувори иқтисодии давлатро таъмин карда тавонад. Вобаста ба ин, барои таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии ҷавобгӯ ба ниёзҳои давлати соҳибистиқлол тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Пеш аз ҳама, бо мақсади ташаккули заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар кишварамон моҳи ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул гардид ва амалан низоми хизмати давлатии миллии Тоҷикистони соҳибистиқлолро поягузорӣ намуд [4, с. 47].

Ин қонун барои шаклгирӣ, ташаккулёбӣ ва инкишофи минбаъдаи хизмати давлатии касбӣ дар кишварамон заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард. Бо мақсади такомулу рушд ва ба стандарти ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани хизмати давлатии шаҳрвандӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2001 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки воқеан ҳам сохтори нав дар давлатдориамон буд.

Зарурият ва сабаби ташкил намудани сохтори нав - Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат буд, ки самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, малакаю маҳорати касбӣ ва салоҳиятнокии касбии онҳо ташаккул дода шавад, то онҳо дар шароити имрӯзаи инкишофи ҷомеа саҳми бештаре дошта бошанд ва самарабахшии идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро таъмин карда тавонанд. Барои амали намудани рисолати хизмати давлатӣ дар даврахои таърихии ташаккулёбии соҳа аз тамоми имкониятҳо истифода карда шуд, ки он ҳамчун рукни асосии идоракуни давлатӣ дар иҷрои функсия ва вазифаҳои дастгоҳи давлатӣ ва мақомоти давлатӣ даст дошта бошад [5, с. 9].

Пешрафти ҷомеа ва амалияи давлатдорӣ нишон доданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматӣ давлатӣ» талаботи имрӯзаи мақомоти давлатиро қонеъ карда наметавонад. Аз ин хотир, бо ташаббуси мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ - Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳрири нави қонун гурӯҳи корӣ ташкил дода шуд ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав моҳи марти соли 2005 [6] ба тасвиб расида, мавриди амал қарор дода шуд.

Хизмати давлатӣ дар таҷрибаи амалӣ ба Қонуни мазкур такя намуда, камбудиҳои соҳаро ошкор кард ва зарурати такмили институти хизмати давлатиро вобаста ба

таҳдидҳои замони гузариш, таҳкими имконоти онро ҷиҳати ба равандҳои иҷтимоӣ расонидани таъсири мақсаднок ва танзимкунанда ба миён овард, ки дар марҳилаҳои баъдӣ он амалӣ гардид.

Чуноне ки маълум аст, моҳи сентябри соли 1999 бо роҳи раъйпурсӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуданд, ки ин ҳама талошу навгониҳо ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа нигаронида шуда буданд. Бо мақсади таҳкими институти хизмати давлатӣ, беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва дар робита ба таҷдиди сохтори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ташаккулёбии низоми самараноки идоракунии давлатӣ, таъмини банақшагирии стратегӣ, рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва рушди ниҳоди хизмти давлатии касбӣ тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агенти хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд, ки ин ҳам яке аз нишонаҳои таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат ба низоми хизмати давлатӣ мебошад [7, с. 50].

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, таҳти №179 низомнома, сохтори дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ менамояд.

Ин мақоми ваколатдор бо ҳидояту дастгирии Пешвои миллат бо назардошти муҳимияти масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва рушди хизмати давлатӣ тадбирҳои заруриро дар соҳа амалӣ намуда, татбиқи консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатиро давра ба давра амалӣ мегардонад.

Дар раванди шаклгирӣ ва ташаккулёбии низоми хизмати давлатӣ таҳия ва татбиқи санадҳои меёърии ҳуқуқӣ нақши асосӣ доранд. Таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ имконият медиҳад, ки онҳоро ба се гурӯҳ тақсим намоем.

Гурӯҳи якумро Конститутсия ва қонунҳои соҳавии ба Конститутсия асосёфта ташкил медиҳанд, аз он ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумхурии Точикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»; «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «Дар бораи хизмати дипломатӣ»; «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»; «Дар бораи статуси хизматчиёни ҳарбӣ»; «Дар бораи милитсия»; «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи мудофиа» [8] ва ғайраҳо, ки онҳо аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд.

Гурӯҳи дуюмро санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки онҳоро бевосита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, аз он ҷумла; Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ; Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ; Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ; Кодекси одоби хизматчии давлатӣ; Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Гурӯҳи сеюмро санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд: «Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи

бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ»; Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; Дар бораи Намунаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ; Низомномаи намунавӣ дар бораи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии кормандони мақоми давлатӣ; Стандарти давлатии таҳсилоти иловагии касбии (такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ) хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ; Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон; Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [9, с. 23].

Гурӯҳбандии пешниҳодшуда аз он далолат мекунад, ки самтҳое, ки дар хизмати давлатӣ ба танзими ҳуқуқӣ ниёз доранд, хеле зиёд мебошанд. Ҳамзамон бо ин, санадҳои зерқонунии қабулгарида ҳамчун механизми татбиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи кишвар муҳим мебошад. Бояд нуқтаи дигарро низ тазаккур дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ механизми муҳимми таъминкунандаи такмили сохтор ва идоракунии давлатӣ мебошад. Маълум аст, ки давлат ва ҷомеа наметавонанд дар доираи қолабҳои шахшуда рушд намоянд. Барои ин такмили доимии сохтор мебошад. Ин ҷанба дар таҷрибаи давлатдории мо доимо дар мадди назар қарор дорад.

Вобаста ба ин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2007 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон», аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» қабул гардиданд.

Мақсади асосии қабули Консепсияи мазкур, татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», тақвияти рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, инчунин барои беҳбудии раванди ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ин тағйироти муҳим ба марҳилаи панҷуми ташаккул ва ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Тоҷикистон ибтидо гузоштанд [10].

Вазифаи асосии ислоҳоти хизмати давлатӣ таҳия ва амалӣ намудани усулҳои идоракунии замонавии ба шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯй буда, дурустии худро дар таҷрибаи бисёри давлатҳо собит сохтааст. Натиҷагирӣ аз иҷрои чорабиниҳои дар Барномаи мазкур муқарраршуда имкон дод, ки мониторинги раванди ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ҷамъбаст ва хулосагирӣ карда шуда, нақши хизмати давлатӣ дар рушди дастгоҳи давлатӣ, бароҳмонии усулҳои иноватсионии технологияи ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ мушаххас гардонида шавад [11, с. 51].

Баъд аз қабули Стратегияи ислоҳоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати навбатии барои рушди хизмати давлатӣ мусоидаткунанда ин Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 тасдиқ гардидааст.

Бо мақсади амалӣ намудани ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон ва фароҳам овардани шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи хизмати давлатии касбӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Мақсад ва вазифаҳои Барномаи ислоҳоти хизмати давлатӣ аз иҷрои давра ба давра ва муттасили Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди таъминоти захиравии хизмати давлатӣ ва мақоми ваколатдори он ҳисоб мегардад.

Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби масъулони вазифадоршуда, бо назардошти таҷрибаи андӯхта ва таҷрибаи давлатҳои дар ин самт пешрафта таҳия гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи банди 2 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 Барномаи татбиқи Консепсия сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 -2016 таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 тасдиқ шуд. Санади мазкур механизмҳои татбиқ, марҳилаҳои татбиқ, иҷрокунандагон, банақшагирии номгӯи чорабиниҳо ва инчунин системаи ташкили мониторингу назорати иҷрои Консепсияро муайян менамояд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар самаранокии фаъолияти мақомоти давлати ин сатҳи донишу малакаҳои корбарии хизматчиёни давлатӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ тасдиқ шуда, ба он аз 06.08.2019, №1330 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Аттестатсия - ин тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда мебошад, ки он бо роҳи баҳодиҳӣ ба натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбии ӯ муайян карда мешавад. Вазифаҳои аттестатсия бошанд – таҳкими иқтидори кадрии хизмати давлатӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатии маъмурӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, таъмини болоравии касбӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок ва сифатноки хизматчиёни давлатии маъмурӣ, андешидани чораҳо баҳри такмили ихтисоси онҳо ба ҳисоб меравад.

Яке аз санадҳои муҳиме, ки солҳои охир қабул гардид ин Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2019, №1328 тасдиқ шудааст. Мақсади қабули ин санад истифодаи самараноки неруи касбии хизматчиёни давлатӣ, таҳкими иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ ё сохторҳои онҳо, иҷрои супоришҳои махсусан муҳими давлатӣ, тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда, иваз шудани ҷои зисти доимии кадрҳои роҳбарикунанда, таъин (интихоб) гардидани яке аз ҳамсарони дар хизмати давлатӣ фаъолияткунанда ба мансаб дар дигар маҳал, пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии содиркунии амалҳои коррупсионӣ ё бархӯрди манфиатҳо ба ҳисоб меравад [12].

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташаккулёбӣ ва рушди институти хизмати даватӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати фаъолияти низоми идоракунӣ Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки маҷмуи тадбирҳои тарҳрезигардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити ташкили заминаи мустаҳками ташкили хизмати давлатии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [13, с. 304] маҳсуб мегардад.

Аз санаи 29 феврали соли 2020 дар асоси фармони муассиси Донишкадаи идоракунии давлатӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷиктстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи Донишкада Академияи идоракунии давлатӣ таъсис дода шуд, ин муассисаи олии таҳсилоти касбӣ ва имлӣ дар рушди низоми хизмати давлатӣ ва заминаҳои ҳуқуқиву институтсионалии он нақши муҳим хоҳад бозид.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" соли 1998 нахустин қадам дар самти танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон гашт. Тавассути қабули ин қонун хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ вазъи ҳуқуқии худро муайян, ваколат, салоҳият, ҳуқуқ ва ӯҳдадорию масъулияти худро дар доираи қонун муайян намуд.

Дар баробари ин рушди ҷомеа такмили ҳамаҷонибаи заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаро тақозо менамуд. Дар натиҷа қонуни зикргардида дар солҳои минбаъда такмил дода шуда, даҳҳо санадҳои дигар, аз қабили стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар ин самт қабул шуданд.

Раванди ташаккулёбии чаҳорчӯбаи ҳуқуқии хизмати давлатиро ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

- шаклгирии ҳуқуқии хизмати давлатӣ талаботи ҷомеа дар шароити рушди мустақилонаи давлатдорӣ буда, тақозо мекард, ки маҳз тавассути танзими ҳуқуқӣ қонунияти фаъолияти хизматчиёни давлатӣ таъмин карда шавад;
- шаклгирии ҳуқуқӣ дар асоси анъанаҳои давлатдорӣ ва таҷрибаи муосири давлатҳои пешрафта, ки хизмати давлатӣ дар онҳо собиқаи калон дошт, сурат гирифт. Ин омезиш имконият дод, ки меъёрҳои пешрафтаи соҳа дар қонунгузорӣ ҷой дода шуда, заминаи устувор баҳри рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ ба вуҷуд оварда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Государственная служба в России. – М.: РАГСС, 2004. – 231 с.
2. Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: история, теория, закон, практика. – М.: Изд-во РАГС, 2004. – 226 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт», 2018. – 433 с.
4. Ғафурзода А.Д. Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккул ва рушд: нашри 2 бо тағйиру иловаҳо / Ғафурзода, А.Д., Қосимзода Г.Ҷ., Ҷамшедзода Ҷ.Н., Нуриддинов Ҳ., Искандаров Қ., Ализода Б.П., Сангинов Д.Ш., Исматуллозода Ф.И. – Душанбе, 2019. – 230с.
5. Пирназаров И.А. Истиқлолият ва рушди хизмати давлатии Тоҷикистон. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 231 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав, аз 5 марти соли 2007.
7. Манбаи дастрасӣ: parlament.tj (санаи муроҷиат: 5.06.19).
8. Сайфиддинов А.А. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». – Душанбе, 2010. – 152 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» № 678 аз 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, №22.
10. Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 22 июли соли 2019, №1328 тасдиқ шудааст.

## ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф вобаста ба шаклгирии ҳуқуқии хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ аз таърихи марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми хизмати давлатӣ ибрози андеша намудааст. Раванди таҳкиму рушди хизмати давлатӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ устуворгардонии ҷанбаҳои қонунгузории онро тақозо менамояд. Бинобар ҳамин ҳам дар Тоҷикистон ин раванд мунтазам идома ёфта, дар натиҷа заминаи устувори меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа дар шакли қонунҳои мукаммал, стратегия ва барномаҳои давлатии соҳавӣ ба вуҷуд омаданд.

Ҳамзамон бо ин, заминаи мазкур бо назардошти талаботи ҷомеа ба фаъолияти ниҳоди хизмати давлатӣ пайваста такмил ёфта истодааст, ки онҳо ифодакунандаи моҳияти иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доштани хизмати давлатӣ мебошанд. Шаклгирии ҳуқуқӣ дар асоси анъанаҳои давлатдорӣ ва таҷрибаи муосири давлатҳои пешрафта, ки хизмати давлатӣ дар онҳо собиқаи калон дошт, сурат гирифт. Ин омезиш имконият дод, ки меъёрҳои пешрафтаи соҳа дар қонунгузорӣ ҷой дода шуда, заминаи устувор баҳри рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ ба вуҷуд оварда шавад.

***Калидвожаҳо:*** *қонун, рушди хизмати давлатӣ, устуворгардонӣ, идоракунии давлатӣ, таърих, Истиқлол, фаъолияти касбӣ, шаклшигирӣ, Ҳукумат.*

## ПРАВОВОЕ ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ КАК СОЦИАЛЬНОГО ИНСТИТУТА

В данной статье автор рассматривает историю становления и развития системы государственной службы, в связи с правовым формированием государственной службы как социального института. Процесс укрепления и развития государственной службы как правового института, требует усиления его законодательных аспектов. Поэтому в Таджикистане этот процесс неуклонно продолжается, что приводит к созданию стабильной нормативно-правовой базы в виде комплексных законов, стратегий и государственных отраслевых программ.

В то же время эта основа постоянно совершенствуется с учетом потребностей общества к деятельности государственной службы, что отражает социально-политический и правовой характер государственной службы. Правовое образование происходило на основе традиций государственности и современном опыте развитых стран, где государственная служба имеет давнюю историю. Такое сочетание позволило включить в законодательство передовые стандарты отрасли и создать стабильную основу для дальнейшего развития государственной службы.

***Ключевые слова:*** *закон, развитие государственной службы, стабилизация, Государственное управление, история, независимость, профессиональная деятельность, формирование, Правительство.*

## LEGAL FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE PUBLIC SERVICE AS A SOCIAL INSTITUTE

In this article, the author examines the history of the formation and development of the civil service system in connection with the legal formation of the civil service as a social institution. The process of strengthening and developing of civil service as a legal institution requires strengthening its legislative aspects. Therefore, in Tajikistan, this process continues steadily, that leads to the creation of a stable regulatory framework in the form of comprehensive laws, strategies and state sectorial programs.

At the same time, this basis is constantly improving, taking into account the needs of society to activities of the civil service, which reflects the socio-political and legal nature of the civil service. Legal formation was occured on the base of statehood traditions and modern experience of developed countries, where the civil service have a long history. This combination made it possible to incorporate advanced industry standards into legislation and create a stable basis for the further development of the civil service.

***Keywords:*** *law, development of civil service, stabilization, Public administration, history, independence, professional activity, formation, Government*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Носирова Фарзона Изатуллоевна -** омӯзгори кафедраи идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.Тел.: +992 901 031387; E-mail: farzona.did@mail.ru

**Сведения об авторах: Носирова Фарзона Изатуллоевна -** преподаватель кафедры государственного управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.Тел.: +992 901 031387; E-mail: farzona.did@mail.ru

**Nosirova Farzona Izatulloevna -** lecturer of the Public Administration Department, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street, 30. Phone: +992 901 031387; E-mail: farzona.did@mail.ru

УДК: 347.65

# ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҶОЙ ВА НАҚШИ МЕЪЁРҲОИ ОДАТИИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕРОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТО ШӮРАВӢ

***Раҳимов И.М.***

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳуқуқҳои одатии тоҷикон ҳуқуқи нонавишта мебошанд. Онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии тоҷикон аз муносибатҳои оилавӣ сар карда, то ба дар тиҷорату мерос инъикоси худро меёбад. Ҳуқуқҳои одатӣ аз он сабаб пурқувват буданд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ буданд. Аз ҳамин сабаб одатҳо нисбат ба ҳама гуна қоидаҳои рафтор дорои қувваи худфаъолиятӣ мебошад. Меъёрҳои одат ба руҳияи аъзоёни ҷамъият дохил шуда, ба воситаи дигар меъёрҳо бе дахолати омилҳои беруна бароварда ва маҳдуд карда шуданашон душвор аст. Онҳо дар рафти фаъолияти таҳлилӣ дар бисёр ҳолатҳо шартан нишон дода мешаванд. Дигар хел ҳам шуданаш мумкин нест, зеро ҳуқуқи одатӣ бо таври доимӣ аз ҳисоби меъёрҳои одатӣ дорои моҳияти танзимнамоӣ гардида, ва пурмазмун мегардид. Ба ҳамин восита воридшавии мунтазами анъанаҳо ба меъёрҳои одатию ҳуқуқӣ ба вуҷуд меомад. Албатта, ҳуқуқи одатӣ аз бисёр ҷиҳат ба қонунгузории хаттӣ баробар шуда наметавонад. Зеро аз рӯи мазмун ва таркиби худ номураккаб ва инкифошнаёфта мебошад. Ин ногузир мебошад.Чункӣ меъёрҳои одатӣ –ҳуқуқии тоҷикон решаҳои худро аз қарни асрҳо гирифта, аз насл ба насл дар шакли шифоҳӣ ва дар намуди ибораҳои кутоҳ, назаррас ва осон дар хотир нигоҳ дошта мешуд. Сабаби ба вуҷудоии одат ва таҳавуллоти онҳо аз тарафи Ф.Энгелс аниқ ифода карда шудааст. Вай навишта буд, ки “Дар марҳилаи хеле барвақти инкишофи ҷамъият талабот ба қоидаҳои рӯз то ба рӯз такроршавандаи санади истеҳсолӣ, тақсимот ва муомилоти маҳсулот ба вуҷуд омада, ва кӯшиш ба харҷ дода мешуд, ки шахси алоҳида ба шартҳои умумӣ истеҳсол ва муомилот итоат намояд. Ин қоида, ки дар аввал дар шакли одат ифода меёфт, минбаъд қонун мегашт” [1. 272]. **Бояд қайд** намоем, ки ба монанди давраи то мустамликавӣ ва ҳам баъди ҳамроҳшавии Осиёи марказӣ ба Россия дараҷаи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият дар ҳудуди Тоҷикистони ҳозира якхела набуд. Алоқаи начандон инкишофёфта дар байни минтақаҳои алоҳидаи хоҷагӣ на танҳо аз ҳамдигар хеле дур ҷойгир шудани онҳо балки дараҷаи ниҳоят пасти инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ буд. Ҳамаи ин характери инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи одатиро асоснок мекард. Шароитҳои мушаххаси гуногуни ҳар як минтақаи иқтисодӣ боиси фарқият дар меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ мегардид. Инкишофи таърих ва тағйирёбии ҳаёти иҷтимоии ҷамъият, бавуҷудоии муносибатҳои то як дараҷа мураккаби ҷамъиятӣ, муомилоти молҳо ва ташкили мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ сабаби асосие буд, ки боиси тағйирёби дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқҳои одатӣ гардад. Ҳамин тавр, меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ қадам ба қадам ба ҷойи меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ (муқаррарӣ) ворид шуд. Меъёрҳои одатҳои ҳуқуқиеро, ки дар Тоҷикистони таърихӣ амал мекарданд дар фарқият ба меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба ду гуруҳи ҷудо кардан мумкин аст:

1) меъёрҳои ҳуқуқии одатие, ки ба принсип ва руҳияи ҳуқуқи мусулмонӣ мухолифат намекарданд ё мутобиқ буданд. Ба онҳо ҳуқуқи истифодабарии замин, об, иҷора ва ғайра дохил мешуданд.

2) Одатҳои ҳуқуқие, ки қисман ба меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мутобиқат намекарданд ва ё ба он мухолиф буданд.Ба онҳо масалан, одатҳо оид ба тақсим кардани мерос дар байни ду зани шахси фавтида, меросгузории қитъаи замин ҳангоми набудани

вориси мард, маҳдуд кардани ҳуқуқи зан ҳангоми гирифтани мероси замин ба нисфи он ва ғайра [2.52].

Қисми зиёди муҳақиқон бо адолатона ҳуқуқҳои одатиро ҳамчун маҷмӯи аз тарафи давлат муҷозотонидашудаи одатҳои иҷтимоии ба ҳама ҳатмӣ маънидод менамоянд. М.А.Супатаев дуруст қайд менамояд, ки новобаста аз таносуби одатҳое, ки дорои дараҷаи баланди навиштаҷоти ҳатмӣ мебошанд (ҳамчун қоидаҳои рафтори ҳуқуқии ба ҳама ҳатмӣ) ва бо дараҷаи пасти меъёрҳои расмии муайяни онҳо, одатҳо танҳо дар ҳамон вакт аҳамияти ҳуқуқӣ мегиранд, ки агар онҳо дар ягон шакл аз тарафи давлат муҷозотонида шуда бошад. Аз тарафи мақомотҳои ҳуқуқтатбиққунанда-судҳо қабул карда шуда бошад ё ба онҳо дар қонун ҳавола мавҷуд бошад. Ҳангоми мавҷуд будани чунин муҷозот одат ба элиментӣ ҳуқуқи миллӣ табдил ёфта, хислати одатро дар ин ҳолат гум намекунад [3.48]. Маҷмӯи қонунҳои империяи Россия ва Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон соли 1886 (м.м. 210, 255,256) ҳуқуқ ва одатҳои маҳаллиро муқаррар кард. Моддаи 1338 Маҷмӯи қонунҳои гражданӣ муқаррар менамуд, ки “ҷудо кардани молумулке, ки баъди фавти мусулмон боқӣ мондааст, аз рӯи қонунҳои онҳо анҷом дода мешавад”. Дар моддаи 210 Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон нишон дода мешуд, ки муқимиҳо ва кӯчманчиҳо судҳои алоҳидаи халқӣ дошта, парвандаҳои дар тобияти судии онҳо қарордоштаро дар асоси одатҳои қисми ҳар яке аҳолӣ мавҷуда ҳал менамояд. Ҳам судҳои умумӣ ва ҳам судҳои оштидиҳӣ (созиши) уҳдадоранд, ки дар парвандаҳо оид ба васигӣ ва парасторӣ оид ба тартиби меросгузорӣ ва ғайра одатҳои маҳаллиро ба роҳбарӣ гиранд [4].

Ҳавола ба ҳуқуқи одатии “дар ҳар як қисми аҳолии нишондодашуда мавҷудбуда”, хусусияти маҳаллӣ доштани чунин ҳуқуқро қайд мекард. Вале қонунгузории мустамликавӣ муқаррароте надошт, ки ихтилофи меъёрҳоро “ҳар як одатҳои дар қисми аҳолии мавҷудбуда” ба танзим дарорад. Он чӣ, ки ба қисми ноҳияҳои маркази ва ҷанубии Тоҷикистони ба ҳайати Аморати Бухоро тааллуқдошта дахл дошт, агарчанде, ки низоми молумулкии меросгузорӣ аз тарафи қонунҳои шариат муайян карда мешуд, вале онҳо ба андозаи хеле зиёд зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ қарор доштанд.Тағйирёбие, ки ба таъсири ҳуқуқҳои одатӣ асос меёфт, ҳатто нисбати қоидаҳои асосии қонунгузории шариатӣ ба монандӣ; ҷудо кардани мерос ба фарзандон бо таносуби “писар - ду ҳиссаи духтар” таъсир расонд, агарчанде дар бисёр ҳолатҳо қоидаи мазкур риоя карда мешуд. Омӯзиши низоми молумулкии меросгузорӣ дар тоҷикон вазифаи то дараҷае мураккаб мебошад, зеро мо дар инҷо ба се варианти гуногуни додани молу мулк дучор мешавем:

1) ҷудо намудани молу мулк ба писарони ҷудошуда ва духтарони ба шавҳар баромада ва минбаъд дар байни онҳо тақсим кардани он қисме, ки аз падару модар баъди марги онҳо боқӣ мондааст;

2) тақсими молумулки падару модари фавтида дар байни ворисон бе пешакӣ ҷудо намудан он;

3) гузаштани молумулки падар ба ворисон бе тақсими он, ҳангоми нигоҳ доштани моликияти умумии оила ба ҳамаи молу мулк.

Ба хусусияти меъёрҳои молумулки гузаштани моликияти низоми авлоди ва шакли никоҳ таъсир мерасонд. Маҳз онҳо ба ҳуқуққабулкунӣ ҳангоми гузаштани молу мулк ва ғайра таъсир мерасонанд.

Доштан ва истифодаи моликият ва намудҳои он, қоидаҳои гузариши молу мулк, муносибатҳои воқеии ҳаётӣ ва таърихӣ, ҳуқуқҳои ба худ хосӣ халқҳои гуногунро дар шакли формулаҳои ҳуқуқӣ сабт намудаанд.

Масъалаи мавҷудият ва амалнамоии ҳуқуқи одатӣ (одатҳои ҳуқуқӣ) дар Тоҷикистони тоинқилобӣ дар адабиёти таърихию ҳуқуқӣ бо таври бояду шояд омӯхта нашудаанд. Ин муқаррарот ба дараҷаи зиёд ба меъёрҳои ҳуқуқӣ-одатӣ дар соҳаи муносибатҳои меросии амалкунанда тааллуқ дорад. Бояд қайд намоем, ки мафҳуми "одат" ва "ҳуқуқи одатӣ" марҳилаҳои гуногуни инкишофи гузариши ҷомеаро ифода менамояд. Агар одатҳо меъёрҳои иҷтимоии давраи то бавуҷудоии давлат бошанд, он гоҳ ҳуқуқи одатӣ ҷамъбасти одатҳои қадима бо меъёрҳои муқарраркарда ва эътирофкардаи ҳокимият дар ҷараёни ташакули институтҳои давлатӣ мебошад [5.11].

Дар фарқият аз дигар халқҳои Осиёи Марказӣ тоҷикон сабти ҳуқуқҳои одатиро дар шакли "маводҳо [6]" ва "маҷмӯаҳо[7]" чӣ тавре, ки қазоқу қирғизҳҳо дар охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ тартиб дода буданд, надоштанд. Бо шарофати он маводу маҷмӯаҳо қазоқу қирғизҳо дар давраи хеле дуру дарози таърихӣ ба назар намоён гардиданд. Нисбат ба тоҷикон инро гуфтан мумкин нест. Меъёрҳои ҳуқуқҳои одатии тоҷикон дар шакли шифоҳӣ аз насл ба насл мегузашт. Бисёр вақт онҳо дар намуди зарбулмасал, мақол ва афоризмҳо аз тарафи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар шакли ҳалномаи судӣ тасдиқ карда мешуд. Ба назар мерасад, ки тартиб додани санадҳои ҳуқуқии граждание, ки ба воситаи онҳо ҳуқуқҳои одатии тоҷикҳо бояд мураттабсозӣ карда мешуд кори ғайри имкон ҳисобида мешуд. Дар ин бора маълумотҳо оид ба одатҳои ҳуқуқие, ки дар ихтиёри илми ҳуқуқшиносӣ дар охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ мавҷуд буданд, шаҳодат медиҳанд. Зеро то ба он вақт "одатҳои халқии кӯчманчиҳо зери таъсири шароити иқтисодию ҳаёти маишии тағйирёфтаи аҳолӣ ва зери таъсири ҳокимияти русҳо, инчунин қонунҳои умумӣ, аҳамияти меъёри ҳуқуқии худро куллан аз даст доданд" [8.104]. Барои ҳамин ҳам на танҳо сатҳи ҳамаи қисмҳои гуногуни институтҳои одатию ҳуқуқӣ дар маҳалҳое, ки онҳо зоҳир мегардиданд, ҳатто муайян кардани хусусиятҳои асосии ҳуқуқии онҳо мумкин аст ғайриимкон эътироф карда шуда бошад. Мумкин аст, баъзе фарқиятҳои онҳо дар маҳалҳои гуногуни аҳолинишин қайд гардида бошад. Ва онҳо аз ягона набудани шароити иқтисодӣ ва ҳаёти маишии онҳо шаҳодат медиҳад. Агар ба ин набудани адабиёти заруриро оид ба таҳия, шарҳ ва ҷамъ кардани одатҳои маҳалии бо таври истисно ба ягон табақаи аҳолӣ тааллуқ надоштаро, илова намоем, он гоҳ дар ҳолати ҳуқуқҳои одатӣ ҳам қазоқҳо ва ҳам тоҷикҳо фарқияти калонро дидан мумкин аст. Вале гуфтаҳои мазкур худ ба худ асос барои инкор кардани ин одатҳо умуман хизмат карда наметавонанд. Масалан, сенатор Гофмейстер К.К. Пален таҳти роҳбарии кадоме, ки таҳқиқоти ҳаёти ҳуқуқии аҳолии маҳаллӣ се вилоятҳои муқимӣ (Фарғона, Самарқанд ва Сирдарё) гузаронида шудааст мавҷудияти меъёрҳои анъанавии одати ҳуқуқиро инкор менамояд. Вай навишта буд, ки дар байни аҳолии таҳҷоӣ кишвари Туркистон "одатҳои ҳуқуқӣ" вуҷуд надошт[9. 6]. Албатта, одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии қотеъан муқарраркардашуда ва эътирофшуда дар байни тоҷикон мавҷуд набуд, вале назарияи одатии ҳуқуқӣ мутобиқ бо ҳаёти хоҷагии маишии онҳо вобастабуда, бешубҳа вуҷуд дошт. Бояд қайд намоем, ки одатҳои ҳуқуқӣ аз ҳама бисёр дар соҳаи оила, гражданӣ, аз ҷумла ҳақуқи меросӣ боқӣ мондаанд. Баъзе аз ин одатҳои ҳуқуқӣ дар давраи то исломӣ ба гузаштагони тоҷикон тааллуқ доштанд [10. 26-44,48-53,58-63. ]. Дар муносибатҳои молумулкӣ, меъёрҳои ҳуқуқи давраи гузариш тақдири таърихии тоҷикон ифода ёфтаанд. Ба ин таъсири муҳити ҷуғрофӣ ва анъанаҳои ҳаётӣ хоҷагию фарҳангӣ таъсир расонданд. Вобаста ба он, ки ба ҳайси воситаи зиндагӣ заминдорӣ ё чорводорӣ хизмат менамуд, ба сифати арзиши то дараҷае баланд дошта, дар мади аввал намуди молумулки дахлдор, яъне замин ё чорво меистод. Ба халқҳои заминдор, ки пеш аз ҳама ба онҳо тоҷикон дохил мешуданд, замин

дороии (сарватӣ) асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин ҷо дар меъёрҳои вобаста ба моликият ба замин онҳо бо таври пурра ба танзим даровარда мешуд. Танзими ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба намудҳои гуногуни чорво низ дар тоҷикон инкишофи муайяни худро ёфта буд. Вале меъёрҳои меросии анъанавӣ ба дараҷаи хеле кам коркард шуда буданд. Объекти ҳуқуқи одатии меросӣ замин (ба истисноИ ба дастдароварда кадоме, ки "хоки шариат" номида шуда, ва он бо риояи меъёрҳои шариат тақсим карда мешуд), бино, чорвои калон, моликияти манқули анъанавӣ, асбобу анҷоми хонагӣ, ҷавоҳирот, матоъ ва ғайра эътироф карда мешуд. Меъёрҳои мерос вобаста аз субъектҳо (шахсоне, ки дорои ҳуқуқи меросӣ мебошанд) ва объекти мерос (намуди молу мулк ё ҳуқуқҳои додашаванда) фарқ мекарданд. Фарқияти ҷиддӣ нисбат ба тартиби мероси молумулки мардон ва занон, инчунин дар қоидаҳои гузаштани молумулки мардон (сардори оила, шавҳар ) ва занон (модарон, занон) муқаррар карда шуда буд.

Намуди меросгузорӣ вобаста ба аломатҳои расмии гузаштани ҳуқуқ ба мерос тағйир меёфт. Ҳамчун қоида ду намуди меросгузорӣ, яъне беихтиёрона ва интихобӣ эътироф карда мешуд. Ҳангоми меросгузории беихтиёрона одатан фарзандон ё бародарон моликиятро аз рӯи калонӣ (синну сол) бо ҳиссаҳои баробар мерос мегирифтанд. Дар низомҳои то дараҷае хело қадим молу мулк ба мероси бародари хурдӣ дорандаи моликият дода мешуд. Гузаштани моликият ба фарзандон шакли меросӣ то дараҷае дертар буд. Масалан, аз рӯи гувоҳи А.А. Семенов "агар бо фавти хуҷаин" замини кишт дар оилаи ӯ ба писари ноболиғи калонии он, ки қобилияти коркарди заминро надорад, монад ва агар ба ғайр аз он дигар фарзандон ё хоҳари болиғ ва дар назди онҳо модар бошад, он гоҳ қитъаи замин ба моликии онҳо дода намешуд, балки ба марди калонсоли авлод, масалан, бародари фавтида супурда шуда, ва замин дар ихтиёри он тамоми ҳаёт бебозгашт, боқӣ мемонд [11. 49-50]. Дар меросгузории беихтиёрона низ меъёрҳои тағйирёбанда ва якхела вуҷуд доштанд. Масалан, дар тоҷикҳои баъзе маҳалҳо, мерос (молумулки асосӣ-хонаи падарӣ) ба яке аз фарзандон-хурдӣ, ва на танҳо хурдӣ, ба фарзанди хурдии зани якум мегузашт [12. 20. 61-62]. Вале он якҷоя истифода бурда мешуд. Дар ҳама ҳолат дар ҳуқуқ эҳтимолият ҷой дошт, ки тибқи он моликият пеш аз ҳама замин бояд дар ихтиёри авлод монад ва ба дигар тараф набояд дода шавад." Тақсимшаванда набудани хоҷагии ғайриманкул-"мулк ё хока" хусусияти асосии ҳуқуқи одатии тоҷикон буд. Он ба ҳуқуқи мусулмонӣ умуман маълум набуд. Дар баробари ҳамин вай ба ҳаётӣ маишии зарур буд ва ифодаи худро дар оилаҳо калонӣ падаршоҳӣ (тақсимнашуда) дар ноҳияҳои кухии Тоҷикистон ифода мекард [13.41-43]. Бо ҷаҳонбинӣ ва эҳтиёҷотӣ хоҷагӣ аҳолиҳои ноҳияҳои нишондодашуда мутобиқат карда вай ба институти одатҳои ҳуқуқии меросӣ ворид гардид. Дидан душвор нест, ки эътирофи принсипӣ тақсимнашаванда будани хоҷагии ғайриманкул" имконияти гузаштани чунин молумулкро аз рӯи мерос аз сардори оила хориҷ мекард. Моликияти оилавиро ташкил дода, вай танҳо дар ихтиёри сардори оила мемонд ва баъди фавти он бояд дар моликияти умумии оила боқӣ мемонд ва ба ихтиёрдории сардори нави оила мегузашт [14. 69].

Бояд қайд намоем, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ ва ҳуқуқи одатӣ масъалаи мероси пуштӣ новобаста аз оне, ки сухан дар бораи молумулки манқул ё ғайриманқул меравад, инчунин аз падар ё модар мерос мондааст бо таври гуногун ҳал карда мешуд. Фарқият танҳо дар андозаи(миқдорӣ) ҳиссаи меросӣ буд. Ғайр аз ин ҳангоми мавҷуд будани писарон, духтарон нисбат ба молумулки меросӣ ба ҳиссаи 1/2 ҳуқуқ доштанд "Ба як мард дар ҳамон қисме, ки ду зан ҳуқуқ дошт, мерос ҷудо карда мешуд.(Қуръон Сураи Нисо" ояти 11) [15. 786]. Масъалаи меросгузории пуштӣ дар ҳуқуқи одатӣ бо таври дигар ҳал карда мешуд. Фарқият на аз шахсияти меросгузор, балки аз характери молумулке, ки

баъди фавти он боқӣ мондааст, вобастагӣ дошт. Фарқияти мазкур дар як қатор қоидаҳои махсуси ҳуқуқӣ, ки ин ё он тартиби меросгузориро муайян мекард нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, баъди фавти модар пеш аз ҳама фарзандон, ҳам писарон ва ҳам духтарон ворис ҳисобида мешуданд. Вале таркиби молумулке, ки баъди фавти модар боқӣ монда буд ва ҳамчун моли меросӣ ҳисобида мешуд, таъсири худро ба тартиби меросгузорӣ мерасонид. Дар бисёр ҳолатҳо баъди фавти модар танҳо духтарон ба либосҳои занона, матоъ, зарфҳо, асбобу анҷоми хонагӣ ва ба ҳамин монанд молумулки модарӣ ворис ҳисобида мешуднд. Дигар молу мулк масъалан, пул, замин ба фарзандон мегузашт. Агар баъди фавти модар аз ӯ писарон боқӣ намонда бошад, ҳамаи молу мулк чӣ манқул ва чӣ ғайриманқул бошанд ҳамчун мерос ба духтарон мегузашт.

Дар муқоиса бо дигар халқҳои Осиёи марказӣ ҳуқуқи моликиятии занони тоҷик хело аниқ кор карда шуда ва шакли он то дараҷае инкишоф ёфта буд. Ҳол он ки маҷмуаҳои дигар халқҳои Осиёи маркази ба занҳо ҳуқуқ ба меросро бо таври пурра рад менамуд. Этнографҳои нимаи асри X1X ва аввали асри XX ба асосҳои анъанавии хело барвақти такя карда, мавҷудияти моликияти онҳоро ба замин, бино, чорво, металҳои қиматбаҳо ва ғайра қайд кардаанд. Ба назар гирифтан зарур аст, ки гузаштан аз моликияти авлодӣ, ба инфиродӣ, эътирофи ҳуқуқи зан ба мерос, гирифтани замин дар таърихи дигар халқҳо садсолаҳоро дарбар гирифтанд. Маводҳои хулосаи Е. А. Беляеваро оид ба мутобиқати сатҳи таъсири меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба дараҷаи инкишофи ҷамъиятӣ аҳолии мусулмон тасдиқ мекунад, ки чӣ қадаре сатҳи ин дараҷа паст бошад то ба ҳамон дараҷаи зиёд сатҳи амалӣ ҳуқуқи маҳаллии одатӣ бардавом буд. Дар он ҷое, ки фоизи феодализатсиякунонӣ дар сатҳи аввала қарор дошт (яъне, ҷамъияти феодалии ибтидоӣ) одатҳо дурудароз нигоҳ дошта шуданд ва метавонистанд, аҳамияти зиёдро нисбат ба навиштаҷотҳои ҳуқуқи мусулмонӣ доро гарданд. Аз ҳад зиёд ин дар зиндагии кӯчманчиҳо ва куҳистониҳо ба назар мерасид[16. 6].

Омӯхтани муносибатҳои молумулкӣ ва ҳуқуқи меросии баъзе ноҳияҳои алоҳидаи дараҷаи инкишофашон гуногун дар бораи ташкили навъҳои моликият ва тағйирёбии варинатҳои ворисӣ шаҳодат медиҳанд. Ба назар мерасад, ки инкишофи ҳуқуқ на бо тарзи “амудӣ” аз як марҳила ба марҳилаи дигар, балки бо тарзи пурпечутоб ва дар илова бар ин ҳуқуқи мусулмонӣ бошад “зара ба зара” (кам-кам) ворид мешуд. Тағйирот дар шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ифодаи худро дар низомҳои ҳуқуқ бо роҳи ворид шудани меъёрҳои навъи муқарраркардашуда, ки бо меъёрҳои анъанавӣ ҳамрадиф мебошанд ё қабули қарорҳои судӣ бо дарназардошти тағйирёбии шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ амали мешуд.

## АДАБИЁТ


1. Энгелс Ф.К.Жилишному вопросу. -Т.18. -С.272.
2. Буриев И.Б. Источники права исламского периода таджикской государственности:Теория и практика -Душанбе: Ирфон, 2017.-С.52.
3. М.А.Супатаев.Правовой обичай как источник права в развивающихся странах. -В кн.:Источники права.-М.,1985.-С.48.
4. Туркестанские ведомости.1909, -№.61.
5. Синицина И.Е.Обычай и обычное право в Соврыменной Африке. -М.,1978. -С.11.

6. Материалы по казахскому обычному праву. Сб.1,Алма-та,1948; Материалы по казахскому обычному праву, собранные чиновниками Оренбургской пограничной комиссии в 194 б г.,Алма-та,Сб. I,1948.
7. Сборник киргизкого обычного права. -В кн.: Материалы по казахскому обычному праву.Сб.1, Алма-та, Сб. I, 1948.
8. Судебная часть в Туркестанском крае.СПб.,1898.-С.104.
9. Пален К.К.Правовой быт туземного населения.Т.IV.-СПБ.,1910,-С.6.
10. Эзоҳ: Дар ин бора ҳуҷҷатҳои суғдии соли 1933 дар кӯҳӣ Муғ ёфташуда шаҳодат медиҳанд. ( ноҳияи Айнии ҶШС Тоҷикистон ). Дар байни 74 ҳуҷҷатҳои ёфташуда, шартномаи ҳуқуқии никоҳи, шартнома дар бораи осёбҳо, шартнома дар бораи фурӯхтани қитаӣ замин. Ниг.:Согдийские документы с горы Муг: Юридические документы и писма.-М.,1962.-С.26-44,48-53,58-63.
11. Семенов А.А.Этнографические очерки Зарафшанских гор, Карате-гина и Дарваза.М.,1903.-С.49-50.
12. Андреев М.С. и Половцев А.А..Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии, Ишкашима и Вахана.Сб.Музея антропологии и этнографии. -СПб., 1911. -С.20; Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. м.-Л., -С.61-62: Наследование и раздел имущества у народов Средной Азии и Казахстана.Л.,1977. -С.73-74; Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа (Ваханцы и ишкашимцы). -М.,1968. -С.80.
13. Семенов А.А.Этнографические очерки Зарафшанских гор,Каратегина и Дарваза. М.,1903.-С.41-43; Бобринской А.А. Горцы верховьев Пянджа.(ваханцы и ишкашимцы).Очерк быта по путевым заметкам.М.,1906,-С.78-80;
14. Кисляков Н.А. следы первобытного коммунизма у горных таджиков Вахио-боло). М.-Л77 1936. -С69; Семенов А.А Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза. -М., 1903. -С.49-50.
15. Тафсири навини Қуръони карим. Душанбе “Эр-граф” 2012. -С. 786.
16. Шарль Р. Мусульманское право. \Под. Ред.И с предисл. Е.А.Беляева. -М., 1959.-С.6.

## ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҶОЙ ВА НАҚШИ МЕЪЁРҲОИ ОДАТИИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕРОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТО ШӮРАВӢ

Мақолаи мазкур ба баъзе масъалаҳои ҷой ва накши меъёрҳои одатии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои меросӣ дар Тоҷикистони то Шӯравӣ бахшида шудааст. Меъёрҳои ҳуқуқии одатиро муаллиф ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд. Меъёрҳои ҳуқуқии одатие, ки ба принсип ва руҳияи ҳуқуқи мусулмонӣ мутобиқат менамоянд ва наменамоянд.

***Калидвожаҳо:*** *танзими ҳуқуқӣ, одат, одатҳои ҳуқуқӣ, намудҳои меросгузорӣ.*

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ МЕСТА И РОЛИ НОРМ ОБЫЧНОГО ПРАВА В РЕГУЛИРОВАНИИ НАСЛЕДСТВЕННЫХ ПРАВООТНОШЕНИЙ В ДОСОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

Данная статья посвящена месту и роли обычно-правовых норм в регулировании наследственных правоотношений в досоветском Таджикистане. Автор делит обычно - правовые нормы на две группы. Обычно-правовые нормы, которые соответствуют принципам и духу исламского права и несоответствующие им.

***Ключевые слова:*** *правовое регулирование, обычай, правовые обычаи, виды наследования.*

## ON SOME ISSUES OF THE PLACE AND ROLE OF CUSTOMARY LEGAL REGULATIONS LAW IN THE REGULATION OF HEREDITARY LEGAL RELATIONS IN PRE-SOVIET TAJIKISTAN

The article is devoted to the place and role of customary legal regulations in the regulation of hereditary legal relations in pre-Soviet Tajikistan. The author divides customary legal regulations into two groups. Customary, legal regulations that are in accordance with the principles and spirit of Islamic law, and regulations, which are inappropriate to them.

***Key words:*** *legal regulation, custom, legal custom, types of inheritance.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимов Илҳом Маҳмадович -** ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: +992 934 084322; E-mail: ilhom@mail.ru

**Сведения об авторе: Рахимов Илхом Махмадович -** ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33. Тел.: +992 934 084322; E-mail: ilhom@mail.ru

**Information about author: Rahimov Ilhom Mahmadovich -** assistant of Administration Law and Civil Service Department, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street, 30.
Phone: +992 934 084322; E-mail: ilhom@mail.ru

УДК: 347. 121

# МУАММОҲОИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ

*Хошимзода Д.Д.*
**Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 140 бо муайян кардани хизматрасонӣ ба сифати объекти ҳуқуқи гражданӣ, онро ҳамчун падидаи марказии гражданӣ-ҳуқуқӣ эътироф менамояд. Бинобар ин, дар шароити рушди муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ «хизматрасонӣ ба сифати яке аз категорияҳои пешбаранда дар низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ эътироф мегардад, ки аҳмияти ин категория сол аз сол боло меравад. Бозори хизматрасонии муосир на танҳо бо раванди афзоиши он бо суръати нисбатан баланд дар муқоиса бо молу маҳсулот, инчунин бо раванди афзоишёбандаи тафриқавии хизматрасонӣ хусусиятнок карда мешавад» [1, 39].

Аксарияти хизматрасониҳо тибқи моҳият хислати музднокро дошта, дар асоси шартномаи хизматрасонӣ, ки байни субъектони мушаххас оид ба масъалаҳои муайян - машваратдиҳӣ, анҷом додани амали муайяни ҳу-қуқӣ ва м.и. баста мешавад, пешниҳод мегардад. Аз ин ҷумла хизматрасонии тиббӣ истисно набуда, тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ дар шакли: ройгон ва музднок ба амал бароварда мешавад.

Махсусияти хизматрасонии тиббӣ дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаи он бевосита дар ҷисми «фармоишгар» хислати «моддӣ» пайдо карда, имконияти муайян карда шудани дараҷа ва сифати ин хизматрасониро маҳ-дуд менамояд. Узв ва бофтаҳои инсон дар алоқамандии зич бо ҳамдигар қарор дошта, яке қобилияти ҳаётпазирии дигареро таъмин менамояд. Аз ин ҷо, исботи маҳз дар натиҷаи ин хизматрасонии тиббӣ фаро расидани оқибати барои фармоишгар номатлуб на ҳама вақт имконпазир буда, ба худ мувофиқ муаммоҳоро тавлид месозад. Бинобар ин, «масъалаи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ва бахусус дар таносуб бо фаъолияти тиббӣ - яке аз масъалаҳои мураккаб ва муҳим дар илми ҳуқуқӣ ба шумор меравад» [8, 151-169]. Дар ин манзар он чиз муҳим дониста мешавад, ки зимни ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонии тиббӣ, сабаб ва ҳолатҳои асосии он муайян карда шаванд. Роҳ дода ба иштибоҳ дар ин раванд, метавонад тағйир ёфтани мазмун ва моҳияти ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқиро вобаста ба хизматрасонии тиббӣ замина гузорад. Чу-нончӣ, дуруст муайян карда нашудани робитаи сababӣ байни кирдор ва оқибат, фаро расидани ҷавобгарии гражданиро истисно намуда, ҳимоя гардидани манфиатҳои қонуниро маҳдуд менамояд.

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар маҷмӯъ мубрамияти мавзӯи пайгиришавандаро муайян карданд, ки дар асоси такя ба ин мушкилиҳо, муам-моҳои зерини ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқиро дар шартномаи хизматрасонии тиббии музднок муайян кардан мумкин аст:

1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтан мумкин аст, ки заминаи ҳуқуқии ягонаи шартномаи хизматрасонии тиббӣ набуда, он инчунин дар доираи қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ ба танзим дароварда мешавад. Нисбати ин масъала боби алоҳида - боби 10 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] бахшида шудааст, ки дар доираи он баробари муносибатҳои алоқаманд ба фаъолияти хусусии тиббӣ, муносибатҳои марбут ба шартномаи хизматрасонии тиббӣ низ зери танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд. Мутобиқи қисми 1, моддаи 68 Кодекси тандурустӣ,

шартнома дар бораи расонидани кӯмак ва хизматрасонии тиббӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тартиби тағйир додани он, тамдиди мӯҳлат ва қатъ намудани он бояд ба талаботи қонунгузории гражданӣ мутобиқат намоянд.

Вобаста ба ин, меъёрҳои қисми 1, моддаи 68 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон хислати ҳаволакунанда дошта, барои ҳаллу фасл кардани муқаррароти асосии муносибатҳои шартномавӣ ба қонунгузории гражданӣ ишора мекунанд, ки ин қобили қабул дониста мешавад. Зеро «барқарор намудани вазъи молумулкии аввалияи кредитор - вазифаи асосӣ ва ҷиддии ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад» [8, 152]. Аз ин ҷо, С. Братус дуруст қайд менамояд, ки «раванди асосии баробарамалкунандаи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ аз функсияҳои ҷубронӣ ва барқарорсозии ҳуқуқи гражданӣ манша гирифта, ... ҳадафи он ... таъмини барқарорсозии ҳолати аввалияи тарафи ҷабрдида (дар муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ) ба шумор меравад» [2, 91].

Нуқтаи ҷолиби диққат дар ин меъёр (моддаи 68 КТ Тоҷикистон) он аст, ки ба сифати истеъмолкунандаи хизматрасонии тиббӣ дар баробари шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ низ номбар гардидаанд, ки шартнома бо онҳо тибқи тартиби қисми 2 моддаи 68 КТ Тоҷикистон ба расмият даровардa мешавад. Яъне:

а) бевосита бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

б) бо корхонаҳо ва ташкилот;

в) бо ташкилоти суғуртаи тиббӣ барои расонидани кӯмаки тиббӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ;

г) тавассути барномаҳои хайриявӣ.

Имконияти ба сифати истеъмолкунандаи хизматрасонии тиббӣ баромад кардани шахси ҳуқуқиро инчунин моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии То-ҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» пешбинӣ менамояд. Тибқи ин модда истеъмолкунанда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғ., ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд.

Дар асоси таҳлили муқоисавии қисми 1, моддаи 68 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон», хулоса кардан мумкин аст, ки шахси ҳуқуқӣ метавонад ҳангоми ба миён омадани зарурият, бо муассисаҳои тиббӣ барои расонидани хизмати тиббӣ шартнома бандад ва предмети шартномаро бо мақсадҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, истифода намояд.

Чунин ба назар мерасад, ки ба сифати истеъмолкунандаи хизматрасонии тиббӣ эътироф кардани шахси ҳуқуқӣ на он қадар мантиқӣ аст. Ин бо он асоснок шуданаш мумкин аст, ки аввало, шахси ҳуқуқӣ ба мазмуни мафҳуми истеъмолкунанда, ки бо Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ карда шудааст, метавонад танҳо фармоишдиҳандаи хизматрасонии тиббӣ бошад, ки ба манфиати шахсони сеюм - кормандон нигаронида шудааст. Сониян, хизматрасонии тиббӣ кӯмаки тиббие мебошад, ки аз рӯи намуди муайяни беморӣ ва дар ҳаҷми муайян расонида мешавад (моддаи 1 КТ ҶТ). Яъне шахси ҳуқуқӣ наметавонад таҳти хатари тиббӣ қарор гирад. Хатари тиббӣ бошад ин «эҳтимолияти фаро расидани оқибати номусоид дар раванди расонидани кӯмаки тиббӣ аз ҷониби табиб ва ё корманди тиббии таҳти итоати табиб қарордошта

мебошад, ки дар мавриди бодиққат ва оқилона иҷро кардани ҳамаи амалҳо ба манфиати мизоҷ бо мақсади ташхис, табобат ва пешгирии беморӣ тибқи маълумоти муосири илми тиб ба миён омаданаш мумкин аст» [4, 21].

Агар ба иштирокияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ дар падидаи хизматрасонии тиббӣ аз нигоҳи моддаи 462 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат карда шавад, мақоми шахси ҳуқуқӣ дар муносибатҳои шартномавии хизматрасонии тиббӣ мантиқӣ ба назар расида, муаммоҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба таври худкор ҳалли худро пайдо менамоянд. Чунончӣ, субъектони хоҷагидорие, ки дорои шароити зарарноки корӣ буда, дар басти воҳиди корӣ корманди тиббӣ надоранд, метавонанд чунин кормандро дар асоси моддаи 74 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқӣ шартномавӣ ҷалб намоянд. Дар ин маврид предмети шартнома аз ҷониби истеъмолкунандаи «ҳақиқӣ»-и хизматрасонии тиббӣ қабул гардида, доираи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни шартнома аз нигоҳи масъулияти гражданӣ-ҳуқуқӣ мушаххас мегардад. Яъне ба мазмуни андешаи В.А. Хохлов, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба таври афзалиятнок ҳадафи ҷазо ва поймол намудани ҳуқуқҳои қарздор «шахси дигари ӯҳдадор»-ро пайгирӣ накарда, ҳимояи манфиати «иштирокчиёни ҷабрдидаи муносибатҳои ҳуқуқӣ»-ро мақсад мегузорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод карда мешавад, ки барои танзим кардани доираи масъулияти гражданӣ-ҳуқуқии истеъмолкунанда-гони хизматрасонии тиббӣ тибқи моддаи 68 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқатии ин модда ба моддаи 1 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 462 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад. Бо ин мақсад ба инобат гирифтани мафҳуми истеъмолкунанда, ки дар банди 6 (2) Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ карда шудааст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Тибқи ин банд истеъмолкунанда шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие дониста мешаванд, ки дар асоси шартнома хизматрасонии тиббию санитариро фармоиш медиҳанд.

2. Хизматрасонии тиббӣ метавонад дар як вақт ҳам хислати «инфиродӣ» ва ҳам хислати «маҷмӯӣ» дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки хизматрасонии тиббӣ дар ҳолатҳои алоҳида аз ҷониби як муассисаи тиббӣ расонида шуда, дар ҳолатҳои дигар иштироки ду ва зиёда муассиса-ҳои тиббиро талаб мекунад. Масалан, марказҳои ташхисӣ танҳо бо гузоштани ташхис маҳдуд гардида, табобати мизоҷро ба амал намебароранд. Муассисаҳои табобатӣ - беморхонаҳо хизматрасонии тиббиро дар намуди табобат ба амал бароварда, на ҳама вақт имконияти гузоштани ташхисро (бинобар сабаби надоштани таҷҳизоти зарурии тиббӣ) доранд. Барои ин мизоҷро ба муассисаҳои тиббии дигар - марказҳои ташхисӣ ме-фиристонанд, ки табобат аз рӯи ташхиси гузоштаи марказҳои ташхисӣ ба амал бароварда мешавад.

Ба муассисаҳои тиббии дигар фиристодани мизоҷ мумкин аст чӣ дар асоси роҳхат ва чӣ бидуни он ба амал бароварда шавад.

Дар асоси талаботи қисми 1, моддаи 328 ва қисми 1, моддаи 329 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати тарафи ӯҳдадорӣ шахсе баромад мекунад, ки дар муносибатҳои ҳуқуқие, ки боиси пайдо шудани ӯҳдадориҳои гражданӣ гардидаанд, шахсан иштирок карда бошад, агар бо шартнома ё қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Мазмуни ба ин монандро инчунин моддаи 799 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд. Мутобиқи ин модда, агар дар шартнома тартиби дигаре

муқаррар нашуда бошад, хизматрасонӣ бояд аз ҷониби иҷрокунанда шахсан анҷом дода шавад.

Аз ҷониби як муассисаи тиббӣ анҷом дода шудани хизматрасонии тиббӣ дар манзари масъулияти гражданӣ-ҳуқуқӣ наметавонад мушкилоти муайянеро ба миён орад. Ҳангоме, ки агар хизматрасонии тиббиро ду ва зиёда муассисаи тиббӣ анҷом дода бошад, масъулияти гражданӣ-ҳуқу-қӣ аз рӯи шартномаи хизматрасонии тиббӣ баъзе мушкилотро дар қисми исбот карда шудани гуноҳи иҷрокунандаи хизматрасонӣ ба вуҷуд меорад.

Дуруст аст, ки «дар ҳуқуқи гражданӣ ҷавобгарӣ барои кирдори корманд ба зиммаи корфармо - шахси ҳуқуқие (муассисаи тиббие) гузошта мешавад, ки дар он корманди тиббӣ фаъолият мекард» [3, 246-247]. Дар ҳоли мо сухан дар бораи ду муассисаи тиббие меравад, ки бо ҳам дар муносибатҳои шартномавӣ қарор надошта, шарики расмӣ нестанд.

Аз рӯи моҳияти моддаи 797 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон, масъулият ба зиммаи муассисаи тиббие гузошта мешавад, ки иҷрокунандаи бевоситаи хизматрасонии тиббӣ буд. Лекин, баробари ин бо гуноҳи «шарик» фаро расидани оқибати номусоиде, ки боиси зарар дидани манфиатҳои мизоҷ гардидааст, истисно карда намешавад. Зеро иҷрокунандаи асосии хизматрасонии тиббӣ амали худро ба ташхисе асос мегузорад, ки аз ҷониби «шарик» гузошта шуда буд.

Бинобар ин «ҷой доштани зарар унсури зарурӣ ва ҳатмии ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Ҳангоми ҷой надоштани зарар, масъалаи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии деликтӣ наметавонад ҷой дошта бошад» [9, 105].

Вобаста ба ин, ҳолате ба назар мерасад, ки дар фаро расидани оқибати барои ҷабрдида номусоид, ки дар намуди зарари моддӣ ва маънавӣ зоҳир мегардад, ҳарду муассисаи тиббӣ гунаҳкор буда, бояд ҷавобгарии солидариро ба зимма гиранд, агар онҳо гунаҳкор набудани худро исбот карда натавонанд. Дар мавриде, ки агар муассисаҳои тиббӣ дар муносибатҳои шартномавӣ қарор дошта бошанд, ва фаъолияти якҷояи «шарикӣ»-ро пеш баранд, дар ин ҳолат ҷавобгарӣ тибқи моддаи 797 КГ Тоҷикистон ба зиммаи муассисаи тиббие вогузор карда шавад, ки иҷрокунандаи асосии хизматрасонии тиббӣ буд, чигунае, ки ин дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба назар мерасад.

Намояндагони алоҳидаи назарияи ҳуқуқи гражданӣ фаро расидани ҷавобгарии граждании муштаркародар мавриде ҷоиз медонанд, ки агар амали муассисаҳои тиббӣ хислати якҷояро дошта, барои ноил шудан ба мақсади ягона нигаронида шуда бошад. Масалан, Л.В. Висотская ба он андеша аст, ки ҷавобгарии граждании солидарӣ аз рӯи хизматрасонии тиббӣ ба шарте фаро расида метавонад, ки агар «амалҳои муассисаҳои тиббӣ ба ҳам мувофиқа шуда бошанд ва мақсади ягонаи онҳо баръало аён бошад, ӯҳдадории ҷуброн намудани товони зарар ба зиммаи онҳо бе муайян намудани ҳиссаи ҳар яки онҳо вогузор карда мешавад ва дар ҳолатҳои алоҳида ҷавобгарии ҳиссавӣ фаро мерасад» [4, 143].

Розӣ шудан ба андешаи Л.В. Висотская душвор мебошад, зеро новобаста аз оне, ки муассисаҳои табобатӣ амали худро мувофиқа карда буданд ё не, мақсади ягонаи онҳо аз моҳияти хизматрасонии тиббӣ пайдо шуда метавонад. Яъне муассисаи тиббӣ ҳангоми надоштани имконият, амали худро ба таҳлилҳое асос менамояд, ки аз ҷониби марказҳои ташхисӣ гузаронида шудааст. Ин тартиб аз он шаҳодат медиҳад, ки аллакай амалҳои хислати мувофиқашуда ба амал омада истодаанд, бахусус дар мавриде, ки марказҳои ташхисӣ ҳангоми гузоштани ташхис ба ташхиси қатъӣ ва охирон будани он ишора

менамоянд. Бинобар ин, дар ҳамагуна ҳолат фаро расидани ҷавобгарии муштарак дар хизматрасонии тиббӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

3. Дар асоси моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидани озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва аз ҷониби давлат ба таври баробар кафолат дода шудани шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ имконият фароҳам овард, ки иштирокчиёни хизматрасонии тиббӣ ба таври назаррас васеъ гардида, ба он шахсони воқеӣ ва ҳу-қуқии зиёд ворид шаванд.

Фаъолияти тиббии хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иҷозатномае асос меёбад, ки тибқи боби 5 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ваколатдор дода шудааст. Вобаста ба ин, қайд кардан мумкин аст, ки муносибатҳои шартномавӣ дар самти хизматрасонии тиббӣ хислати касбиро пайдо карда, нисбат ба ин падида ҷой доштани муносибатҳои касбӣ-ҳуқуқиро бо заминаи устувори ҳуқуқӣ талаб менамояд.

Дуруст аст, ки хизматрасонии тиббии музднок имрӯз бо доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии То-ҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» ба танзим даровварда мешаванд. Лекин, ҳар яке аз ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти худро дошта, самтҳои дахлдори хизматрасонии тиббии музднокро бо назардошти предмети танзимнамоии худ ба танзим медароранд. Аз ин хотир, аз доираи танзими ҳуқуқӣ берун мондани паҳлӯҳои алоҳидаи шартномаи хизматрасонии тибби музднок истисно карда намешавад. Чу-нончӣ, ҳангоми ба танзим даровардани хизматрасонии тиббӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии муассисаҳои тиббӣ ва мизоҷон, бештари вакт меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» ба инобат гирифта мешаванд. Лекин, дар асоси таҳлили муқаррароти ин қонун, ба хулоса омадан мумкин аст, ки меъ-ёрҳои он ба таври афзалиятнок муносибатҳоеро фаро мегиранд, ки ин муносибатҳо асосан дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ва савдо пайдо мешаванд. Андешаи ба ин монандро инчунин И.В. Гетсманова иброз медорад [5, 5-8]. Чунин хислати қонун дар нуқтаи ниҳоӣ имконияти татбиқи онро нисбат ба хизматрасонии тиббии музднок маҳдуд менамояд. Зеро дар доираи предмети танзимнамоии ин қонун, нуқтаи муҳим сифат ба шумор меравад, ки бо тартиби муқарраршуда муайян карда мешавад.

Дар хизматрасонии тиббӣ, ки хислати ғайримоддиро дорад, муайян карда шудани сифати хизматрасонӣ ғайриимкон буда, бештар натиҷаи он ба назар гирифта мешавад. Яъне нисбат ба хизматрасонии тиббӣ истифодаи мафҳуми «иҷрои дахлдор» ва «иҷрои ғайридахлдор» дуруст буда, дар шакли натиҷаи хизматрасонӣ зоҳир мегардад. Чӣ хеле ки дар ин хусус В.Г. Куранов қайд менамояд, «... мизоҷ наметавонад сифати хизматрасонии тиббии ба ӯ пешниҳодшавандаро баҳодод ва асоси пешниҳоди даъворо ба сифати чунин хизматрасониҳо ошкор намояд» [9].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии умумии танзимкунандаи шартномаи хизматрасонии тиббии музднок буда, онро дар доираи боби 37 мавриди танзим қарор медиҳанд. Боби мазкур ҳамон нишонаҳоеро дар бар мегирад, ки хоси ҳамаи хизматрасониҳои музднок буда, мушаххас шартномаҳои алоҳидаро, ки имрӯз ниҳоят мубрам ба шумор рафта, метавонанд дар ин ё он дараҷа саломатии аҳолиро дахл намояд, фаро намегирад.

Шартномаи хизматрасонии тиббии музднок вобаста ба моҳияти худ шартномае ба шумор меравад, ки бештар хислати «оммавӣ» дошта, манфати доираи васеи шахсонро

дахл менамояд. Ин хусусият талаб менамояд, ки нисбат ба ин муносибатҳо бояд нигоҳи махсус ҷой дошта бошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса кардан мумкин аст, ки нисбат ба шартномаи хизматрасонии тиббии музднок гарчанде заминаҳои васеи ҳуқуқӣ ҷой доранд, онҳо хислати соҳавӣ ва махсус надошта, падидаи пайгиришавандаро ба таври умумӣ ба танзим медароранд, ки ин метавонад аз доираи танзими ҳуқуқӣ берун мондани баъзе ҷанбаҳои хизматрасонии тиббиро замина гузоранд. Ҷой доштани фазои холӣ дар танзими ҳуқуқӣ оқибатҳои номусоиди худро дошта, ҳалли масъалаҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии субъектони хизматрасонии тиббии музднокро мушкил мегардонад. Вобаста ба ин, дар доираи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи боби алоҳида ба танзим даровардани шартномаи хизматрасонии тиббии музднок ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Дроздова А.В. Понятие и содержание услуги как объект гражданских прав / А.В. Дроздова // Сибирский юридический вестник. - 2003. - №1. - С. 39-44.
2. Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность (очерк теории). - Москва, 1976. - 216 с.
3. Высоцкая Л.В. Ответственность сторон в договоре оказания платных медицинских услуг / Л.В. Высоцкая // Территория науки. - 2013. - № 2. - С. 242-254.
4. Высоцкая Л.В. О некоторых особенностях гражданско-правовой ответственности за нарушения в сфере оказания платных медицинских услуг / Л.В. Высоцкая // Территория науки. - 2014. - № 1. - С. 137-144.
5. Гецманова И.В. Проблемы правового регулирования медицинских услуг / И.В. Гецманова // Проблемы экспертизы в медицине. - 2013. - № 4. - С. 5-8.
6. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси амалкунанда. Санаи қабул: 30.05.2017 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, мод. 270.
7. Куранов В.Г. Гражданско-правовая ответственность за правонарушения в сфере здравоохранения: основания, виды, порядок ее определения и наложения на виновных / В.Г. Куранов // Актуальные проблемы российского права. - 2014. - № 11. - С. 2398-2404.
8. Ломакина И.Г. Гражданско-правовое регулирование отношений по оказанию медицинских услуг в Российской Федерации: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / И.Г. Ломакина. - Москва, 2006. - 196 с.
9. Токуев М.М. Гражданско-правовая ответственность медицинских работников за причинение вреда пациенту / М.М. Токуев // Пробелы в российском законодательстве. - 2011. - № 6. - С. 104-107.
10. *Jerenquel N., Raymond J. -L.* Risque et vigilances sanitaires: Organisation et coordination dans les etablissement de sante // Les etudes hospitalieres Ed., 2002. P. 21.


## МУАММОҲОИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ

Мақолаи илмии мазкур фарогири масъалаҳое мебошад, ки муаммо-ҳои назариявӣ ва амалии шартномаи хизматрасонии тиббии музднокро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Дар асоси моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидани шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ ва эълон гардидани озодии фаъолияти соҳибкорӣ, имконият доданд, ки ба бозори хизматрасонии тиббӣ доираи назарраси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид гарданд, ки асоси фаъолияти онҳоро иҷозатномае ташкил меди-ҳад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода мешавад.

Агар ба ин бозор ворид гардидани доираи васеи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз як тараф барои болоравии сифати хизматрасонии тиббӣ мусоидат намояд, аз тарафи дигар баъзе масъалаҳои ҳалталабро оиди ҷавоб-гарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба миён меорад.

Дар мақола мушаххас нишон дода шудааст, ки дар самти батанзимдарории ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии тиббии мstartednok масъалаҳое ҷой доранд, ки онҳо берун аз майдони танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро то андозае маҳдуд намудаанд. Аз ин хотир пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати бартараф кардани ин мушкилот ва ба таври дахлдор таъмин кардани ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон пешниҳод карда шудааст, ки шартномаи хизматрасонии тиббии мuzднок дар доираи боби алоҳидаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди танзим қарор дода шавад. Ин имконият медиҳад, ки ба хусусиятҳои шартномаи хизматрасонии тиббии музднок хислати ҳуқуқӣ дода шуда, ҷавобгарии иштирокчиёни он мушаххас гардонида шавад. Инчунин, дар доираи мақолаи илмӣ зарурияти ҷорӣ намудани ҷавобгарии солидарии пешниҳодкунандагони хизматрасонии тиббӣ таҳлил гардида, асосноккунии он аз нигоҳи назария ва амалия гузаронида шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *шартномаи хизматрасонии тиббии музднок, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, истеъмолкунанда, муассисаҳои тиббӣ, гуноҳ, марказҳои ташхисӣ, ташхис, фармоишгар, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ, робитаи сабабӣ, амали муштарак, қонунгузорӣ, ҳадафи ягона.*

## ПРОБЛЕМЫ ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПО ДОГОВОРУ ОКАЗАНИЯ ПЛАТНЫХ МЕДИЦИНСКИХ УСЛУГ

Данная научная статья охватывает вопросы, которые анализируют теоретические и практические проблемы договора об оказании платных медицинских услуг.

В соответствии со ст. 12 Конституции Республики Таджикистан, признание различных форм собственности, в том числе частной собственности и объявление свободы предпринимательской деятельности, дали возможность широким кругам физических и юридических лиц вступить на рынок предоставления медицинских услуг, где основу их деятельности составляет лицензия, выдаваемая уполномоченными органами.

Если вступление широкого круга физических и юридических лиц на рынок предоставления медицинских услуг с одной стороны способствует улучшению качества оказываемых медицинских услуг, то с другой стороны, способствует появлению вопросов гражданско-правовой ответственности, требующих решения.

В статье конкретно указано, что в направлении правового регулирования договора оказания платных медицинских услуг, существуют вопросы, которые остались за пределами правового регулирования, и в определенной степени ограничивают защиту прав потребителей. Поэтому, с целью устранения этих вопросов и обеспечения защиты

прав потребителей в надлежащем образе, предлагается, чтобы договор оказания платных медицинских услуг регулировался в рамках отдельной главы ГК РТ. Это даст возможность придать правовой характер специфическим свойствам договора оказания платных медицинских услуг, и соответственно конкретизировать гражданско-правовую ответственность участников данного договора. Кроме того, в рамках научной статьи сделан анализ необходимости введения солидарной ответственности лицам, предоставляющим медицинские услуги, и приведены его теоретические и практические обоснования.

***Ключевые слова****: договор оказания платных медицинских услуг, юридические и физические лица, потребители, медицинские учреждения, вина, диагностические центры, диагностика, заказчик, гражданско-правовая ответственность, причинная связь, совместные действия, законодательство, общие цели.*

## PROBLEMS OF CIVIL LIABILITY UNDER A CONTRACT FOR THE PROVISION OF PAID MEDICAL SERVICES

The scientific article covers issues that analyze the theoretical and practical problems of the contract for the provision of paid medical services.

According to article 12 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the knowledge of various forms of ownership, including private property and the declaration of freedom of entrepreneurial activity, allowed a wide range of individuals and legal entities to enter the market for providing medical services, where their activities based on a license issued by authorized bodies.

If joining a wide range of individuals and legal entities to the market of medical services on the one hand contributes to improving the quality of medical services, on the other led to the emergence of the issues on civil liability to be solved.

The article specifically states that in the direction of legal regulation of the contract for the provision of paid medical services, there are issues that remain outside the legal regulation, and to a certain extent restrict the rights of consumers. Therefore, in order to eliminate these issues and ensure the protection of consumers' rights in an appropriate manner, it is proposed to regulate contracts for the paid medical services under a separate Chapter of the Civil Code of the Republic of Tajikistan. It will give an opportunity to assign a legal character to the specific properties of the contract for the provision of paid medical services, and accordingly specify the civil liability of the parties of this contract. In addition, the scientific article theoretically and practically justifies the need to introduce joint and several liabilities of medical service providers.

***Key words****: contract for the provision of paid medical services , legal entities and individuals, consumers, medical institutions, fault, diagnostic centers, diagnostic, customer, civil liability, causation, joint actions, legislation, common goals.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Хошимзода Даврон Додочон -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Бохтар 48. Тел.: +992 938 605500; E-mail: davron.d@mail.ru

**Сведения об авторе:Хошимзода Даврон Дододжон -** кандидат юридических наук, судья Конституционного суда Республики Таджикистан.734025, Таджикистан, г. Душанбе, улица Бохтар 48. Тел.: +992 938 605500; E-mail: davron.d@mail.ru

**Information about author: Khoshimzoda Davron Dododjon -** Candidate in Law, judge of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, 48, Bokhtar Str. Phone: +992 938 605500; E-mail: davron.d@mail.ru

УДК: 327.8; 321.022

# АНДЕШАҲОИ АХЛОҚИИ АЛИИ ҲАМАДОНӢ

*Асозода Ҳ.Р., Абилзода Г.С.*

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар саҳифаҳои таърихи фарҳангу маънавият ва тамаддуни башарият бахусус мардуми мусалмон номи садҳо донишмандону мутафаккирони закитабъу равшанзамир бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст, ки ҳар яке бо осори ҷовидонаи илмию адабии худ ҳамчун нобиғаҳои башарият зуҳур карда, асрҳо инҷониб мероси маънавии онҳо инсониятро ба фатҳи қуллаҳои баланди дониш раҳнамун месозад.

Осори манзуму мансури Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба мавзӯъ ва масъалаҳои ахлоқӣ мақеи асосиро ишғол менамоянд. Андешаҳои ахлоқии шоир ва орифи бузург масъалаҳои гуногуни ташаккул ва тарбияи инсонро дар бар мегиранд.

Воқеан, ин донишманди фарзона ҳамчун мутафаккири барҷастаи сиёсии таърихи Ислом дидгоҳи хоси худро вобаста ба ҷомеа, давлат, сиёсат, дин, умури иҷтимоӣ баён карда, донишмандони оламро дар ҳайрат гузоштааст. Афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бораи ташкил, инкишоф ва рушди давлат, таърихи пайдоиши давлатҳо, дар бораи шаҳрҳо, равишҳо ва усулҳои идоракунии давлат, таълиму тарбият ва ҳамаи омилҳое, ки ба рушди ҷомеаи инсонӣ мусоидат мекунанд, афкори баланд ва бархурдор аз тозагиҳо ва навовариҳо мебошанд. Бузургии шахсияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асари “Чеҳраҳои мондагор”-и муҳтарам Э.Раҳмон чунин дарҷ ёфтааст. Равшан аст, ки бузургтарин хидмати орифон эҳтиром ва муҳаббат ба башарият аст. Алии Ҳамадонӣ низ, бегумон, аз ин қабил ҳокимони ориф мебошад, ҷавҳари таълимоти ӯро гуманизму инсондӯстии оқилона ва наҷибона ташкил медиҳад. Мағз андар мағзи осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро васфи инсон, баланд бардоштани манзалату мартабаи ӯ, ҳимояи манфиати ҳаётии вай, таъкиди мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар фард, эҳтироми зан-модар, такмилу тақвияти суннатҳои фалсафию ирфонии худшиносию худогоҳӣ, роҳу тариқаҳои тарбияи ахлоқӣ ташкил медиҳанд. [7; с.266].

Мири Кабир аз худ асарҳоеро ба ёдгор гузоштааст, ки онҳо аз имтиҳони таърих гузашта, дар ҳама асру замонҳо хидмат карда метавонанд. Бисёр ҳикматҳои пурарзиши он ҳазрат ба аҳдофи режимҳои дунявӣ созгор ва барои ҳар сохти иҷтимоии адолатпарвар судманданд. Илми идораи давлат, риояи адлу адолат ва ахлоқи ҳамида асосу пояи давлату давлатдории имрӯз ҳам буда метавонад. [7; с.267].

Аз нигоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ инсони комилро таносуби сурату сират мебояд ё танҳо сурати хуб ва сирати пок метавонад инсонро ба баландтарин дараҷот бирасонад. Алии Ҳамадонӣ менигорад: «Эй азиз, бидон, ки Ҳақ ҷалла ва ъало одамиро аз ду ҳақиқат офаридааст: яке, сурати зоҳир, дувум, сирати ботин. Суратро халқ хонанд ва сиратро хулқ хонанд. Ва ҳар якеро аз ин ду ҳақиқат ҳусне ва қубҳе ҳаст. Чунончи, ҳусни сурат комил набошад, магар ба таносуби ҷамеъи аъзои зоҳир аз чашму абрӯю рухсора ва лабу даҳон ва дасту пою қомат, ҳамчунон ҳусни сират, ки онро ҳусни хулқ хонанд камол наёбад магар ба эътидоли сифоти ҳамида чун илму ҳикмат ва тақвою саховат ва шуҷоату ҳилму тавозуъ ва инояту иффату адл» [3; с.64].

Ба назари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ муҳимтарин ва асоситарин омили давлатсоз дар ҷомеаи инсонӣ ба ҳокимону подшоҳони замони худ таъкид медорад, ин дуруст истифода намудани дороии хешро ба таври дилхоҳ ва ба роҳи савоб истифода намоянд, он давлату сарват ва салтанати имрӯз ба эшон насибгардида василаи наҷоти ухравияшон хоҳад буд. Бинобар қавли Амири Кабир, ҳокимон бояд тавассути сарвати хеш пеши фоқаи

муҳтоҷон бигиранд ва набигзоранд, ки дар ҳамсоягиашон ва ё дар шаҳру қитъаи дар тасарруф доштаашон нафаре аз гуруснагӣ ва ё муҳтоҷӣ азоб кашад. Зеро агар дар он мулк золиме ба зулм ва фосиқе ба фиск ва хоин ва хиёнатпешае ба хиёнат машғул бошаду ҳоким ва ё подшоҳ мувозиби ҳоли раъияти худ нагашта, пайи нафси аммора бошад, фардо ба азоби сахт гирифтор хоҳад шуд: «…бояд ки бо мол садди фоқаи муҳтоҷон кунӣ, то ба сабаби изтироб шубаҳот накунанд ва золимонро бо шамшер қамъ кунӣ ва фосиқонро бо тозиёна адаб кунӣ. Агар ҳамчунин кардӣ, наҷот ёфтӣ ва ҳам халкро наҷот додӣ ва агар бар хилофи ин бошӣ, ту пеш аз ҳама ба дузах хоҳӣ рафт ва дигарон дар пайи ту» [3; с.119].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар баробари нишон додани ашхоси ба тарбия муҳтоҷ усул ё худ роҳҳои тарбияи одамонро баён месозад, ки аз инҳо иборат мебошанд: таъриф, насиҳат ба вазъ, манъ ба феъл, унф ба саъб (дуруштӣ ва дашном) зарб.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ асрҳо пеш дар сохтори сангини зулмпарвар умр ба сар бурда бошад ҳам, тавонистааст нисбат ба ҳама табақоти инсонӣ аз хурд то бузург ва новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ бе тарсу ҳарос ақоиди ахлоқии хешро иброз намояд. Аз ҷумла, ӯ афъоли нописандидаи мардумони сарватманд ва ҳокимони давлатмандро зери тозиёнаи танқид қарор дода, бо овардани оёту ҳадиси саҳеҳ ва ривоёти ҷолиб аз зиндагии хулафои рошидин ва дигар ашхоси соҳибмартаба ба гурӯҳҳои муҳтоҷи тарбия андарзҳои пурманофеъ баён кардааст: «Нақл аст, ки чун Умар (р.а.) ба хилофат бинишаст, иттифоқ карданд, ки нафақаи аёли ӯ аз байтулмол бидиҳанд, қабул накард ва гуфт:

– Қуввати касб дорам, маро бад-он эҳтиёҷ нест. Чун намози ишроқ бигузоридӣ, ба девон бинишастӣ ва миёни мусалмонон ҳукумат кардӣ то чошти баланд. Чун аз девон бархост, колбад бардоштӣ ва ба тарафи буқъа рафтӣ ва хишт задӣ ва ба масҷид омадӣ ва имоматии мусалмонон кардӣ ва боз ба сари кори худ рафтӣ то вақти намози аср. Ва қути худ ва аёлони худ аз он ҳосил кардӣ…» [3; с.110].

Носеҳи арҷманд ба шоҳону амирони давр ва даврони мобаъд рӯ оварда, изҳор мекунад, ки фарҳангу маърифатдӯстӣ ва пайгирии ин хислатҳо аз беҳтарин василаи дарёфти саодати дорайни аст. Маҳз тавассути парвариши ин хислатҳои ҳамида шоҳону амирон ва ҳокимону ашрофзодагон метавонанд салтанати худро пойдор биҳисобанду ҷаҳони ухравии хешро обод. Чунончӣ, дар «Ҳафт водӣ» омадааст:

Ҳаст доим салтанат дар маърифат,
Ҷаҳд кун, то ҳосил ояд ин сифат.
Ҳар кӣ масти олами ирфон бувад,
Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад [4; с.390].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ талқин менамояд, ки ҳама инсонҳо дорои хулқи некӯ бошанд. Агар одам дар зиндагии дунявии худ ба роҳи рост амал дошта бошад, пас ӯро аз гузаштани Пули сирот, яъне, аз гирифториҳои рӯзи охират набояд ҳарос бошад. Ва одамоне, ки дар дунё аъмоли некӯ надошта, пайрави ақоиди рӯҳпарвари аҳли салоҳ набошанд, эшон аз азобу уқубатҳои ухравӣ дар амон нахоҳанд буд. Ва барои тақвияти фикри хеш чунин мисраъҳоро меорад:

Эй ки дар дунё нарафтӣ бар сироти мустақим,
Дар қиёмат бар сиротат ҷойи ташвиш асту бим.
Қалби зарандуд настонанд дар бозори ҳашр,
Холисӣ бояд, ки аз оташ бурун ояд салим [3; с.68].

Ақоиди пандуахлоқӣ аз ҷумлаи ростиву росткорӣ, ҳалимию фурӯтанӣ, сабурию шикебоӣ, раҳму шафқат, иффат ва назокати гуфтор ва амсоли ин дар тамоми осори Алии Ҳамадонӣ ба чашм мерасад. Ҷанбаи ахлоқию маънавии осори Сайид Алии Ҳамадонӣ

бою рангин буда, ҷомеаро пайваста ба ваҳдат, иттифоқу иттиҳод, дӯстию бародарӣ, накӯкорию амонатдорӣ даъват менамояд.

Шахсе, ки гӯш ба гуфтори пурмазмуну ҳакимонаи Алии Ҳамадонӣ медиҳад ва ба ин суханони пурарзиш амал менамояд, мушкилоти зиндагияш осон гашта, қадам ниҳоданаш дар шоҳроҳи зиндагӣ бехавф мегардад.

Афкори пандуахлоқии Мири Кабир ӯро дар назди хонандагону ихлосмандони осораш чун носеҳи бузург, марди хирадманду инсони пуртаҷриба муаррифӣ менамояд.

Дар ҳақиқат, Алии Ҳамадонӣ бо ҳидоят намудани роҳи ростӣ, ки одамонро аз ғофилию зулмат ва гирифториҳою қабоҳат дур намуда, онҳоро ба рӯшноию саодат мерасонад, дар асри хеш ва асрҳои баъдин тавонист пандномаи мукаммале мураттаб намуда, пешниҳоди ихлосмандонаш гардонад. Андарзҳои ҳакимонаи Алии Ҳамадонӣ дар саросари осораш чун ситораи ҳотиф ба чашми хонандаи гиромӣ нурпошӣ менамоянд.

«Минҳоҷ-ул-орифин»-и алломаро метавон асари сирф панду ахлоқӣ ҳисоб намуд, зеро дар он Алии Ҳамадонӣ беш аз 183 панду андарзро ба хонандагон пешниҳод намудааст, ки ҳар яки он пур аз ҳикмату фалсафа мебошад. Чунончӣ:

1. Хизмати бузургон кун, то ба бузургӣ бирасӣ.
2. Сабр пеша гир, агар офият мехоҳӣ.
3. Оҳиста рав, то монда нашавӣ.
4. Шукри Ҳақ ба ҷо ор, агар неъмати дин ва дунё хоҳӣ.
5. Ҳиммат баланд дор, то қиматат биафзояд [4; с.227].

Дар назари аввал суханҳои боло хело сода ва оммафаҳманд. Вале барои гуфтани чунин суханҳо шахсе қодир аст, ки таҷрибаи бойи зиндагӣ ва захираи мукаммали илмию фарҳангӣ дорад. Мавриди қайд аст, ки чунин тарзи баён аз он шаҳодат медиҳад, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз андарзу ақоиди панду ахлоқии аҳли салаф ва дигар дину мазоҳиб ба хубӣ огаҳӣ доштааст. Масалан, дар таълимоти зардуштӣ калимаҳои «ҳухат» – гуфтори нек, «ҳумат» – пиндори нек, «ҳуришт» – кирдори нек маъмул аст, ки ин калимаҳо дар назари аввал сода, вале дар маҷмӯъ саршори ақоиди ахлоқиянд [1; с.56] . Алии Ҳамадонӣ ин калимаҳоро дар як ҷумла чунин гуфтааст:

«Ҳама ҳол боадаб бош, то мақбул бошӣ» [5;с.229].

Дар асари фалсафӣ-ирфонии олими тоҷик К.Қодиров андешаи ориф риёзат се ҳадаф дорад: дур кардани мосиво (ғайри оллоҳ) аз сари роҳ; ром сохтани нафси аммора (нафси барангезанда ба бадӣ) ва нарму латиф сохтани ботин барои огоҳӣ [2;с.63].

Умуман агар ба тарзи баёни «Минҳоҷ-ул-орифин» бо диққат назар шавад, шабоҳатеро ба ҳафт фармудаи кеши зардуштӣ пай бурдан мумкин аст.

1. На ба рост ва на дуруғ ҳаргиз савганд махӯр.
2. Фазилат ва бартарӣ дар шинохт ва маърифати комил аст.
3. Эҳсон баландтарин фазилати инсон аст.
4. Ҳар бомдод бояд зуд бархост.
5. Кафи нафс василаи хубе бар касби фазилат аст, ки зевари ҳаёти башарӣ маҳсуб мегардад.
6. Ҳар кӣ доме ниҳад, нахуст худ дар он афтад.
7. Беҳтарини бахшишҳо таълим ва тарбият аст.

Тибқи фармудаи уламои исломӣ, алалхусус Алии Ҳамадонӣ, ки яке аз симоҳои барҷастаи он аст, танҳо тавассути анҷоми амалҳои солеҳ ва дар зиндагии дунявӣ пайравӣ намудан ба амру навоҳии шаръӣ, ки саршори адабу ҳикмати волоянд, инсон метавонад

ба мартабаи баланд ва дараҷоти олӣ дар дунё ва сазовори биҳишти анбарсиришт бигардад.

Яке аз рукнҳои асосии зиндагии башарият дӯстию рафоқат ва якдигарфаҳмӣ мебошад. Тарғиби дӯстию рафоқати холис дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мақоми хосса дорад. Бино ба қавли ӯ, дӯстону бародарони ҳақиқӣ байни худ эътидоли ҳуқуқҳои ухувватро риоя намуда, бад-ин роҳ метавонанд, дар ин амали худ содиқ бошанд ва дӯстии хешро то дер гоҳ пойдор нигоҳ бидоранд.

Амири Кабир муътақид бар он аст, ки на лофи бародарию ухувват(дӯстӣ) сазовори пӯшидани ҷомаи муборaки ухувват аст. Дар пойдорию устувории ухувват ҳафт шартро баён сохта, он шартҳоро ба тариқи зайл маънидод менамояд:

Шарти аввал базли мол аст, яъне, ҳар молу пуле, ки дар ихтиёр дорад, новобаста ба эҳтиёҷи худ барои пойдории дӯстӣ сарф намояд.

Шарти дувум муъовиюн аст. Яъне ёрии байниҳамдигарӣ ҳам дар корҳои динӣ ва ҳам дунявӣ. Ва бояд бародарон нисбат ба якдигар мушфиқу меҳрубон бошанд.

Шарти савум ба забон аст. Ва ин чунин маъно дорад, ки дар ғайбату ҳузури бародар дар назди ҷамоат зикри айбҳои ӯ накунад. Ва аз хатоҳо ва халали бародар воқиф шавад.

Шарти чаҳорум нусрат ва ҳимоят аст. Яъне, ҳам дар ғоиб ва ҳозири бародар доимо дар ҳимояи ӯ бошад. Агар бародар дар ҷаласае ҳузур надошта бошаду аҳли он маҷлис нисбати бародари ӯ суханони лағв ва бӯҳтон гӯянд, бояд ки бародар аз номусу шарафи ӯ муҳофизат намояд.

Шарти панҷум таълим ва насиҳат аст. Яъне, ҳар бародари мушфиқу меҳрубон бояд саъю кӯшиш намояд, ки бародараш аз улуми дунявӣ ва ухравӣ бархӯрдор бошад. Ва дар огоҳонидани бародари хеш дар мавриди қабоҳати ҷаҳл тақсир накунад.

Шарти шашум афв аст аз ҳафват. Дар шарҳи ин шарт Алии Ҳамадонӣ назари хешро нагуфта, аз гуфтаҳои бузургон далелҳо меорад. Яъне дар шарҳи ин шарт ду мавқеъ мушоҳида мегардад. Мавқеи аввал ин аст, ки ба қавли баъзе уламо хатоҳои бародарро афв кунад. Вале мавқеи дигар, ки аксариятро ташкил менамоянд, аз гуноҳи бародар афв карданро написандидаанд.

Шарти ҳафтум нигоҳ доштани риштаи дӯстию бародарӣ баъд аз мавт. Алии Ҳамадонӣ дар ин маврид мефармояд, ки дӯсти ҳақиқӣ баъд аз вафоти дӯсташ риштаи рафоқатро бо фарзандон ва пайвандони ӯ нигоҳ дорад [3; с.98].

Дигар ин ки дар байни дӯстон бояд ғаразу кина, ҳасаду бухл ва амсоли ин хислатҳои нописандида мушоҳида нагардад. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъкид менамояд, ки дӯстию рафоқате, ки барои сарвату мол ва мансабу салтанат бошад, нопойдору кӯтоҳмуддат мебошад. Дар «Захират-ул-мулук» ӯ чунин ҳадисеро аз аҳодиси набавӣ нақл менамояд:

«Абуҳурайра, ризвонуллоҳу алайҳи, ривоят кард, ки Расул (с.а.в.) фармуд, ки гирд ба гирди арш минбарҳост аз нур. Рӯзи қиёмат бар он минбарҳо қавме бошанд аз нур ва ҷомаи эшон аз нур ва эшон пайғамбарон набошанд. Ва шаҳидон бар мартабаи эшон рашк баранд. Гуфтанд: Эй Расули Худо, сифат кун эшонро. Гуфт: эшон касонеанд, ки бо сулаҳо ва муттақиён дӯстӣ барои Худои азза ва ҷалла кунанд…” [3; с.92].

Фикри мазкурро мутафаккир дар рисолаи «Минҳоҷ-ул-орифин» бо як ҷумла баён намудааст, ки хеле муҷазу ибратбахш аст: «Дӯстӣ он беҳ, ки аз барои Худо бошад» [5; с.228].

Мубоширaт бо ашхоси суханчину ғаммоз, ҷоҳилу мутакаббир, ғофилу дуруғгӯ, фитнаангезу ҷангҷӯ ва амсоли онро ӯ сарзаниш намуда, аз лаҳзаҳои умраш, ки дар ҳузури чунин ашхос гузаронидааст таассуф хӯрдааст. Ба қавли ХИРАДМАНД, ҳамнишинӣ бо чунин

одамон ақлро тира ва имонро заиф мегардонад. Мақсад аз овардани ҷумлаҳои боло он буд, ки ин зумра одамон дӯстию бародариро нашоянд. Ва барои равшан гардидани фикр аллома ҳатто гурӯҳҳоеро номбар мекунад, ки бо онҳо дӯстӣ кардан зараровар аст: аввал, аҳмақи ҷоҳил, дуввум, бадхӯйи мутакаббир, саввум, фосиқи мусир, чаҳорум, мубтадеи муонид. Дар тафоввути аҳмақу ҷоҳил гуфтааст: «…ва фарқ миёни ҷоҳил ва аҳмақ он аст, ки ҷоҳил касеро гӯянд, ки роҳи ба мақсад расиданро надонад. Ва аҳмақ касеро гӯянд, ки акси мақсудро мақсуд тасаввур кунад» [3; с.95].

Дар ин маврид Алии Ҳамадонӣ нақлеро аз забони Имом Ҷаъфари Содиқ меорад: «Имом Ҷаъфари Содиқ, разиаллоҳу анҳу, фармуд, ки бо панҷ кас суҳбат мадоред: аввал, бо дурӯғгӯй суҳбат мадоред, ки дуруғгӯӣ чун сиррест, ки чизе менамояд, ки туро бад-он мефиребад ва дар ҳақиқат ҳеҷ нест. Дуввум, сӯҳбати аҳмақ, ки бо ҳамоқати худ, ҳарчанд ки мехоҳад туро суд кунад, охир туро дар зиён андозад. Саввум, бахил, ки агар солҳо бо ӯ пайвандӣ, дар ҳолати эҳтиёҷ рӯй аз ту бигардонад. Чаҳорум, безаҳраи тарсанда, ки дар ҳолати ҳодиса ба ҷиҳати халосии худ туро ба душман бисупорад. Панҷум, фосиқ, ки туро бо луқмае бифурӯшад» [3; с.96].

Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ дар “Хулосат-ул-маноқиб” менависад, ки Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар бораи осораш фармудааст: “маро дар ин рӯзгор касе нашинохт, валекин баъд аз фавти ман ба сад сол толибон пайдо шаванд, ки аз расоили ман фавоид гиранду қадри ман бишносанд” [6; с.116].

Алии Ҳамадонӣ чун ҳаким аз таҷрибаи зиндагӣ ва шоҳиди ҳаводиси зиёд бо таассуфи гарон дар мавриди нопойдории риштаҳои ухувват баён менамояд, ки шумораи ниҳоят ками инсонҳо метавонанд, ки аз ин неъмати бузург баҳраманд бошанд. Дар қисмати охири боби рисолаи хеш бо таассуф чунин мисраҳо баён мекунад:

Дареғ, ин дардро марҳам надидам,
Умеди васл буд, он ҳам надидам.
Аз он коре маро суст аст бунёд,
Ки аҳди дӯстон маҳкам надидам [3; с.83].

Заминаҳои идеологии афкори идоракунии давлат ва ҷомеа дар низоми андешаҳои иҷтимоию ахлоқӣ ва маънавии Алии Ҳамадонӣ аз мактаби «Қуръон»-у суннат, ҷаҳонбинӣ ва фиқҳ, ирфон, калом, афкори ахлоқии мутафаккирони пешин, инчунин омӯзиш, таҳқиқ ва таҷрибаву равишҳои махсуси худи вай сарчашма гирифтааст, ки ба ҷаҳонбинии вижаи ахлоқию маънавии ӯ умри абад бахшидаанд.

Хулоса Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияи ахлоқию маънавии инсонро ҳамчун рукни боэътимоди ташаккули шахсият муҳим шуморида, дар бештари рисолаҳои хеш масъалаҳои ахлоқиро тавзеҳ намудааст. Вай тарбияро рукни камолоти инсон шуморида, онро асоси пойдориву устувории хонавода ва давлат арзёбӣ менамояд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияро ҷавҳари маънавияти инсон шуморида, одамонро ба раиятпарвариву қадршиносӣ, саховатмандиву хайрхоҳӣ ва даҳҳо амали солеҳи дигар даъват менамояд ва дар замири хонандааш ҳусни садоқат ба бузургон, пирон ва волидайн, хешу таборро бештар мегардонад. Вай дар асарҳои худ инчунин доир ба адлу эҳсон, усули давлатдорӣ, фазилатҳои роҳбарӣ ва муносибат ба раъият муфассал андеша ронда, доир ба ин масъалаҳо ҳамчун як ҷомеашинос ва файласуфу сиёсатшиноси одилу оқил изҳори назар менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Авасто. Бар асоси матни Ҷалили Дустхоҳ. – Душанбе, 2001.

2. Каримҷон Қодиров. Ирфони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Душанбе "Матбуот" 2006.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. Лоҳур, 1905
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.Ҳафт водӣ, дастхат.
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Минҳоҷ-ул-орифин, Захираи дастхҳои Академияи илмщои Ҷумҳурии Тоҷикистон №546
6. Муҳаммад Риёз. Аҳволу осор ва ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Душанбе-1995.
7. Э.Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: ЭР-граф, 2016. 364с.
8. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маърифати нафс / Таҳиягарон А. Кӯчаров, И. Саидиброҳимов. – Кӯлоб, 1994. – 21 с.
9. Ҳасанзода, С. Чакомаи Шоҳи Хатлон: Ба ҷашнвораи 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (қиссаи таърихӣ). – Кӯлоб, 1994. – 52 с.
10. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи футуват / Таҳияи А. Раҳмонов; Муҳарир С. Муродов. – Душанбе: Фирдавс, 1995. – 24 с.
11. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ҳафтод ҳадис дар фазилати Амири муъминон. – Кӯлоб: Рушод, 2006. – 62 с.
Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ҳикоятҳо аз «Захират-ул-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Таҳиякунанда, мураттиб ва муаллифи муқаддима Ҳ. Асозода. – Душанбе: Ямини Содиқ, 2012. – 56 с.

## АНДЕШАҲОИ АХЛОҚИИ АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ масъалаҳои ахлоқ, маънавиёт мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Андешаҳои ахлоқии мутафаккир ва орифи бузург масъалаҳои гуногуни ташаккул ва тарбияи инсонро дар бар мегиранд. Дар мақола муҳимтарин масъалаҳои ахлоқие, ки дар асарҳои манзум ва мансури ӯ баён ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Андешаҳои орифи бузург асосан дар асоси оёти Қуръону ҳадисҳои набавӣ ва таҷрибаи рӯзгори худи ӯ баён шуда, арзиши баланди тарбиявӣ доранд. Ҷавҳари таълимоти ӯро гуманизму инсондӯстии оқилона ва наҷибона ташкил медиҳад. Мағз андар мағзи осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро васфи инсон, баланд бардоштани манзалату мартабаи ӯ, ҳимояи манфиати ҳаётии вай, таъкиди мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар фард, эҳтироми зан-модар, такмилу тақвияти суннатҳои фалсафию ирфонии худшиносию худогоҳӣ ва тарбияи насли башар ташкил медиҳад. Афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бораи ташкил, инкишоф ва рушди давлат, таърихи пайдоиши давлатҳо, дар бораи шаҳрҳо, равишҳо ва усулҳои идоракунии давлат, таълиму тарбият ва ҳамаи омилҳое, ки ба рушди ҷомеаи инсонӣ мусоидат мекунанд, афкори баланд ва бархурдор аз тозагиҳо ва навовариҳо мебошанд.

***Калидвожаҳо:*** *Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, андешаҳои ахлоқӣ, "Авесто", инсони комил, давлат, гуманизм, идоракунӣ, тарбия.*

## НРАВСТВЕННЫЕ И ЭТИЧЕСКИЕ МЫСЛИ АЛИ ХАМАДАНИ

В творчестве Мир Сайида Али Хамадани главное место занимают этические и нравственные вопросы. Этические взгляды известного поэта и мистика охватывают различные вопросы формирования и воспитания человека. В статье рассматриваются важнейшие этические вопросы его творчества Этические взгляды мыслителя изложенные на основе аятов Корана, преданий Пророка и жизненных опытов самого поэта, имеют большое воспитательное значение. Суть его учения - рациональный и благородный гуманизм. Суть творчества Мир Сайида Али Хамадони - прославление человека, повышение его статуса, защита его жизненных интересов, акцент на социальном и политическом статусе каждого человека, уважение к женщинам, совершенствование и укрепление философских и духовных традиций самопознания и воспитания человечества. Взгляды Мир Сайида Али Хамадони на формирование, развитие и рост государства, историю возникновения государств, города, подходы и методы управления государством, образование и все факторы, способствующие развитию человеческого общества, высокие и инновационные. являются.

***Ключевые слова:*** *Мир Сайида Али Хамадани, нравственное мышление, Авесто, совершенный человек, гуманизм, государства, управления, воспитания.*

## MORAL AND ETHICAL THOUGHTS OF ALI KHAMADANI

In the work of Mir Sayyid Ali Hamadani, the main place is occupied by moral issues. Ethical thoughts are various issues of the formation and education of man. The article reflects the most important ethical issues of his work. Ethical thoughts on thoughts expressed on the basis of the Koran, the disposition and life experiences of the poet himself are of great educational value. Humanism, wise and noble humanity are the essence of his studies. The main point of work of Mir Said Ali Hamadoni consist of praise of human, rising his dignity and his position, protection of his living benefits, confirmation of social and political status of every person, respect of women, perfection and strengthening of philosophical and mystical traditions of self – knowledgement and self – consciousness and the ways of teaching morality. The conception of Mir Said Ali Hamadoni about the formation, development and progress of country, the history of appearance of countries, about cities/towns, ways of management of country, education and training, and all reasons which help for the development of human society is remarkable intelligence and awareness of novelty and innovations.

***Keywords:*** *Mir Sayid Ali Hamadani, Ethical thoughts, avesto, real person, country, humanism, management, education.*

**Маълумот дар бораи муаллифон**: **Асозода Ҳотам Раҷаб -** номзади илмҳои филологӣ, докторанти шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии Академияи милли илмҳои Тоҷикистон 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел: +992-918-63-37-45, e-mail: hamadoni@mail.ru

**Абилзода Гуландом Сардор -** номзади илмҳои фалсафа, дотсент мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33, тел: +992-918-79-08-87, e-mail: abilova.78@mail.ru

**Сведения об авторах: Асозода Хотам Раджаб -** кандидат филологических наук, докторант отдел история литературы Институт язык и литературы имени А.Рудаки Национальная

академия наук Таджикистана. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки 33, тел: +992-918-63-37-45, e-mail: hamadoni@mail.ru
**Абилзода Гуландом Сардор -** кандидат философский наук доцент, заведующий кафедры психология и социология управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33, тел: +992 918-79-08-87, e-mail: abilova.78@mail.ru

**Information about the authors: Asozoda Hotam -** Ph.D. on Political Sciences, Associate Professor, doctoral student of the Department of Political Processes in Tajikistan of the 734025, Tajikistan, Dushnabe city, Rudaki ave. 33, tel: +992-918-63-37-45, e-mail: hamadoni@mail.ru
**Abilzoda Gulandom -** Head of Psychology and Sociology of management Department, Public Administration Academy under the President of the Republic of Tajikistan 734025, Tajikistan, Dushnabe city, Sayid Nosir ave. 33, tel: +992 918-79-08-87, e-mail: abilova.78@mail.ru

УДК: 81,25: 378.147

# ВОЕННЫЕ ТЕРМИНЫ И СФЕРА ИХ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ

*Азизова М.Х.*
**Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова**

Насыщенность специальной терминологией является отличительным свойством военных материалов (к настоящемувремени устанавливается, что в среднем на страницу текста боевого устава приходится 13-15 терминов). К военным материалам обычно относят военно-художественные материалы, военно-публицистические и военно-политические материалы, военно-научные и военно-технические материалы, акты военного управления (различные военные документы). К собственно военным материалам принято относить научно-технические материалы и акты управления, связанные с жизнью и деятельностью войск и военных учреждений вооруженных сил. Военно-художественная литература, военная публицистика и военно-политические материалы являются военными лишь по своей целенаправленности и тематике и в основном обладают теми чертами, которые вообще присущи всем общественно-политическим, публицистическим и художественным текстам [Нелюбин 1981].

Обозначить границы понятия *военный термин* очень сложно, так как сфера функционирования военной терминологии очень широка, и многие общеупотребительные термины приобретают в ней особое, более узкое значение. В.Н. Шевчук предлагает следующее определение понятия «военный термин»: «устойчивая единица синтетической или аналитической номинации, закрепленная за соответствующим понятием в понятийно-функциональной системе определенной сферы военной профессии в значении, регламентированном его дефиницией» [Шевчук 1989, 8]. Г.М. Стрелковский в своем учебнике «Теория и практика военного перевода. Немецкий язык» пишет: «Если мы ограничимся лишь военным делом, то должны будем признать, что внутри этой обширной области существуют многие отрасли, которые можно рассматривать как различные самостоятельные области знания или деятельности. Поэтому нельзя говорить об общем понятии «военный термин», а следует различать термины тактические, организационные, военно-технические, термины, относящиеся к различным родам войск и видам вооруженных сил и т. д. Все это - различные области военного знания и деятельности, для каждой из которых характерна своя терминология. В пределах каждой из этих областей значение термина достаточно однозначно» [Стрелковский 1979, 83]. В общем смысле к военной терминологии относятся все слова и сочетания, обозначающие военные понятия, т. е. понятия, непосредственно связанные с вооруженными силами, военным делом, войной и т. д. Кроме того, к военной лексике следует отнести научно-технические термины, употребляемые в связи с военными понятиями (например, track - *гусеница танка или любой боевой машины, на гусеничном ходу)*. Проблемами терминологии, в частности, размытости границ употребления тех или иных терминов, как в приведенном примере, занимался А.И. Моисеев: «Все прочие признаки, обычно приписываемые терминам и терминологии в целом: точность значения, однозначность, системность, отсутствие синонимии и т. п. - не более как их тенденция или их желательные качества, или, наконец, требования к «хорошей» рационально построенной терминологии. Примеры недостаточной системности, не строгости значений реальных терминов, их многозначности, омонимии и синонимии хорошо известны» [Моисеев 1970-1, 138].

В дальнейшем при определении военных терминов мы будем опираться на труды Б.Н. Головина, исследовавшего отличительные особенности слов-терминов [Головин 1980, 4-11]. Перечислим наиболее важные из них: соотнесенность не с отдельным предметом, а с понятием; потребность в дефинировании; формирование индивидуальных, свойственных отдельным ученым понятий; соотнесенность значения термина со значениями других терминов в пределах соответствующей терминологической системы; соотнесенность с определенной профессиональной деятельностью и др. «Получается, таким образом, что в слове-термине на первый план выступает его объектное значение, субъектное же, оценочное, или вообще снято, или затушевано» [Головин 1980, 7]. З.И. Комарова предъявляет к термину следующие требования: однозначность, точность, краткость, системность, эмоционально-экспрессивная нейтральность, отсутствие модальной и стилистической функции, безразличие к контексту, конвенциональность, отсутствие синонимов и омонимов в пределах одной терминосистемы и др. [Комарова 1979]. Системность можно назвать одной из важнейших характеристик терминологической единицы. Понятие терминосистемы в языкознании, являясь и одним из фундаментальных понятий терминоведения, всегда подразумевает наличие составляющих ее частей, то есть определенной структуры входящих в нее компонентов. С точки зрения А.В. Суперанской, терминосистему следует рассматривать как сложный по характеру объект в направлении от составляющих его частей к целостности; а, говоря о структуре, - в направлении от целостности объекта к его частям и к характеру их взаимосвязей [Суперанская 2004, 115]. Терминологическая система представляет собой лингвистическую модель определенной специальной области, которая «существует наряду с логической моделью, представленной системой понятий и системой определений, воплощая логическую модель в систему словесных знаков» [Лейчик 1993, 23].

К военной терминологии могут относиться слова и сочетания, которые хотя и не обозначают собственно военных понятий, однако употребляются почти исключительно в военной среде, а в общем употреблении малоизвестны или вовсе неизвестны (например, *boondocks* - джунгли; *behavior report* - письмо (солдата) домой; *side arms* - столовые принадлежности), а также некоторые иностранные заимствования, различные жаргонизмы и т. д., а также эмоционально окрашенные элементы военной лексики, которые являются в большинстве случаев стилистическими синонимами соответствующих военных терминов (например, *doughboy* (просторечноеслово) и *infantryman* (термин)имеют значение «пехотинец»)[Судзиловский 1979, 37].

Изменения состава военной лексики, особенно ее непрерывное пополнение, выпадение из нее ряда слов, изменение значений, тесно связаны с непрерывным развитием общих условий деятельности вооруженных сил. Ознакомившись с документом «FM 23-10 Подготовка снайперов» («DOA Sniper Training (FM 23-10)»), выпущенным в 1994 году в первую очередь для нужд Армии США и охватывающим не только снайперское дело, но и в той или иной степени все области военного дела, мы можем обозначить основные области функционирования военной терминологии. Современная английская военная терминология охватывает область разработки новых видов оружия - в первую очередь ракетно-ядерных боевых систем (*wire-guarded missile [misail]* – управляемаяракета; *rocket-assisted projectile* - активно-реактивный снаряд; *radioactive fallout* - заражение радиоактивными продуктами ядерного взрыва), радиоэлектронных и других технических средств (*beam rider guidance* - наведение по

лучу; *laser range finder* - лазерный дальномер; *ambush detection device* - (техническое) средство обнаружения засад); термины, связанные с реорганизацией соединений сухопутных войск и органов высшего управления (*logistics operations center* - центр управления тылом); термины, связанные с изменением некоторых принципиальных положений (доктрин) в тактике и оперативном искусстве (*electronic countermeasures* - электронное противодействие).

Необходимо иметь в виду довольно существенные различия в английской военной лексике, употребляемой в США и Англии. Это объясняется как специфическими особенностями организации, вооружения, тактики вооруженных сил этих стран, так и определенными различиями между английским и американским вариантами современного английского языка. Например, понятия «соединение» или «объединение» в США выражаются с помощью термина *large unit*, а в Англии - *formation*; *general staff* в США имеет значение «общая часть штаба», а в Англии - «оперативно-разведывательная часть штаба». Имеются различия в воинских званиях и, особенно в терминологии по организации: «министр обороны» в США называется *Secretary of Defense*, а в Англии - *Defence Minister*. Целый ряд терминов употребляется только в США (например, *Chief of Staff* - «начальник штаба (вида вооруженных сил)») или только в Англии (например, *commandos* - десантно-диверсионные части «коммандос»). В английскую военную лексику входит также некоторое количество военных терминов, специфических для вооруженных сил Канады, Австралии и других стран, говорящих на английском языке [Коровушкин 1980].

Итак, военные термины, помимо прочих терминологических свойств, характеризуются особыми сферами функционирования, и сами эти сферы, наряду с дефинитивной функцией и системностью, являются признаком, позволяющим отнести то или иное слово или словосочетание к разряду военных терминов.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Бархударов, Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода) [Текст]: Л.С. Бархударов. - М.: Международные отношения, 1975. - 240 с.
2. Борисов, В.В. Аббревиация и акронимия. Военные и научно-технические сокращения в иностранных языках [Текст]: В.В. Борисов; под ред. А.Д. Швейцера. - М., 2004. - С. 132-135.
3. Виноградов, В.В. Русский язык. Грамматическое учение о слове [Текст]: В.В.Виноградов. - М., 1947. - с.12-13.
4. Вязников, П.А. Лампы рта его: заметка о нелепостях в переводах [Текст] / П.А. Вязников // Если. - 1998. - № 7. - С. 253-255.
5. Глушко, М. М. Функциональный стиль общественного языка и методы его исследования [Текст]: М.М. Глушко. - М., 1974. - 132 с.
6. Головин, Б.Н. Термин и слово [Текст] / Б.Н. Головин // Термин и слово. Межвузовский сборник. - Горький, 1980.
7. Гореликова, С. Н. Природа термина и некоторые особенности терминообразования в английском языке [Текст] / С.Н. Гореликова // Вестник ОГУ. - 2002. - №6.
8. Гринев, С.В. Введение в терминоведение [Текст]: С.В. Гринев. - М.: Московский лицей, 1993. - 309 с.

9. Зарубежное военное обозрение [электронный ресурс] - Электрон. дан. - Режим доступа: http://zw-observer.narod.ru/ - свободный. - Загл. с экрана.
10. Капанадзе, Л.А. О понятиях «термин» и «терминология» [Текст] / Л.А. Капанадзе // Развитие лексики современного русского языка. - М., 1965. С.75 - 86.
11. Комарова, З.И. О сущности термина [Текст] / З.И Комарова // Термин и слово. - Горький, 1979.
12. Комиссаров, В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) [Текст] : учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В.Н. Комиссаров. - М.: Высшая школа, 1990. - 253 с.
13. Нелюбин, Л.Л. Учебник военного перевода. Английский язык [Текст]: Л.Л. Нелюбин, А.А. Дормидонтов, А.А. Васильченко. - М.: Воениздат, 1981. - 379 с.

## ИСТИЛОҲИ ҲАРБӢ ВА СОҲАИ АМАЛИГАРДОНИИ ОН

Мақолаи мазкур истилоҳоти ҳарбӣ ва соҳаи амалигардонии онҳоро дар забонҳои англисӣ ва русӣ зери омӯзиш гузоштааст. Мафҳуми истилоҳи ҳарбӣ хеле мураккаб аст, зеро ҳудуди амалигардонии онҳо хело васеъ мебошад. Ба истилоҳоти ҳарбӣ инчунин калима ва ибораҳое тааллуқ доранд, ки гарчанде мафҳуми истилоҳи ҳарбиро ифода накунанд ҳам, вале танҳо дар соҳаи ҳарбӣ истифода бурда мешаванд.

Истилоҳоти ҳарбӣ бо соҳаи амалигардонии махсус муайян карда мешаванд ва дар қатори вазифа ва низомнокии муайян аломатеро ифода мекунанд, ки ин ё он калима ё ибораро ба гурӯҳи истилоҳоти ҳарбӣ мансуб донистан имкон медиҳад.

***Калидвожаҳо***: *истилоҳи ҳарбӣ, амалигардонӣ, қӯшун, қувваҳои мусаллаҳ, лексикаи ҳарбӣ.*

## ВОЕННЫЕ ТЕРМИНЫ И СФЕРА ИХ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ

В данной статье рассматривается военная терминология и ее сфера функционирования в английском и русском языках. Понятие военный термин очень сложно, так как сфера их функционирования широка. К военной терминологии также могут относиться слова и сочетания, которые хотя и не обозначают военных понятий, однако употребляются почти исключительно в военной среде.

Военные термины характеризуются особыми сферами функционирования, и наряду с определенной функцией и системностью, являются признаком, позволяющим отнести то или иное слово или словосочетание к разряду военных терминов.

***Ключевые слова***: *военный термин, функционирование, войско, вооруженные силы, военная лексика.*

## MILITARY TERMINOLOGY AND THEIR SPHERE OF FUNCTIONING

The given article analyses the military terminology and their sphere of functioning in English and Russian languages. The definition of military terminology is too complicated, as the sphere of their functioning is wide. In addition, the military terminology can relate to the words and combinations that do not express the meaning of military however are used just in military surroundings.

Military terminology are characterized by special sphere of functioning, and along with definite function and systematizing can be sign, which allow to concern this or that word or combination to the group of military terminology.

***Key words:*** *military terminology, functioning, army, armed forces, military lexis.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Азизова Мастона Ҳамидовна -** номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгор, Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

**Сведения об авторе: Азизова Мастона Хамидовна - к**андидат филологических наук, старший преподаватель, Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова

**Information about the author:Azizova Mastona Khamidovna -** Candidate of Philology, Senior Lecturer, Khujand State University named after academician B. Gafurov

УДК: 07+659(575.3)

# ТЕЛЕВИЗИОН - УНСУРИ ТАЪСИРРАСОН БА АФКОРИ УМУМ

*Мавлонов Х.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар муқоиса ба матбуот шаклҳои электронии ВАО таърихи тӯлонӣ надошта, чанд даҳсола аст, ки фаъолият доранд. Табиист, ки дар фазои ВАО воситаҳои электронӣ бештар мавқеъ пайдо намуданд ва омма аз навгониҳо бештар ба воситаи онҳо воқиф мегарданд. Чун дастрас намудани иттилоот ба воситаи шаклҳои электронии ВАО саривақтӣ ва дастрас намуданаш осон мебошад.

Телевизион аз воситаҳои муҳимми таъсиррасон ба шумор меравад. Дар ҳоли кунун он ҳамчун қисми ҷудонанашвандаи ҷомеа шинохта шудааст. Новобаста аз самти фаъолият имрӯз аксарияти телвизионҳо тамошобини худро доранд. Тамошои он бошад, як қисмати асосии ҳаёти ҷомеаро ташкил медиҳад. Ҳатто будани онро дар хонаҳо мардум ҳатмӣ меҳисобанд. Ҳамин аст, ки имрӯз ҳеҷ як хонаро бе телевизион тасаввур карда наметавонем.

Саҳми олимони бритониёӣ Айртон ва Периро дар пайдоиши телевизион бориз арзёбӣ мекунанд. Зеро маҳз ин ду олим идеяи истифодаи тасвирҳоро бо неруи барқ пешниҳод карда буданд. Аммо бо татбиқи ин андеша дар соли 1880 дарк карданд, ки сохтани чунин як дастгоҳ ғайриимкон аст, зеро дар он замон тавлиди таҷҳизот барои амалӣ намудани он ҳанӯз хеле заиф буд [11].

Собиқаи дигари рӯйдод ё худ пайдоиши аввалин нишонаҳои телевизион, ки вазифаи фиристодани аксҳо дар масофаи дурро пешбинӣ намуда буд, ҳамчунин дар ҳамон сол ба олими америкоӣ В.Е. Сойер ва олими фаронсавӣ Морис Леблан марбут медонанд. Телевизиори ихтиронамудаи ин ду олимро баъди пайдоиш телевизори электромеханикӣ унвон карданд.

Қадами нисбатан устувор дар ин самт соли 1884 аз тарафи муҳандиси олмонӣ Паул Готлиб (дар баъзе ҷой Нипков) гузошта шуд. Дар солҳои 1920-1922 аллакай шакли мукаммали телевизор ба омма пешниҳод гардид.

Калимаи “Télévision” аз юнонии τῆλε “масофа” ва лотинии *vīsio* “дидан” пайдо шудааст. Аввалин маротиба истилоҳи мазкур дар Фаронса соли 1900 аз ҷониби олими рус Константин Перрит дар VI Конфронси байналхалқии электротехникӣ, ки дар доираи намоишгоҳи умумиҷаҳонӣ дар Париж сурат гирифта буд, истифода бурда шудааст. Дар забони англисӣ бошад, бори аввал дар соли 1907 дар шарҳи "системаи гипотезӣ барои интиқоли тасвирҳои ҳаракаткунанда дар телеграф ё телефонҳо" ба вуҷуд омадааст. Аввал дар Русия, калимаи "телевизор" истифода намешуд. Танҳо дар нимаи солҳои 30-юми дар ИҶШС калимаҳои “электровидение”, “дальновидение” ва “радиотелескопию”-ро иваз намуд [10].

Дар аввали пайдоиш албатта ҳадаф як чиз буд, чизеро бояд ба бинанда нишон дод. Рафта-рафта баъди оммавӣ шудани телевизион барои чӣ нишон додану чӣ нишон надодан, дар он вазифа ва дастурҳо баромад. Яъне, зарурате ба миён омад, ки телевизион дар чаҳорчӯбаи муайян барои оммаи майян бояд фаъолият намояд. Нигаронкунанда ҳам ҳаст, ки дар фазои ВАО-и имрӯза, бахсус дар телевизион зимомдорони он, баъзан, сарфи назар аз арзишҳои инсонӣ, милливу

фарҳангӣ, барои тарғиби манфиатҳои худ, барномаҳоеро пахш мекунанд, ки бар хилофи ҳамагуна одобу ахлоқ ва арзишҳо меистанд.

Телевизион чун васоити паҳнкунандаи ахбор танҳо солҳои 60-ум асри гузашта дар баробари матбуот ва радио ҳамчун воситаи расонандаи ахбор шинохта шуд. Агар ба таври умум хулоса кунем, ягон воситаи расонандаи иттилоот ва дастоварди техникӣ ба ҳаёти ҳаррӯзаи омма мисли телевизион зуд ворид нашуд ва ба инкишофи ҳамаҷонибаи инсоният мисли он таъсиргузор нагардид.

"Ин қуттӣ сари чандин шоҳасарро мехӯрад," – гуфта буд, баъди пайдоиши телевизион нависандаи америкоӣ Ҷек Лондон. Воқеан телевизион баъди пайдоиш авлавият пайдо карда, ба зудӣ роҳу равнақи тозаро ба худ касб кард. Дар муддати мадид, вай дар байни дигар ВАО мавқеъ ва ҷойгоҳи махсусро ҷиҳати расонидани хабарҳо ва сареҳияти он ба даст овард. Дақиқан махсусиятҳое ҳаст, ки ин бартариҳоро ба телевизион додааст. Аз ҷумла имкониятҳои техникӣ, дидани он, фаҳмоию дастрас, тарзи истифодаи мавод, роҳҳои муассир кардани матн, интихоби шакли баён ва ғайраҳо.

Далоиле, ки телевизионро дар қатори дигар ВАО бартар нишон медиҳад, хеле зиёданд. Системаи жанрие, ки дар телевизион ба роҳ монда шуд, ки тамошобин метавонист, ба ҳар чиз хӯрдагирона нигоҳ кунаду ҳар чизро аз диди худаш хулоса кунад, онро ба бартарии комил оварда расонид.

Дар боби мавқеъ ва ҷойгоҳи телевизион дар миёни дигар ВАО гуфтаю навиштаҳо хеле зиёданд. Нуқтаи асосие, ки мо ба он такя мекунем, ин мутааллиқ донистани телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои таъсиррасон мебошад.

Набояд фаромӯш кард, ки телевизион яке аз воситаҳои пуриқтидортарини таъсиргузор ба шумор меравад. Пуриқтидор маҳз ба он хотир ҳисобида мешвад, ки оммаи васеи одамон ҳамарӯза аз он истифода мекунанд. "40 фоизи ҳаёти шахси замонавӣ маҳз дар тамошои телевизион сарф мешавад" [5, с. 36]. Аз ин нукта метавон гуфт, ки модоме, як нафар ин қадар вақти худро ба тамошои телевизион сарф кунад, аз ин миён хоҳу нохоҳ барнома ва наворҳое пахш ва манзури бинанда мегарданд, ки ба шуур ва афкораш бетаъсир намемонанд.

Имрӯзҳо телевизион дар баробари оила, ҷомеа, муҳит, равоншиносону ҷомеашиносон ва дигар воситаҳои таъсиррасон дар инкишофи маънавӣ ва тарбияву ахлоқии инсонҳо нақшаш кам нест. Ҳар кадом гурӯҳ ба таъбу завқи зуд ба таври васеъ аз телевизион истифода мекунанд.

Ҳамчунин, дар ин раванд давлатҳои абарқудрат низ ба фаъолияти телевизион аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Бахри таъсис додани телевизионҳои худӣ дар марзи давлатҳои дигар саъю талош менамоянд. Зеро дақиқ гаштааст, ки телевизион беҳтарин васоити маҳвкунандаи мафкураи омма ба шумор меравад ва барои ба даст гирифтани лаҷоми кишвар беҳтарин ва қулайтарин восита аст. Бо назардошти ҳамин асри XXI-ро замони муборизаҳои идеологӣ, таҳоҷуми иттилоотӣ ва набардҳои шадиди лафзиву равонӣ унвон кардаанд. Давлатҳои абарқудрат, яке аз комёбӣ ва ба абарқудрат бадал шуданашон низ маҳз ҳамин аст, ки дар ин раванди глобалӣ пирӯз шудаанд. Маҳз имконоти васеи онҳо дар баробари имкониятҳои моливу фаннӣ ва неруҳои зеҳнӣ, доштани ВАО пуриқтидор, бахсус телевизион ба ҳисоб меравад. Ин гуфтаро аксари назарсанҷиҳо, муборизаҳо, ҷангҳои равониву лафзӣ, ки тавассути ВАО роҳандозӣ мешаванд, собит намудааст.

Шояд баъзан саволеро низ пеш орад, ки ВАО чӣ гуна метавонад, давлатеро пуриқтидор намояд. Ба таври одӣ метавон шарҳ дод, ки ВАО қудрату тавонии ҳар

давлатро ба таври даҳчанд нишон медиҳад. Ба гумон хато нашавад, ки ин раванд гуфтаи “Овозаи Рустам беҳ аз Рустам”-ро мемонад. ВАО бо ҳар роҳу восита нуфузи давлатроҳоро дар худ нигоҳ медорад ва онро даҳчанд ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад. Ҳамин аст, ки барои таъсис, мавҷудият ва фаъолияти босамари онҳо маблағҳои ҳангуфт ҷудо мегардад. “Дар солҳои охир тавассути тадқиқу мубоҳисаҳо оид ба ВАО истилоҳи “империализми иттилоотӣ” ба миён омад. Онро ҳамчун системаи муайяни ВАО - и давлатҳои бузурги сармоядори инҳисоршуда ва шакли таъмини тарғиби сиёсати дохилию берунаи онҳо маънидод кардан мумкин аст,” [4, с.9] - мегӯяд муҳаққиқи журналистикаи тоҷик Абудсаттор Нуралиев. Ба таъкиди ин муҳаққиқ, ҳоло дар сиёсат ВАО як қисми ҷудонашаванда ба ҳисоб меравад.

Бешак имрӯзҳо ВАО ба афкори ҷомеа таъсир расонида, дар рушду ташаккули он ба таври мусбат ё манфӣ мусоидат мекунад. Оммаро хоҳ ба созандагӣ даъват мекунад ва ё ба роҳи хато тела медиҳад. Мардумро дар атрофи як шахсият ё чанд нафари муҳими сиёсию иҷтимоӣ бо ҳам меораду муттаҳид мекунанд ва ё баръакс.

Таъбири ин ки “Фазои иттилоотӣ ба таври табиӣ ҳар қадар худитар монад, ба ҳамон андоза амнияти кишвар беҳтар таъмин мешавад” [7, с. 73] ба замон хеле созгор мебошад. Чун телевизион як андоза самти фаъолияташро тағйир дода, дар баробари расонандаи ахбор ва фароғат ба дастгоҳи азими тарғиботиву тиҷоратӣ табдил ёфтааст. Дар тамоми давлатҳо, ҳоло истилоҳи “глобализатсия” ба кор мебаранд. Ба он маъно, ки дар ин раванд ҳарчи мекӯшад, як фараҳанг болои фарҳанги дигар ғолиб ояд. Ё маҳви фарҳангҳо ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина барои ба ҳадаф расидан, телевизонро дар тамоми ҷаҳон ҳамчун дастгоҳи ёрирасон дар ин самт истифода мебаранд. Чуноне гуфтем дар замони кунунӣ, умуман баъди пайдоиш хурду калон ҳама рӯ ба тамошои телевизор оварданд.

Албатта, ба кадом намуди фаъолият пардохтани телевизион аз самти пешгирифтаи он вобаста аст. Фароғатӣ, таблиғӣ, омӯзишӣ, маърифатӣ, варзишӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳо. Ҳар кишвар вобаста ба ин қонунҳои махсуси худро қабул кардааст. Дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ” [3] амал мекунад, ки моддаҳои он самти фаъолияти телевизионро муайян мекунанд. Моддаи 9-и қонуни мазкур, ки дар бораи Вазифаҳои асосии ташкилотҳои давлатии телевизион ва радиошунавонист, вазифаҳои асосии телевизион ва радиоро муайян мекунад. Дар моддаи мазкур чунин омадааст: “Сари вақт огоҳ намудани шувандагони радио ва тамошобинони телевизион аз ҳаводиси ҷамъиятию сиёсӣ ва дигар воқеоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи он, паҳн намудани ахбори расмӣ, санадҳои мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва ҳокимияти судӣ, ки ба таблиғи расмӣ ҳуқуқ доранд; таҳия ва пахш кардани барномаҳои иқтисодӣ, публитсистӣ, фарҳангию маърифатӣ, таълимӣ, шавқангез, варзишӣ; инъикоси рамзи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон; мусоидат ва таҳкими робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

Хуб аст, ки имӯзҳо дар кишвари мо низ вобаста ба самтҳо телевизонҳо фаъолияти рӯзмарра доранд. Барои кӯдакон “Баҳристон”, барои дӯстдорони варзиш телевизони “Варзиш” ва “Футбол”, барои тамошои филмҳо “Синамо”, барои воқиф шудан аз рӯдодҳои олам “Ҷаҳоннамо”, инчунин телевизони “Тоҷикстон” ва “Сафина” барои хабарҳои расмӣ ва дигар мавзӯҳои дохилию хориҷӣ пешбинӣ шудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Зафарҷон Эшматов барномасозӣ ё худ таҳияи намоиш меҳвари аслии фаъолияти рӯзмарраи кормандони телевизион аст: “Ҳар шабакаи телевизионӣ дар доираи он ҳадафҳое, ки назди худ гузоштааст (тарғиби ғоя, ташвиқи сиёсат, ҳукумат кардан, сармоя ғун кардан), бо нигоҳи хоса ва дарку фаҳмиши вижаи худ намоиш омода мекунад” [9, с 86]. Аз он ки дар кишвар мо ҷойгоҳ ва мавқеи асосӣ ба шабакаҳои давлатӣ дода шуда аст, табиист, ки якрангӣ дар ҳама шабакаҳоямон ба назар мерасад. Гузашта аз ин, муҳаққиқи соҳаи журналистика А. Саъдуллоев чунин андеша дорад, ки “сароғози воситаҳои ахбори умум дар ҳамаи давру замонҳо ва ҳукумату ҷараёнҳо таъсир расонидан ба самтҳои идеологии даврон, ташаккули афкори омма, завқбахшӣ ба кору фаъолият, баланд бурдани сатҳи ғоявӣ, умумимаърифатӣ, фароҳам сохтани шароит ба ташвиқ ва тарғиби хаттӣ, телевизионӣ ва шифоҳӣ ва гузоштани талаботи қатъӣ ба ин фаъолият будааст” [6, с. 33]. Муҳаққики дигари журналистикаи тоҷик И. Усмонов низ роҷеъ ба ин мавзӯъ чунин андеша дорад: “Ғояи таблиғ кардан мақсади азалии дастгоҳи идеологӣ буду ҳаст. Дар журналистика таблиғ вазифа ва мақсади ниҳоиро ифода мекунад” [8, с. 34].

Дар воқеъ телевизион дар маҷмӯъ як дастгоҳ аст. Таъсири телевизион низ ба афкори ҷомеа ба он вобаста аст, ки як ҳодиса ба кадом роҳу усул пешниҳод карда мешавад, рӯзноманигор ин ё он далел ва ё воқеаро аз кадом нуқтаи назар баён менамояд. Яъне, журналист бояд донад, ки муносибати ҷомеа ба ҳодисаи рӯзмарра ба шарҳу тафсири навгониҳо аз ҷониби ӯ вобаста аст. Ба ҳамин васила расонаҳо вобаста ба мавқеъ, фарҳанги сиёсии рӯзноманигор, тамоюли хабарнигор ба ин ё он гурӯҳ дар инъикоси гуногуни рӯйдоду воқеаҳо ба афкори ҷомеа таъсир мегузоранд.

Талабот ва диду хоҳиши тамошо аз телевизони муосири тоҷик имрӯз тақозо менамояд, ки барномаҳояшро дар шакли ҷолиб ва диданӣ пешниҳоди ҷомеа гардонад.

## АДАБИЁТ

1. Азимов А. Маҳорати журналисти таҳлилгари телевизион / А. Азимов. -Душанбе: Шарқи озод, 2013. - 84 с.

2. Гулов С., Ҷумъаев М. Муқаддимаи журналистика / С. Гулов, М. Ҷумъаев. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 176 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ”, 14 ноябри соли 1996.

4. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ. Қ.1. А. Нуралиев. - Душанбе: Сино, 2001. - С. 9.

5. Пронина Е.Е. Психология журналистского творчество. Е.Е. Пронина. - М., 2003. - С. 36.

6. Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши дуввум бо тағйироту иловаҳо. А. Саъдуллоев, М. Шоев. - Душанбе, 2010. - С 76.

7. Усмонов И.К. Журналистика. И.К. Усмонов - Душанбе, 2011. - С. 73.

8. Усмонов И. Назарияи публитсистика. И. Усмонов - Душанбе, 1999. - С. 34.

9. Эшматов З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон. З. Эшматов - Душанбе, 2016. - 130 с.

10. http://abilitron.blogspot.com/2009/08/istoria-poyavlenia-televideniya.html

11.https://ru.wikipedia.org/wiki/%

## ТЕЛЕВИЗИОН - УНСУРИ ТАЪСИРРАСОН БА АФКОРИ УМУМ

Ин мақола таҳқиқи мухтасари муҳаққиқ дар бораи телевизион – яке аз воситаҳои муҳимми таъсиррасон ба афкори умум, мебошад. Муаллиф бо истифода аз сарчашма ва адабиётҳои илмӣ саҳм ва нақши телевизионро ба афкори умум баррасӣ намудааст.

Дар воқеъ телевизион аз воситаҳои муҳимми таъсиррасон ба шумор меравад. Дар ҳоли кунун он ҳамчун қисми ҷудонанашвандаи ҷомеа шинохта шудааст. Новобаста аз самти фаъолият имрӯз аксарияти телвизионҳо тамошобини худро доранд. Тамошои он бошад, як қисмати асосии ҳаёти ҷомеаро ташкил медиҳад. Ҳатто будани онро дар хонаҳо мардум ҳатмӣ меҳисобанд. Ҳамин аст, ки имрӯз ҳеҷ як хонаро бе телевизион тасаввур карда наметавонем.

Телевизион барои таъсир расондан ба афкори ҷомеа дорои имкониятҳои васеъ мебошад. Дар шароити кунунӣ бо истифода аз таҷҳизотҳои замонавӣ шакли барномаҳо рангу намуд ва мазмуни тоза гирифту дар объективии ҳаёти одамон, муҳити ахлоқии ҷомеа ва афкори ҷомеа бештар таъсиррасон гардид.

Ҳамин тавр муаллиф дар мақолаи худ телевизионро чун дастгоҳи бузурги ташвиқу тарғиби ин ё он тарзи зиндагӣ, руйдоди рӯзмарраи ҷомеаи ҷаҳон, масоили гуногуни сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, илму фарҳанг ба таҳқиқ фаро хондааст.

**Калидвожаҳо:** телевизион, ташвиқ, таъсир, афкор, омма, нақш, ҷомеа, аудитория, тамошобин, дастгоҳи идеологӣ.

## ТЕЛЕВИДЕНИЕ КАК ЭЛЕМЕНТ ВОЗДЕЙСТВИЯ НА ОБЩЕСТВЕННОЕ МНЕНИЕ

Эта статья представляет собой краткое исследование телевидения - одного из важнейших средств воздействия на общественное мнение. Используя научные источники и литературу, автор анализирует вклад и роль телевидения в формировании общественного мнения.

По сути, телевидение можно назвать одним из важнейших средств воздействия. Сегодня это действие является неотъемлемой частью общества. Независимо от сферы деятельности, у большинства телеканалов имеются свои зрители. Просмотр - ключевая часть жизни общества. Даже дома люди считают это обязательным элементом. Поэтому сегодня мы не можем представить дом без телевизора.

Телевидение имеет широкий спектр возможностей влиять на общественное мнение. В нынешней ситуации, с использованием современного оборудования, форма программ стала более красочной и содержательной, стала более влиятельной в объективности жизни людей, нравственной среде общества и общественном мнении.

Так, в своей статье автор называет телевидение прекрасным инструментом для пропаганды того или иного образа жизни, актуальных событий мирового сообщества, различных вопросов политики, экономики, общества, науки и культуры.

***Ключевые слова:*** *телевидение, пропаганда, влияние, мнение, масса, роль, общество, аудитория, аудитория, идеологический прием.*

## TELEVISION AS AN ELEMENT IMPACT ON PUBLIC OPINION

This article is a brief survey of television, one of the most important means of influencing public opinion. Using scientific sources and literature, the author analyzes the contribution and role of television in shaping public opinion.

In fact, television can be called one of the most important means of influence. Today, this action is an integral part of society. Regardless of the field of activity, most TV channels have their own viewers. Viewing is a key part of society. Even at home, people consider it a must. Therefore, today we cannot imagine a home without a TV.

Television has a wide range of opportunities to influence public opinion. In the current situation, with the use of modern equipment, the form of programs has become more colorful and meaningful, has become more influential in the objectivity of people's life, the moral environment of society and public opinion.

Therefore, in his article, the author calls television an excellent tool for promoting a particular way of life, current events of the world community, and various issues of politics, economics, society, science and culture.

***Key words:*** *television, propaganda, influence, opinion, mass, role, society, audience, audience, ideological device.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Мавлонов Хуршед Давлаталиевич - докторанти Ph.D-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: hurshed.0001@mail.ru. Телефон: **(+992) 988-68-76-08**

**Сведения об авторе:** Мавлонов Хуршед Давлаталиевич - докторант Ph.D кафедры телевидение и радиовещание факультета журналистики Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: hurshed.0001@mail.ru. Телефон: **(+992) 988-68-76-08**

**Information about the author:** Mavlonov Khurshed Davlatalievich - Tajik National University, Doctoral Ph.D. of Chair of Journalism. **Address:** 7340 25, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: hurshed.0001@mail.ru Phone: **(+992) 988-68-76-08**

УДК: 338.43.02

# АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МАҲАЛЛҲОИ ДЕҲОТ

*Асоев М.М.*

**Акдемияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ислоҳоти иқтисодие, ки дар даҳсолаҳои охир татбиқ гардида истодаанд, ба тағйиротҳои ҷиддӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расониданд. То вақтҳои охир истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ асосан бар дӯши совхозҳо ва колхозҳо вогузор гардида буд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ягон низоми хоҷагии халқ наметавонад танҳо дар як-ду намуди истеҳсолот амал намуда, дар баробари ин таносубҳои заруриро дар рушди худ таъмин созанд. [1,54-59].

Аз рӯи тадқиқотҳо исбот карда шудааст, ки ҳангоме ки мамлакат ба давраи нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мегузарад, норасоии захираҳои молиявӣ имкон фароҳам намеоранд, то дар як вақт ҳамаи соҳаҳои комплексии агросаноатиро рушд диҳем, аз ҷумла инфрасохтори иҷтимоиро низ. Аз ҳамин сабаб, мувофиқи мақсад мебуд, агар диққатро ба инфрасохтори иҷтимоӣ равона месохтем, ки ҳамчун замин ба ҳисоб меравад, яъне ба хизматрасониҳои аҳамияти иҷтимоидошта, ки аз ҷониби соҳаҳои тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дар баробари ин, дар мақола қайд карда мешавад, ки соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ дар маҳалҳои деҳот натиҷаи вобастагии мутақобила ва мақсадноки ҳамоҳангии категорияҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои иҷтимоиро ифода менамояд, аз ҷумла, синфҳои аҳолии қишрҳои касбӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва инчунин умумиятҳои миллӣ оид ба чунин шароитҳои ҳаёт ва фаъолият, ки ба такрористеҳсолии сармояи инсонӣ мусоидат менамоянд.

**Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ)**яке аз минтақаи муқтадири ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Минтақа дорои иқтидори назарраси табиӣ-иқтисодӣ ва меҳнатӣ буда, беш аз 2,0 млн.нафар. ё 23% аҳолии ҷумҳурӣ дар минтақаи мазкур зиндагӣ мекунанд. НТҶ аз ду минтақа иборат мебошад: минтақаи Ҳисор ва Рашт.

Дар **минтақаи Ҳисор**1695,7 ҳаз.нафар ё 84,7% аҳолии минтақа зиндагӣ менамояд.Иқтидори табиӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзии минтақаи Ҳисор ҳангоми самаранок истифодабарии он имкон фароҳам меорад, то шуғли аҳолиро таъмин намуда, сатҳи камбизоатии онро коҳиш дода, амнияти озуқаворecho минтақаро ҷоннок гардонида, инчунин имкониятҳои содиротии онро вусъат бахшем. Сохтори соҳавии маҳсулоти соҳаи кишоварзии минтақаи Ҳисор нишон медиҳад, ки пахтапарварӣ (беш аз 20%) ва чорводорӣ (20,4%) ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин, дар ин ҷо беш аз 68% геран, 19,5% - картошка, 20% - меваҷот, 30% -ангур 15% - пилла истеҳсол мегардад.

**Минтақаи Рашт** минтақаи кӯҳӣ ба ҳисоб меравад**.** Дар минтақаи мазкур беш аз 400 ҳаз.нафар, ё 15,3% аҳолии НТҶ зиндагӣ мекунанд. Дар минтақаи Рашт соҳаҳои чорводорӣ, боғдорӣ тараққӣ ёфтаанд, ки дар тамоми ҷаҳон машҳур мебошад. Иқтидори табиӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзии минтақа ҳангоми истифодабарии самараноки он имкон фароҳам меорад, то шуғли аҳолии деҳот таъмин гардида, сатҳи камбизоатии онро назаррасан коҳиш дода, амнияти озуқавориро ҷоннок гардонида, инчунин имкониятҳои содиротии онро вусъат мебахшад. Аз ҳамин сабаб рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва таъмини амнияти иқтисодӣ-озуқавории он зарурияти такрористеҳсолӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоиро ҷиддан талаб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2019 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9,3 млн. нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 73,4% (6,9 млн.) дар маҳалли деҳот зиндагӣ намуда, рушди аҳолӣ 2,3% ташкил дод. Ҳаҷм ва сохтори соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавассути шумораи аҳолии деҳот, таносуби шумораи аҳолии синну соли ғайри қобили меҳнат ва қобили меҳнат ва сатҳи ҳаёт муайян карда мешавад .

Чи тавре ки дар боло ишора гардид, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) минтақаи қобили меҳнати барзиёд ба ҳисоб меравад, ки беш аз 2,2 млн. нафар дар минтақаи мазкур зиндагӣ намуда, шумораи аҳолӣ аз рӯи ноҳияҳои НТҶ дар ҷадвали 1 оварда мешавад.

Ҷадвали 1

Шумораи аҳолӣ дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ)
дар солҳои 2013- 2018 ҳазор нафар

| | **Солҳо** | | | | | | **2017 ба с.2013 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | |
| **НТҶ** | **1874,0** | **1922,0** | **1972,0** | **2021,2** | **2069,2** | **2120,0** | **110,4** |
| **водии Ҳисор** | | | | | | | |
| н.Варзоб | 70,9 | 72,3 | 74,8 | 76,9 | 78,7 | 80,5 | 111,0 |
| н. Ҳисор | 265,9 | 273,3 | 280,6 | 287,4 | 293,9 | 301,6 | 110,5 |
| Ваҳдат | 303,0 | 309,9 | 317,1 | 324,0 | 330,1 | 336,9 | 108,9 |
| Рӯдакӣ | 437,0 | 449,6 | 463,1 | 476,5 | 490,6 | 504,3 | 112,2 |
| Турсунзода | 261,5 | 267,3 | 273,9 | 280,0 | 286,2 | 292,6 | 109,4 |
| Файзобод | 89,9 | 92,3 | 94,5 | 96,9 | 98,7 | 101,4 | 109,7 |
| Шаҳринав | 105,2 | 108,2 | 111,5 | 114,4 | 117,5 | 120,5 | 111,6 |
| **Ҳамагӣ дар водии Ҳисор** | 1533,4 | 1572,8 | 1615,5 | 1656,1 | 1695,7 | 1737,8 | 110,5 |
| **Минтақаи Рашт** | | | | | | | |
| н. Ляхш | 59,1 | 60,3 | 61,3 | 62,6 | 63,8 | 65,1 | 107,9 |
| Нуробод | 70,0 | 72,1 | 74,2 | 76,1 | 78,3 | 80,1 | 111,8 |
| Рашт | 111,2 | 113,7 | 116,6 | 119,5 | 122,3 | 125,4 | 109,9 |
| Роғун | 39,3 | 40,2 | 41,2 | 42,0 | 42,6 | 43,7 | 108,3 |
| Сангвор | 20,7 | 21,2 | 21,6 | 21,9 | 22,4 | 22,9 | 108,2 |
| Тоҷикобод | 40,3 | 41,2 | 42,0 | 43,0 | 43,0 | 45 | 106,6 |
| **Ҳамагӣ дар минтақа** | 340,6 | 349,2 | 356,5 | 365,1 | 373,5 | 382,2 | 109,6 |

***Сарчашма: Агентии омории назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон«Минтақаҳо»Душанбе.-2018, саҳ.18***

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвал мушоҳида мешавад, шумораи аҳолӣ дар НТҶ дар соли 2017 дар муқоиса бо соли 2013 ба 195,2 ҳаз.нафар ё 110,4% афзоиш ёфта, дар водии Ҳисор бошад, 162,3; 110%, 33; 109,6% ташкил дод. Таҳлил нишон медиҳад, ки болоравии муҳимияти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа бо афзоиши аҳолии маҳалҳои деҳот вобаста мебошад. Барои ҳамин дар воқеият сохтори хеле мушкили соҳаи инфрасохтои иҷтимоӣ ба миён меояд. Бояд ба инобат бигирем, ки

коркард ва татбиқи чораҳое, ки ба афзоишёбии шумораи аҳолии қобили меҳнат ва таъминоти шуғли оқилона равона гардидаанд, ноилгардии чунин вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки ҳангоми он барои ҳар як сокини минтақа шароитҳои якранги баробари дастрасии неруи иқтисодӣ барпо хоҳанд гардид. Имрӯз бо боварӣ метавон тасдиқ намуд, ки мо ба истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ-иқтисодӣ гузаштем. Такрористеҳсолии қувваҳои истеҳсолии миллӣ дар заминаи қонеъгардонии оқилонаи талаботҳои аҳолӣ оид ба маводи ғизоӣ, манзил, таълим ва дигар неъматҳои аввалаи ҳаётӣ вазифаи беҳамтои давлат ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи ноҳияҳои зиёди маҳалҳои НТҶ нишон медиҳад, ки воридшавӣ ва хориҷшавии кормандон дар вобастагии мустақим аз вазъи маҳалли деҳот ва имкониятҳои охирин дар барпосозии шароитҳо барои маҳсулнокии нисбатани меҳнат, баландбардории накши истеҳсолоти кишоварзӣ дар баландбардории тарз ва сифати ҳаёти аҳолии деҳот карор дорад.

«Тарзи ҳаёт – пеш аз ҳама, бо усули истеҳсолот, сатҳи ҳаёт, маҷмӯи шароитҳои воқей-ҷуғрофӣ ва ҷамъиятӣ-таърихӣ муайян мегардад. Тарзи ҳаёт нишон медиҳад, ки одамон чӣ тавр ва барои чӣ зиндагӣ намуда, ба чӣ машғул буда, амал намуда, моҳиятан ҳаёти онҳоро пурра месозанд» [4,196].

Таҳлили мушаххаси рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ноҳияҳои минтақа, ки моҳият ва мазмуни мушкилоти ташаккулёбии инфрасохтори иҷтимоии маҳалҳои деҳотро ташкил медиҳанд, бо омилҳои гуногун алоқаманд мебошанд. Масалан, барои ноҳияҳои НТҶ мушкилоти сохтмони манзил ҳамчун заминаи базавии рушди маҳалли деҳот, ба монанди дигар омилҳо на танҳо барои назария, балки барои таҷрибаи хоҷагидорӣ низ муҳим мебошад.

Сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бешакку шубҳа ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таъсири калонро мерасонад. Барои ҳамин ҳам ҳангоми муайянсозии самаранокии истеҳсолот ва омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд, бояд инчунин инфрасохтори иҷтимоиро низ ба инобат бигирем. Агар таҳлил намоем, кичи тавр инфрасохтори иҷтимоӣ ба самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонад.

Якум, инфрасохтори иҷтимоӣ заминаҳоро барои такрористеҳсолии қувваи корӣ барпо намуда, дуюм, аз рӯи саломатӣ ва донишомӯзӣ назорат намуда, сеюм, бо молҳои ғизоӣ ва саноатӣ, тавассути шабакаи муассисаҳои тиҷоратӣ таъмин намуда, чорум, неруи фарҳангӣ-ахлоқии аҳолии деҳотро дастгирӣ менамояд. Дар умум, фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ ба қонеъгардонии талаботҳои аҳолии деҳот равона гардидааст. [2, 116-118]

Агар сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ баланд бошад, он гоҳ ин наметавонад ба самаранокии истеҳсолот таъсир расонад. Масалан, агар донишандӯзии кӯдакон ва баъдан гирифтани касби онҳо хуб бошад, ин имкон фароҳам меорад, то соҳиби кадрҳои пуртаҷриба гардем, ки маҳсулнокии онҳо, бешакку шубҳа баландтар хоҳад буд, нисбат ба кормандони бетаҷриба.

Инчунин, агар сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба наздик намудани шароитҳои ҳаёт дар шаҳр ва деҳот имкон фароҳам орад, он гоҳ ин мутахассисони баланд таҷрибаро бо маълумоти олӣ ба маҳаллҳои деҳот ҷалб месозад, ки дар айни замон раванди баръакс мушоҳида мешавад. Вақте аз шароитҳои қонеънагардидаи ҳаётӣ кормандони соҳибтаҷриба ба шаҳр кӯчиш менамоянд ва ин раванд, пеш аз ҳама, ба сифати фаъолият ва баъдан ба самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонад.

Метавон қайд намуд, ки инфрасохтори иҷтимоии ташаккулгардида ба кормандони кишоварзӣ имкон фароҳам меорад, то диққати зиёдро ба раванди истеҳсолот бубахшанд, на ба ҷустуҷӯи маҳсулотҳо ё хизматрасониҳои зарурӣ.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки дар тадқиқотҳои олимон иқтисод-кишоварзӣ ба истифодабарии имкониятҳои захираҳои ноҳияҳои НТҶ диққати кам дода мешавад. Онҳо таъминкунандагони муқтадири ҳамаи намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва базаи «захиравӣ»-и таъминоти шуғли аҳолии бошиддат афзоишёбанда ба ҳисоб мераванд. [3, 34-58]

Аз рӯи тадқиқотҳо муқаррар гардидааст, ки НТҶ таъминкунандаи молҳои кишоварзӣ ба ш. Душанбе ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Нақши минтақа дар ноилгардии амнияти озуқаворechии ҷумҳурӣ муҳим боқӣ мондааст.

Дар навбати худ, вазъи бозори озуқаворӣ бештар аз вазъи истеҳсоли маҳсулот дар ин ё он маҳал, сатҳи талабот ва таклифот аз рӯи онҳо, ва инчунин даромади аҳолии ин ё он минтақа вобаста мебошад, барои он ки сатҳи дахлдори қобилияти харидориро таъмин созем, зарур аст, то онро аз рӯи меъёрҳои илман-асоснокгардидаи ғизо таъмин созем, ки аз ҷониби Институти «Ғизо»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардидааст. Истеҳсоли маҳсулот ба сари аҳолии НТҶ дар (ҷадвали. 2.) оварда шудааст.

Ҷадвали 2.

**Истеҳсолимаҳсулотикишоварзӣба як нафар аҳолӣ (кг)**

| Номгуй | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
Ё худ дар боби «Овозаи тешаи Фарҳодро шунида, ҳамчун офтоб ба сари ӯ расидани Ширин. Бо дидани Ширин аз ҳуш рафта хомӯш шудани шамъи Фарҳод ва аз ин ҳодиса оташ афтодан ба дили Шопур» Навоӣ ҳангоми тасвири образи Ширин ва ба хонанда шинос намудани хислату рафтор ва зебогии чеҳраи Ширин аз чунин ташбеҳҳо истифода намудааст, ки аз маҳорати суханофаринӣ ва образофаринии устоди бузург шаҳодат медиҳад.Чунончӣ Ширинро ба хайли паризод, ба гирди гул шабнамангез буданро тасвир намудааст, ҳамзамон зулфи парешони ӯро ба каманди хорканҳо, фарқи пешонаи ӯро ба хатти кофур ва ранги зулфони уро ба мушки сияҳтобе, ки мисли шоми торик рӯи моҳтобро мепӯшад ташбеҳ додааст.:

Хиромон шуд ба он сӯ сарви озод,
Ба гирди ӯ равон хайли паризод,…
Праешон гашта зулфи паршиканҳо,
Ки то гардад каманди хорканҳо,
Каманде буд ба он ду шоми дайҷур,
Шуда фарқ аз миён як хатти кофур.
Шуда бар меъҷар он мушки сияҳтоб,
Сияҳ шоме, ки пӯшад рӯи моҳтоб.
Ба атрофи рухаш дурри лалолӣ,
Бувад дар гирдаи мехр анҷуммисоле…
Ду абрӯяш ҳилоли фитнаангез,
Навишта бар сари он моҳ хунрез…

Чу шаккар лаб, дар он набвад намак кам,
Бувад ҷои намак қанд олам-олам…
Шуда ҳар як мижа як нӯги хома,
Барои сабт кардан қатлнома.
(8.100-101-103)

Таъкид кардан зарур аст, ки достонҳо саропо бо ин санъат оро ёфтаанд, ва ҳар як ташбеҳкунандаву ташбеҳшаванда бо як маҳорати баланди образофаринӣ тасвир карда шудаанд.

Дар достонҳо санъати ташбеҳ нисбат ба дигар санъатҳои бадеӣ серистеъмолтар аст. Илова бар ин мутафаккирон аз навъҳои гуногуни ташбеҳ – рӯшан, пӯшида, мураккаб

бо маҳорат истифода намуда манзараи ҳодисаву воқеаҳо ва симову хусусияти қаҳрамонҳои достонҳоро ба ягон чизе монанд кардаанд.

Чунончӣ, Ҷомӣ дар достон Зулайхоро ба хуршед, кони оташ, боди сарсарӣ, ғунчаи бӯстон, тозасарв, сайди захмнок киштишикаста ва амсоли инҳо ташбеҳ менамоянд. Шоир аз забони дояи Зулайхо ду навъи ташбеҳ-ташбеҳи рушан ва пӯшидаро оварда, аз тамоми унсурҳои ташбеҳ бо маҳорати воло истифода кардааст.

**Ташбеҳи равшан** – ташбеҳеро, ки бо ёридиҳандаи монандӣ сохта мешавад, ташбеҳи равшан меноманд.(3)

**Ташбеҳи пӯшида** – ташбеҳе, ки аз ғайри иштироки ёридиҳанда ташкил меёбад, ташбеҳи пӯшида меноманд.(3)

Чунончӣ:

Ту хуршедӣ, чу моҳат костан чист?
Заволи чоштгоҳат хостан чист?
(9.171)

Ё худ:

Бигуфт: Эй ғунчаи бӯстони шоҳӣ,
Ба хорӣ аз ту гулрӯён мубоҳӣ.
(9. 170)

Дар ин мисраъҳои аввал Ҷомӣ Зулайхоро бе иштироки ёридиҳанда ба хуршед ва дар мисраъҳои поёни ба ғунчаи бӯстони шоҳ ташбеҳ дода, санъати ташбеҳи пӯшидаро хеле зебо тасвир намудааст.

Ё худ:

Ту дар боғи ҷамол он тозасарвӣ.
Ту карда тӯтии ҷонам тазарвӣ.
(9.170)

Аз забони Юсуф Ҷомӣ чунин ташбеҳҳои назаррасро истифода намудааст, ки Юсуф Зулайхоро ба кони оташ, боди сарсарӣ ва худашро ба пунбаи хушку наҳфаи мушк ташбеҳ додаст:

Ту кони оташӣ, ман пунбаи хушк,
Ту боди сарсарӣ, ман наҳфаи мушк.
(9.175)

Шоир ғаму дард ва сузу гудози ишқи ҷонсузаро, ки Зулайхоро дар миёни роҳ танҳо гузоштааст, аз забони худи Зулайхо ӯро ба баҳрнаварди киштишикаста ташбеҳ додааст ки дар миёни баҳри ишқ ғарқ шуда истодааст:

Манам он баҳрии киштишикаста,
Бараҳна бар сари лавҳе нишаста.
(9.197)

Аз забони худи Ҷомӣ:

Фитад аз захми он бар синааш чок,
Чу сайди захмнок афтад бар хок.
(9.178)

Алишер Навоӣ дар достони «Фарҳод ва Ширин» ин навъҳои ташбеҳро хеле олӣ тасвир кардааст. Масалан дар сузи ишқи Ширинро ба оташ ва обу адо шудани Фарҳодро аз хора ба мум табдил ёфтан бо истифода аз ташбеҳи пӯшида муъҷаз баён кардааст.

Чунончӣ:

Ба дидан ҳар касе мекард маълум,

Ки кардаст оташе он хораро мум.

(8.69)

Илова бар ин аз забони худи Фарҳод - Ширинро ба сарви нози боғи умр ва шамъу марҳам ташбеҳ додааст, ки хеле самимӣ ва бамаврид аст:

Бигуфт: Эй сарви нози боғи умрам!

Ҳарими хилватамро шамъу марҳам. (8.95)

Аз мисолҳои боло маълум мешавад, ки Мавлоно Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ санъати ташбеҳро барои барҷаставу таъсирбахш ва ҷаззоб тасвир намудани образҳои асосӣ, барои ба хонанда ошно намудани симои ботинию зоҳирӣ ва дар айни замон дилчаспу диққатҷалбкунанда ҷило додани образҳои Зулайхо ва Ширин истифода кардаанд. Мавқеи санъати ташбеҳ дар тасвири симои образҳои асосии занони достонҳои ишқӣ-романтикӣ басо назаррас буда,ташбеҳпораҳои офаридаи Мавлоно Ҷомӣ ва Шайх Навоӣ дар тасвири чеҳраҳои Зулайхо ва Ширин хеле тозамаънӣ ва шоиронаву мухайяланд. Ин ҳама аз маҳорати баланди чеҳраофаринии онҳо, заковату табъи саршори шоиронаи онҳо дар асри XV дарак медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам (хозиркунандаи чоп Урбатулло Тоиров)- Душанбе; Ирфон,1992.
2. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ – ал- ашъор, (бо муқаддима ва феҳрести Р. Мусулмонқулов)- Москва, 1977.
3. Зеҳӣ Т. Санъати сухан.-Душанбе; Ирфон. 1979
4. Зеҳнӣ Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ.- Сталинобод. Тоҷикистон, 1960.
5. Сатторов А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе, 1975.
6. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан. –Душанбе;Ирфон, 1985
7. Шарипов Х. Каломи бадеъ. Душанбе; Маориф, 1991.
8. Алишер Навоӣ.Фарҳод ва Ширин (тарҷумаи М. Аминзода). Нашр.дав.тоҷ.; Сталинобод, 1958.
9. Абдураҳмони Ҷомӣ. Юсуф ва Зулайхо (ҳозиркунандаи чоп Зоҳир Аҳрорӣ). Душанбе, “Адиб”, 1988.
10. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷ.2 (ҳозиркунандаи чоп Аълохон Афсаҳзод). Душанбе, “Адиб”, 1987.
11. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷ.7(ҳозиркунандаи чоп Аълохон Афсаҳзод). Душанбе, “Адиб”, 1989.


## МАВҚЕИ САНЪАТИ ТАШБЕҲ ДАР ОФАРИДАНИ СИМОИ ЗАНОН ДАР ДОСТОНҲОИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА «ФАРҲОД ВА ШИРИН»-И АЛИШЕР НАВОӢ


Яке аз хусусиятҳои каломи манзум, ки маҳорату истеъдоди шоирро дар назм муайян менамояд, истифодаи бамавқеи санъатҳои бадеӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин муаллифони мақола маҳорати суханофаринии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоиро дар заминаи истифодаи санъати ташбеҳ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Аз ҷумла муаллифон дар асоси назарияи санъатҳои бадеӣ вобаста ба мавқеи санъати ташбеҳ дар офаридани симои занон дар достонҳои ишқӣ-романтикии «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Фарҳод ва Ширин»-и Алишер Навоӣ андешаи адабиётшиносони

гузаштаву имрӯзро дарҷ намуда, собит кардаанд, ки яке аз воситаҳои пуробуранги сухан санъатҳои бадеӣ буда, дар таъсирбахш ифода намудани фикр мақоми намоён дорад.

Вобаста ба ин муаллифони мақола маҳорати суханофаринии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ дар заминаи истифодаи санъати ташбеҳ дар достонҳои «Юсуф ва Зулайхо» ва «Фарҳод ва Ширин» мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Мақолаи мазкур барои омӯзиши бахше аз эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ мавқеи намоён дошта, маҳорати баланди образофаринии шоиронро дар асоси санъатҳои бадеӣ исбот менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *Санъати ташбеҳ, бадеият, назм, сухандонӣ, ташбеҳи пӯшида, достон, санъатҳои бадеӣ, таъсирбахш, дилчасп.*

## РОЛЬ АЛЛЕГОРИИ В СОЗДАНИИ ОБРАЗА ЖЕНЩИН В ПОЭМАХ «ЮСУФ И ЗУЛАЙХО» АБДУРАХМОНА ДЖАМИ И «ФАРХОД И ШИРИН»- АЛИШЕРА НАВОИ

Одной из особенностей поэзии, с помощью которой определяется мастерство и талант поэта в поэзии, является использование различных приемов художественного искусства. В связи с этим, авторы статьи проанализировали поэтический талант Абдурахмана Джами и Алишера Навои в использовании искусства аллегории. Авторы, в том числе, на основе теории художественного искусства и их места в любовно-романтических поэмах «Юсуф и Зулайхо» Абдурахмона Джами и «Фарход и Ширин» Алишера Навои, приводят идеи прошлых и современных литературоведов, отмечают, что одним из приёмов приукрашивания слова считается художественное искусство, которое имеет значимое место в эффективном изложении мысли.

Авторы статьи рассматривают мастерство выразительности Абдурахмона Джами и Алишера Навои на основе применения приемов аллегории в поэмах «Юсуф и Зулайхо» и «Фарход и Ширин».

Данная статья имеет значимое место в изучении творчества Абдурахмана Джами и Алишера Навои и доказывает большое мастерство этих поэтов в сотворении образов на основе художественного искусства.

***Ключевые слова:*** *искусство аллегории, художественность, поэзия, красноречие, закрытая аллегория, поэма, художественное искусство, впечатляющий, привлекательный*

## ROLE OF ALLEGORY IN CREATING THE IMAGE OF WOMEN IN THE POEMS "YUSUF AND ZULAIKHO" BY ABDURAHMON JAMI AND "FARHOD AND SHIRIN" BY ALISHER NAVOI

One of the features of poetry, by which determined the skill and talent of the poet in the poetry is the use of various techniques of artistic art. In this connection, the authors of the article analyze the poetic talent of Abdurahmon Jami and Alisher Navoi in the art of allegory. The authors, based on the theory of art and their place in the love-romantic poems "Yusuf and Zulaikho" by Abdurahmon Jami and "Farhod and Shirin" by Alisher Navoi, cite the ideas of past and modern literary critics, and note that one of the techniques for glossing over a word is art, which has a prominent place in effective clarity of ideas.

The authors of the article consider the skill of expressivity of Abdurahmon Jami and Alisher Navoi on the base of use of allegory techniques in the poems "Yusuf and Zulaikho" and "Farhod and Shirin".

This article has a prominent place in studying Abdurahman Jami and Alisher Navoi's works, and proves great skills of these poets in creating characters on the base of creative art.

***Keywords:*** *Art of allegory, artistry, poetry, eloquence, closed allegory, poem, art, impressive, attractive.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Дӯстов Комилҷон Авлоқулович -** дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷикӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Тел. (+992) 907-77 99-06. E-mail: komildustov64@mail.ru

**Мирзоева Наргис Назаровна -** омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷикӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Тел. (+992) 917-35-45-96. E-mail: zarin-nn@mail.ru

**Сведения об авторах: Дустов Комилжон Авлокулович -** доцент, заведующий кафедрой таджикского языка и литературы Таджикского аграрного университета имени Ш. Шахтемур.Тел. (+992) 907-77 99-06. E-mail: komildustov64@mail.ru

**Мирзоева Наргис Назаровна -** старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы Таджикского аграрного университета имени Ш. Шахтемур. Тел. (+992) 917-35-45-96. E-mail: zarin-nn@mail.ru

**Information about authors: Dustov Komiljon Avlokulovich -** Head of the Tajik Language and Tajik Literature Department of Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, Associate Professor. Phone: (+992) 907-77 99-06. E-mail: komildustov64@mail.ru

**Mirzoeva Nargis Nazarovna -** senior lecturer of the Tajik Language and Tajik Literature Department of Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur.Phone: (+992) 917-35-45-96. E-mail: zarin-nn@mail.ru

УДК: 378:338

# ХУСУСИЯТҲОИ ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ САЙЁҲӢ: МУШКИЛИҲО ВА ТАЛАБОТҲО

*Ёров Ҷ.Н., Саидова Ҳ.У.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**

Дар шароити муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои зудрушдёфтаистодаи иқтисодиёт ба шумор меравад ва муассисаҳои ба сайёҳӣ ба таври мустақил ва ғайримустақил вобаста, мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намуда истодаанд. Соҳаи сайёҳӣ фарогири соҳаҳо ва намудҳои гуногуни фаъолият, яъне истеҳсолӣ ва ғайристеҳсолӣ ба мисли: меҳмонхонадорӣ, ҷойгиркунӣ, фурӯши хизматрасонӣ, хизматрасонии сайёҳатӣ (экскурсионӣ), ғизо, табобат, фароғат, дихушӣ, истироҳат, истеҳсоли таҷҳизотҳои сайёҳӣ, амалиётҳои миёнаравӣ, консалтинг ва ғ. мебошад. Бахши сайёҳӣ маҷмааи хоҷагидории байнисоҳавӣ буда, ба тавлиди маҳсулоти сайёҳӣ ва фурӯши он равона гардидааст. Дар ташаккул ва рушди сайёҳӣ нақши мутахассисони соҳибкасби миллӣ муҳим буда, ҷараёни омода намудани онҳо муносибати ҷиддӣ ва зинавиятро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, омода намудани мутахассисони ба талаботи муосири бозори сайёҳӣ ҷавобгӯ, вазифаи аввалиндараҷа ба шумор рафта, дар пешрафти соҳа, мутахассисон накши калидиро иҷро менамояд.

Қобили қайд аст, ки ҷараёни омода намудани мутахассисони бахши сайёҳӣ бо ду роҳ сурат мегирад, яъне анъанавӣ ва ба таври муосир. Бо роҳи анъанавӣ ин усулҳое мебошанд, ки мутахассисон дар ҷои таълимӣ ва ҷои таҷрибаомӯзӣ омода карда мешаванд. Роҳи муосир бошад, усулҳои омода намудани мутахассисонро дар раванди фаъолияти онҳо (омӯзишу таҳлили истеъдоди кории онҳо, санҷиши малакаи кордонӣ, муносибатҳои равонии ҷамъиятии онҳо ва ғ.) дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ ва бо талаботи бозор ҷавобгӯ зарур аст, то ҳарду роҳ омезиш дода шавад, то мутахассиси воқеӣ омода гардад.

Омода намудани мутахассисон дар бахши сайёҳӣ, яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир ба шумор меравад, зеро сифатнокии хизматрасонии пешниҳодшаванда ва қаноатмандии сайёҳон аз мутахассисон вобаста аст.

Ҳоло сохтори асосии омоданамоии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ аз чор қисм иборат аст, яъне:

1. саноати сайёҳӣ ва меҳмондорӣ;
2. тиҷорати тарабхонавӣ;
3. соҳаи нақлиёт;
4. роҳбалад.

Унсурхои асосӣ ва ё омилҳои таъсиррасон,ки ба раванди омода намудани мутахассис таъсир мерасонанд, хусусияти системавӣ доранд, ки дар расми зер оварда шудааст.

**Омилҳои таъсиррасон ба омоданамоии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ**




⟷ таъсири идорашаванда
⇠⇢ таъсири идоранашаванда

Дар раванди тайёр намудани мутахассисон ташаккулдиҳии шахсият, эътимоднокӣ ба ӯ ва касбият муҳим буда, рақобатпазирии хатмкунандагонро дар бозори меҳнат ва мутобиқшавии онҳоро ба фаъолияти касбӣ таъмин менамояд.

Инчунин тавассути усули анъанавии омода намудани мутахассисони низоми маориф: донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои тахассусии касбӣ, курсҳои махсус ва тренингҳои амалиро дар бар мегирад.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 14 муассисаҳои таълимӣ бо шумораи умумии 2112 нафар ва дар колеҷҳо 550 нафар аз руи 16 ихтисос мутахассисони соҳаи сайёҳӣ омода карда мешаванд, вале мутаассифона қариб 80%-и онҳо ба талаботи бозори сайёҳӣ рақобатпазир нестанд. Ҳамзамон дар тайёр намудани кормандони бахши муассисаҳои сайёҳӣ ва меҳмондорӣ аутсорсинг ва аутстафингро шомил намудан мумкин аст.

Аутсорсинг - яъне дар раванди фаъолият муассисаи сайёҳӣ бо оҷонсиҳо ва ё донишгоҳу донишкадаҳо муроҷиат менамояд, то нафаронеро ҷалб намояд, ки қобилияти фаъолият намуданро дар бахши сайёҳӣ доранд.

Аутстафинг - ин усули таъсиррасон бо мақсади мусоидат ба баландбардории касбияти кормандони муассиса тариқи ҷалбнамоии онҳо ба лоиҳаҳои инноватсионии муассиса.

Ҳоло хадамоти аутсорсингӣ ва аутстафингӣ ба ҳолати муқаррарӣ табдил ёфтааст. Ин аст, ки ширкатҳои бузурги сайёҳии ҷаҳон дар усулҳои номбаргардида ба дастовардҳои бузург ноил шудаанд ва самаранокии фаъолияти онҳо боло рафтааст. Дар натиҷа дар бозори хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ мавқеи хосаро ишғол намуда, ҳолати молиявии онҳо афзун гардида, доираи ҷуғрофии фаъолияташон васеъ шуда истодааст ва теъдоди кормандонашон афзоиш ёфтааст.

Маҳз бархурдории кормандони ширкатҳои сайёҳӣ аз тахассусият, яъне ҷаҳонбинии инноватсионии онҳо, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, донистани шароитҳои ҷуғрофӣ, шинос будан бо технологияи муосири иртиботию иттилоотӣ, ошноӣ доштан бо равоншиносии муошират фаъолияти ширкатро пурсамар мегардонад.

Натиҷаи гуфтаҳои овардашуда, дар ҷадвали зер оварда шудааст.

***Нишондиҳандани бузургтарин ширкатҳои сайёҳӣ дар бозори байналхалқии сайёҳӣ***

| № | Номгӯи туроператорон | Теъдоди кормандон | Мақом | Фурӯш (млрд. $) | Фурӯши маҳсулот (%) | | Давати мутаалик |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Истироҳат, фароғат ва ғ. | Тиҷорат | |
| 1 | Expendia Inc. | 20 000 | 1 | 72,4 | 91,0% | 9,0% | ИМА |
| 2 | The Priceline Group | 18 000 | 2 | 68,1 | 88,8% | 11,2% | ИМА |
| 3 | American Express Global Business Travel | 12 000 | 3 | 31,1 | 90,5% | 9,5% | ИМА |
| 4 | BCD Travel | 13 000 | 4 | 24,6 | 94% | 6% | Ҳолланд |
| 5 | Carlson Wagonlit Travel | 16 000 | 5 | 24,3 | 5% | 95% | ИМА |
| 6 | HRG North America | 12 000 | 6 | 16,0 | 30% | 70% | ИМА |
| 7 | Flight Centre Travel Group | 19 267 | 7 | 14,4 | 69% | 31% | ИМА |
| 8 | American Express Travel | 4,9 | 8 | - | 41% | 59% | ИМА |
| 9 | Travel Leaders Group | 4,39 | 9 | 8360 | 29% | 74% | ИМА |
| 10 | Fare portal | 4,13 | 10 | - | | | ИМА |

Аз ҷадвали боло аён аст, ки аксари ширкатҳои бузурги сайёҳӣ дар ИМА ва Аврупо воқеанд, ки ин аз он далолат медиҳад, ки дар ин кишварҳо ба соҳаи мазкур ва раванди тайёр намудани мутахассисони касбӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ба қадамҳои устувор шомил гардида истодааст, яке аз масъалаҳои муҳим ин омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ мебошад. Дар баробари муассисаҳои таълимӣ нақши Кумитаи рушди сайҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли ин мушкилӣ хеле бузург аст.

Айни замон масъалаи тайёр кардани мутахассисони касбӣ дар ҷумҳурӣ, пурра ҳалли худро пайдо нанамудааст ва он пайомадҳои зерин дорад:

- ҳангоми норасоии мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои сайёҳӣ ва меҳмондорӣ талабот ба хатмкунандагони соҳавии бахши сайёҳӣ вобаста ба пастии дараҷаи тахассусияти онҳо коҳиш меёбад;

- дар раванди афзоиши муассисаҳои таълимии соҳавӣ ва ё ихтисосҳои бахши сайёҳӣ, талабот ба омӯзгорони касбӣ, яъне омӯзгорони дорои дониши касбӣ ва таҷрибаи корӣ дар соҳаи сайёҳидошта афзоиш меёбад. Дар ин ҷо зикр бояд намуд, ки ҷалбнамоии омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои риштаи сайёҳӣ ба бозомӯзии касбӣ, яъне равон намудани онҳо ба донишгоҳҳои кишварҳои аз лиҳози сайёҳӣ пешрафта ва таъмини иштироки онҳо дар конфронсҳои байналхақӣ, аз манфиат холӣ нест;

- ташкил намудани синфхонаҳои махсуси бо технологияи муосир муҷаҳҳазонидашуда;

- қабули барномаҳои махсуси такмили ихтисоси омӯзгорони бахши сайёҳӣ дар давлатҳои пуртаҷриба.

Қобили қайд аст, ки норасоии омӯзгорони соҳибкасб низ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад, алалхусус дар кишварҳое, ки соҳаи сайёҳӣ дар ҳоли рушд қарор дорад.

Ба андешаи мо, азбаски барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ донистани забонҳои хориҷӣ муҳим аст, кушодани гурӯҳҳои англисии ихтисоси сайёҳӣ ва ҳамзамон дар нақшаҳои таълимӣ ба роҳ мондани омӯзиши забони хориҷӣ дар чор соли таҳсили низоми бакалавриат, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ба мукаммалгардонии низоми омоданамоии мутахассисони риштаи сайёҳӣ ба андешаи мо баргузории як қатор чорабиниҳо ва тарҳрезии барномаҳои беҳгардонии тайёр намудани кадрҳо муҳим аст.

***Мукаммалгардонии низоми омода намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ***

| № | Тавсияҳо | Муҳтавои тавсияҳо |
|---|---|---|
| 1 | Бунёди пойгоҳҳои махсусе, ки дар он ҷо донишҷӯёни риштаи сайёҳӣ таҷриба мегузаронанд | Ташкили ин гуна пойгоҳҳо дар омезиш додани донишҳои назариявӣ ва амалии донишҷӯён мусоидат менамояд |
| 2 | Ташкили семинар-тренингҳо дар минтақаҳои гуногуни сайёҳии кишвар | Дар ин ҳолат аҳолии маҳаллии ҳудудҳои сайёҳӣ бо нозукиҳои қабули сайёҳон, муошират бо онҳо, психологияи муносибат ва тарзи қабулу гусели сайёҳон шинос карда мешаванд. |
| 3 | Мукаммалгардонии низоми такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони соҳаи сайёҳӣ | Баландбардории дараҷаю сифати тахассусияти омӯзгорони муассисаҳо, ки дар риштаи сайёҳӣ фаъолият менамоянд, тавассути фиристодани онҳо ба таҷрибаомӯзӣ ба давлатҳои хориҷа. |
| 4 | Бунёди марказҳои инноватсионии сайёҳӣ | Ташкили маркази рушди сайёҳӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон, ки дар риштаи сайёҳӣ мутахассис омода менамоянд ва таъмини он бо базаи моддӣ-техникӣ. Дар ин ҳолат аз ҷониби мутахассисони марказ пайваста бозори сайёҳӣ омӯхта мешавад ва инчунин раванди тайёр кардани мутахассисон беҳтар мегардад. |

Тавсияҳои овардашуда ба расидан ба баландбардории сатҳи тайёр кардани мутахассисон барои саноати сайёҳӣ мувофиқ мебошад.

Ҳамин тавр, қобили зикр аст, ки соҳаи сайёҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад ва дар раванди пешбурди соҳа омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ боиси ҳалли як қатор мушкилиҳо мегардад.

## АДАБИЁТ

1. Кадырова М.Э. Требования сферы туризма к подготовке специалистов по направлениям туристско-экскурсионной деятельности в Республике Таджикистан. Научный журнал. Вестник ассоциации ВУЗов туризма и сервиса. Том 10. 2016. №3.

2. Квартальнов В.А. Подготовка туристских кадров // Управление персоналом. 2009. №5. С. 21-22.
3. Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н., Гулмирзоев Р.Н., Сангинов Д.Ш. Иқтисоди бозори сайёҳӣ. Воситаи таълимӣ.Душанбе 2017.275 саҳ.

## ХУСУСИЯТҲОИ ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ САЙЁҲӢ: МУШКИЛИҲО ВА ТАЛАБОТҲО

Дар мақола масъалаҳое тахлил гардидаанд, ки ба низоми муосири омоданамоии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастаанд. Вобаста ба ташаккули соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ва эътирофи ин соҳа ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, зарурати робитаи мутақобилаи низоми таълимоти касбии соҳавӣ бо бозори меҳнат ба миён омадааст.

Қайд шудааст, ки ҷараёни омода намудани мутахассисони бахши сайёҳӣ бо ду роҳ сурат мегирад, яъне анъанавӣ ва ба таври муосир. Бо роҳи анъанавӣ ин усулҳое мебошанд, ки мутахассисон дар ҷои таълимӣ ва ҷои таҷрибаомӯзӣ омода карда мешаванд. Роҳи муосир бошад, усулҳои омода намудани мутахассисонро дар раванди фаъолияти онҳо (омӯзишу таҳлили истеъдоди кории онҳо, санҷиши малакаи кордонӣ, муносибатҳои равонии ҷамъиятии онҳо ва ғ.) дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, дар мақола муаммоҳои омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, роҳҳ*ои* баландбардории тахассусияти онҳо пешниҳод гардидаанд.

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ, мутахассис, аутсорсинг, аутстаффинг, иқтисоди миллӣ, тахассусият, рақобатнокӣ.*

## ОСОБЕННОСТИ ПОДГОТОВКИ СПЕЦИАЛИСТОВ СФЕРЫ ТУРИЗМА: ЗАДАЧИ И ТРЕБОВАНИЯ

В статье рассмотрены вопросы, связанные с современной системой подготовки высококвалифицированных кадров сферы туризма в Республике Таджикистан. В связи с развитием сферы туризма в республике и признания этой сферы одной из перспективных отраслей национальной экономики, появилась необходимость взаимной связи системы профессионального отраслевого образования с рынком труда.

Отмечено, что процесс подготовки кадров сферы туризма осуществляется двумя способами, то есть традиционными и современными. Традиционный способ, это методы подготовки кадров в учебных заведениях и в местах проведения производственной практики. Современный способ включает в себя методы подготовки кадров в процессе данной деятельности (изучение и анализ их работоспособности, проверка усвоения знаний, их социально-психические отношения).

Поэтому в статье сделан анализ проблем подготовки профессиональных национальных кадров и предложены пути повышения их квалификации.

***Ключевые слова:*** *Туризм, специалист, аутсорсинг, аутстаффинг, национальная экономика, специализация, конкурентоспособность.*

## FEATURES OF TRAINING SPECIALISTS OF TOURISM: CHALLENGES AND REQUIREMENTS

The article discusses issues on modern training systems for highly qualified tourism personnel in the Republic of Tajikistan. Due to development of tourism sphere in the republic and recognition of this sphere as one of the perspective sector of the national economy, there was a need of mutual relationship of the system of sectoral professional education with labor market.

There was noted that the training process for tourism personnel carried out by two ways, that is, traditional and modern. Traditional way is the method of personnel training in educational institutions and in places of industrial practice. Modern way is the method of personnel training in the processes of tourism activities (examining and analyzing of their serviceability, checking their knowledge, they social and psycho relations).

Therefore, there were analyzed the issues on professional national personnel trainings and proposed the ways of their skills development.

**Keywords:** Tourism, specialist, outsourcing, outstaffing, national economy, specialization, competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Ёров Ҷамшед Нуруллоевич -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел. +992 907 55 44 75 E-mail: jama_taj75@mail.ru
**Саидова Ҳумайро Убайдуллоевна -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Тел. +992 938 84 60 05. E-mail:humai.hu@mail.ru

**Сведения об авторах: Ёров Джамшед Нуруллевич -** кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления туризмом финансово-экономического факультета Таджикского национального университета. Тел. +992 907 55 44 75; E-mail: jama_taj75@mail.ru
**Саидова Хумайро Убайдуллоевна -** кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами Академии управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел. +992 938 84 60 05. E-mail: humai.hu@mail.ru

**Information about authors: Yorov Jamshed Nurulloevich -** Candidate in Economics, Associate Professor of Economy and Tourism Management Department, Tajik National University.Phone: +992 907 55 44 75 E-mail: jama_taj75@mail.ru
**Saidova Humairo Ubaydulloevna -** Candidate in Economics, Associate Professor of Department of Human Recourse Management, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: +992 938 84 60 05. E-mail: humai.hu@mail.ru

**УДК: 811.81'44**

# ПЕРФЕКТНЫЕ ФОРМЫ ТАДЖИКСКОГО ГЛАГОЛА И ИХ ЭКВИВАЛЕНТЫ ВО ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКЕ

***Зухурова М.Б.***

**Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.**

В настоящее время в отечественном языкознании широкое распространение получило сопоставительно-типологическое изучение, главной целью которого является выявление сходств и различий между языками независимо от степени их родства. Оно открывает новые возможности, как в сфере практического применения лингвистики,так и в разработке традиционных и новых проблем языкознания. Как отмечает В.И.Ярцева «Контрастивные исследования помогают проникнуть в суть языковых процессов и глубже понять законы, управляющие этими процессами: поэтому контрастивная лингвистика является той областью исследования, где пересекаются пути теории и практики». /9/

В данной статье рассмотрим перфектные формы таджикского глагола и средства его передачи на французский язык. Как известно, в таджикском языке в рамках изъявительного наклонения имеются особые формы – неочевидные (повествовательные формы), которые служат «для выражения специфического модального значения неочевидности действия, иными словами, для подчеркивания того обстоятельства, к которому говорящий не ручается за абсолютную достоверность действия, поскольку знает о нем не из личного опыта А с чужих слов или на основе логического вывода».(4.70-71).

Поэтому Расторгуева В.С. считает возможным применить к системе таких глагольных форм термин «Неочевидное или аудитивное наклонение» (4.71) и выделяет перфективные формы в особое наклонение в общей системе таджикского глагола. Итак, в современном таджикском языке отмечают четыре перфективных форм:

1.Основная форма перфекта или прошедшее время неочевидного (аудитивного) наклонения.

2.Длительная форма перфекта или вневременная длительная форма неочевидного (аудитивного) наклонения.

3.Преждепрошедший перфект или преждепрошедшее время неочевидного (аудитивного) наклонения.

4.Определённая или соотносительная форма перфекта или определённая форма неочевидного (аудитивного) наклонения.

Рассмотрим перфективные формы таджикского глагола и средства её передачи на французский язык. Первичное значение основной формы перфекта – результативность действия, т.е. указание на то, что действие совершилось, и результат сейчас имеется налицо. В этом значении он часто употребляется в таджикском языке.

Основная форма перфекта может быть использована в следующих случаях:

а) Когда о факте узнают не сразу, а по его результатам:

Модар ва акаам баъд аз дубора Mon oncle revint presque
Омадани амакам фаҳмиданд, ки aussitot. Ma mère et mon
Падар <u>мурдааст.(</u>170) frére comprirent à ce moment-là

que mon père était mort. (149)

Этот пример передаётся на французский формой прошедшего несовершенного времени французского глагола /imparfait/, которая особенно употребляется в описании длительных, непрерывных или обычных действий. В этом примере для четкой передачи этого значения, употреблено дополнительное лексическое средство

à ce moment – là (в это время).
б) При передаче с чужих слов:
Назар ба қавли падарам, вай дар Un jour au temps de sa jeunesse
ҷавонӣ бо яке аз хоҷаҳои миракониии mon père se rendità Samarkand,
ҳамдеҳаи худ ба сайри Самарқанд en compagnie d'un homme de son
рафтааст,инҳо дар Самарқанд ба village l'un de nos hodjas-mirakiniès.
Хонаи яке аз хоҷагони мираконии Ils se descendirent à Samarkand, chez
Онҷоӣ меҳмон шудаанд.(162) l'un des hodjas de la ville. /142/

В приведенном выше примере во французском переводе используется форма простого прошедшего времени французского глагола passé simple/, которая представляет собой действие, отнесенное в прошлое и не имеющее связи с моментом речи. Во французском языке эта форма чаще всего употребляется как средство повествования в исторических описаниях, в романах.

Длительная форма перфекта употребляется только для выражения действия неочевидного, известного говорящему из побочных источников, при передаче действий с чужих слов. Эта форма выражает:

а) действие прошедшее, длительное или многократное:

...дар ҳавлие, ки манзил кунад, ...s'arretait dans une maison de la ville
аз мадрасаи наздик ба он ҳавлӣ et qu'une fete était organizé dans le
баъд аз шом оши мадрасагӣ quartier correspondent, la medressé la
мепурсидааст.Яке аз ходимони plus proche devrait lui server un diner .
ошхонаи амир барои иҷрои ин Un serviteur de la cuisine de son Altesse
супориши ӯ бамадраса омада se presentait à la medressé et annonçait
овоз медодааст, ки ҳар кас оши que les étudiants qui avait préparé à
тайёр дошта бошад, биёрад./152/ manger devrait porter leur diner à telle
adresse./133/

б) действие обычное, постоянно совершающееся:
Азбаски ин одати амир ба ҳамаи Cette coutume était conu de tous ,
Мадрасаҳои Бухоро машҳур шудааст, les étudiants des medressés
ӯ дар кадом ҳавлие, ки манзил кунад, voisine préparaient de pilaf, en
аҳолии мадрасаҳои атрофии он s'appliquant à mériter un acceuit
ҳавлӣ ба умеди қабули амир оши палав bien- veillant./133/
мепухтаанд./152/

в) действие будущее:
Ғайр аз ин овоза ҳаст, ки ба наздикӣ Le plus la rameur court, que trés
ҷаноби олӣ аз Кармина ба Бухоро prochement sa Majeste viendra
меомадаанд./154/ de Karmina à Boukhara./134/

г) при передаче события на основании логического вывода:
Ман баъдҳо фаҳмидам,ки J'ai compris plus tard qu'isl avaient
ҳамаашон рост мегуфтаанд – tous raison,ence sens que c'étaient
ҳамаашон нодон ва бесавод cuistres ignorants, il n'y en avait parmi
ва саводнокон дар қатори онҳо aucun de cultive./135/
наменишастаанд./156/

Эквивалентом двух первых примеров является форма прошедшего несовершенного времени французского глагола /imparfait/, которая употребляется для обозначения прошедших длительных или многократных действий.

Третий пример передаётся на французский язык формой простого будущего времени французского глагола /future simple/. Во французском языке эта форма иногда употребляется для обозначения будущего в прошедшем. Эквивалентом четвёртого примера является также форма прошедшего несовершенного времени французского глагола /imparfait/.

С точки зрения видовременных значений, основная форма перфекта противопоставляется не формам изъявительного наклонения, а другим перфектным формам, с которыми она объединяется общей модальностью. В этом случае её основное значение – выражение прошедшего неочевидного действия.

Например:
Баъд аз расидан ба ҷои матлуб Said-Akbar-lui accompagnait
саис аспи охундро гирифта савор l'akhound jusqu'à la maison et
шуда меистодааст ва Саидакбар lorsque celui-ci retirait ses sandales,
ҳамроҳи ӯ тодари хонаи нишасти Le Tous puissent hodja devrait les
он ҷо мерафтааст ва баъд аз охунд nettoyer, enlever la boue, enlever
кафши худро кашидан, ӯ кафшро la boue et la possiére, les mettre
гирифта,аз чангу хок, ё лой пок карда, dans son sein./140/
дар бағали худ нигоҳ медоштааст./161/

Преждепрошедшее время перфекта отличается от преждепрошедшего времени изъявительного наклонения свойственным ему модальным оттенком неочевидности действий. Оно используется только в тех случаях, когда говорящий подчеркивает, что он не был очевидцем данного события, а узнал о нем позднее с чужих слов:

а) при предшествовании другому прошедшему действию:
Аз ин ягон моҳпеш, гӯё аз тумани Il y a un mois de cela au district
Вагонзе ду барзагов бо ду ғуночин Vagaunzi deux boeufs et deux
гум шуда будааст. Аз рӯи қавли пайгирон, genisses ont été perdu. Leurs traces
инҳо то деҳаи шумо омадаанд ва аз он arrivaient jusqu'à votre kichlak et
ҷо нақши пойи онҳо барҳам хӯрда se perdaient ensuite /138/
будааст./159/

В этом примере, как и в таджикском языке, употребляется форма преждепрошедшего времени французского глагола /plus-queparfait/, которая также обозначает действие, имевшее место раньше другого прошедшего действия, выраженного любым другим прошедшим временем.

б) при логическом выводе:
Аз тарафи ғарбии мадрасаи мазкур як Une lueur diffuse apparut à
Рӯшноии дудолуде ба назар намоён гардид ce moment du coté ouest
ва садои нақораҳо ва сурнайҳо ҳам аз он ҷо de la medressé en même temps
мебаромад. Маълум шуд, ки дар он ҷо – дар que nous parvenait le son de

байни саҳни мадрасаи Мири Араб ва масҷиди tambours et de flutes. Mon
калон чавкӣ /базми умумии подшоҳӣ/ барпо père dit, que c'était une fète
шуда будааст. /148/ organisée en l'honneur de l'émir
quelque part entre la grande mosque
de la ville et la medressé Mir-Arab/ 124/

Этот пример также передаётся на французский язык формой прошедшего несовершенного времени французского глагола /imparfait/.

Так как во французском языке отсутствуют неочевидные формы глагола, необходимо подыскивать и использовать такие эквиваленты, которые бы выразили содержание и стилистические оценки форм перфекта таджикского глагола.

Как отмечает В.С.Расторгуева, формы перфекта повторяют в сокращенном виде систему форм изъявительного наклонения, отличаясь при этом от него своим специфическим модальным значением. Её многолетние исследования привели к выводу, что эти формы можно было отнести к отдельному наклонению, которое она называет неочевидным, или аудитивным. Автор называет все эти формы формами перфекта. Ею не даны различия между перфектом и неочевидными формами. Известно, что форма перфекта по своему значению относится к изъявительному наклонению и передаёт достоверные действие - процессы состояния. А неочевидные формы в основном передают действие - процесс – состояние, за достоверность которого говорящий не ручается.

Что же касается французского языка в плане прошедшего, то в этом случае говорят о перфектном или аористическом значении времени. Во французском языке это значении выражается противопоставлением passé simple/простого прошедшего/ и passé composé /сложнопрошедшего времени/.

В современном французском языке passé simple употребляется как «повествовательное» прошедшее в исторических описаниях, на книжном языке, passé composé в устной речи. Различие двух планов – плана речи и исторического, затрагивают и употребление других форм времени. Так, французский лингвист Э. Бенвенист говорит о двух больших группах в системе французских времён: исторических и речевых. Эта тема требует более длительного изучения. Мы только отметим, что во французском языке на каждом временном уровне перфект имеет две функции: функцию совершенности и функцию предшествования, которые распределяются симметрично между планом исторического повествования и планом речи.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Бенвенист Э. Общая лингвистика.-М.:УРСС,2002.- 448 с.
2. Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков. – изд.Ком.Книга,2006.- 288 с.
3. Мошеев И. Система форм изъявительного наклонения в русском и таджикском языках. –Душанбе: Ирфон,1977.- 159 с.
4. Расторгуева В.С., Керимова А.А. Система таджикского глагола.-М.:Наука,1964.- 291с.
5. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских глаголов.М.:Наука, 1964. – 188 с.
6. Розенфельд А.З. Глагол.Очерки по грамматике современного таджикского языка.- Сталинабад: Изд-во АН Тадж.ССР, 1954 Вып.3 – 65 с.

7. С.Айни Ёддоштхо. –Душанбе: Адиб,1990.- 352 с.
8. Boukhara par S.Aini (traduit du tadjik par S.Borodine et P.Korotkine).:nrf Gallimard, 2 edition, 1956.- 312 p.
9. Ярцева В.Н. Контрастивная грамматика. –М.,1981.-384 с.

## ШАКЛҲОИ МУТЛАҚИ ФЕЪЛҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ҲАММОНАНДИИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Дар мақола омӯзиши муқоисавӣ-типологии шаклҳои мутлақи феъли забони тоҷикӣ ва ҳаммаъноии онҳо дар забони фаронсавӣ оварда шудааст, ки мақсади асосии он ошкор намудани шабоҳат ва тафовут байни забонҳо новобаста аз сатҳи монандии онҳо мебошад. Муаллиф қайд мекунад, ки чунин омӯзиш имкониятҳои навро ҳам дар соҳаи татбиқи амалии илми забоншиносӣ ва ҳам дар таҳияи масъалаҳои анъанавӣ ва нави забоншиносӣ мекушояд.

***Калидвожаҳо:*** *феъл, шаклҳои мукаммали феъл, забони тоҷикӣ, фаронсавӣ, хешовандии забон, забоншиносӣ.*

## ПЕРФЕКТНЫЕ ФОРМЫ ТАДЖИКСКОГО ГЛАГОЛА И ИХ ЭКВИВАЛЕНТЫ ВО ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье приводиться сопоставительно-типологическое изучение перфектных форм таджикского глагола и их эквиваленты во французском языке, главной целью которого является выявление сходств и различий между языками независимо от степени их родства. Автор подчеркивает, что такое изучение открывает новые возможности, как в сфере практического применения лингвистики, так и в разработке традиционных и новых проблем языкознания.

***Ключевые слова****: глагол, перфектные формы глагола, таджикский язык, французский язык, родство языков, лингвистика.*

## PERFECT FORMS OF TAJIK VERBS AND THEIR EQUIVALENTS IN FRENCH

The article emphasizes comparative-typological study of perfect forms of Tajik verbs and their equivalents in French. Its main objective is identifying similarities and differences between languages despite the level of their relation. The author highlights that this kind of study open new opportunities both in the sphere of practical application of linguistics and in development of linguistics traditional and new issues.

***Key words:*** *verb, perfect verb forms, Tajik language, French, language kinship, linguistics.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Зухурова Мехриниссо Бозоровна** - мутахассиси шуъбаи бақайдгирӣ ва машварати академии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, к.Саид Носир 33, Тел: (+992) 918 95 44 41, E-mail: mehrinisso2019@mail.ru

**Сведения об авторе: Зухурова Мехриниссо Базаровна** - специалист Отдела регистрации и академической консультации Академии государственного управления

при Президенте Республики Таджикистан. 734003, г. Душанбе, ул.Саида Носира 33, Тел: (+992) 918 95 44 41, E-mail: mehrinisso2019@mail.ru

**Information about author: Zukhurova Mehrinisso Bozorovna** - Expert of Registration and academic consultation Department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str., Phone:(+992) 918 95 44 41, E-mail: mehrinisso2019@mail.ru

УДК: 81'373

# РОҶЕЪ БА ОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНИ ҒАЗАЛИ САДАИ XIV

*Калонова М.Ҷ.*
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.**

Калима муҳимтарин воҳиди забонӣ ба ҳисоб рафта, яке аз масъалаҳои асосӣ ва мубрами омӯзиши он маъно ва муайянкунии он мебошад. Қишрҳои семантикии системаи забон барои муайян намудани хусусият, меъёр ва аломатҳои маъноҳои калима, роҳҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои нав, алоқаи маъноӣ, тобишҳои он ва тафовути маъноҳои калимаҳо мусоидат менамояд. Маънои луғавии калима ва мафҳуми ифодакунандаи он аз муҳимтарин масоили омӯзиши илми лексикологияи муосир ба ҳисоб меравад. Вожаҳои забони тоҷикиро аз рӯи мафҳум ва маъно ба хелҳои гуногун ҷудо мекунанд, ки яке аз онҳо омонимҳо мебошанд.

Омонимия (юнони қадим «homos»- худи ҳамон баробар ва «onoma»-ном) калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати шакл, яъне тарзи хаттӣ ба ҳам монанд, вале аз ҷиҳати маъно аз ҳам фарқ мекунанд (5,157). Ба ибораи дигар, омонимҳо калимаҳоеанд, ки шаклан якхела буда, маъноҳоеро ифода мекунанд, ки ба ҳам робитае надоранд ва ё дар гузашта алоқае доштаву имрӯз аз байн рафта. Чунин вожаҳоро дар илми забоншиносӣ *калимаҳои ҳамгун* низ гӯянд ва дар илми адабиётшиносӣ *таҷнис.* Ин гуна вожаҳо дар ташаккули хазинаи забони тоҷикӣ саҳмгузор буда, дар ҳар давру замон мавқеи истеъмоли фаровон доранд. Аз ҷумла, дар асри XIV низ омонимҳо ҷойгоҳи хоса дошта, намояндагони ин аср- Камол, Ҳофиз ва Салмон дар шеъри худ аз онҳо ба касрат суд ҷустаанд, ки онҳоро дар зер як-як таҳлил хоҳем кард.

Чунон ки ба мо маълум аст, соли 2016 дар саросари кишвари азизамон бо супориши Сарвари давлат, муҳтарам Э. Раҳмон 696-солагии К.Хуҷандӣ ҷашн гирифта шуд. Дар робита ба ин, дар шаҳри Хуҷанд конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» баргузор гардида, маҷмӯи мақолаҳои он рӯи чоп омад. Дар маҷмӯаи мазкур олимони ватаниву хориҷӣ перомуни ҳаёту эҷодиёти шоир ва паҳлуҳои забонии он мақолаҳои тозае таълиф намуданд, ки ҷанбаи илмиашон басо пурарзиш аст. Дар ин радиф, метавон аз муҳаққиқи тоҷик А.Абдуқодиров ва Ш.Исматуллозода ном бурд, ки дар мақолоти эшон ҷанбаҳои забонии ғазалиёти Хоҷа Камол матраҳ гардида.

А.Абдуқодиров дар мақолаи худ «Лутфи каломи Камол» бархе аз омонимҳои ашъори Хоҷа Камолро муфассал таҳлил намудааст. Яке аз ҷанбаҳои бартаридоштаи таҳлили мавсумро дар он мебинем, вожаҳоеро ҳамчун омоним ном бурдааст, ки дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ зикрашон нарафта. Мисол: ***Сарой***- 1) дунё, манзил, 2) сароидан; ***Маҳмуд***- 1) нек, хуб, 2) номи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ; ***Чашми бемор***-1) шаҳло, хумор, 2) чашми шахси бемор; ***Биҳишт***-1) исм, 2) феъл аст, ки он аз решаи «ҳиштан»-аз даст додан, маҳрум шудан бо пешванди би- сохта шудааст; ***Тар***-1) аз об тар шудан, 2) гуноҳе, айбе доштан (4, 14-16).

Дар ҳамин маҷмӯа пажӯҳишгари ашъори Камол-Исматуллозода Ширин низ мақолаи худро бо номи «Корбурди вожаҳои ҳамшакл ва хелҳои он дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ» нашр намудааст. Қисме аз вожаҳое, ки Ш.Исматуллозода мавриди таҳлили худ қарор додааст, аз ҷониби А.Абдуқодиров низ таҳлил гардидаанд. Тафовут миёни мақолаҳои эшон дар он аст, ки Ш.Исматуллозода омонимҳои ашъори шоирро аз рӯи таснифи забоншинос О.Давлатов: 1) вожаҳои ҳамшакли лексикӣ, 2) морфологӣ, 3) лексикию морфологӣ таҳлил намудааст (4, 136-142).

Дигар аз муҳаққиқини лексикаҳои омонимӣ М. Ахмедова бо такя ба андешаҳои олимон омонимҳоро ба хелҳои пурраю нопурра ҷудо намуда, таъкид мекунад, ки омофон, омоформ ва омограф хелҳои омонимҳои нопурра мебошанд. Номбурда дар рисолаи худ зикр мекунад, ки дар забоншиносии тоҷику форс доир ба омонимҳо ба ҷуз мақолаҳо дигар таҳқиқоти алоҳидае рӯи чоп наомадааст. Шояд, манзури мавсум аз таҳқиқоти алоҳида, таҳлили омонимҳо дар осори назму насри адибони классик бошад, зеро дар бораи омоним ва қисмҳои он олимони тоҷик (Норматов, А.Мӯъминов ва диг.) маълумоти муфассал додаанд. Ҳамчунин, худи ӯ низ дар саҳифаи дигар (1,7-8) ишора мекунад, ки дар масъалаи омонимҳо аз таҳқиқоти олимони эронӣ, амсоли Баҳром Хоҷа, Аҳмади Бирҷандӣ ва диг. метавон ном бурд. Дар таҳқиқоти М.Ахмедова, ҳамчунин, аз пажӯҳишоти М.Баҳор, Ш.Кабиров, А.Рустамов, Ҳ.Маҷидов, Ш.Рустамов, Д.Саймиддинов, Р.Ғаффоров, Б.Камолиддинов, М.Қосимова, М. Муҳаммадиева, Қ.Тоҳирова, Ҳ.Талбакова, В.С.Расторгуева, ва диг. ишора рафтааст, ки бори дигар зикри осори эшонро дар фасли худ бар зоид донистем.

Масъалаи омонимия ва хелҳои он аз тарафи забоншинос О.С.Ахманова низ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар асарҳои мавсум масъалаи воҳидҳои луғавии забон, полисемия ва равобити он бо омонимия, вежагиҳои семантикӣ аз назари синхронӣ ва диахронӣ ба таври мушаххас ҳадафи баррасӣ қарор гаштааст.

Дар хусуси таҳқиқи омонимҳо, инчунин, аз олими рус М.Ф. Полевская, М.И. Фомин ва П.А. Соболева метавон ёд кард. П.А. Соболева хусусиятҳои ҷуфти омонимҳоро аз рӯи мансубият ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва нақши воситаҳои калимасозро дар сохтмони омонимҳо мавриди таҳлилу тарҳрезӣ қарор додааст. Номбурда дар таҳқиқоти худ полисемия ва омонимияи калимасоз, хусусиятҳои воҳидҳои луғавии сермаъно ва иртиботи онҳо бо омонимҳо ва роҳҳои пайдоиши онҳоро нишон додааст, ки мо низ дар мавриди муносиб аз таҳқиқоти пурарзиши олимони номбурда истифода намудем.

Дар илми забоншиносӣ тафовути вожаҳои омонимӣ аз калимаҳои сермаъно масъалаи баҳснок аст. Олимони тоҷику рус дар ин хусус ду фикр доранд, ки мувофиқи андешаашон метавон онҳоро ба ду гурӯҳ дастабандӣ намуд. Бархе аз забоншиносон, амсоли А. Мӯъминов, Л.Булаховский, В.Виноградов, В.Кодухов, Ю. Рубинчик, А.Байзоев, А.Ҳасанов ва диг. бар он назаранд, ки полисемия ва омоним ба ҳам умумият дошта, ҳангоми аз ҳамдигар дур шудани баъзе маънои калима, омонимҳо ба вуҷуд меоянд. Дастаи дигари забоншиносон, чун А.Абдуқодиров, А.Давронов, В.Абаев, Н.Шанский ва ғ. бар он боваранд, ки калимаҳои сермаъно аз омонимҳо ба куллӣ фарқ доранд ва дар ин бобат олими рус Н. Шанский чунин менависад: «Калимаҳои сермаъноро аз калимаҳои муносибати омонимидошта бояд саҳеҳан ҷудо кард. Калимаҳои омонимӣ тарзи навишт ва талаффузи якхела дошта, маънояшон гуногун мебошад ва ба назар чунин мерасад, ки маъноҳои онҳо байни ҳамдигар иртиботе надоранд» (1, 27).

Насируддини Тӯсӣ оид ба калимаҳои омонимӣ чунин мефармояд: «…як лафз бар маънии бисёр далолат кунад, онро алфози муттафиқа (ҳамраъй) хонанд ва аз ду навъ холӣ набувад: ё ба вазъи аввал, баъзе аз он маонӣ ниҳода бошанд ва ба сабаби муносибате мушобаҳате бар дигар маонӣ итлоқ кунанд. Монанди итлоқи лафзи мардум бар «ҳайвони нотиқ» ва ба «мардуми масрур». Ва на чунин бувад, балки ҳама дар вазъи мутасовӣ бошанд, бе аввалияте. Монанди итлоқи чашма бар «чашмаи об» ва «чашмаи тароз» ва «чашмаи офтоб»» (5,156).

М.Ахмедова дар таҳқиқоти худ бо такя ба андешаи олимон омонимҳоро ба се гурӯҳ: лексикӣ, грамматикӣ ё морфологӣ ва лексикӣ-грамматикӣ ҷудо намуда, дар асоси чунин тасниф омонимҳоро шарҳ кардааст. Дар таҳлили ӯ, ҳамчунин, вожаи **ажир** ба назар мерасад, ки маънои *бонги хатар ва кӯл, ҳавзро* ифода мекардааст (1, 34). Ин калимаро дар ашъори шоирони асри XIV пайдо накардем. Бояд қайд намуд, ки М.Ахмедова дар мавзӯи «Хусуиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ» бисёр таҳқиқоти муфассалу пурарзише рӯи чоп овардааст ва ба қавли худи ӯ низ, дар масъалаи мавқеи омонимҳои забони тоҷикиву форсӣ дар осори бузургон таҳқиқоти алоҳидае таълиф нашудааст. Дар рафти таҳлили омонимҳо вожаҳои *даста* ва *тир*ро мисол оварда, қайд мекунад, чунин омонимҳо дар заминаи сермаъноӣ пайдо шудаанд. Ба андешаи мо, вожаи *даста*, ки маъниҳои *ҷамъ, гурӯҳ, бригада, тоифаи дуздону ғаратгарон, тӯда, села, қабзаи гулро* (12, 639-640) ифода мекунад, яъне, дар маҷмӯъ мафҳуми «ҷамъи чизе»-ро ифодагар аст ва ҳамчун калима на омоним, балки танҳо полисемия ба ҳисоб меравад. Калимаи «тир» низ маънии *тири милтиқ, чӯби дароз, хода, номи моҳи чоруми тақвими ҳиҷрии шамсӣ (яздигурдӣ) дар Эрон* (12, 414)-ро мефаҳмонад. Яъне, агар ба маънии ҳамаи инҳо назар кунем, равшан мегардад, ки тири милтиқ, чӯб ва моҳ аз рӯи шакл ба ҳам шабоҳат доранд ва калимаҳои сермаъноанд.

Дар мавзӯи таҳқиқи омонимҳо М. Каримова низ муваффақ шудааст. Ӯ дар рисолаи худ роҳҳои гуногуни пайдоиши омонимҳо, таснифот ва шаклҳои онҳоро дар забони тоҷикӣ нишон дода, қайд мекунад, ки пажӯҳишгар М. Ахмедова дар рисолааш омонимҳои забони форсиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷо-ҷо аз омонимҳои забони тоҷикӣ ёд овардааст. М.Каримова назарияи олимони тоҷику русро пиромуни омонимҳо зикр карда, аз миёни онҳо таърифи пешниҳоднамудаи олими рус Д.Н. Шмелёвро саҳеҳ мешуморад, ки ба назари мо низ, назарияи пешниҳоднамудаи ӯ қобили қабул аст ва он чунин мебошад: «Омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ ба ҳам мувофиқанд, яъне шаклан якхелаанд, вале маъноҳоеро ифода мекунанд, ки дар байни онҳо ягон хел умумият вуҷуд надорад. Омонимҳо калимаҳои ҷудогона, мустақил ва дугоникӣ мебошанд» (3, 5).

Осори назму насри адабиёти классики форсу тоҷик, ки фарогири лексикаи ғановатманде аст, дар ташаккули забони тоҷикӣ ва бойгонии он ниҳоят саҳмгузор аст. М.Ахмедова низ осори манзуму мансури адабиёти классикиро шоёни таҳсин хонда, қайд мекунад, ки баррасии осори ин давра имкон медиҳад, вижагиҳои рушду такомули таркиби луғавии забон ва вазъи онро дар давраҳои гуногун муайян намоем.

Омонимҳоро аз ашъори шоирони асри XIV ҷамъоварӣ намудем, ки аз рӯи баромади забонӣ чунинанд:

1.**Оминимҳои мансуб ба забони тоҷикӣ:** *сарой, дод, сухан, хон, бар, боз, чанг, шаш, бод, чаро, ҷом, шона, бор, мемонад, дам, дар, равон, ҳазорон, хар, бахшидан, хор, дӯш, чанг, тоб, ком, тор;*

Вожаи «сарой» дар забони ғазали асри XIV ба ду маънӣ: 1) қаср, боргоҳ, даргоҳ, хона, кошона ва 2) номи шаҳре дар дашти Қипчоқ (11, 682) омадааст.

*Эй ҳафт фалак ба расми дар хост,*
*Ҳалқа шуда бар дари* ***сароят*** *(7,352)*
***Сарое*** *ёфт чун айвони мину,*
*Париаш бониву хуршед бону (7,434)*
*Шаҳри* ***Сарой*** *чун дилат ошуфта шуд, Камол.*
*Вақт аст, агар азимати Табрез мекунӣ (11,21).*

Дар забони адабии тоҷикӣ мурод аз *саро* феълии амрии саройидан низ дар назар аст. Бояд қайд намоем, ки вожаи «сарой» ба маънии *хона* имрӯз низ дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои минтақаҳои гуногуни кишварамон истифода мешавад, вале каме бо тағйири маъно. Масалан, агар «сарой» дар асрҳои гузашта қаср, яъне бошишгоҳи шоҳро фаҳмонад, имрӯз маънии мазкур бисёр маҳдуд истифода шуда (танҳо дар таркиби ибораҳои Қасри миллат, Қасри фарҳанг… меоянд) ва бештар дар лаҳҷаҳои шимол (н. Мастчоҳ, Панҷакент, Айнӣ- К.М) сарой гуфта, ҷоеро номанд, ки *гову гӯсфандон нигоҳдорӣ шаванд,* ҳамчунин, ба маънии *анбор* низ фаҳмида мешавад.

Вожаи «чок» низ аз калимаҳои омонимӣ ба шумор рафта, чанд маъниро соҳиб аст. Ин вожа дар назми Камол аз рӯи қайди устод Сурӯш, танҳо ба маънии *даридагӣ, шикоф, пора* омадааст. Вале мувофиқи маълумоти фарҳангҳо (8,542) калимаи зерин, инчунин, маъниҳои 2) дарида, пора-пора, 3) маҷ. кушод, боз, во ва дарзи пироҳанро бар душ дорад, ки маъниҳои мазбурро дар назми Ҳофиз пайдо кардан мумкин аст. Дар шакли ибораи *чоки гиребон*, ки киноя аз шукуфтани гул аст, Ҳофиз чунин байти зебое гӯяд:

*Душ бод аз сари кӯяш ба гулистон бигзашт,*
*Эй гул, ин **чоки гиребони** ту бе чизе нест (8,542).*

Барои мушаххастар муайян кардани маъниҳои вожаи *чок* дунболи лаҳҷаҳо гаштем ва калимаи мазкурро дар н. Мастчоҳ, ҳамчунин, ба маънии навъе аз олоти соҳаи хоҷагидорӣ пайдо намудем, ки зикри чунин маънии калимаи *чок* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» нарафтааст. Дар н. Ванҷ низ вожаи *чок* мавқеи истеъмолӣ дорад, ки зери ин мафҳум як навъ парандае, ки ба бум шабоҳат дорад, фаҳмида мешавад.

Вожаи *чок* дар шеъри Ҳофиз, Камол ва Салмон бештар дар маънии дарида, пора мустаъмал аст, ки чунин мефармоянд:

*Домане гар **чок** шуд дар олами риндӣ чӣ бок?!*
*Ҷомае дар некномӣ низ мебояд дарид! (2, 61)*
*Розам аз **чоки** гиребон шуда фош,*
*Ки чунон буд, ки пӯшида нашуд (9, 184).*

Чи тавре ба мо аён гашт, дар забони ғазали садаи XIV омонимҳои мансуб ба забони тоҷикӣ иштироки фаъол доранд, ки ин ҳама аз ҳунару талоши соҳибони калом дар нигоҳдории лексикаҳои забони адабии тоҷикӣ ҳушдор медиҳад. Инчунин, натиҷаи мисолҳои бадастовардаи мо нишон медиҳанд, ки омонимҳои асри XIV, ки имрӯз ҳам роиҷанд, ба ҳиссаҳои гунонуни нутқ шомиланд, чунончи: исм (*сухан, чанг, дар, бод, ҷом, хор, ком, тор*), шумора (*шаш, ҳазорон*), асоси замони ҳозираи феъл; исм (*сарой, хар, тоб*), асоси замони гузаштаи феъл; исм (*дод*), зарф; исм (*боз, дам, равон, дӯш*), асоси замони ҳозира-ояндаи феъл (аорист); исм (*мемонад*).

**2.Омонимҳои забони арабӣ**: *хумор, ҳадис, асар, акс;*

Вожаи *хумор* яке аз омонимҳои баҳсталаби ашъори шоирони ин аср ба шумор меравад, зеро мувофиқи шарҳи устод Сурӯш «хумор» дар шеъри Камол танҳо ба ду маънӣ: 1) ҳолати баъдимастӣ, сардардии баъд аз мастӣ; 2) *дар истилоҳи сӯфия* «руҷъатро гӯянд аз мақоми вусул ва итлоқ ба олами башарият ва ифтироқ». омада, айнан шарҳест, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ҷ.2,503) барои модаи луғавии хумор баён шуда. Лекин лозим ба зикр аст, ки Б.Мақсудов ҳангоми тартиб додани баргузидаи ашъори Камоли Хуҷандӣ дар матн ҷо-ҷо шарҳи калимот низ кардааст ва он ҷо калимаи *хумор* ба маънии «кӯшиши беҳуда» (Ғазалҳо,106) шарҳ ёфтааст. Яъне, агар байти шоҳиди Камолро *Чӣ судам зи савдои он чашми маст, К-аз ӯ ҳосили ман **хумор** асту бас* (10, 106))-ро ба наср гардонем, чунин мешавад: Маро *чӣ суд аст аз савдои он чашми маст, ки аз ӯ ҳосили ман танҳо кӯшиши беҳуда асту бас.* Ва ё Салмон гӯяд:

*Мо муридон кӯи **хуморем,***
*Сар ба масҷид фурӯ намеорем (7, 345)*
*Ман з-ин **хуми исухумор,***
*Хоҳам рухи зард сурх кардан (7, 349)*

Яъне, мувофиқи муълумоти шореҳон вожаи *хумор* дар садаи XIV аз зумраи лексикаҳои омонимӣ ба шумор рафта, дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ полисемия маҳсуб меёбад, зеро дар фарҳангҳои муосир танҳо маъниҳои *1) (исм) сардардӣ ва касолате, ки пас аз бартараф шудани кайфи шароб дар инсон пайдо мешавад, ҳолати баъдимастӣ; 2) (сифат) касе ки ба ҳолати хуморӣ дучор шуда бошад; 3) (сифат) вежагии чашме, ки ҳолати хуморӣ дар он намоён бошад* (12) омадааст.

Дигар аз омонимҳои мансуб ба забони арабӣ *ҳадис* буда, дар забони назми асри мавриди таҳқиқи мо 5 маъниро дорост: 1) воқеаи нав ҳодисашуда, рӯйдоди нав, 2) сухан, ҳикоя, қисса, нақл, ривоят, 3) панду андарз ва гуфтори судманди пайғамбар Муҳаммад (с), 4) васф, тафсир, сифат, 5) *маҷ*. орзу, ҳавас, иштиёқ (11,859). Аз миёни маъниҳои номбурда дар забони адабии имрӯза 3 маънии аввали он (8, 715) дар истеъмол буда, маъниҳои баъдӣ, шояд ба ҳунари маъниофаринии шоирони қарни XIV вобаста бошад.

Хоҷа Камол дар ин мавзуъ миёни дигар ҳамасрони худ чирадастӣ карда, ҳар панҷ маънии вожаи мазкурро дар шеъри худ ҷой додааст, масалан, ба маънии *сухан* чунин гӯяд:

*Дар миёни мо **ҳадисе** чун нарафт, ӯро чӣ рафт?*
*Ҳар яке гӯяд **ҳадисе** аз каноре, чун кунам? (10,136)*

**Салмон гӯяд:**

***Ҳадиси** рафтаро раҳо мекунам, ки он сурат,*
*Навишта буд он қазо бар саҳифаи тақдир (7, 288)*

***1.*** **Омонимҳои мутааллиқ ба забони арабӣ ва тоҷикӣ**: *савдо, баён ва боб.*

Лексикаи омонимии *савдо* ба маънии аввал, моли забони арабӣ буда, шомили 5 маъност (*Ниг: «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ҷ.2.саҳ.168-169*) ва маънии дуюми он боис мегардад, ки онро марбут ба забони тоҷикӣ донем. Вожаи *савдо* дар ашъори шоирони қарни XIV сермаҳсул буда, бо 5 маънии худ дар вожаофаринии шоирон хидмат кардааст, ки чунинанд: 1) *савдо дар истилоҳи тибби қадим яке аз унсури чаҳоргонаи бадан (сафро, балғам, хун, савдо), молихулиё; маҷ. девонагӣ, ҷунун, шайдоӣ* фаҳмида мешуд, ки бо такя бар ин маънӣ Хоҷаи Табрез чунин байте гӯяд:

*Табиби шаҳр чӣ тасдеъ медиҳад моро,*
*Ки кас наёфт ба ҳикмат илоҷи **савдоро.***

2) *маҷ*. орзу, хоҳиш, таманно.

*Агар Камол зи лаъли лаби ту ҷӯяд ком,*
*Аҷаб мадор, ки савдои тӯтиён шакар аст* (11, 652-653).
*Дар тоби тавба чанд тавон сӯхт ҳамчу уд,*
*Май деҳ, ки умр дар сари савдои хом рафт* (2, 61)

3) *дар истилоҳи аҳли тасаввуф* «ҷазбаи Илоҳиро гӯянд, ки оқибаташ ба инҷизоби тамом ва инсилоби (нест шудан, гум шудани) ом муаддӣ (сабаб) гардад» (аз «Миръоти ушшоқ»).

*Эй оташи **савдои** туам сӯхта чун уд,*
*Касеро набароядзи таманнои ту мақсуд.*

4) *маҷ*. ишқ, меҳр, дӯстӣ, муҳаббат.

*Сари **савдои** ту танҳо на мароат,*
*Ҳар дилеро ба ғамат бозорест* (11, 652-653).

*Ман, ки дар оташи* ***савдои*** *ту оҳе назанам,*
*Кай тавон гуфт, ки бар доғи дилам собир нест (13)*

*5)тиҷорат, харидуфурӯш:*

*Зи шарҳи ҳоли ман зулфи ту тӯморест сарбаста,*
*Агар хоҳӣ хабар, бикшо сари тӯмори* ***савдоро*** *(7, 46)*
*Рӯзгорест, ки* ***савдои*** *бутон дини ман аст,*
*Ғами ин кор нишоти дили ғамгини ман аст (13)*

Ба калимоти арабии омонимӣ вожаи *баён* низ мансуб аст, ки бо такя ба таҳлили диахронӣ-синхронӣ маъниҳои имрӯзаи лексикаи «баён»-ро ба инобат гирифта, онро дар радифи вожаҳои омонимӣ ҷойгузорӣ намудем. Омоними мазкур дар забони ғазали садаи XIV танҳо маъниҳои *шарҳ, эзоҳ, изҳор; тавсиф, тасвир карданро* дошта, омоним ба шумор намерафт. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ зери вожаи *баён,* инчунин, яке аз аломатҳои китобат ва як навъи илме, ки овардани як маънӣ ба тариқи гуногунро меомӯзад (12) низ фаҳмида мешавад ва ба маънии аввалаи он иртиботе надоранд ва инҳо боис гардида, ки вожаи *баён* дар забони имрӯз омоним маҳсуб меёбад. Шоирони садаи мавриди таҳқиқи мо ба маънии *изҳору тасвир* абёти ҷолибе офаридаанд, чунончи:

*Он чӣ Камол аз он ду рух кард* ***баён*** *дар ин ғазал,*
*Саҳл мабин, ки фикри он ман ба ду моҳ кардаам.* (11, 43)
*Мекунад ранги рухам аз дили пурзор* ***баён,***
*Худ дар ин ҳол чӣ ҳоҷат ба* ***баён*** *аст маро?!* (7, 49)

Дигаре аз чунин омонимҳо вожаи «боб» мебошад. Омоними мазкур дар асрҳои X-XII фарогири 4 маънӣ буда, дар асри XIV 3 маънии он ба кор рафтааст. Яъне, маънии аввали он: *падар ва падари падарро* дар ашъори Камол, Ҳофиз ва Саъдӣ пайдо накардем. Абёти Фирдавсӣ, Асадӣ ва баъдан Саъдии бузург истинод бар онанад, ки дар садаи X-XII калимаи «боб» маънии *падар* ва *падарро (бобо)* низ бар уҳда дошта, чунончи:

*Як аз дигар истод он гоҳ дур,*
*Пур аз дард* ***бобу*** *пур аз ранҷ пур (Фирдавсӣ).*
*Як бор табъи одамиён гиру мардумон,*
*Гар одам аст* ***бобату*** *фарзанди бобакӣ (Асадӣ). (8,188)*

Дар ашъори шоирони қарни XIV лексикаи «боб» бо чунин маъниҳо омадааст: 1) шоиста, лоиқ, муносиб.

*На одамист, ки ҳайвони мутлақаш хонанд,*
*Гараш тааллуқи* ***бобе*** *бад-он париваш нест* (11,110).

1) фаслу бахш аз китоб, дар дастхатҳои қадим расм буд, ки боби ҳар китобро бо ранги сурх нависанд.

*Нақши дарат ҳамеша ба хун баркашад сиришк,*
*Ҳамчун муҳаррирон, ки ба сурхӣ кашанд* ***боб*** (11,110).
*Баҳор шарҳи ҷамоли ту дода дар як фасл,*
*Биҳишт зикри ҷамили ту карда дар ҳар* ***боб*** (7,54).

3) дар, дарвоза; равзан; дар борон умеди фатҳи боб аст яъне аз борон дари неъмату арзонӣ кушода мешавад, борони раҳмат равзанаи неъмату арзониро мекушояд, мисол:

*Камол, он хоки тар аз гиря тар соз,*
*Ки дар борон умеди фатҳи* ***боб*** *аст (11, 110).*
*Дигаронро ҳаваси ҷаннат агар мебошад,*
*Равзаи ҷаннати Салмон дар туст аз ҳама* ***боб*** *(7, 53)*
*Рақибам сарзанишҳо кард, к-аз* ***боб*** *рух бартоб,*
*Чӣ афтод ин сари моро, ки хоки дар намеарзад (2)*

**4. Омоними мансуб ба забони туркӣ ва тоҷикӣ:** *хон;*

Вожаи «хон» чун моли забони тоҷикӣ: асоси замони ҳозираи феъл – *хондан* ва исмҳои *хона, дастархонро* ифода мекунад. Мансуб ба забони туркӣ *подшоҳи муғули Туркистон ва ё Осиёи Миёна, хони хонон подшоҳи подшоҳон, шоҳаншоҳ; лакаби хони калони муғулро* мефаҳмонад, ки дар ашъори Камол танҳо ба маънии чоруми он *дастурхон, сурфа* ва дар шеъри Салмон ба маънии *хона* омадааст.

*Нест бе ӯ лаззате дархӯр, Камол,*
*Бенамак* ***хоне,*** *ки меҳмонеш нест* (11, 833).
*Ғам махӯр, Салмон, ба ғам хӯрдан чароғ аз* ***хони хеш,***
*Ҳар ҳумоеро, ки бинӣ, устухоне медиҳад (7, 114)*

Ҳамчунин, ин калима имрӯз дар лаҳҷаҳо низ гунаи истеъмолии худро дошта, дар лаҳҷаи н. Шӯробод ба маънии *даъват кардани касе ба меҳмонӣ* фаҳмида мешавад.

Калимаи *шаш* дар фарҳангҳо танҳо ба як маъно «шумораи миқдорӣ» (8, 574) зикр гардидааст, дар ашъори Камол маҷозан маънии *боло, баландро* низ дорост ва ин боис мегардад, ки вожаи *шашро* ҳамчун омоним ҳисобем. Калимаи мазкур дар н. Балх дар қолаби сохтаи *шашак* во мехӯрад, ки маънои *хабаркашро* дорад. Яъне, ҳарчанд ки ин вожа тарҷумаи вожаи русии «шестёрка» аст, вале тавонистааст, ки дар забони тоҷикӣ омоними худро созад. Маънии *боло ва баланд* дар ашъори Ҳофиз ва Салмон ба назар нарасид, танҳо Камол чунин мазмун байте гӯяд:

*Ду чашму ду абрӯву зулфат гувост,*
*Ки нақши ту дар нарди хубӣ* ***шаш*** *аст (11, 962).*

Хулоса, омонимҳо дар садаи XIV мисли забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он мавқеи истеъмолӣ дошта, ашъори бузургони классик шаҳодат аз он медиҳанд, ки омонимҳои бо фарогирии чандмаъноии худ дар рушду такомули фонди луғавии забони тоҷикӣ саҳмгузоранд. Ҳамчунин, зимни пажӯҳиш, муаллифи сатрҳо талоши онро дошт, ки вежагиҳои лексикии омонимҳои асри XIV-ро дар асоси забони ғазали ин қарн бо такя ба таҳлили диахронӣ-синхронӣ бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ муайян намояд. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки мавқеъ, дараҷаи истеъмол ва маънии омонимҳои асри XIV бо замони имрӯза яксон набуда. Масалан, вожаи *чок* дар ин аср танҳо маънии *дарида, пораро* ифода карда, дар забони имрӯза як навъ *олот* низ фаҳмида мешавад. Ва ё лексикаи *хумор* калимаи муқаррарӣ буда, танҳо дар ғазалиёти Камол омоним маҳсуб меёбад. Инчунин, вожаи *боб* дорои 4 маънӣ, дар садаи XIV 3 маънии он ба кор рафтааст.

## АДАБИЁТ


1. Ахмедова М.Н. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ. Дисс.канд. фил. наук .- Душанбе, 2010.- 163 с.
2. Гулчини девони Ҳофиз, Душанбе: Деваштич, 2006.-256 саҳ. (мураттиб- М.Муллоаҳмад)
3. Каримова, М. Т. Пути образования омонимов и их классификация в таджикском языке. Дисс… канд…филол… наук.- Душанбе, 2013.– 158 с.
4. Маводи конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд,28-29 октябри соли 2016).-Хуҷанд: Ношир, 2016.-616 с.
5. Муслимов Ҳ.Забон рукни тоат (Маҷаллаи илмӣ).Китоби №11.-2018.-174с.
6. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик (маводи таълимӣ). Душанбе, 1977.-132 с.

7. Совачӣ С. Девон. Ба кӯшиши Меҳрдоди Авасто.- Теҳрон, 1338.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд/ «Советская энциклопедия».- Москва, Ҷ.2.- 1969.- 949 с.
9. Хуҷандӣ, К. Девон (таҳия ва тасҳеҳи матн аз Абдуҷаббори Сурӯш ва Саидумрон Саидов)./К. Хуҷандӣ.- Хуҷанд: Андеша, 2011.- 632 с.
10. Хуҷандӣ К. Ғазалҳо. Душанбе: Маориф, 2014.-192 с.
11. Шоҳаҳмад, Абдуҷаббор. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ: Хуросон, 2015.-736 с.


## РОҶЕЪ БА ОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНИ ҒАЗАЛИ САДАИ XIV


Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст, ки мавқеи калимаҳои ҳамгун (омоним)-ро дар ашъори шоирони асри XIV- Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ нишон диҳад.

Муаллифи сатрҳо қайд мекунад, ки калима муҳимтарин воҳиди забонӣ ба ҳисоб рафта, яке аз масъалаҳои асосӣ ва мубрами омӯзиши он маъно ва муайянкунии он мебошад. Қишрҳои семантикии системаи забон барои муайян намудани хусусият, меъёр ва аломатҳои маъноҳои калима, роҳҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои нав, алоқаи маъноӣ, тобишҳои он ва тафовути маъноҳои калимаҳо мусоидат менамояд.



***Калидвожаҳо:*** *асри XIV, омонимҳо, калимаҳои ҳамгун, забони ғазал, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Совачӣ.*


## ОБ ОМОНИМАХ В ГАЗЕЛЯХ XIV ВЕКА


В данной статье автор пытается показать место омонимов в произведениях поэтов XIV века Хафиза Шерози, Камола Худжанди и Салмона Соваджи.

Автор подчеркивает, что слово считается важнейшей языковой единицей, и одним из основных и важнейших вопросов при его изучении является его значение и определение. Семантические слои языковой системы способствуют определению характера, нормы и символов значений слов, способов образования новых слов, смысловых связей, их нюансов и различий в значениях слов.



***Ключевые слова:*** *XIV век, омонимы, синонимы, газель, Хафиз Шерози, Камол Худжанди, Салмон Соваджи.*


## ABOUT HOMONYMS IN THE GHAZALS OF THE XIV CENTURY


In the article, the author tries to show the place of homonyms in the works of the 14th century poets Hafiz Sherozi, Kamoli Khujandi and Salmoni Sovaji.

The author emphasizes that the word is the most important linguistic unit, and one of the main and most important issues in its study is its meaning and definition. The semantic layers of the language system help to determine the nature, norms and symbols of the meanings of words, ways of forming new words, semantic connections, their nuances and differences in the meanings of words.



***Key words:*** *XIV century, homonyms, synonyms, ghazal, Hafiz Sherozi, Kamoli Khujandi, Salmon Sovaji.*



**Маълумот дар бораи муаллиф:Калонова Маҳина Ҷумабоевна -** номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.Тоҷикистон, ш.Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, хиёбони Ҳофизи Шерозӣ.Тел.: +992 92 728 3228; E-mail: m.kalonova@mail.ru

**Сведения об авторе: Калонова Махина Джумабоевна -** кандидат филологических наук, преподаватель кафедры таджикского языка Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибн Сино.Таджикистан, г. Душанбе, р. И.Сомони, проспект Хофиза Шерози. Тел.: +992 92 728 32 28; E-mail: m.kalonova@mail.ru

**Information about author: Kalonova Mahina Jhumaboevna -** Candidate of Philology, Lecturer of the Department Tajik language Tajik state Medical University named after Abuali ibn Sino. Tajikistan, Dushanbe, b. I. Somoni, Hofiz Sherozi Avenue. Tel: +992 92 728 32 28; E-mail: m.kalonova@mail.ru

УДК: 891.550-1+37

# АНДЕШАҲОИ ТАРБИЯВӢ ВА ПАНДУ ҲИКМАТҲОИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

*Саидмирова С.М.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳамин нукта мусаллам аст, ки дар ҳамаи давру замонҳо раванди таълиму тарбия дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши муҳим мебозид ва ин раванд имрӯз ҳам идома дорад. Моҳияти инсон дар он аст, ки дар раванди таълиму тарбия ва таҳсилот аз худ кардани ҳаҷми муайяни дониш, маҳорату малакаҳо, ҷаҳонбинӣ, андеша ақида ва олами маънавии худро бунёд мекунад. Таҷрибаи иҷтимоиро аз худ мекунад. Дар ҷомеа ҳамчун шахсияти арзишманд мавқеи худро муайян менамояд. Муҳим он аст, ки ҷаҳонбинии тасаввуротҳои худро такимил медиҳанд. Аз ин рӯ омӯхтани мероси адабии мутафакирони класикии форсу тоҷик яке аз роҳҳои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии кудакону наврасон ва ҷавонон шуда метавонад, ки дар байни онҳо таҳлил ва баррасии ақидаҳои педагогии Абдураҳони Ҷомӣ мавқеи хоса дорад. Таҳлил ва омӯзиши мероси пурғановати Абдураҳмони Ҷомӣ нишон медиҳад, ки ӯ бо баробари ташвиқу тарғиби идеяҳои ахлоқӣ ва донишомӯзӣ аз худкунии касбу ҳунар ва шаклгирии тафаккур диққати махсус дода мешавад.

Дар ҷомеаи муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадааст, таҳлилу таҳқиқи андешаҳои педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба аз худкунии илму дониш ба таъсири онҳо ва ҷаҳонишавии илмӣ хеле муҳим аст.

Дирӯз, имрӯз ва фардои мо бо он арзишҳои миллию маънавие, ки А. Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, А. Сино, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар намояндагони илму маърифати шинохтаҳои ҷаҳони эҷод кардаанд, такя намуда, онҳоро амалӣ мегардонанд ва вобаста ба пешрафти ҷомеа тақвият мебахшанд.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ шоир, мутафаккир ва тарбиятгари дирӯзу имрӯзи халқҳо мебошад. Тамоми осори илмию адабии шоир ҷабҳаҳои таълимию тарбиявӣ дошта, бисёртар дар симои фарзанди хеш Зиёуддин Юсуф ҳамаи кудакону наврасон, ҷавонону бузургсолонро тарбият намуда, онҳоро ба омӯхтани илму дониш, ҳурмату эҳтироми падару модар, дӯстию рафоқат, накӯкорӣ, инсондӯстӣ, ростқавлӣ, одоби хуб ва ватандӯстӣ таъкид месозад.

Муҳақиқони эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ (М. Орифӣ, Е.Э. Бертелс, М. Раҷабов, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, Ё. Одинаев) таъкид менамоянд, ки ба тарбияи фарзанди хеш Зиёуддин Юсуф аз кӯдакии ӯ машғул гардидааст. А. Мирзоев ба ин масъала диди назар карда чунин нигошта аст: «Шоир дар осори худ пай дар пай ба ин масъала рӯй оварда якчанд асари худро ҳатто, ба ҳамин мақсад таълиф кардааст».[2, 9]

Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар осори ин мутафаккири бузург мавқеи хосаро ишғол кардааст ин масъалаи тарбияи фарзанд мебошад. Ба ин мавзӯъ таваҷҷӯҳи зиёд намудани Ҷомӣ пеш аз ҳама, ба ҳаёти оилавиаш сахт вобастагӣ дорад. Шоир дар ҳаёт, соҳиби чаҳор писар мешавад. Се писараш дар хурди аз олам мегузарад, Ҷомӣ дар марги фарзандон марсияе навишта, сӯзиши дил ва дарду алами хешро баён месозад ва онро чунин ба тори назм мекашад:

Рехтӣ хуни дил аз дидаи гирьёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат, эй ҷони падар!
Навбаҳор омаду гулҳо ҳама рустанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро эй гули хандони падар! [1, 108]

Ҳамин тавр, Ҷомӣ дар марги фарзандон дарун-дарун сӯхта аз доду фарёд худдорӣ мекард. Вай бо аламу дарди зиёд иброз медорад, ки инсон ҳам мисли гулу сабза ҳар баҳор сар аз хок берун мекард. Дареғо, ки инсон рафтан дораду бозгаштан не.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар бобҳои алоҳидаи «Тӯҳфат-ул-Аҳрор», «Сабҳат-ул-аброр», «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хираднномаи Искандарӣ» ба тарбияи фарзанд эътибори махсус додаст. Маҳз дар ҳамин асарҳо фаслҳои алоҳидаро ба насиҳат ва панду андарзҳои ҳакимонаи худро ба тарбияи фарзанди хеш бахшидааст. Дар онҳо омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, аз худ кардани сифатҳои волои ахлоқӣ-дӯстӣ, рафоқат, ростгӯиву некандешӣ, саховатпешагию хайрхоҳӣ талқин карда шудаанд. Бархурдор будани фарзанди хешро аз дурӯғгуиву ҳасадхӯрӣ, кибру ғурӯр, худписандию коҳилӣ, мансабпарастиву мардумозорӣ ва дигар сифатҳои номатлуб канорагир буданро таъкид намудааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ машғул гардидан ба китобхониро яке аз шуғлҳои беҳтарин барои фарзандон ҳисобида, ҳама вақт ба китоб рӯй оварданро аз бекор нишастан хубтар меҳисобад ва таъкид месозад, ки ҳама вақт ба мутолиаи китоб машғул шавед, зеро китобхонӣ танҳоиро бартараф, намуда, ба инсон рӯҳу илҳоми тоза мебахшад ва ин пандҳоро чунин ба тори назм кашидааст:

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бемӯзду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳардам кушоде.[2, 17-18]

Масъалаи мутолиаи китоб, шавқу рағбат ба китобхони, ки имрӯз яке аз масъалаҳои муҳими мактабу маориф, волидону кулли аҳли ҷомеа гардидааст аз нигоҳӣ А. Ҷомӣ низ дур намондааст.

Мутафаккири бузург ба писари худ панд медиҳад, ки ба ҷои ба либоси зебомеҳр бастан ба аз худ намудани илму дониш бикушад. Дар ҳама давру замонҳо қадру манзалатва мавқеи ҳар як мард на аз рӯи сирати зоҳирию либоси зебо, балки мувофиқи олами бою зебои ботинӣ, сифатҳои хуби ахлоқию амалҳои некӣ инсонӣ қадрдонӣ карда мешавад ва ин гуфтаҳои худро чунин ба тори назм кашидааст:

Ба хушпӯшию хушхори макун хӯй,
Битоб аз роҳати пушту шикам рӯй.
Ғараз аз ҷома рафъи ҳирру бардаст.
Надорад майли зиннат ҳар ки мард аст. [2, 17]

Дар ҷомеаи имрӯзаи мо нафаронеро дучор шудан мумкин аст, ки бо либосҳои шинаму зебо худро оро дода ба кибру ғурур, такаббурию ҳавобаландӣ дода мешаванд. Ин амалҳоро бисьёртар дар ҷавононе, ки аз оилаҳои сарватманд мебошанд мушоҳида менамоем. Онҳо бо чунин амалу намуди зоҳирӣ худпарастӣ, худбинӣ ва дороии худро намоиш дода ба табақаҳои махсус ва замонавӣ мутаалиқ буданро нишон додан мехоҳанд. Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз дар замони худ ба чунин ашхос дучор шуда буд ва аз ин рӯ пайваста таъкид менамояд, ки ба пулу мол дил набаста аз паи омӯхтани илму дониш шаванд.

Имрӯзҳо теъдоди муайяни ҷавонону наврасон аз паи соҳиб шудан ба молу чиз, сарвату боигарӣ гардида кайфияту фароғат, қаноатмандию хушҳолии як лаҳзаинаро пеши назар меоранд, вале оқибату саранҷоми амали хешро фаромӯш мекунанд. Дар чунин лаҳзаҳо онҳо бояд амалу рафтори хешро дар тарозӯи ақл баркашанд ва ҳикмати шоирро дар шууру фарҳанги худ ҷой бидиҳанд ва аз он моҳирона истифода баранд.

Ҳуш дор, ки бошад андар ин роҳ,
Аз ҳалмату ҷоҳ канда сад ҷоҳ.
Аз кӯрдилӣ зи раҳ наафтӣ,
Чун кӯрдилон ба чаҳ наафтӣ
Ҳуш дор, ки раҳзанони тақдир,
Аз симу зарранд карда занҷир,
Занҷирии симу зар нагардӣ.
Сокин нашавӣ зи раҳнавардӣ,
Хуш дор, ки ҳар зи раҳфитода,
Ғӯлест миёни раҳ ситода.
Ногаҳ надамад бар сар фусунат
В-аз роҳ наяфганад бурунат,
З-он раҳ ки зи пои ӯ нишон нест.
Баргард, ки ҷуз ҳалоки ҷон нест. [2, 23]

Дар ҳақиқат мо шоҳиди ҳодисаю воқеаҳое мегардем, ки ҷавонон ба пулу сарват дода шуда, дар ғофил мемонанд, ки кӯрдил гаштаанду ба дом дар дасти роҳзанони тақдир, ки мақсади асосии онҳо соҳиб шудан ба молу сервати дигарон аст, ба чоҳ меафтанд, худро аҳли хонавода ва наздиконро гирифтори ғаму андӯҳ, нангу номус мегардонанд. Ва ё баръакс сару савдои молу сарватғундорӣ бахше аз ҷавононро бо занҷири симу зар ба худ занҷирбанд месозад, аз роҳи росту зиндагии сазовор дур месозад. Дар роҳи зиндагӣ чун ғули бо занҷиру тавқи оҳанин, ба гардани зиндониён мезананд дар роҳ мемонад. Аз ин чоҳ роҳ барнагаштан аст, яъне побанди молу сарват будан, инсонро ба ҳалокат мебарад

Аз нуқтаи назари Ҷомӣ танорой, на ин ки барои сабзиши одамӣ ва камолоти ӯ мамониат мерасонад, балки зарарҳои ҷонӣ низ хоҳад овард. Аз тарафи дигар таноройӣ барои одамони паст низ як воситаи назар фиребӣ мебошад

Ба андешаи мо дар мактаб таҳсил намудан соҳиби илму дониши кофӣ ва ҷавобгӯи талаботи зиндагӣ шудан низ дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ҳунар, маҳорат ва қобилияту истеъдодӣ махсус аст. Онро мактаби аввалин, меҳвари асосии илмомӯзӣ ҳисобидан мумкин, ки пойдевори асосии илму ҳунар, касбу коромӯзӣ мегардад. Аз ин рӯ ӯ дар панднномаи 20-ми «Тӯҳфат-ул-аҳрор» дар панди фарзанди арҷмандаш чунин таъкид мекунад

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушой ҳама дарҳост илм. [2, 12]

Давраи кӯдакӣ аёми наврасию навҷавонӣ, ки дар оғӯши мактаб, дар раванди таҳсилу тадрис мегузарад, ба ҳунаре соҳиб гардидан касберо интихоб намудан, тасаввур ва амалӣ гардондани андешаю пешаи худ ба ҳар як донишомӯз хеле муҳимаст. Дар ин ҷода имрӯз аҳамияти афкори педагогии А. Ҷомӣ бо чунин байти ӯ қавӣ ва мустаҳакам гардидааст.

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷи зар пеши ҳунар чизе нест. [2, 13]

Ин андешаи мутафаккирро бо андарзи зер комилу саҳеҳтар намудан мумкин аст: ҳунар чашмаест зоянда, давлатест поянда.

Воқеан Ҷомӣ бо осори дилошӯбу сеҳрангези хеш таваҷҷӯҳи оламиёнро ба худ ҷалб сохтааст, аз ин диди нигоҳ, ифтихори мо боз аз он аст, ки ӯ шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад. Ин матлабро андешаҳои Саид Нафисӣ (эрон) тақвият мебахшад:

«… Ҷомӣ дар асри худаш биёр машҳур буда: шояд камтар шоири форсизабон ба андозаи Ҷомӣ дар замони худ муаззам ва мӯҳтарам буда бошад. Аз китобҳо бармеояд, ки ҳамаи шуаро ба ӯ таваҷҷӯҳ доштанд ва ҳар касе, ки ба Ҳирот мерафт, махсусан манзили Ҷомӣ мерафтанд ва ағлаби шуаро ашъоре, ки мегуфтанд, барои ӯ мехонданд ва ӯ ислоҳ мекардааст»! [4, 211-212].

Баъдан таъкид мекунад, Ҷомӣ аз чанд шоири бузурги мо: Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём ва Низомӣ мегузарад. Ҷомӣ дар ҷаҳони мутамаддун аз ҳама маъруфтар аст.

Андешаҳои тарбиявӣ ва панду ҳикматҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз ҳам аҳамияти бузурги иҷтимоиро доро буда, ҳамчун дастури ахлоқи ҳамида барои тарбияи мардум ва пешрафти ҷомеаи муосир кӯмак мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Афсаҳзод, А. А. Ҷомӣ/А.Афсахзод.-Душанбе: Маориф,-1978.-280с
2. Мирзоев, А. Тарбияи фарзанд дар осори Ҷомӣ/А.Мирзоев//Садои Шарқ.-Душанбе, 1964.-№12. - С. 9 – 27.
3. Современный ребёнок //Энциклопедия взаимопонимания / под ред. А. Я. Варш. - М., 2014. – 640 с.
4. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Маҷмӯаи материалҳои ҷашни 550- солагӣ. - Душанбе: Дониш, 1973. – 360 с.
5. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ /Ф. Шарифзода., А. Миралиев. - Душанбе: Ирфон, 2012. – 562 с.


## АНДЕШАҲОИ ТАРБИЯВӢ ВА ПАНДУ ҲИКМАТҲОИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ


Дар мақолаи мазкур андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба тарбия ва панду ҳикматҳояш мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки андешаҳои тарбиявӣ ва панду ҳикматҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ҳанӯз ҳам аҳамияти бузурги иҷтимоиро доро буда, ҳамчун дастури ахлоқи ҳамида барои тарбияи мардум ва пешрафти ҷомеаи муосир кӯмак мерасонад. Ба андешаи А. Ҷомӣ асоси пешрафти ҷомеа маҳз дар тарбияи дурусти инсон мебошад.



***Калидвожаҳо***: *панду андарз, тарбияи фарзанд, наврасон, ҷавонон, китоб, китобхонӣ, илму дониш, касбу ҳунар.*


## ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ ВЗГЛЯДЫ И НРАВОУЧЕНИЯ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ


В данной статье анализируются взгляды Абдурахмана Джами о воспитании и нравоучениях. Следует отметить, что воспитательные взгляды и нравоучения Абдурахмана Джами до сих пор имеют большое социальное значение, и как руководство достойного поведения помогают в воспитании народа и развитии современного общества. По мнению Абдурахмана Джами, основой развития общества заключается именно в правильном воспитании человека.



***Ключевые слова:*** *нравоучения, воспитание ребенка, подростки, молодежь, книги, чтение, наука, знания, профессия.*


## EDUCATIONAL VIEWS AND MORAL TEACHINGS

**OF ABDURAHMAN JAMI**

The article analyzes Abdurahman Jami's views on education and moral teachings. It should be noted that educational views and moral teachings of Abdurahman Jami are still have great social importance and as a guide of rightful behavior help in public education and development of modern society. According to Abdurahman Jami's opinion, the basis of the progress of society lies in the human's proper education.

***Keywords:*** *moral teachings, children education, adolescents, youth, books, reading, science and knowledge, profession.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Саидмирова Савринисо Мирзоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири Китобхонаи илмии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел: 901053030

**Сведения об авторе: Саидмирова Савринисо Мирзоевна** - кандидат педагогических наук, заведующая научной библиотекой Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира 33.Тел: 901053030

**Information about author: Saidmirova Savriniso Mirzoevna** - Candidate of Pedagogy, Head of the Scientific Library, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir Str. Phone: 901053030

УДК: 339.54.012

# КОНЦЕПТУАЛЬНО - ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВНЕШНЕТОРГОВОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА НА ПРОСТРАНСТВЕ СНГ

*Шамсуллозода Ш., Махмадмуродова М.А., Махамадиева Г.А.*

**Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**

В условиях растущей глобализации и, в связи с этим, интенсификации взаимодействия национальных хозяйств, их постепенное превращение в относительно целостную мировую систему вызывает необходимость активного продвижения Таджикистаном своих позиций на международной арене. В этом процессе внешнеторговая политика республики становится одним из ключевых факторов и механизмов обеспечения социально-экономического роста страны. Развитие внешнеторговых отношений и формирование интеграционных объединений стран, примерно одинакового уровня социально-экономического развития и имеющих одинаковые базовые и институциональные условия, дают наиболее положительный эффект.В этом смысле, обусловлена необходимость и неизбежность восстановления и развитияпрежних экономических отношений и хозяйственных связей на постсоветском пространстве, прежде всего в рамкахСНГ, страны которых жили и функционировали в прошлом длительном историческом периоде в рамках единой институциональной матрицы. Расширение долгосрочных и устойчивых отношений сотрудничества Республики Таджикистан со странами – участницами Содружества Независимых Государств и соседними странами Центральной Азии (Узбекистаном, Казахстаном, Туркменистаном и Кыргызстаном) занимают центральное место во внешней и внешнеторговой политике республики. [1.25 с.]

За годы государственной независимости Республики Таджикистан произошли глубокие экономические и политическиеизменения, которыеизменили географическую структуру еевнешней торговли. В 1991 г.80,3 %внешнеторгового оборота республики приходилось на страны СНГ.Однако, начиная с 1995 г. и в последующих годах, этот показатель составил в среднем 49,8%. Хотя в структурном сдвиге внешнеторгового оборота республики масса и индекс структурных сдвигов торговли со странами СНГ имеют отрицательные значения, но объемы внешнеторгового оборота увеличиваются. Так, в период с 1995 по 2017 гг., объём торговли со странами СНГувеличился от 729,6 млн. долл. до 2045,4 млн. долл. или увеличился более чем2,8 раза.Рост объемов внешнеторгового оборота республики со станами СНГ обеспечен в основномза счет роста объемов импорта. За анализируемый период, объем импорта со странами СНГ увеличился с 809,9 до 3435,6 млн. долл., или более чем в 4,2 раза. А объем экспорта,по сравнению с 1995г., уменьшился на 24,9 млн. долл. или на 24,1%. Таким образом,абсолютный прирост объемов торговли со странами СНГ, который составил 1315,8 млн. долл., полностью получен за счет увеличения объемов импорта и снижения объемовэкспорта. Таким образом, можно сказать, что страны СНГ завоевали внутренний рынок республики, а республика имеет низкую долю на рынках этих стран. Другими словами, республикаменьше продает, больше покупает, тем самым, значительная часть доходов страны переливается на рынок стран СНГ.

Уровеньразвития внешнеторгового оборота страны более детально отражает анализ структурных сдвигов, которые можно измерить путем рассмотрения динамики изменения удельного веса соответствующих компонентов внешнеторгового оборота. Мы согласны с мнением ряда авторов, которые отмечают, что в условиях происходящих изменений в структуре экономической системы,ее развитие только темпами роста недостаточно, поскольку этот показатель свидетельствует об изменении масштабности, но не дает комплексной характеристики структурных сдвигов [2.34-45].Именно совокупность структурных коэффициентов может определить архитектурный образ экономики и ее секторов, а также направления ее реагирования на изменяющиеся условия внешней среды. Это особенно касается внешнеэкономического сектора экономики, который является более динамично изменяющимся сегментом экономики. Именно в результате макрогенерацииивнешнего сектора экономики, республика испытывает положительные и отрицательные влияния конъюнктуры мирового рынка. Поэтому, состояние и развитие внешнеторговых отношений более детально отражают анализ структурных сдвигов, которые можно измерить путем рассмотрения динамики изменения удельного веса соответствующих компонентов внешнеторгового оборота. Индекс структурных сдвигов, какотношение прироста массы сдвига доли соответствующего компонента к базисному периоду (1991г.) в процентах, оценивает уровень скорости или быстроту структурных процессов внешнеторгового оборота страны.

В 2017 г., по сравнению с 1991 г., индекс структурного сдвига торгового оборота со странами СНГ во внешнеторговом обороте (скорость изменения их доли за длительный период) имеют тенденцию к снижению, исоставляет (- 41,1) (47,3-80,3/80,3),т.е. имеет отрицательное значение. А со странами остального мира, наоборот, наблюдается высокий уровень положительного сдвига и составляет за анализируемый период(1991-2017 гг.) – (+167,5%). Самый высокий уровень индекса структурного сдвига наблюдается в объеме экспорта со странами остального мира, который составляют -(+ 251%.) . Индекс структурного сдвига в объеме импортасо станами остального мира также являетсявысоким – (+161,7). В целом, совокупность индекса структурных сдвигов внешнеторгового оборота со странами СНГ, в период с 1991 по 2017 гг., имеет отрицательноезначение –(- 144,3) и наблюдается высокая скорость изменений в направлении сокращения. В то же время, со странамиостального мира, имеются положительные изменения,значение индекса составляет (+580,2).

Как свидетельствуют тенденции,структурные сдвиги внешнеторгового оборота республикипроисходят в пользу роста торгового оборота со странами остального мира, т.е. наблюдаются положительные структурные сдвиги в сторону стран остального мира. Хотя положительные структурные сдвиги внешнеторгового оборота со странами СНГ можно наблюдать после 2000–х годов, но они имеет мизерные значения.Следует отметить, что за этими сдвигамив структуре внешнеторгового оборота, стоят торгово-экономические интересы страны,его хозяйствующих субъектов, в целом интересы участников внешнеэкономических и внешнеторговых отношений, которые создали стимулы развития направлений компонентов внешнеторгового оборота.Таким образом, можно сказать, что, несмотря на декларирование курса на сближение Таджикистана со странами СНГ, в их отношениях еще сохраняется целый ряд нерешенных проблем и экономического и институционального характера, которые препятствуют дальнейшему развитию и расширению торгово-экономических связейсторон. Принятие комплекса совместных мер для преодоления существующих преград в сфере торгово-

экономических отношений, имеет оченьважное стратегическое значение для всех стран СНГ ив том числе для Республики Таджикистан. Это связано с тем, что «неравномерное развитие глобальных экономик, особенно экономик развитых стран мира, оказывает ощутимое влияние на экономики развивающихся стран, особенно на экономики стран СНГ. В докладе Международного валютного фонда (МВФ) «Перспективы развития региональной экономики Кавказа и Центральной Азии (КЦА)» приводится обзор состояния и возможностей экономик этих регионов СНГ. В частности отмечается, что страны СНГотстают от других стран по уровню развития финансового сектора,разнообразию экспорта, деловая среда находится на низком уровне. Снижение цен на алюминий, хлопок и укреплениедоллара и т.д., становится причиной падения экономики, ухудшения деятельности банков, снижения доходов и т.д.». [3.48-59].Устранение этих недостатков, требует совместные усилий, которые способствуют расширению возможностей для экономического процветания в будущем.

В связи с этим, основательность процессов современной внешнеэкономической деятельности и внешнеторговой политики республики на пути расширения торгово-экономического сотрудничества впространстве СНГ, вызывает переосмысление многих теоретических и концептуальных положений международной торговли и его институциональной основы, как основы формирования эффективной внешнеторговой политики страны.Проблемы создания новой институциональной матрицы, способствующей интеграции на пространстве СНГ, привлекают внимание ученых стран СНГ, в том числе, как в Республике Таджикистан, так и за ее пределами. Однако во многих публикациях преобладает эмпирический подход к объяснению развития торгово-экономических отношений на пространстве СНГ. Поэтому можно утверждать, что слабость изучениятеоретических и концептуальных аспектов интеграции на постсоветском пространстве, становится причиной недостаточного понимания причинно-следственных связей процессов. Например, во многих зарубежных изданиях, обзор которых дан в докладе Центра интеграционных исследований Евразийского банка развития (ЕАБР) отмечается, что РФ, как ведущая страна на пространстве СНГ, использует интеграцию на территории бывшего союза с цельювосстановления своего влияния в бывших республиках СССР [4.28-32]. Однако теория и концептуальные положения международной торговли объясняют мотивы интеграциииторговлик стремлению получения экономической выгоды от расширения рынков. В связи с этим, необходимость разработки теоретических и концептуальных основ торговой интеграции и торгово-экономического сотрудничества на пространстве СНГ, назрела по ряду объективных причин.Прежде всего, исследование теоретических аспектов и разработка теорий и концепций торгово-экономического развития позволяет достичь научного понимания перспектив и проблем интеграционной и торговой политики на пространстве СНГ. Если главы государств и Правительств принимают решения об устранении торговых барьеров и реализации торговой политики, то ученые и эксперты, на основе глубокого анализа (при помощи научных методов), прогнозируют последствия их практических действийи предлагают научно обоснованные концепции торговых отношений, рекомендуют пути и способы совершенствования механизмов развития торгово-экономических отношений. Кроме этого, теоретические и концептуальные разработки расширяют теории интеграции и внешней торговли стран СНГ, выявляютспецифические особенности этого процесса и в соответствие с этим, обосновываются формы и механизмы реализации торгово-экономических отношений (адекватных институциональным условиям региона) на пространстве СНГ.

Следует отметить, что подписание в 1993 году Договора о создании Экономического союза является одним из определяющих моментов во взаимоотношениях государств СНГ после распада СССР.В этом документебыло указанно поэтапное создание общего рынка товаров, услуг, капиталов и рабочей силы. Торговая интеграция в постсоветском пространстве началась после того как в 1994 г. было подписано соглашение стран СНГ «О создании зоны свободной торговли». Это соглашение опиралось на концепции и теории интеграции, как процессе формирования преференциальных условий для свободного движения товаров и услуг на пространстве стран СНГ. Однако до настоящего времени не наблюдается эффектов, которые прогнозируются«традиционной» теорией. Согласно «традиционной» теории, в процессе оценки влияния интеграции на торговлюиспользуются понятие эффекта создания торговли и эффекта ее отклонения. Эффект создания торговли характеризует рост товарооборота, который возникаетв результате устранения торговых барьеров и соответственно удешевления взаимной торговли. Эффект отклонения отражает изменение географической структуры торговли в пользу партнеров за счет сокращения удельного веса импорта товаров из третьих стран. Теорииэффекта создания и отклонения торговли получили исследование в трудахЯ. Винера [5.696-705]. Он выявил и отрицательные и положительные стороны интеграции в торговле. Более простой метод оценки торговых эффектов, вернее, способ их количественной оценки с помощью показателей, характеризующих долю импорта в ВВП, предложил Б. Баласс. Этот показательв современной экономической науке широко используется для измерения открытости экономики. Согласно предположения Б. Баласса, в условиях отсутствияторговой интеграции, удельный вес импорта в ВВП не должен изменяться. Таким образом, эффект создания торговли оценивается как рост доли совокупного импорта в ВВП страны, а эффект отклонения торговли, как снижение в ВВП доли импорта из третьих стран, которые не участвует в торговом соглашении. Однако, особенность торговой интеграции на пространстве СНГ состоит в том, что здесь отсутствует эффект отклонения. Явно наблюдается тенденция роста открытости в отношении третьих стран, а часто открытость в отношении партнеров снижается.

Однако в Республике Таджикистан наблюдается тенденция роста совокупного импорта в ВВП в группе стран СНГ. Следовательно, Республика Таджикистан строго соблюдает и выполняет торговые соглашения со странами СНГ.Республика Таджикистанс обретением государственной независимости начала активно участвовать в интеграционных процессах напространстве СНГ. Таджикистан укрепляет всесторонние стратегические отношения в интеграционных объединениях в рамках СНГ ибыл одним из инициаторовсоздания и развития ЕврАзЭС и расширения, на основе этого, международного института на пространстве стран СНГ торгово-экономических отношений. В самом деле, ЕврАзЭС представлял для республики наибольший интерес в силу приоритета торгово- экономического блока. В ее рамках был продвинут ряд форм сотрудничества в области обеспечения развития экономики и торговли, расширению транспортных и коммуникационных инфраструктур, которые ускорят торговый оборот между странами.

Республика Таджикистан с цельюрасширения торгово-экономических отношений со странами СНГ и разработкирациональной внешнеторговой политики, сформировал институциональные основы осуществления внешнеэкономической деятельности. Основные принципы и порядок осуществления внешнеэкономической деятельности

определены в ряде Законов, указов Президента и решений Правительства Республики Таджикистан. Основныеиз которых следующие:

- Закон Республики Таджикистан«О внешнеэкономической деятельности в Республике Таджикистан», от 14.06.2012 г., №347
- Закон Республики Таджикистан «Об инвестициии» от 12.05. 2007г., № 260
- Закон Республики Таджикистан «О вступлении Республики Таджикистан членом Международного валютного фонда. Международного банка реконструкции и развития, Международной ассоциации развития, Международной финансовой корпорации и многостороннего агентства по гарантиям вкладов» от 23.11.1992 г.;
- Таможенный кодекс РеспубликиТаджикистан. 1.01.2005 г.;
- Указ Президента Республики Таджикистан № 261 от 26.06.95 г. «О дальнейшей либерализации внешней торговли в Республике Таджикистан»;
- Указ Президента Республики Таджикистан № 424 от 24.02.96г.«О либерализации валютных и экспортных операций и мерах по обеспечению полного возврата в республику валютной выручки».

В соответствие с принятыми законодательными и нормативными правовыми актами приняты меры по реализации внешнеторговой деятельности. Прежде всего, в республикесоздана целая система специализированных государственных институтов власти, которые непосредственно управляют и регулируют внешнеторговые отношения. Основные принципы и механизмы регулирования внешнеэкономическойдеятельности вреспублике определеныв ЗаконеРТ «О внешнеэкономической деятельности в Республике Таджикистан». Данный закон в соответствии снормами международного права направлен на обеспечение защиты прав, интересов и имущества участников внешнеторговых отношений.Особо важными условиями для стимулирования роста торговли со странами СНГстали указы Президента Республики Таджикистан «О либерализации внешней торговли в Республике Таджикистан» и«О либерализации валютных и экспортных операций». Всоответствиис этими Указами, были приняты меры по упрощению внешней торговли.С начала1996 г. были отменены лицензирование и квотирование, а позже экспертизы экспортно-импортных договоров.Сцелью стимулирования внешнеторговой деятельности для отечественных предпринимателей были отменены также экспортные таможенныепошлины, а также разработаны и приняты дифференцированныеставки импортныхпошлин.Особо важное значениеимеет Постановление Правительства Республики Таджикистан«О мерахпо улучшению продвиженияотечественных товаров на внешнем рынке», которое направлено на эффективное использование экспортного потенциала страны, содействие повышения конкурентоспособности отечественных товаров,прежде всегона рынках пространства СНГ. Одним из механизмов реализации этого постановления была совместная разработкаМинистерства экономики и торговли РТ иТаджикской универсальной товарно-сырьевойбиржи ократкосрочных и долгосрочных прогнозах рынков продукции и товаров, которые составляют экспортныйпотенциалстраны.Указ Президента Республики Таджикистан «О либерализации внешней торговли в Республике Таджикистан» подтвердил право любых заинтересованных хозяйствующих субъектов страны осуществлять внешнеторговую и посредническую деятельность. Правительству, с целью снижения ограничений во внешнеторговой деятельности, было поручено сократить номенклатуру товаров, работ и услуг, которые подлежат квотированию и лицензированию. Таким образом, после 2000-го года были заложены концептуальные и институциональные основы реализации внешнеторговой политики Таджикистана.

Однако, в современной тенденции торговых взаимоотношений пространства СНГ, наблюдается наряду с интеграционными механизмами, еще дезинтеграционные факторы внутри группировки СНГ, которые создают трудности во внешнеторговых отношениях Республики Таджикистан.Эти дезинтеграционные процессы связаны с политическими факторами, которые обусловлены разной направленностью интересов в процессе формирования структуры внешнеэкономических отношений. Разнообразные факторы дезинтеграции, естественно снижают масштабы и эффективность всей системы внешнеэкономических связей СНГ и, в том числе, во внешнеторговой политике республики.

В исследованиях многих ученых и экспертов стран СНГ, подчеркиваются трудности решения многих проблемных вопросов в сфере торгово-экономических отношений одновременно между всеми государствами-членами СНГ. В результате чего возникла идея или концепция «разноскоростной», «многоуровневой» интеграции стран СНГ. Поэтому практика последних лет показывает, что страны, которые былиготовы к интеграции, объединились и, таким образом, на пространстве СНГобразовались субрегиональные организации различных типов. Это конечноослабляет целостность постсоветского экономического пространства.В этих условиях, Правительство республикитакже приняло многовекториальный курс внешнеторговой политикии стало реализовывать свою внешнеторговую политику, прежде всего путем подписания двусторонних соглашений в рамках стран СНГ.

На наш взгляд, нельзя допустить раздробления торгово-экономического пространства СНГ и тем самым сломатьцелостность межгосударственной организации. В настоящее время, государства-члены СНГ стремятся получить максимальные экономические выгоды на основе двусторонних отношений, даже путем игнорирования обязательств, официально согласованных на многосторонней основе, на заседаниях государств-членов СНГ. Поэтому, укрепление торгово-экономического пространства СНГ и совершенствование организационно-экономических механизмовего перспективного развития должно выходить на первый план.А пока мы теряем собственный региональный рынок на постсоветском пространстве.Необходимо учиться на опыте стран ЕС и других мировых региональных форм экономической интеграции, которые не распадаются, а наоборот,принимают новое содержание и формы развития.

Управление внешнеторговыми отношениями в рамках СНГ требует создания новых институтов, которые более рационально структурируют международные торговые механизмы и соответствующие механизмы контроля пособлюдению выполнения контрактов. Здесь подразумевается набор средств, с помощью которых можно идентифицировать соблюдение или нарушение правил, а также применение стимулирующих или диссимулирующих санкций. Создание новых институтов или совершенствование ныне действующих, выступает как общественное благо более высокого порядка. Например, созданиеинститутов информационного обеспечения управления и регулирования внешнеторговых отношений в рамках стран СНГ, которыепроизводят и распространяют информацию, необходимую для координации действий стран, выступает также как производитель общественных благ в пространстве СНГ.Таким образом, институциональная трансформация в рамках СНГ является процессом возникновения, развития, и укрепления новых рыночных правил экономического поведения и рыночных организаций агентов – участников СНГ и замена ими старых правил и организаций.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 23.04.2014- 2016// http://president.tj/ru/node/6599
2. Коссов, В.В. Показатели роста и развития экономики [Текст] / В.В. Коссов // Вопросы экономики. - 1975-№12. - с. 34-45.
3. Мирсаидов, А.Б. Нестабильность - имманентное свойство современной экономики // Таджикистана и современный мир, № 5 (55) 2016, С. 48-59.
4. Либман А. (2012) Исследования региональной интеграции в СНГ и Центральной Азии: Обзор литературы. СПб.: Центр интеграционных исследований Евразийского банка развития [Libman A. (2012) Studies of Regional Integration in the CIS and in Central Asia: A Literature Survey. St. Petersburg: EDB Centre for Integration Studies.].
5. Винер Я. (2006). Проблема таможенного союза // Вехи экономической мысли. Т. 6: Международная экономика / Под ред. А. П. Киреева. М.: Теис, 2006. С. 696—705. [VinerJ.(2006). The customs union issue // Kireev A. P. (ed.). Vehi Ekonomitcheskoj Mysli. Vol. 6. Mezdunarodnaja ekonomika. Moscow: Teis. P. 696—705.].
6. Пугачев В. Модель многоуровневой равноскоростной интеграции жизненно необходима СНГ // Официальный сайт Исполнительного комитета СНГ. 24.09.2013. www.cis.minsk.by/news.php.sid=2022.


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ КОНСЕПТУАЛӢ ВА ИНТТИТУСИОНАЛИИ АМАЛИШАВИИИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТҲОДИ ДАВАТҲОИ МУСТАҚИЛ


Дар матни мазкур масъалаҳо оид ба асосҳои сохт ва рушди сиёсати берунитиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ИДМ дида мешаванд. Ҷунбишҳои сохторӣ ва динамика дар гардиши тиҷоратии ҷумҳурӣ бо дигар давлатҳои ИДМ, хусусиятҳои якҷоякунии тиҷорат дар фазои ИДМ аз таъсири призмаи парадигмавии ташкили тиҷорат ва таъсир аз қабул накардани тиҷорат таҳлил мешаванд. Зарурияти коркард намудани асосҳои назариявӣ, консептуалии якҷоякунии тиҷорат ва ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар фазои ИДМ асоснок карда мешаванд, равандҳои асосии мустаҳкам кардани фазои тиҷоратӣ-иқтисодии ИДМ пешниҳод мегарданд ва макони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин фазо муайян мешавад.



***Калидвожаҳо:*** *сиёсати берунитиҷоратӣ, назария ва консепсияҳои сиёсати тиҷорати беруна, якҷоякунии тиҷорат, муносибатҳои тиҷоратӣ-иҷтисодӣ, сектори берунаи иқтисодиёт, таъсири ташкили тиҷорат, таъсир аз қабул накардани тиҷорат, институтҳо ва сохтори институтсионии фаъолияти берунаи тиҷоратӣ.*



В статье рассматриваются вопросы концептуально-институциональных основ формирования и развития внешнеторговой политики Республики Таджикистан на пространстве СНГ. Анализируются динамика и структурные сдвиги в торговом обороте республики со странами СНГ, особенности торговой интеграции на пространстве СНГ через призму парадигмы эффекта создания торговли и эффекта отклонения торговли. Обосновываются необходимость разработки теоретических и концептуальных основ торговой интеграции и торгово-экономического сотрудничества на пространстве СНГ,

предлагаются основные направления укрепления торгово-экономического пространства СНГ и определяется место Республики Таджикистан на этом пространстве.

***Ключевые слова***: *внешнеторговая политика, теории и концепции внешней торговли, торговая интеграция, торгово - экономические отношения, внешний сектор экономики, эффект создания торговли, эффект отклонения торговли, институты и институциональная структура внешнеторговой деятельности.*

## CONCEPTUAL - INSTITUTIONAL BASES FOR THE IMPLEMENTATION OF THE STATE FOREIGN TRADE POLICY OF TAJIKISTAN IN THE CIS

The article deals with issues on conception- institution bases of forming and development of foreign trade policy of the Republic of Tajikistan in CIS. There analyzing the dynamics and structural shift in trade of the republic with CIS countries, features of trade integration in CIS over the prism of paradigm of trade creation effect and trade deflection effect. As well as justifying the necessity of developing the theoretical and conceptual bases of trade integration and trade-economic cooperation in CIS, proposing main areas of strengthening trade-economic space of CIS and determining the place of the Republic of Tajikistan in this space.

***Keywords***: *foreign trade policy, theories and conceptions of foreign trade, trade integration, trade- economic relations, foreign sector of economic, trade creation effect, trade deflection effect, institutions and institutional structures of foreign trade activity.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шамсуллозода Шукрулло -** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идоракунии давлатии иқтисодиёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33. Тел.: +992 93 452 6666; E-mail: shamsullozoda81@mail.ru
**Маҳмадмуродова Маҳина Абдусалимовна -** ассисиенти кафедраи идоракунии давлатии иқтисодиёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.Тел.: +992 888 772710; E-mail: mmahmadmurodova@mail.ru
**Маҳамадиева Гулнора Абдуҷалиловна -** ассисиенти кафедраи идоракунии давлатии иқтисодиёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33. Тел.: +992 883 334452; E-mail: mahmadieva.g7@mail.ru

**Сведения об авторах: Шамсуллозода Шукрулло -** кандидат экономических наук, заведующий кафедрой управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира 33. Тел.: (+992) 93 452 6666; E-mail: shamsullozoda81@mail.ru
**Махмадмуродова Махина Абдусалимовна -** ассистент кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира 33.Тел.: +992 888 772710; E-mail: mmahmadmurodova@mail.ru
**Махамадиева Гульнора Абдучалиловна -** ассистент кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира 33. Тел.: +992 883 334452; E-mail: mahmadieva.g7@mail.ru

**Information about authors: Shamsullozoda Shukrullo -** Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Public Finance Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33. Tel .: (+992) 93 452 6666; E-mail: shamsullozoda81@mail.ru

**Mahmadmurodova Mahina Abdusalimovna -** Assistant of the Department of Public Finance Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33. Tel .: +992 888 772710; E-mail: mmahmadmurodova@mail.ru

**Mahamadieva Gulnora Abdujalilovna -** Assistant of the Department of Public Finance Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33. Tel .: +992 883 334452; E-mail: mahmadieva.g7@mail.ru

УДК: 141.81

# ФЕНОМЕН МАССЫ В ИНФОРМАЦИОННОМ ОБЩЕСТВЕ

*Зохидов О.Х., Нуралиева М.М.*
**Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики**

В преддверии XX века масса приобрела новую волну политизации. Некоторые ученые полагают, что масса – это безликие, невежественные люди, которые ничем не отличаются от толпы.

Чередование форм многочисленного и единого количества термина «масса» в фразе показывает на то, собственно, что для В.И.Ленина не лишь только пролетариат, но и иные общественные группы и профессиональные слои были увлекательны политически до этого всего как всевозможные «массы», т. е. как обычные формы человечных ассоциаций, подлежащие революционной мобилизации или, как мы знаем из позднейшей ситуации, групповому преследованию и устранению. Во второй половине XX века понятие «масса» стало обширно применяться для описания человеческих множеств, соединенные подобного воздействия или же подобных взоров, но не имеющих на физическом уровне ближайшего воплощения.

В особенности масса, классы, народ по своему содержанию в некоторых аспектах могут быть частью единого общества. Как отмечал В.И. Ленин «масса является сознательным историческим деятелем», то есть во время революций 1917 года, когда крестьяне и рабочие стали массово продвигать интересы элиты, которые также были недовольны действующей властью. То есть заинтересованность массы является волей господствующего класса.

Здесь приведен пример традиционного общества. Масса в традиционном обществе принимает те указания, которые даются со стороны традиционного лидера. Это означает, что масса со временем изменяется, как и само общество. В развитых обществах, таких как индустриальные и постиндустриальные, масса начинает присматриваться к лидеру. Традиционный лидер по М. Веберу не может соответствовать информационному обществу. Сознательность массы в исторических событиях можно судить по движениям масс в целом.

Информационное общество – это общество развитого типа. В отличие от традиционного общества информационное общество развито в сферах экономики, социальной политики, социальной культуры и политики в целом. Массовая информированность это результат информационного общества. Доступность информации породило то, что масса начала активно следить за событиями не только своих стран, но и за международными событиями. Масса считает себя субъектом этих международных и политических процессов. Поэтому масса подвергается изменению.

Концепция «информационного общества», по-видимому, зародилась в Японии, а также является логическим продолжением более ранних представлений о становлении постиндустриального общества, в котором производство уступает место индустрии услуг как основе экономики.

Массовая коммуникация является одним из элементов экономики информационных обществ, но очень важным, особенно в связи с сопутствующим производством электронного оборудования и возрастающей социальной и политической значимостью средств массовой информации.

Сетевое общество, концептуализированное Кастеллом [1, с.102], в его трилогии об информационном веке, строится на идее информационного капитализма. Его

исследование в эпоху после окончания холодной войны, рассматривает реструктуризацию капитализма и распространение «информатизации» как движущие силы создания новой системы, которая, однако, не обязательно однородна в глобальном масштабе, поскольку общества действовали,/реагировали по-разному на такие процессы в соответствии со спецификой их истории, культуры и институтов.

Флешмобы - это примеры коллективного поведения, неинституционализированной деятельности, в которой добровольно участвуют несколько или много людей. Другие примеры - это группа пассажиров, возвращающихся домой с работы, и группа подростков, принявших прическу любимой певицы. Короче говоря, коллективное поведение - это любое групповое поведение, которое не предписано или не регулируется каким-либо учреждением. Существует три основные формы коллективного поведения: толпа, масса и публика.

Для формирования толпы требуется достаточно большое количество людей, находящихся в непосредственной близости (Lofland 1993). В качестве примера можно привести группу людей, посещающих концерт Ани Дифранко, выступающих на игре патриотов или посещающих богослужение. Тернер и Киллиан (Turner and Killian, 1993) выделили четыре типа толпы. Случайные толпы состоят из людей, которые находятся в одном и том же месте в одно и то же время, но которые на самом деле не взаимодействуют, например, люди, стоящие в очереди на почте. Обычные толпы-это те, кто собирается вместе для запланированного мероприятия, которое происходит регулярно, как религиозная служба. Экспрессивные толпы - это люди, которые объединяются, чтобы выразить свои эмоции, часто на похоронах, свадьбах или тому подобном. Последний тип, действующая толпа, фокусируется на конкретной цели или действии, таком как протестное движение или бунт.

Ранние теории коллективного поведения (Лебон 1895; Блюмер 1969) были сосредоточены на иррациональности массы. В конце концов, те теоретики, которые рассматривали массы как неконтролируемые группы иррациональных людей, были вытеснены теоретиками, которые рассматривали поведение некоторых масс как рациональное поведение логических существ.

Социологи Ральф Тернер и Льюис Киллиан (1993) основывались на более ранних социологических идеях и разработали так называемую теорию эмерджентной нормы. Они считают, что нормы, испытываемые людьми в толпе, могут быть несопоставимыми и изменчивыми. Они подчеркивают важность этих норм в формировании поведения толпы, особенно тех норм, которые быстро меняются в ответ на изменение внешних факторов. Теория эмерджентной нормы утверждает, что в этом случае люди воспринимают ситуацию толпы и реагируют на нее своим особым (индивидуальным) набором норм, которые могут изменяться по мере развития опыта толпы. Этот акцент на индивидуальном компоненте взаимодействия отражает символическую интеракционистскую перспективу.

Сущность же, напротив, есть принцип и основание определенного способа внешнего выражения вещей. Феномен как внешний аспект базируется на внутренней сущности. Это то, в чем проявился принцип. Для феномена важен результат функционирования принципа как сущности.

Как только люди оказываются в ситуации, не управляемой ранее установленными нормами, они взаимодействуют в небольших группах, чтобы выработать новые правила поведения. Согласно данному подходу, феномен массы не рассматривается как иррациональная, импульсивная, неконтролируемая группа. Вместо этого нормы

развиваются и принимаются так, как они соответствуют ситуации. Хотя эта теория предлагает понимание того, почему нормы развиваются, она оставляет неопределенной природу норм, как они становятся принятыми массой и как они распространяются через массу.

Таким образом, тип общества определяет, насколько масса становится осознанной. Ранние парадигмы, которые отмечали нерациональность масс и другие теории основывались на традиционной общности. Поэтому причина разумности масс кроется в индустриальном или постиндустриальном обществе.Обычно осознанность массы проявляется во время кризисных ситуаций. В такое время масса действует быстро, структурно и организованно. У масс имеются свои сторонники, лидеры и другие участники, без которых масса не может быть той массой, которая представляется в глазах исследователей.

Следовательно, масса – это не просто стихийно случайно собранные люди, это масса огромного количества людей вовлеченных в информационно массовую среду, другими словами феномен массовой цивилизации указывает на уменьшение человеческого существа до простого числа. По этой причине люди были сведены к безымянным лицам или безликим именам. Действительно, человек стал всего лишь частью одного большого целого–промышленной машины человеческого общества, но он или она не является его незаменимым компонентом.

Во-первых, массовая цивилизация означает, что люди интегрировались в монстра, которым является потребительский капитализм. Люди переезжают в городские центры в поисках работы. По этой причине люди, которые не могут стать частью промышленной машины, могут быть ограничены в перемещении в городскую культуру. Это, в свою очередь, приводит к «массовости» людей, в том числе и молодого поколения. Вытеснение молодежи в ценностном плане можно считать забвением, по мнению Гарсии, нашей «памяти человечества».

Во-вторых, массовая цивилизация–это фактически реальность человеческого общества, сводящаяся к движению рынков и продуктов, производимых этими рынками. Глобализация - это всего лишь еще одно название того способа, которым развитые общества пытались успешно управлять и доминировать на международном рынке.

В-третьих, культурный уровень показывает, как современные социальные медиа опосредуют человеческие отношения, как в негативном, так и в позитивном смысле. Если Facebook, Instagram и Twitter в прошлом служили опорой культурной ассимиляции, включая промывание мозгов людям, то Интернет сегодня определяет для нас, что такое массовое общество. Социально позитивно с точки зрения того, как оно связывает людей, но отсутствие зрелой рефлексии со стороны многих оставляет желать лучшего с точки зрения качества такого рода человеческого взаимодействия.

Прогресс человечества предполагает, что люди созрели и способны планировать, принимать решения и действовать разумно. Нельзя ожидать, что массовая цивилизация будет обладать способностью понимать технические аспекты, управлять на основе ценностных принципов или компетентно управлять социально-экономической сферой. По этой причине превращение общества в массу может катапультировать государство в сомнительное образование, готовое пожирать жизни ни в чем не повинных граждан. Без подлинной демократии люди будут лишены своего свободного выбора, и поэтому ими будут манипулировать.

Таким образом, исторический навык корпоративного воздействия масс сформировался в ходе Великой французской революции (1789-1799 гг.) и был

неоднократно умножен социальными инцидентами, революциями и войнами XIX и XX веков. Лишь только под воздействием сего навыка термин «масса» («массовый») получил обширное использование, стало, чуть ли не главным для свойства общественных явлений и мероприятий новые времена: это обычные нам глобальные события, общее искусство, глобальные издания и глобальные коммуникации, глобальный спрос и общее создание, глобальные увлечения и пространства глобального развлечений, глобальные инциденты и орудие глобального масштаба, глобальные боязни и глобальные ликования, глобальные протесты и иные глобальные акции и т. п.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Manuel Castells, The Information Age: Economy, Society and Culture: the rise of the network society. Oxford, Blackwell, 2000. P.102
2. Маркс К., Энгельс Ф., Ленин В.И. О диалектическом и историческом материализме. Составитель: А. П. Шептулин (руководитель коллектива)М.: Политиздат, 1984.—636 с.
3. Хабермас Ю. Моральное сознание и коммуникативное действие. - М., Изд-во «Наука», 2006. С-86.
4. Хевеши М.А. Толпа, массы, политика: Ист.-филос. очерк.- М., 2001. С-112.
5. Умная толпа : новая социальная революция / Говард Рейнгольд. — Пер. с англ. А. Гарькавого. - М. : ФАИР-ПРЕСС, 2006. - 416 с.


## ЗУҲУРОТИ ОММА ДАР ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон оммаро дар ҷомеаи иттилоотӣ, парадигмаи омма дар таърих, унсурҳои оммавии ҷамъият, нақши роҳбар дар ҳамкорӣ бо элита, таъсири ҷараёни технологӣ дар ташаккули тафаккури таҳқиқ мекунанд. Ҳамчун намуна навъҳои ҷамъият ва навъҳои омма оварда шудаанд.

***Калидвожахо:*** *омма, ҷамъияти иттилоотӣ, ҷомеаи анъанавц, ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

## ФЕНОМЕН МАССЫ В ИНФОРМАЦИОННОМ ОБЩЕСТВЕ

В данной работе авторы исследуют массу в информационном обществе, парадигмы масс в истории, элементы массового общества, роль лидера во взаимодействии с элитой, влияние технологического процесса в формировании сознания массы. Также в качестве примера приведены типы общества и типы массы в данных обществах.

***Ключевые слова:*** *масса, информационное общество, традиционное общество, гражданское общество.*

## THE MASS PHENOMENON IN INFORMATION SOCIETY

In this work, the authors explore the mass in the information society, the paradigms of the masses in history, the elements of mass society, and the role of the leader in the interaction with the social elite, influence of the technological process in the formation of mass consciousness. It is also given the types of society and the types of mass in these societies are as examples.

***Key words:*** *mass, information society, traditional society, civil society.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич** - доктори илми фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1. Тел.: +992 92-720-30-47. E-mail: zohidov@mail.ru
**Нуралиева Мавлуда Мукимовна** - унвонҷӯйи кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 169. Тел.: + 992 92-801-44-40. E-mail: mavluda_nuraliev@mail.ru

**Сведения об авторах: Зохидов Очил Ходжибоевич** - доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр, дом 1. Тел.: 92-720-30-47. Email: zohidov@mail.ru
**Нуралиева Мавлуда Мукимовна** - соискатель кафедры общественных наук Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции. 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. И.Сомони, 169, Тел.: + 992 92-801-44-40. Email: mavluda_nuraliev@mail.ru

**Information about authors: Zohidov Ochil Hojiboevich** - Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Social Sciences of the Tajik State University of Law, Business and Politics. 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 microdistrict, building 1. Tel .: 92-720-30-47. Email: zohidov@mail.ru
**Nuralieva Mavluda Mukimovna** - Applicant for the Department of Social Sciences of the Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce. 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. I. Somoni, 169, Tel .: + 992 92-801-44-40. Email: mavluda_nuraliev@mail.ru

УДК: 378.1:004

# МАХСУСИЯТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

*Норматов Ш.К.*

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Раванди пуршиддати воридшавӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ба мунтазам боло рафтани талабот ба саводнокии компютерӣ ва маданияти иттилоотии хатмкунандагони мактабҳо ва донишгоҳҳо оварда расонидааст. Ҷавонон пеш аз ҳама ин равандро дарк намуда, ба омӯзиши амиқи технологияҳои иттилоотӣ ҳавасмандӣ нишон медиҳанд. Ҳамзамон, чунин ба назар мерасад, ки ин таваҷҷӯҳи хонандагон барои омӯзиши имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ва барномасозӣ дар дойираи таълими фанни мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таври пурра қонеъ карда намешавад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 қайд мекунанд, ки “Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад” [4].

Дар шароити иттилоотонии ҷомеа ва соҳаи таҳсилот дар ҳама сатҳҳои таҳсилот омодагии заруриро тақозо менамояд. Дар ин баробар коҳиш ёфтани синну соли омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ ба назар мерасад. Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 1–11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши фанни технологияи иттилоотиро аз синфи 1 пешбинӣ менамояд [2].

Барои ҳамин ҳам, афзалияти вазифаҳои таълимии муосир тағйир ёфтаанд. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар ин самт, ин дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои баёнсозӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони лаёқатманд, ташаккули малакаҳои худомӯзӣ, худтакмилдиҳии шахсии онҳо мебошад.

Аз ин рӯ, солҳои охир доираи васеъи масъалаҳои вобаста ба таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба вуҷуд омадааст, ки барои хонандагон имконияти амиқ омӯхтани нозукиҳои ин фанро фароҳам оварда, дар раванди касбинтихобкунии онҳо самҳмгузор мебошад. Яке аз ин масъалаҳои педагогӣ ин усули муосир ва самарабахши таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти асосӣ оид ба рушди намудҳои гуногуни лаёқатмандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳо бо омӯзиши амиқи фанҳои ҷудогона ё соҳаҳои фаннӣ) ва дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар шакли фаъолияти берунāзсинфӣ ва берунāзмактабӣ ба роҳ монда шудааст. Таҳлили амалияи таълимӣ нишон дод, ки шакли маъмултарини машғулиятҳои таҳсилоти иловагӣ аз фанни технологияи информатсионӣ дар ташкили усулҳои фаъоли таълим дар ин муассисаҳо мебошад.

Ин мавқеъ дар консепсияи сохтор ва мундариҷаи таҳсилоти умумӣ ва миёна ва дар чунин як ҳуҷҷати бунёдии давлатӣ ба мисли Стратегияи миллии рушди маорифи

Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 муқаррар шудааст [6]. Дар ҳалли чунин мушкилот як намуди дигари таҳсили иловагӣ, ки пеш аз ҳама ба интихоби озоди кӯдакон оиди намудҳо ва шаклҳои фаъолият, ташаккули ғояҳои худ дар бораи ҷаҳон, рушди ҳавасмандӣ ва қобилияти маърифатӣ, инчунин ташкили истироҳати пурмазмуни кӯдакон равона карда шудааст, саҳми калон дорад.

Омили муҳими баланд бардоштани таваҷҷӯҳ ба таҳсилоти иловагии хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ, ин компютерикунонии глобалии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мебошад, зеро саривақт омода сохтани одамон ба шароити нави таълиму тадрис ва фаъолияти касбӣ дар муҳити иттилоотонии ҷомеа яке аз мушкилоти глобалии системаи маориф мебошад. Бунёди ҷомеаи саноатии мусоир дар системаи таҳсилот ва соҳаи илми технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла системаи таҳсилоти иловагӣ, ғояҳои навинро талаб менамояд.

Дар Стандарти давлатии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни «Технологияи информатсионӣ» барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ, фанни технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун курси сохторӣ эътироф шудааст, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии муосири хонандагон ва омодагии онҳо ба ҳаёт дар ҷомеаи иттилоотӣ нақши муҳим дорад [5,58]. Илова бар ин, дар Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 1–11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳо барои татбиқи курси фанни технологияҳои иттилоотӣ мутобиқ ба сохтори семарҳилавии он оварда шудааст [2]. Чунин муносибат ба фанни технологияҳои иттилоотӣ бархӯрдҳои навро дар мундариҷаи омӯзиши ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва ҳам дар низоми таҳсилоти иловагӣ бавуҷуд овардааст. Ин ҳам яке аз омилҳои муайянкунандаи зарурати зиёд гардидани таваҷҷӯҳ ба низоми таълими иловагии хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Гузариш ба низоми таҳсилоти салоҳиятнокӣ боиси баланд шудани нақши таҳсилоти иловагӣ дар таълимоти инсонӣ мегардад. Аз ҷумла, муҳаққиқи шинохта М.В. Рыжаков қайд мекунад, ки омӯхтани асосҳои илмҳо ва фанҳои таълимӣ ба андозаи назаррас метавонад самаранок гардида, агар ба низоми таҳсилоти иловагӣ гузаронида шавад, ки ки дар он ҷо хонандагон бо назардошти шавқмандӣ ва қобилияти инфиродӣ омӯзонида мешаванд [3; 45].

Инчунин афзоиши шавқи хонандагон дар системаи таҳсилоти иловагӣ аз фанни технологияҳои иттилоотӣ яке аз омилҳои муҳими рушди қобилиятнокии хонандагон ба шумор меравад. Бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки таҳсилоти иловагӣ аз фанни технологияҳои иттилоотӣ, аз нуқтаи назари таваҷҷӯҳи хонандагон ба фанҳои таълимӣ босуръат ба ҷойҳои аввал мегузарад.

Тавре ки олимони шинохтаи Россия А.Г. Андреиченко, Н. Артемкина, А. Бруднов, В. Вершинин, Д.Н. Грибов, С.В. Салсева, А.В. Скачков ва ғайра қайд менамоянд, системаи мавҷудаи таҳсилоти иловагӣ метавонад манфиатҳо ва хонандаҳои хонандагонро дар сатҳи баланд қонеъ гардонад. Аз ҷумла, муҳаққиқ А. Бруднов қайд мекунад, ки “талаботи кӯдакон ва хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар қонеъ сохтани ниёзҳои фарҳангӣ ва фароғатии онҳо дида мешавад” [1; 56-59].

Айни замон дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе таҳсилоти иловагии хонандагон аз фанни технологияи иттилоотӣ дар маҳфили “Технологияи иттилотӣ” ба роҳ монда шудааст. Маҳфили мазкур барои омӯзиши асосҳои кор бо компютер, барномаҳои матнӣ ва забони барномасозии Visual Basic нигаронида шудааст.

Вазифаи асосии маҳфили “Технологияи иттилотӣ” аз он иборат аст, ки ба таълимгирандагон дар бораи фанни информатика ва кор бо компютерро маълумот дода,

онҳоро барои минбаъда васеъ гардонидани маҳорату малакаи барномасозӣ шинос менамояд. Тамоми таълимгирандагоне, ки аз фанни технологияи иттилоотӣ воқиф нестанд омӯзонида мешаванд ва шахсоне, ки шавқи зиёди барномасозӣ дорад ба онҳо дар алоҳидагӣ нозукиҳои компютер, барномаҳои офисӣ, ворид шудан ба ҷаҳони интернет, барномҳои графикӣ, видеоӣ, сабти дискҳова кор бо почтаи электронӣ таълим дода мешаванд..

Таҳсилоти иловагӣ дар маҳфили «Технологияи иттилоотӣ» ба хониши 3-сола мутобиқ карда шудааст. Маҳфилчиёни соли аввали таҳсил хонандагони синфҳои 5-7, соли дуюми таҳсил хонандагони синфҳои 8-9 ва соли сеюми таҳсил хонандагони синфҳои 10-11 ва инчунин барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба монанди литсею коллеҷҳо мутобиқ карда шудааст.

Барномаи таълимии маҳфили «Технологияи иттилоотӣ» мавзуҳои вобаста ба шинос намудани таълимгирандагон бо компютер, пайваст кардани компютер бо барқ, шинос намудан бо қисмҳои компютер, пайваст намудан ва ворид шудан ба ҷаҳони интернет, омӯхтани барномаҳои нави компютерӣ ва кор кардан бо почтаи электрониро фаро мегирад. Ба маҳфил таълимгирандагон синфҳои 5-11 ҷалб карда мешавад.

Машғулятҳо дар маҳфили «Технологияи информатсионӣ» ба ду қисм тақсим карда шудааст, назариявӣ ва амалӣ ташкил медиҳад ва мавзуҳои машғулиятҳо низ қисиматҳои назариявӣ ва амалиро доро мебошанд. Дар як соли таҳсил омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ ба миқдори 144 соати таълимӣ банақша гирифта шудааст.

Дар Маркази рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе бошад, таҳсилоти иловагии хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе асосан дар иттиҳодияи таълимии “Барномасози ҷавон” ва “Барномасозон” ба роҳ монда шудааст. Ҳадафаи аслии иттиҳодияҳои таълимии “Барномасози ҷавон” ва “Барномасозон” пеш аз ҳама аз синни хурдсолӣ кашф намудани лаёқат истеъдодҳои наврасону кӯдакон дар самти технологияи иттилоотӣ ва барномасозӣ ва рушди минбаъдаи малакаву маҳорати онҳо мебошад. Яке аз муҳитарин самтҳои фаъолияти ин иттиҳодияҳои таълимӣ ин омода намудани хонандагон барои иштирок дар олимпиадаву озмунҳои фаннӣ бӣа ҳисоб меравад.

Таҳлили дастовардҳои солҳои охири ин иттиҳодияи таълимӣ нишон дод, ки дар самти кор бо хонандагони болаёқат ва омода сохтани онҳо барои ширкат дар олимпиадаву озмунҳои фаннӣ ба дастовардҳои назаррас ба даст омадааст. Таълимгирандагони иттиҳолияи таълимии “Барномасозон” ва “Барномасози ҷавон” дар олимпиадаҳои фаннии шаҳриву ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ, инчунин дар озмунҳои лоиҳали илмӣ фаъолона ширкат варзида соҳиби ҷойҳои намоён гаштаанд. Ишғол кардани ҷойҳои намоён ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ тавассути муҳайё намудани шароит барои иштирок дар олимпиадаҳои байналмиллалии фаннӣ ва конфренсияҳои гуногуни илмӣ-амалӣ имконпазир гардидааст.

Пешрафти технологияи муосир имкон медиҳад, ки ба олимпиадаҳои фаннӣ бо истифодабарӣ аз намудҳои васеъи забонҳои барномасозӣ ба монанди Паскал ва С инчунин дигар барномаҳо масъалаҳои олимпиадавии сатҳи душвор аз ҷониби хонандагони Маркази рушди истеъдодҳо ҳал карда шаванд. Тавассути пешниҳоди мо дар Маркази рушди истеъдодҳо аз ҷониби омӯзгорон муҳити махсусгардонидашудаи таълим барои гузаронидани олимпиадаҳои фаннӣ аз технологияи иттилоотӣ фароҳам оварда шуд, ки аз системаи автоматикунонидашудаи санҷиши масъалаҳои иҷрогардидаи хонандагон иборат аст. Аз ҳамин сабаб системаи баҳодиҳии ҳалли масъалаҳо низ дигаргун шуд, ки аз иштирокчиёни олимпиада тайёрии ҷиддиро талаб мекунад.

Муҳим он аст, ки хонандаи болаёқати хурдсолро ба ҳаракати олимпӣ ворид намоем, то ки истеъдод ва шавқи онҳо ба ин фан афзояд. Аз ин рӯ, омӯзгорони Маркази рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ба омода намудани хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ ба олимпиадаву озмунҳои фаннӣ якчанд омилҳои таълимиро васеъ истифода намуданд:

Таҳия намудани барнома ва нақшаи таълимии машғулиятҳои иловагӣ ва барномаҳои муаллифӣ.

1. Ба низом даровардани бонки иттилоотӣ оид ба навгонӣ ва пешрафт дар соҳаи информатикаи ҷаҳонӣ;

2. Ба роҳ мондани омӯзиши мустақилонаи хонандагони болаёқат;

3. Ҳавасмандсозии хонандагон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва ихтироот тавассути омӯзонидани забонҳои барномасозӣ;

4. Фаъол намудани маҳфили "Барномасозони ҷавон" дар Марказ.

Азбаски таҳсили иловагии хонандагони болаёқат дар Маркази рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе вобаста ба сатҳи донишу қобилият хонандагон гуруҳбандӣ мешавад, айни замон дар ин самт иттиҳодияҳои таълимии "Барномасози ҷавон" ва "Барномасозон" фаъолият менамоянд.

Дар иттиҳодияи таълимии "Барномасози ҷавон" хонандагони болаёқат бо донишҳои ибтидоии барномасозӣ фаро гирифта шуда, дар рафти таҳсил малакаву маҳорати худро сайқал медиҳанд. Асосан таълимгирандагони ин иттиҳодияи таълимӣ хонандагони синфҳои 5-9 мебошанд.

Дар иттиҳодияи таълимии "Барномасозон" хонандагони болаёқате таҳсил менамоянд, ки аллакай бо асосҳои барномасозӣ ошно буда, иштирокчии олимпиадаву озмунҳои фаннӣ мебошанд. Ҳадафи таълими онҳо дар ин иттиҳодияи таълимии ин ташаккул додани қобилият ва маҳорати барномасозии онҳо ва барои дохил шудани онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ роҳнамоӣ намудан аст. Таълимгирандагони иттиҳодияи таълимии "Барномасозон" ғолибони олимпиадаву озмунҳои гуногун мебошанд ва аксарияти онҳо хонандагони синфҳои 10-11 мебошанд.

Барои дарёфт ва рушди зеҳнии кӯдакони болаёқат дар машғулиятҳои иловагӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ омӯзгорони Муассисаи давлатии "Маркази рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе" дастурҳои таълимии муаллифони Россия Кирюхин В.М., Цветкова М.С. , Могилев А. В., Могилева В. Н., Богомолова О. Б. , Курис Г.Э.-ро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Рафти мушоҳидаҳо собит намуд, ки дар баробари васеъ истифода намудани таҷрибаи хориҷӣ оид ба омода намудани хонандагон ба олимпиадаву озмунҳои фаннӣ аз ҷониби омӯзгорони Маркази рушди истеъдодҳо Барномаҳои таълимии муаллифӣ таҳия карда шудаанд.

Барномаи таълимии иттиҳодияи таълимии "Барномасози ҷавон" ва "Барномасозон" аз дарсҳои назариявӣ ва амалӣ иборат буда, барои 3 соли таҳсил таҳия карда шудаанд. Дар асоси Барномаи таълимӣ нақшаи тақвимии омӯзгорон низ мавриди омӯзиш қарор дода шуд, ки он аз мавзуъҳои вобаста ба ҳалли масъалаҳои математикӣ тавассути забонҳои барномасозӣ ва коркарди лоиҳаҳои илмӣ бахшида шудааст.

Дар Барномаи таълимии иттииҳодияи таълимии "Барномасози ҷавон" мавзӯъҳое оварда шудаанд, ки асоси алгоритмнависӣ ва барноманависиро дар бар мегирад: тасавуроти ададҳо, системаҳои ҳисобӣ, алагоримтҳои мухталиф ва операторҳои забони барноманависиро дар бар мегиранд. Барномаи таълимӣ дар асоси китоби М. Э. Абрамян - «1000 масъалаҳои барномасозӣ» тартиб дода шудааст. Мавзӯъҳо бо назардошти

таҷрибаи чандинсолаи гузаронидани дарсҳои барномасозӣ ва гузаронидани олимпиадаҳои барномасозӣ тартиб дода шудаанд.

Дар барномаи таълимии мушоҳиданамудаи мо ки барои се соли таълими иловагӣ пешбинӣ шудааст ба машғулиятҳои назариявӣ 196 соат ҷудо карда шудааст. Диққати асосӣ ба омӯхтани забони барномасозии C++, сохтори барнома дар ин забони барномасозӣ, тарзи навиштани код дар C++ ва иҷроиши коди навишташуда (ба кор сар додани барномаи навишташуда), операторҳои идоракунандаи забони барномасозии C++ ва асосҳои барномасозии функсионалӣ дода шудааст.

Ҳамчунин ба машғулиятҳои амалӣ бошад, 236 соат ҷудо карда шудааст. Дарсҳои амалӣ тариқи барномаи Programming Taskbook, ки ба воситаи он хонанда дурустии коди худро санҷида метавонад, дар амал татбиқ карда мешаванд. Ин барнома аз се модул иборат аст. Модули якум Demo ном дошта ба воситаи он хонанда шарти масъала ва намунаи маълумотҳои воридкунӣ ва хориҷкуниро дида метавонад. Ба воситаи модули дуюм, ки Load ном дорад, хонанда коди навиштаи худро барои дурустӣ санҷида метавонад. Ба воситаи Results хонандаи рӯйхати масъалаҳои ҳалкардаи худро дида метавонад.

Ба ғайр аз истифодаи барномаи электронии Programming Taskbook дар машғулиятҳои амалӣ сомонаи интернетӣ истифода бурда мешаванд, ки дар онҳо масъалаҳои олимпӣ ҷой дода шудаанд ва тариқи сервер коди хонандагон санҷида мешавад. Мисоли сомонаҳое, ки дорои сервер мебошанд: www.acmp.ru, www.informatics.mccme.ru ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр, таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар баробари мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо малакаю маҳорати барномасозӣ, инчунин ба онҳо ҷиҳати тарбиявии корбарӣ дар системаи барномасозӣ, одоби истифодаи шабакаҳои компютерӣ, ба нафъи ҷомеа равона кардани донишу маҳорати хонанда оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотиро меомӯзонад.

## АДАБИЁТ

1. Бруднов А. Неформальное и непрерывное. О развитии дополнительного образования детей // Директор школы. 1995. № 2. С. 56-59.
2. Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 1-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2018. – 52с.
3. Рыжаков М.В. Теоретические основы разработки государственного стандарта общего среднего образования: Автореф. дис. д-ра пед. наук.-М., 1999.-45 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. Душанбе, Комплекси табъу нашри “Шарқи Озод”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018
5. Стандарти давлатии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни «Технологияи информатсионӣ» барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2005. – 58с.
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.

## МАХСУСИЯТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода ва рушди соҳаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ яке аз бахшҳои муҳим ба шумор меравад ки бевосита

ба соҳаи маорифи мамлакат алоқаманд мебошад. Аз ин лиҳоз аҳамияти технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим хеле муҳим буда, дар ин робита Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ таваҷҷуҳи хоса дорад. Дар ин ҷода самарабахш гардонидани таълими фанни технологияи иттилоотӣ тавассути фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ масъалаи мубрами соҳаи таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Дар мақола махсусияти таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ гардида, фаъолияти маҳфили "Техонлогияи иттилоотӣ"-и Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ва "Барномасози ҷавон"-и Маркази рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе ҳамчун намуна омӯхта шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *иттилоотонии ҷомеа, таҳсилоти иловагӣ, компютеркунонӣ, олимпиадаҳои фаннӣ, барномасозӣ*

## ОСОБЕННОСТИ ОБУЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫМ ТЕХНОЛОГИЯМ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В современных условиях в Республике Таджикистан использование и развитие информационных и коммуникационных технологий является одним из важнейших секторов, который напрямую связан с образованием в стране. Поэтому значение информационных технологий в образовательном процессе очень важно и в этой связи Правительство Республики Таджикистан уделяет особое внимание вопросу обучения предмета информационные технологии. В этом случае сделать эффективным преподавание информационных технологий посредством деятельности учреждений дополнительного образования является важным вопросом в сфере образования.

В статье рассматриваются особенности преподавания предмета информационные технологии в учреждениях дополнительного образования и изучена деятельность кружка «Информационные технологии» Детско-юношеского центра города Душанбе и кружка «Молодой программист» Центра развития одаренности города Душанбе.

***Ключевые слова:*** *информатизация общества, дополнительное образование, компьютеризация, предметные олимпиады, программирование.*

## FEATURES OF TEACHING INFORMATION TECHNOLOGY IN ADDITIONAL EDUCATION INSTITUTIONS

In the current context of the Republic of Tajikistan, the use and development of information and communication technologies is one of the most important sectors which directly related to education in the country. Taking into account the importance of information technology training in the educational process, the Government of the Republic of Tajikistan pays special attention to the issue of information technology training. In this regard, making effective teaching of information technologies through additional education institutions is the the key issue in the field of education.

The article discusses the features of teaching information technologies in additional education institutions as well as studied the activities of the "Information Technologies" club of the Children’s and Youth Center of Dushanbe city and the "Young Programmer" club of the Center for the Development of Talent of the Dushanbe city.

***Keywords:*** *informatization of society, additional education, computerization, subject Olympiads, programming.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Норматов Ш.К. -** директори Муассисаи давлатии "Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе",

унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к.М.Турсунзода 8/1а., тел: +(992) 93-803-93-92

**Сведния об авторе: Норматов Ш.К. -** директор государственного учреждения «Центр информационных технологий и связи Главного управления образования г. Душанбе», соискатель Института развития образования им. Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Турсунзода, 8 / 1а, тел: + (992) 93-803 -93-92

**Information about author: Normatov Sh.K. -** Director of State Institution “Centre for Information and Communication Technologies under the Main Department of Education of Dushanbe”, applicant of Education Development Institute named after Abdurakhman Jami, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, M. 8/1a, Tursunzade str., Phone:+(992) 93-803-93-92, E-mail: shavkatnormatov@mail.ru

**УДК:340+339.5(575.3)**

# ТАНОСУБИ БАЙНИ МАФҲУМҲОИ «ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ», «СИЁСАТИ ГУМРУКӢ» ВА «ТАНЗИМИ ГУМРУКӢ»

*Соибов З.М.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озоди иқтисодӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, ки яке аз қисматҳои асосии онро фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ташкил медиҳад. Фаъолияти озоди иқтисоди хориҷӣ асосан ва расман бо касби Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфт. Барои ба танзим андохтони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои гуногуни ҳуқуқию ташкилӣ ба роҳ монда шудааст. Тадбири муҳимтарини танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ фаъолияти гумрукӣ ба шумор меравад, ки ташаккули он низ расман бо даврони соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ меояд. Тибқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2003 №62 «фаъолияти гумрукӣ маҷмуӣ усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи тадбири танзими гумрукию тарифӣ, мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро дар бар мегирад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ вобаста бо интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муқаррар шудааст».[1]

Бо рушди фаъолияти гумрукӣ мафҳумҳое чун «сиёсати гумрукӣ» ва «танзими гумрукӣ» ташаккул ёфтаанд. Мафҳумҳои мазкур дар радифи мафҳуми фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи қонунгузории давлатҳои муосир мустаҳкам гардидааст. Онҳо бо ҳамдигар алоқаи зич дошта, якдигарро пурра, устувор ва мукаммал менамоянд. Аммо, онҳо то андозаи муайян аз ҳамдигар тафовут доранд. Сиёсати гумрукӣ барои давлатҳои ҷаҳони имрӯза аз ҷумлаи самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад, ки маҳз дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ аҳамияти хосаро касб менамояд. Дар доираи он тадбирҳои гуногун, ба монанди тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғ. роҳандозӣ мегардад. Сиёсати гумрукӣ ба мазмуни томаш фаъолияти давлат, хусусан ташкили фаъолияти давлатро дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ инъикос менамояд.

Дар қонунгузории баъзе давлатҳои хориҷӣ сиёсати гумрукӣ ба ҳайси қисми таркибии фаъолияти гумрукӣ муқаррар гардидааст. Чунончи, тибқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Молдова аз 20 июли соли 2000 №1149-XIV фаъолияти гумрукӣ амалигардонии сиёсати гумрукиро дар бар мегирад. Яъне, ин муқарраротифодагари ба фаъолияти гумрукӣ мансуб будани сиёсати гумрукӣ аст. Дар қонунгузории гумрукии дигар давлатҳо бошад, фаъолияти гумрукиро дар ҳаёт татбиқ намудани сиёсати гумрукӣ муайян намудаанд.

Дар баъзе адабиётҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ сиёсати гумрукиро унсур (блок) ва ё қисми таркибии фаъолияти гумрукӣ муайян намудаанд. Масалан, муҳаққиқон ба монанди А.Г. Чернявский, [13,14] Б.Н. Габричидзе [3,16] ва ғ. сиёсати гумрукиро чун унсури фаъолияти гумрукӣ эътироф кардаанд. Ҳамчунин, дар дигар сарчамаҳо бошад, сиёсати гумрукиро ба доираи унсурҳои фаъолияти гумрукӣ ворид наменамоянд. [7;8]

Бояд тазаккур дод, ки сиёсати гумрукӣ моҳиятан мафҳуми васеъ аст. Яъне, дар муносибат бо фаъолияти гумрукӣ ва танзими гумрукӣ мафҳуми сиёсати гумрукӣ фарохтар аст. Чунки, сиёсати гумрукӣ фаъолияти давлатро дар маҷмуъ дар бар мегирад. Тасдиқи ин дар сарчашмаҳои илмӣ низ ҷой дорад. [2] Баамалбарории фаъолияти гумрукӣ идомаи мантиқии сиёсати гумрукӣ буда, шакли амалии татбиқи онро инъикос менамояд. Ё ин ки фаъолияти гумрукӣ ҳамчун маҷмуи воситаҳои дар ҳаёт ҷорӣ намудани сиёсати гумрукӣ фаҳмида мешавад. [10,8] Ин гуфта дар айни замон дар сатҳи қонунгузории давлатҳои алоҳида дарҷ ёфтааст. Чунончи, аз мазмуни моддаи 7 Кодекси гумруки Украина аз 13 марти соли 2012 №4495 VI бар меояд, фаъолияти гумрукӣ ба амалигардии сиёсати гумрукӣ мусоидат менамояд. [14] Мушаххасан бошад, сиёсати гумрукӣ фарогири маҷмуи тадбирҳо ва чораҳои хуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳоказо мебошад, ки барои танзим ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвар равона мегардад. Тадбирҳо ва чораҳои мазкур серҷабҳа буда, масъалаҳоеро метавонад фаро гирад, ки берун аз фаъолияти гумрукӣ бошанд. Чунончи, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, маблағгузории соҳаи гумрук, рушди инфраструктураи фаъолияти гумрукӣ ва ғ. аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки ба раванди баамалбарории бевоситаи фаъолияти гумрукӣ рабт надошта, аз сиёсати гумрукии кишвар бар меояд.

Ба ғайр аз ин, дар амалигардии сиёсати гумрукӣ доираи гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонад баромад намояд. Аз қабили, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дигари ғайрисоҳавӣ ва худи мақомоти гумрук (яъне, мақомоте, ки бевосита ба фаъолияти гумрукӣ машғул нестанд). Дар фаъолияти гумрукӣ бошад, асосан мақомоти гумрук ҳамчун мақомоти соҳавӣ ва ваколатдори давлатӣ барандаи асосӣ мебошад. Бо ҳамин мазмун, мафҳуми васеъ будани сиёсати давлатӣ дар иртибот бо доираи мақомоти амаликунандаи он низ аз мафҳуми фаъолияти гумрукӣ тафовут дорад.

Қонунгузории аксари давлатҳо сиёсати гумрукиро қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии онҳо, махсусан сиёсати иқтисодӣ муқаррар ва мақсадҳои онро муайян намудаанд. Давлатҳои имрӯза барои танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, рушди иқтисоди миллӣ, таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва ташкили дурусти фазои гумрукӣ ду намуди сиёсати гумрукӣ – протексионистӣ ва фритредерстворо пеша намудаанд. Сиёсати гумрукии протексионистӣ, ки дар адабиётҳои ватанӣ чун сиёсати гумрукии ҳимоятгаройӣ муайян гардидааст, [11,16] бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисоди миллӣ бо роҳи муайян намудани маҳдудиятҳо нисбати воридоти молҳои хориҷӣ ва дигар тадбирҳо равона мегардад. Сиёсати гумрукии фритредерство ё ин ки савдои озод бошад, ифодагари воридоти озоди молҳо ва манъи ҳама гуна монеаҳо ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мебошад.

Дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани мақсаду ҳадафҳои сиёсати гумрукӣ сифати танзими муносибатҳои марбут ба фаъолияти гумрукиро рушд медиҳад. Воқеан, дар сатҳи меъёрӣ муқаррар намудани сиёсати гумрукӣ ба муайян намудани мавқеи давлат ва фаъолияти ташкилнамудаи он дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва фаъолияти гумрукӣ мусоидат менамояд. Чуноне дар боло зикр

гардид, аксар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти гумрукӣ ва муносибатҳои марбут ба он, дар худ меъёрҳоро вобаста ба мафҳум, моҳият ва мақсади сиёсати гумрукӣ коркард намудаанд. Аммо, дар санади меъёрии ҳуқуқии ин самт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси гумрук аст, чунин намуди меъёрҳои мавҷуд нест. Яъне, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраротҳоро вобаста мафҳум ва мақсади сиёсати гумрукии кишвар доро намебошад. Ба назари мо, мавҷудият чунин меъёрҳо бахри танзими пурра ва ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва фаъолияти гумрукӣ, муайяннамоии ҳадафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самти фаъолияти он дар доираи муносибатҳои мазкур, ҳамчунин эътирофи сиёсати гумрукӣ ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ, бахусус сиёсати дохилию хориҷӣ ва сиёсати иқтисодии кишвар равона мегардад. Бо ҳамин мазмун, қобили қабул дониста мешавад, ки дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо вобаста ба сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақсадҳои он муқаррар карда шавад.

Танзими гумрукӣ аз ҷумлаи дигар мафҳумҳое мебошад, ки дар радифи мафҳумҳои фаъолияти гумрукӣ сиёсати гумрукӣ васеъ истифода мегардад. Мафҳуми зикргардида дар устуворӣ ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, иқтисодиёти миллӣ ва амнияти иқтисодии кишвар ҷойгоҳи хоса дошта, дар алоқамандӣ бо фаъолияти гумрукӣ ва сиёсати гумрукӣ роҳандозӣ мегардад.

Мафҳуми танзими гумрукӣ дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст, ки тибқи он «танзими гумрукӣ аз муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳое иборат мебошад, ки шахсон ҳангоми риоя намудани онҳо ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиётро амалӣ менамоянд». [1] Мафҳуми муайяннамудаи Кодекси мазкур ба танзими гумрукӣ хусусияти муқаррарнамоӣ бахшидааст. Яъне, моҳияти онро муқаррарнамоии тартиб ва қоидаҳо дар самти интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ ташкил медиҳад. Тартиб ва қоидаҳо мазмунан ифодагари тартибот ва қоидаҳои гумрукӣ мебошад. Моҳияти қоидаҳои гумрукӣ дар маҷмуи талабот, шартҳо, мамнуият ва маҳдудиятҳо, иҷозат ва имтиёзҳо, ки бо интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ вобастаанд. [12,10]

Дар қонунгузории давлатҳо ва адабиётҳои илмӣ мафҳуми танзими гумрукиро ба мазмуни фаъолият, тартиб ва қоидаҳои муқаррарнамуда ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои бо интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ алоқаманд муайян намудаанд. Танзими гумрукӣ ба мазмуни фаъолият бевосита фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онро дар назар дорад[7,7; 9,88] ва ҳамчунин, ин мафҳумро нисбати мафҳуми фаъолияти гумрукӣ васеъ медонанд. [6,15-18] Дар баъзе қонунгузории давлатҳо танзими гумрукиро чун танзими ҳуқуқӣ низ муқаррар намудаанд.

Муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нисбати танзими гумрукӣ, ки болотар зикр гардид ва андешаҳои олимон вобаста ба мафҳуми мазкур, ки баёнгари муқаррарномии тартиб ва қоидаҳои дахлдори гумрукӣ аст, бештар ҷавобгӯ ба мазмун ва аслияти мафҳуми танзими гумрукӣ аст. Чунки, фаҳмишҳо ва муқарраротҳои гуногуни дар боло овардашуда ба фаҳмиши дурусти мафҳумҳои танзими гумрукӣ ва фаъолияти гумрукӣ халал ворид менамояд. Масалан, баъзе

муҳаққиқон ҳам танзими гумрукӣ ва ҳам фаъолияти гумрукиро чун фаъолият баҳогузорӣ намудаанд. [9,88] Бо ҳамин хотир, тартиб ва қоидаҳои гумрукии муқаррааргардида чуноне қайд карда шуд, асоси танзими гумрукиро ташкил дода, дар раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ мавриди корбурд қарор мегирад.

Танзими гумрукӣ асосан хусусияти расмиётӣ дошта, расмиётҳоро дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ инъикос менамояд. Чунончи, муқаррар намудани назорати гумрукӣ, речаҳои гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, расмиётҳои гумрукӣ ва ғ. аз ҷумлаи қоидаҳо ва тартиботе мебошанд, ки дар маҷмуъ танзими гумрукиро ташкил медиҳанд. Дар баъзе мавридҳо онҳоро чун усулҳои танзими гумрукӣ низ номбар менамоянд. [9,88] Бо ҳамин мазмун, танзими гумрукӣ расмиётҳои мазкурро баҳри баамалбарории бонизоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ муқаррар менамояд. Яъне, чи гуна ва бо риояи кадом равандҳо интиқол ёфтани мол ва воситаҳои нақлиётро тавассути сарҳади гумрукӣ муайян менамояд. Ҳамин тариқ, танзими гумрукӣ тарҳ ва қолаби ягонаи (дар назар дошта мешавад расмиётҳои дахлдор, ки чун усулҳои танзими гумрукӣ эътироф шудаанд) интиқолдиҳии (воридот ва содирот) мол ва воситаҳои нақлиётро тавассути сарҳади гумрукӣ муайян менамояд.

Ҷиҳати муҳимми фаҳмиши танзими гумрукӣ дар инъикосёбии он дар сатҳи қонунгузорӣ мебошад. Яъне, танзими гумрукӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зуҳур гардида, муқарраротҳои дахлдорро дар худ касб менамояд. Агар, сиёсати гумрукӣ самти фаъолияти давлат ва фаъолияти гумрукӣ фаъолияти амалии мақомоти ваколатдорро ҷиҳати татбиқи сиёсати гумрукӣ дар бар гирад, пас танзими гумрукӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҷой дорад. Чунончи, муҳаққиқи рус В.Д. Вагин дар мақолаи худ зикр намудааст, ки дар нисбати танзими гумрукӣ фаъолияти гумрукӣ иҷрои қонунгузориро дар соҳаи танзими гумрукӣ таъмин менамояд, яъне фаъолияти гумрукӣ механизми таъминкунандаи танзими гумрукӣ мебошад. [4,10] Дар робита бо ин, мафҳуми танзими гумрукӣ бештар бо танзими ҳуқуқӣ мувофиқ меояд, ки бе асос дар сатҳи қонунгузории давлатҳо онро чун танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста фаъолияти гумрукӣ муқаррар накардаанд. Ҳатто муҳаққиқон мушаххасан муайян намудаанд, ки кадом намуди меъёрҳои ҳуқуқӣ асоси танзими гумрукиро ташкил медиҳад. Яъне, меъёрҳои ҳуқуқи гумрукиро натиҷаи танзими гумрукӣ эътироф кардаанд. [3,39] Ба ғайр аз ин, тасдиқи гуфтаҳои мазкур дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки мутобиқ моддаи 1 он «танзими гумрукӣ мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад». [1]

Бо ҳамин тартиб, танзими гумрукиро муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳо дар соҳаи дахлдор ташкил медиҳад, ки моҳиятан танзими ҳуқуқиро инъикос менамояд. Муқаррар кардани тартиб ва қоидаҳо асоси танзими ҳуқуқиро ифода менамояд, ки ба муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ дахл дорад. [1] Бо назардоти ин, танзими гумрукӣ яке аз намудҳои танзими ҳуқуқӣ буда, тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тартиб ва қоидаҳоро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар худ меъёрҳои ҳуқуқиро

муқаррар намуда, тавассути онҳо тартиб ва қоидаҳо дар соҳаҳои гуногун муайян мегарданд, ки барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ риояи онҳо ҳукми ҳамтиро касб мекунанд.

Андешаи он, ки танзими гумрукӣ чун фаъолият эътироф мегардад, то андозаи муайян ба мазмуни танзими ҳуқуқӣ мувофиқат наменамояд. Зеро, танзими гумрукӣ чуноне зикр карда шуд, бо муқаррарнамоӣ дар сатҳи қонунгузорӣ маҳдуд мегардад. Фаъолият бошад, асосан мансуб ба сиёсати гумрукӣ ва фаъолияти гумрукӣ аст. Дар таносуби байни мафҳумҳои танзими гумрукӣ ва сиёсати гумрукӣ ҳуқуқиноси рус С.В. Халипов то андозаи муайян равшанӣ андохтааст, ки ба назари ӯ танзими гумрукӣ – ин фаъолият оид ба муқаррар намудани қоидаҳои гумрукӣ аст ва фаъолияти гумрукӣ бошад, ин фаъолият оид ба таъмини риояи ин қоидаҳо мебошад. [12,17] Аммо, ба андешаи ӯ, ки танзими гумрукӣ фаъолият аст мо розӣ буда наметавонем. Чунки, танзими гумрукӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳо дар самти фаъолияти гумрукӣ рисолати худро иҷро менамояд ва фаъолият, ки фаъолияти мақомоти ваколатдорро дар назар дорад, асосан ба мафҳуми фаъолияти гумрукӣ мевофиқ меояд.

Бо дарназардошти баррасии масъалаҳои зикршуда, ба чун хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳумҳои сиёсати гумрукӣ, танзими гумрукӣ ва фаъолияти гумрукӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич қарор дошта, асос, пуррагардонӣ ва татбиқи якдигарро ташкил медиҳанд. Сиёсати гумрукӣ мафҳуми васеътар буда, ба мазмуни томаш фаъолият, ирода ва мавқеи давлатро дар самти рушди иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои бо инҳо алоқаманд ифода менамояд. Давлат дар доираи сиёсати гумрукии худ танзими гумрукӣ ва ташкили фаъолияти гумрукиро коркард менамояд. Махсусан, тибқи сиёсати гумрукии пешанамудаи худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул менамояд, ки дар доираи онҳо меъёрҳо ҷиҳати танзими муносибатҳои дахлдор тавлид мегарданд. Ҷиҳати дар амал татбиқ ва таъмин намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, хусусан тартиб ва қоидаҳо, ки аз меъёрҳои ҳуқуқӣ бар меоянд, фаъолияти гумрукӣ рӯи кор меояд. Ин се мафҳум, яъне сиёсати гумрукӣ, танзими гумрукӣ ва фаъолияти ба мисли занҷирае мебошанд, ки бо ҳамдигар пайвандӣ доранд ва дар маҷмуъ, баҳри расидан ба ҳадафи ягона, яъне рушди соҳаи иқтисодиёт кишвар, бозори дохилӣ, танзим ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва таъмини амнияти иқтисодии давлат равона мегарданд.

## АДАБИЁТ

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2003 №62 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ.2, мод.703; мод.704; с. 2006, №3, мод.159; с. 2007, №7; мод.681; с. 2008, №6, мод.459; №10, мод.818; с. 2011, №3, мод.160; №6, мод. 458; с. 2012, №4, мод.250; №7, мод.695; мод.724; №8, мод.818; №12, қ.1, мод.1000; с. 2013, №12, мод.879; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1189;

2. Большой толковый словарь русского языка / сост. и гл. ред. С.А. Кузнецов. – СПб: Норинт, 1998;

3. Буваева Н.Э. Таможенное дело и таможенное регулирование: определение понятий и их взаимосвязь // Ученые записки Санкт – Петербургского филиала РТА, №1(41), 2012;

4. Вагин В.Д. К вопросу о теории таможенного дела // Экономика и управление: анализ тенденций и перспектив развития, №18, 2015;

5. Габричидзе Б.Н. Российское таможенное право. Учебник для Г 12 вузов. М.: Издательство НОРМА (Издательская группа НОРМА–ИНФРА-М), 2001;

6. Гречкина О.В., Ческидова С.А. «Таможенное регулирование» и «таможенное дело»: проблемы взаимообусловленности и разграничения // Таможенное дело. 2016. №1;

7. Демичева А.А., Логинова А.С. Основы таможенного дела. Учебник. СПб.: ИЦ «Интермедия», 2014;

8. Малиновская В.М. Таможенное право России. Учебник по публичному и частному праву в 2-х томах. Т. 1: Публичное право. М.: Статут, 2008;

9. Молокович А.Д., Шабека К.Н. Таможенная политика, таможенное дело, таможенное регулирование: к вопросу соотношения понятий // Вестник БНТУ, №3, 2010;

10. Новиков А.Б. Таможенное регулирование и таможенное дело: метаморфозы понятийного аппарата // Ученые записки Санкт – Петербургского филиала РТА, №2(26), 2006;

11. Раҷабов М.Н. Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоитаи таълимӣ. Душанбе, 2012;

12. Халипов С.В. Таможенное право: Учебник. 3-е изд., перераб. и доп. – М.: «Зерцало-М», 2006;

13. Чернявский А.Г. Таможенное права: учебник / А.Г. Чернявский. – М.: Издательство «ЮСТИЦИЯ», 2016;

14. Реҷаи дастрас: www.base.spinform.ru.

## ТАНОСУБИ БАЙНИ МАФҲУМҲОИ «ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ», «СИЁСАТИ ГУМРУКӢ» ВА «ТАНЗИМИ ГУМРУКӢ»

Дар мақола таносуби миёни мафҳумҳои «фаъолияти гумрукӣ», «сиёсати гумрукӣ» ва «танзими гумрукӣ» таҳлил гардидааст. Мафҳумҳои мазкур бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, ҳамдигарро пурра ва устувор менамоянд ва ҳамчунин, дар алоҳидагӣ мазмуни ба худ хосро доро мебошанд. Муаллиф бо назардошти қонунгузории давлаҳои хориҷӣ ва ватанӣ таносуби байни онҳоро муайян намуда, андешаҳои худро иброз намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти гумрукӣ, сиёсати гумрукӣ, танзими гумрукӣ, Кодекси гумрукӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, амнияти иқтисодӣ, сиёсати давлатӣ*

## СООТНОШЕНИЕ ПОНЯТИИ "ТАМОЖЕННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ", "ТАМОЖЕННАЯ ПОЛИТИКА" И "ТАМОЖЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ"

В статье проанализировано соотношение понятияи «таможенное дело», «таможенная политика» и «таможенное регулирование». Данные понятия взаимосвязаны и укрепляют другу друга, а также в отдельности обладают собственными содержаниями. Автор определяет соотношение между ними учетом законодательство зарубежных стран и отечественное законодательство и излагает свои взгляда по рассматриваемому вопросу.

***Ключевые слова:*** *таможенное дело, таможенная политика, таможенное регулирование, Таможенный кодекс, вненеэкономическая деятельность, экономическая деятельность, государственная политика.*

## CORRELATION BETWEEN THE CONCEPTS OF "CUSTOMS ACTIVITY", "CUSTOMS POLICY» AND "CUSTOMS REGULATION"

The article analyzes the relationship between the concepts of "customs", "customs policy" and "customs regulation". These concepts are interrelated and reinforce each other, as well as individually have their own content. The author determines the relationship between these, taking into account the legislation of foreign countries and domestic legislation, and sets out his views.

***Keywords:*** *custom cases, custom policy, custom regulation, Custom Code, foreign economic activity, economic activity, public policy.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Соибов Зайниддин Маҳмадшарифивич** - декани факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ш. Душанбе, к. С. Носир 13, тел. (+992) 985 11 66 99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Сведения об авторе: Соибов Зайниддин Махмадшарифивич** - декан факультет государственного управления Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. кандидат юридических наук, доцент. г. Душанбе. ул. С. Носир 13, тел. (+992) 985 11 66 99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Information about the author: Soibov Zayniddin Mahmadshsrifovich -** Dean of the faculty of Public Administration, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of Law, docent, Dushanbe, st. S. Nosir 13, тel: (+992) 985 11 66 99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

УДК: 323.21

# МАСЪАЛАИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ

*Саидзода Ш.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Сиёсат, дар баробари соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, дар рушду инкишофи ҳаёти ҳар давлат нақши назаррас дорад. Ҳаёти ҷомеаро бе сиёсат тасаввур кардан номумкин аст. Баробари рушди ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ қонуниятҳои сиёсат низ инкишоф меёбад. Инсон вобаста ба дараҷаи тараққиёт ва рушди соҳаҳои ҳаёт, хоса сатҳи маърифатнокиаш сиёсатро ба таври гуногун мефаҳмад ва дар раванди муносибатҳои ҷаиъиятӣ зери таъсири он қарор гирифта, дар навбати худ ба ҳайси субъекти сиёсат дар ҳаёти сиёсии ҷомеа иштирок намуда, ба ҳаёти сиёсӣ таъсир мерасонад.

Оид ба сиёсат ақидаҳо гуногун мавҷуд аст. Вале Арасту аввалин шуда мафҳуми «сиёсат»-ро дар асари худ корбаст намудааст. Бо шарофати пешрафти илм дар Юнони Қадим сиёсат ҳамчун «санъати идоракунии давлат» фаҳмида мешавад. Чунин фаҳмиш дар он давра аз он дарак медод, ки мутафаккирони юнонӣ муҳим будани сиёсатро дар идоракунии давлат хуб дарк менамуданд. Аз нигоҳи Арасту «сиёсат хайрияти умум аст». Мафҳуми «хайрият» дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои хубӣ, некӣ; салоҳ, офият омадааст [14, с. 419]. Яъне сиёсат дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ падидаест, ки тавассути он ҷомеа ба некӣ, хубӣ, салоҳ ва офият мерасад. Дар чунин маънӣ қабул шудани маънои сиёсат аз дараҷаи рушди илм ва сатҳи маънавиёт дар Юнони Қадим ва махсусан инкишофи андешаҳои сиёсӣ ва ташаккули низоми сиёсии демократӣ вобаста мебошад. Арасту дар асараш «Сиёсат» дар бораи иштироки шахс дар ҳаёти давлат адешаронӣ карда, инсонро мавҷудоти табиатан сиёсӣ унвон менамояд ва берун аз давлат зиндагӣ кардани инсонро амали ношоиста меҳисобад. Аз назари ӯ шахсе ки берун аз қонун ва ҳуқуқ зиндагӣ дорад, аз ҳама бадтарин мавҷудот мебошад[1, с. 38].

Низоми демократия бо эътирофи мардум ҳамчун сарчашмаи ҳокимият ба ҳар нафар аъзои ҷомеа имконияти бевосита ва бавосита дар идоракунии давлатӣ иштирок намуданро фароҳам меорад. Чуноне ки дар моддаи 6-уми Конститутсия омадааст: «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст»[7]. Агар иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ имконияти бевоситаи саҳм доштан дар идоракунии давлатро фароҳам орад, пас, тавассути фаъолияти вакилон шаҳрвандон бавосита дар идораи давлат ширкат менамоянд. Вакилони мардумӣ аз номи шаҳрвандон фаъолият бурда, манфиати онҳоро ҳимоя ва барои ҳаллу фасли мушкилоти ҷомеа хизмат менамоянд. Баҳсҳо атрофи ғайрисамаранокии демократияи намояндагӣ ва норозигии мардум нисбати фаъолияти вакилон танҳо хоси давлатҳои рӯбарушд нест. Ҳатто ИМА, ки таҷрибаи дусадсолаи демократия дорад, атрофи бемасъулиятии намояндагони мардум, фосилаи онҳо аз шаҳрвандон баҳсҳо вуҷуд дорад. Дар асоси яке аз тадқиқотҳои сотсиологӣ, назари шаҳрвандон нисбати фаъолияти сиёсатмадорон ва вакилони мардум оварда шудааст, ки аз коҳиши эътимоду боварии интихобкунандагон дарак медиҳад. Чуноне ки яке аз шаҳрвандони ИМА изҳор намудааст: «Ман мехоҳам, ки манфиат маро касе пешбарӣ кунад. Вале онҳо (намояндагони мо) дар бораи мо фикр намекунанд. Онҳо

дар хонаҳои нағз зиндагӣ мекунанд ва умуман аз зиндагии худ розӣ ҳастанд. Онҳо дигар дар ҳаққи мардум ғамхорӣ намекунанд»[3, с. 37]. Ҳисси беэътимодии мардум нисбати вакилон ва розӣ набудан аз фаъолияти онҳо боиси коҳиши сатҳи фаъонокии шаҳрвандон ва торафт паст шудани сатҳи иштироки онҳо дар интихоботи ИМА оварда расонидааст.

Гарчанде низоми демократия иштироки бавосита ва бевоситаи шаҳрвандонро ба сифати сарчашмаи ҳокимият эътироф менамояд, аммо паст будани сатҳи маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ, надоштани таҷрибаи сиёсӣ, эҳсоси нобоварӣ нисбати сиёсатмадорон яъсу ноумедиро дар дили мардум афзудааст. Шаҳрвандон ҳатто намедонанд, ки иштироки онҳо дар сиёсат бояд маҳз дар чӣ зоҳир гардад. Дар тадқиқоти болозикр чунин фикри як сокини ИМА оварда шудааст: “Ман намедонам ба куҷо равам ва ба кӣ ақидаи худро гӯям ва боварӣ дошта бошам, ки онро гӯш мекунанд. Ман вақт надорам, ки ба ташкилотҳои гуногун нома бинависам. Ман ҳатто намедонам, ки номаро ба куҷо бифиристам. Албатта, ман метавонам, ба рӯзнома нома нависам, вале... ман бовар надорам, ки касе аз ҳокимиятдорон онро мехонад”[3, с. 44].

Баробари торафт зиёд гардидани аҳолии давлатҳо, афзудани талаботи иҷтимоӣ дар байни аҳолӣ мунтазам масъалаҳои нав пайдо гардида истодаанд, ки мардум ҳалли онҳоро аз сиёсатмадорон ва вакилони худ интизор ҳастанд. Мутаассифона, дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа танҳо аз ҳукумат вобаста набуда, торафт нақш ва таъсири созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фаромиллӣ афзуда истодааст. Яъне, дар ҳалли муаммоҳои дохилии давлат танҳо иродаи ҳоким кофӣ набуда, омилҳои беруна, дар навбати худ, таъсири назаррас дорад.

Дараҷаи фаъолнокии шаҳрвандон ва саҳми онҳо дар пешрафти корҳои давлат, аз ҷумла баргузории интихобот қобили арзиш мебошад. Гузашта аз ин яке аз нишондиҳандаҳои иштироки шаҳрвандон дар сиёсат ширкат дар интихоботи парлумониву президентӣ мебошад. Ба ибораи дигар, шакли аз ҳама оммавии иштироки аҳолӣ дар сиёсат ва идоракунӣ иштирок дар интихобот мебошад [4, с. 46]. Дар раванди интихобот саҳми ҳеҷ як шаҳрвандеро нодида гирифтан дуруст нест. Ҳам дар натиҷабардории интихобҳои навъи мажоритарии аксарияти мутлақ (50% +1 овоз) ва ҳам дар рушди ҷомеа ва давлат шаҳрванд хизмати чашмрасро анҷом дода метавонад. Хосатан дар ҷаҳони муосир, ки идеяи тоза зербинои ҳар гуна таҳаввулоту рушди ҷомеа аст, ҳеҷ як неруи инсониро нодида гирифта намешавад. Дар замони муосир нерӯи инсонӣ нисбат ба ҳар нерӯи дигар мақоми назаррас дошта, он ба тавонбахшии иқтидори давлат нақши муайян дорад[12, с. 180].

Иштироки шахс дар ҳаёти сиёсӣ маънои то ба қадом андоза фароҳам шудани шароити қонунӣ ва ҳуқуқӣ барои фаъолияти шахс, хоҳ дар танҳоӣ ва хоҳ дар доираи гурӯҳро дорад. Мутобиқи моддаи 27-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад, дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд»[7, 19]. Дар асоси талаботи Конститутсия ҳам шакли бевосита ва ҳам шакли бавоситаи иштироки сиёсии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ муқаррар шудааст.

Иштирок дар ҳаёти сиёсӣ дар низоми демократӣ, аз як тараф, ҳуқуқи ҳар шахс бошад, аз тарафи дигар, ин тарзи амали шахс барои расидан ба мақсадҳои хеш мебошад. Ин ҳамон тарзи амале мебошад, ки шахс мақсади худро маҳз дар доираи ҳаёти сиёсии ҷомеа амалӣ менамояд. Мисол, иштироки шаҳрванд дар интихобот як амали мақсаднок буда, он ноогоҳона сурат гирифтанаш мумкин нест. Шахс бо роҳи иштирок дар чунин шакл чорабиниҳо мехоҳад, ба мақсади муайяне ноил гардад. Иштирок дар интихобот, ба ҳайси хоҳ интихобкунанда ва хоҳ интихобшаванда, метавонад, ҷузъи мақсадҳои сиёсии

шахс бошад. Шакл ва тарзи иштироки шахс дар ҳаёти сиёсӣ сабабу мақсади амали ӯро ташкил медиҳад.

Муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи фаъолнокии шаҳрвандон иштироки аҳолиро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа асоснок менамояд, зеро маҳз аҳолии фаъол қодир аст, ба рафти ҷараёнҳои сиёсӣ, хусусан ислоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа, ки дар давраи гузариш ба миён меояд, таъсир расонад [13, с. 82].

Бо назардошти баъзе аз печидагиҳо ва нозукиҳои низоми сиёсии демократӣ дар назарияи элитарии демократия иштироки як гурӯҳи кам, яъне нухбагону баргузидагони ҷомеа дар идораи давлат босамар дониста мешавад. Ҷонибдорони назарияи демократияи элитарӣ бар он ақидаанд, ки сиёсат ва идоракунӣ хоси ҳамаи мардум нест, танҳо як гурӯҳи ками одамон истеъдоди пеш бурдани корҳои давлатдориро соҳиб мебошанд.

Чигунагии иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат аз тарзи сиёсатфаҳмии онҳо вобаста аст. Аз сабаби он, ки тарзи фаҳмиши сиёсат аз сатҳи маърифатнокӣ ва низоми иҷтимоиву сиёсии давлат вобаста мебошад, на дар ҳамаи ҷомеаҳо сиёсат ба маънои санъати идоракунии давлат ё мувофиқи таърифи Арасту “сиёсат ҳамчун хайрияти умум” фаҳмида мешавад. Дар осори мутафаккирони форсу тоҷик сиёсат ба маънои зӯрӣ, маҷбурнамоӣ, тарсонидан ва фишороварӣ ташреҳ шудааст. Чунин таърифнамоӣ ва тарзи фаҳмиши сиёсат на танҳо бо режимҳои сиёсии ҷомеаи он айём, ҳамчунин бо фарҳангу маънавиёти он мардум зич алоқаманд мебошад. Бинобар ин, мардуми он замон бо назардошти шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳам аз рӯи мавҷуд набудани низоми сиёсии демократӣ, ки одамон ҳамчун сарчашмаи ҳокимият эътироф гарданд, аз сиёсат воқеан ҳам дур буданд.

Саволи матраҳ он аст, ки дар садаи асри XXI дар замони рӯи кор будани низоми сиёсии демократӣ одамон то куҷо ба сиёсат майлу рағбат доранд? Оё шаҳрвандон ба сиёсат ва давлатдорӣ ширкат намуданро барои худ муҳим мешуморанд? То куҷо иштироки онҳо дар сиёсат ва идоракунии давлат барои давлат аҳамият дорад ?

Аз рӯи баъзе андешаҳо, омилҳои гуногун ба иштироки одамон дар сиёсат таъсир мерасонанд. Аз ҷумла омили иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, миллӣ, режими сиёсӣ ва ғ. Баҳси иштироки одамон дар сиёсат ба он алоқамандӣ дорад, ки кадом низоми сиёсӣ ва режими сиёсӣ дар ҷомеа ҳукмфармо мебошад. Бешубҳа, дар давлатҳои монархӣ асоси қонунӣ барои иштироки одамон дар сиёсат ва идораи давлатӣ нест. Зеро вақте дар қонуни асосӣ мардум сарчашмаи ҳокимият эътироф карда намешавад, маънои иштироки шаҳрвандон дар корҳои сиёсӣ ва давлатӣ ва зарурати таъсиси ҳизби сиёсӣ боқӣ намемонад. Ҳамаи масъалаҳои сиёсӣ ва давлатӣ аз ҷониби монарх, яъне шоҳ ҳал карда мешавад. Чунин навъи давлат садсолаҳо амал мекард ва ҳоло низ якчанд кишварҳои монархияи мутлақ, ба монанди Арабистони Саудӣ, Умон, Бруней мавҷуданд.

Дар ибтидои асри XX шароити бамиёномадаи ҷаҳонӣ аз ҳар давлат тақозо намуд, ки роҳи бунёди ҷомеаи демократиро пеш гиранд ва барои амали низоми сиёсии демократӣ заминаи қонунӣ фароҳам оранд. Раванди татбиқи низоми сиёсии демократӣ аз ИМА шурӯъ гардида, зимнан ба минтақаҳои дигар доман паҳн намуд. Хосатан қабул гардидани якчанд қонунҳои байналмилалӣ, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба фаъолияти сиёсии ҳар шаҳрванд ва иштироки онҳо дар корҳои идораи давлатӣ замина фароҳам овард. Қонунҳои қабулгардида ҳама гуна фарқияти милливу этникӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва динии байни одамонро бекор намуд. Шахс новобаста ба эътиқоди динӣ, мақоми иҷтимоӣ, миллат, ҷинс дар корҳои давлатӣ имконияти иштироки баробар пайдо намуд. Чунин тағйирот на танҳо дар соҳаи сиёсат, балки дар соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири назаррас гузошт.

Шаҳрвандон аз ҷиҳати қонунӣ ва ҳуқуқӣ имконияти ширкат дар корҳои давлатӣ пайдо намуданд. Аммо, масъалаи иштироки мардум дар сиёсат танҳо ҷанбаи қонунӣ надошта, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳанги сиёсии мардум, ки он дар алоқамандӣ бо маърифату маданияти миллӣ инкишоф меёбад, вобаста мебошад. Майлу рағбат ба сиёсат ва тарзи бархӯрди мардум бо сиёсат масъалаҳое мебошанд, ки сатҳи иштироки одамонро дар сиёсат ва дар идоракунии давлатӣ муайян менамоянд.

Аз назари мо, асосан омилҳои зерин ба иштироки мардум ба сиёсат ва идораи давлат таъсири муассир доранд:

*Вазъи иҷтимоӣ.* Мардум замоне ба сиёсат ва идораи давлатӣ иштироки воқеӣ менамоянд, ки шароити кофии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта бошанд. Вақте талаботи муайяни иҷтимоии онҳо қонеъ бошад, пас имкони иштирок дар маъракаву чорабиниҳои сиёсӣ ва идоракунии давлат низ ба миён меояд, зеро бидуни қонеъ намудани талабот ва ниёзҳои аввалиндараҷа иштироки бомароми шахс дар сиёсат имконнопазир аст.

*Эътимоду боварӣ ба шаффофияти ҳаёти сиёсӣ.* Дар пешрафти корҳои сиёсӣ, давлатдорӣ ва иштироки мардум дар сиёсат боварӣ нақши назаррас дорад. Сатҳи баланди иштироки одамон дар сиёсат, муносибати самимонаи мардум ба масъалаҳои сиёсиву давлатӣ он гоҳ амалӣ мегардад, ки ба амалҳои хеш ва фаъолияти ҳокимият боварӣ дошта бошанд. Вақте ба рақобати сиёсӣ, фаъолияти субъектони сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ боварӣ бошад, он гоҳ рафторҳои ҳар шахс сурати дигар мегирад. Онҳо аз таҳти дил ва воқеъбинона ба масъалаҳо назар намуда, ба хештан ҳамчун субъекти муҳими ҳаёти сиёсӣ ва ба масъалаҳои сиёсӣ бо масъулияти кофӣ муносибат менамоянд. Баръакс, набудани боварӣ ба маъракаҳои сиёсӣ ва натиҷаи амалҳои сиёсӣ беэътиноӣ ва бетарафии шахсро нисбати сиёсат, давлат ва тақдири ояндаи ҷомеа меафзояд. Дар чунин ҳолат нерӯи созандаи шаҳрвандон дар пешрафти давлат мавриди истифода қарор намегирад ва дар оянда он бар зарари ҳокимият ва давлат мешавад. Гузашта аз ин, сатҳи иштироки одамон дар сиёсат поён рафта, майлу рағбати мардум ба сиёсат ва идоракунии давлат кам мегардад.

*Режими сиёсӣ.* Баробари дигар омилҳо навъи режими сиёсии давлат ба афкору рафтори сиёсии шаҳрвандон таъсири муайян мерасонад. Дар муқоиса ба режимҳои тоталитариву авторитарӣ дар режими сиёсии демократӣ шаҳрвандон озодона ба сиёсат ва корҳои идораи давлат машғул мегарданд. Шаҳрвандон бо истифода аз ҳуқуқҳои худ имконияти фаъолона дар идоракунии давлатӣ иштирок намуданро пайдо менамоянд. Бинобар ин, таъсири режими сиёсии демократӣ ба фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон мусоидат карда, то ба андозае майлу рағбати онҳоро ба сиёсат ва идоракунии давлатӣ меафзояд. Режими сиёсӣ симои ҳокимият ва давлат буда, фаъолияти ҳокимияту давлатро шаҳрвандон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рӯи режими сиёсӣ муайян менамоянд [11, с. 305].

*Маданияти сиёсӣ.* Тарзи рафтори сиёсии одамон яке аз меъёрҳои муайянкунандаи муносибат ба сиёсат мебошад. Ташаккули ин ё он навъи маданияти сиёсӣ бо омилҳои гуногун, аз он ҷумла бо майлу рағбати одамон, низоми сиёсӣ ва бо дараҷаи маърифату маънавиёти онҳо вобаста мебошад. Навъи маданияти сиёсӣ аз насл ба насл мегузарад. Маданияти сиёсии фаъол, яъне иштироки фаъолонаи мардум дар сиёсат худ аз худ ташаккул намеёбад ва дар як сол ташаккул додани он дар шаҳрвандон имконнопазир аст. Маҳз маданияти сиёсӣ метавонад, дар рафтори сиёсии шахс, гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва системаи сиёсии ҷомеа ба сифати яке аз унсурҳои муҳим баромад кунад. Аз ин лиҳоз, маданияти сиёсӣ дар ҷомеа ба сифати инъикоскунандаи сатҳи рушд ва устувории ҷомеа низ баромад мекунад ва ба он таъсири сифатӣ мерасонад [15, с. 24].

*Таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ.* Яке аз хусусиятҳои муҳимми замони муосир

торафт пурзӯр гардидани таъсири ВАО ба ташаккули анндешаи сиёсӣ ва маданияти сиёсии шахс ба ҳисоб меравад. Имрӯз ВАО ба нерӯи пурикудор ва муассир табдил ёфтаанд, ки аз таъсири онҳо касе дар канор нест. Муҳаққиқи соҳаи медиа Мол Абраям мегӯяд: «Бо пайдоиши ВАО системи бунёдии маориф, ки дар ҷомеа пазируфта шуда буд, нақши пешинаи худро адо карда наметавонад. Барои ҷавони имрӯз на маҷмӯи донишҳое, ки аз оила, мактаб, коллеҷ ва ё институт муҳим аст, балки он чизе, ки аз телевизор, аз филм, аз рӯзнома ва аз гуфтугӯ бо ҳамхизматон ва ҳамсоягон мегирад, муҳимтар мебошад. Маҷмӯи низоми донишҳо ва арзишҳои пештаргирифтаро мақсадҳои ивазшаванда мегиранд, ки ба онҳо ВАО доимо таъсир мерасонанд» [10, с. 176].

Дастрасии фаровони одамон ба иттилоот, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо андешаи онҳоро нисбати олами сиёсат инкишофу дигаргун намуд, ҳамзамон имконияти таъсиррасонии аҳолиро ба равандҳои сиёсӣ ва идоракунӣ пурзӯр гардонид. Гузашта аз ин, рушди минбаъдаи "ҳукумати электронӣ" ба фаъол гардидани шаҳрвандон дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии давлат таъсири назаррас гузошт. Маҳз дастрасӣ ба чунин воситаи пурикудор имконияти бевоситаи иштироки шаҳрвандонро дар раванди идоракунии давлат бештар намуд.

Дар даҳаи якуми асри XXI СММ дар соҳаи «ҳукумати электронӣ» як қатор тадқиқотҳо омода ва нашр намуд. Дар маърӯзаи "Таҳлили муқоисавии ҳукумати электронӣ: дурнамои глобалӣ, муайянкунандаи рушди кишварҳои аъзои СММ" (2003) ду навъ мафҳуми «ҳукумати электронӣ» тафсир гардидааст: ба маънои васеъ «ҳукумати электронӣ» ҳамчун истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ, ба маънои маҳдуд «ҳукумати электронӣ» ҳамчун истифодаи Интернет ва шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ барои манзур намудани иттилоот ва хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон[17].

Натиҷаи ворид намудани технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи давлат ҳамчун нишони паст намудани коррупсия дар идоракунии давлатӣ, шаффофият, рӯоварӣ ба манфиатҳо ва талаботи шаҳрвандон, ҳамчунин афзудани даромади давлат ва ё паст гардидани хароҷот оварда мерасонад.

Дар асоси маълумоти СММ (2010), вобаста ба дараҷаи ҷалби шаҳрвандон ба иштироки электронӣ се сатҳ вуҷуд дорад: маълумотӣ, машваратӣ ва иштироки фаъолона. Ҳар яке ин сатҳҳо ба се мақсади асосӣ мувофиқ мебошад: афзоиши дастрасии иттилоотӣ, ҷалби васеи шаҳрвандон ба баҳси масъалаҳои мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, тавсеаи ҳуқуқ ва имконияти шаҳрвандон дар муайян намудани сиёсат[2, с. 53].

Олимон Логуа Р.А. ва Балюков А.С. аломатҳои умумии ҳукумати электрониро чунин муайян менамоянд: «Имконияти дастрасии ҳамаи шаҳрвандон ба иттилооти марбут ба фаъолияти ҳокимият ва дигар мақомоти давлатӣ; таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии дар шакли электронӣ манзургардида; мусоидат ба риояи меъёри ҳуқуқ; дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти электронӣ оид ба имтиёзҳо ва кӯмакпулиҳо; баамалбарории харидҳои электронӣ ва хизматрасонӣ; тартибдиҳии фармоишот, ташкили низоми электронии тиҷорат; муттаҳид намудани маълумот ва хизматрасониҳои байнипарлумонӣ оид ба хизматрасонии байни мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон ва ташкилотҳо; иштироки сиёсии шаҳрвандон дар масъалаҳои барои давлат ва ҷомеа аҳамияти ҳалкунандадошта (дастрасӣ ба шахсони мансабдори ҳамаи зинаҳо, шакли мубоҳисавӣ ва майдони электронии мунозира, қайди интерактивии интихобкунандагон дар барномаи махсус ва ниҳоят овоздиҳии онлайн)»[8, с. 13-14]. Дар муқоиса ба даврахои гузаштаи таърихӣ иштироки шахс дар сиёсат ва идораи давлатӣ тавассути воситаҳои электронӣ сурат мегирад. Маҳз ташаккулёбии "ҳукумати электронӣ" барои

фаъолона иштирок намудани шаҳрвандон дар сиёсат ва равандҳои идораи давлат заминаи мусоид фароҳам овард. Дар асоси Консепсияи рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва инкишофи «ҳукумати электронӣ» ба нафъи давлат ва шаҳрвандон буда[6], ба роҳ мондани фаъолияти васеи он дар кишвар ба фаъолнокии иҷтимоиву сиёсии аҳолӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Пажӯҳишгарон бар он андешаанд, ки иштирокчии фаъоли равандҳои ҳаёти ҷомеа будан хислати миллӣ (одоби миллӣ) низ ба ҳисоб меравад. «Бешубҳа, дараҷаи шуурнокӣ, муносибат ба илму дониш, муттаҳидӣ, иродаи паси сар кардани мушкилот, бовар ба тақдири созандагии Ватан ва *иштироки фаъол* (*курсив аз мо – С.Ш.)* дар он омилҳои муҳим ва нишонгари моҳияти одоби миллӣ мебошанд» [16, с. 68].

Ҳамин тавр, иштироки шаҳрвандон дар сиёсат ва идораи давлатӣ масъалаи муҳими ҷомеаи демократӣ буда, дараҷаи баланди фаъолнокии онҳо ба рушди ҷомеа мусоидат менамояд. Чуноне ки дар консепсияи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Эъмори ҷомеаи демократии ба иқтисодиёти иҷтимоӣ нигаронидашуда бе рушди ахлоқию маънавии насли ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар онҳо ташаккул додани сифатҳои ватанпарастӣ, кордонӣ ва масъулият, аз ҷониби онҳо андӯхтани таҷрибаи иҷтимоию фарҳангии насли гузашта ва дастовардҳои тамаддуни ҷаҳонӣ имконнопазир аст. Дар амал татбиқ намудани ин мақсадҳо ҷалби фаъолонаи ҷавононро барои иштироки мустақим дар ташаккул ва татбиқи сиёсати марбут ба ҷавонон тақозо менамояд”[5] .

Бо назардошти аксарияти аҳолии кишварро ташкил додани ҷавонон иштироки онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар идораи давлатӣ, хеле муҳим аст. Дар доираи демократикунонии ҷомеа иштироки фаъолонаи ҷавонон дар коркард ва амалӣ намудани барномаҳо ва стратегияҳо зарур мебошад. Аммо иддае аз ҷавонон оиди амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ ва ташаббусҳо дар ҳаёти хеш маълумот надоранд[9, с. 72]. Гарчанде дар Тоҷикистон, мувофиқи қонунгузории давлат, барои иштироки фаъолонаи ҷавон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат шароиту имтиёзҳои назаррас муайян гардидааст, набудани механизми амалинамоӣ ва паст будани сатҳи маълумотнокии ҷавонон боиси истифода нашудани неруи ин қишри бузурги ҷомеа гардидаст. Чунин ҳолат, бешубҳа, ба камфаъолии сиёсии онҳо мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ иштироки шаҳрвандон дар идораи давлат аз дараҷаи маънавиёт, фарҳанг, хислати миллӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, низоми сиёсӣ, режими сиёсӣ ва дараҷаи инкишофи маданияти сиёсӣ вобастагии калон дорад. Фароҳам гардидани шароит барои иштироки фаъолонаи мардум ба сиёсат ва идораи давлат, ки дар он нақши сарвари сиёсӣ мақоми асосӣ дорад, ба инкишофи низоми демократӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ асос мегардад. Пешрафти давлат аз сатҳи рушди зиндагии шаҳрвандон, аз ҷумла аз сатҳи маърифат ва иштироки онҳо дар корҳои идораи давлат вобаста мебошад. Бинобар ин, дар шароити имрӯза ҳавасманд намудани шаҳрвандон ба корҳои давлатӣ, муҳайё сохтани шароити озод ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва сафарбар намудани неруи мардум ба корҳои созандагӣ вазифаи муҳими давлат ба ҳисоб меравад. Ҳарчӣ боло рафтани сатҳи иштироки одамон ба сиёсат ва идораи давлатӣ ва сафарбар гардидани неруи онҳо ба корҳои созандагӣ ба таҳкими низоми сиёсӣ ва рушди устувори кишвар мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Аристотель. Политика. – М.: Мысль, 1997. – 458 с.
2. Голубева А.А., Ишматова Д.Р. Электронная демократия в России: формирование традиций политической осведомлённости и участия // Вопросы государственного и муниципального управления. 2012. № 4. – с. 50-65.
3. Девид М. Сиёсат барои мардум. Дар ҷустуҷӯи мақоми мардум дар сиёсат. – Душанбе, 1998. – 315 с.
4. Денисова И.В. Участие в выборах как фактор политической социализации в современном российском обществе / Социум и власть. – № 4 (28). – 2010. – Стр. 43-47.
5. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.12.2014, №760 таѓйиру иловаҳо ворид карда шуд). – Душанбе, 2014.
6. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
8. Логуа Р.А., Балюков А.С. Электронное правительство в цифровую эпоху: концепция, практика и развитие // Основы экономики, управления и права. 2014. № 5 (17). – Стр.12–19.
9. Миралиён К.А. Особенности и технологии развития молодежной политики в Республике Таджикистан. Дисс. на соискание ученой степени доктора пол. наук. – Душанбе, - 2017. – 342 стр.
10. Моль А. Социодинамика культуры: Пер. с фр. / Предисл. Б. В. Бирюкова. Изд. 3-е. – М.: Издательство ЛКИ, 2008. – 416 с.
11. Равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон: китоби таълимӣ // Зери таҳрири профессор Муҳаббатов А. – Душанбе, 2017. - 342 с.
12. Саидзода Ш.Ш. Ҷавонон – омили ҳастии миллат ва таҳкими давлат. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 240 саҳ.
13. Сафарова М.Ш. Рафтори сиёсӣ ва баъзе хусусиятҳои муҳими он дар раванди ба даст овардани истиқлолият / Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – Саҳ.80-84.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди II. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – 945 с.
15. Шаъбонов Н.Н. Ташаккулёбии таҳаммулпазирии сиёсӣ ҳамчун омили муҳимми маданияти сиёсӣ дар ҷомеа / Тоҷикистон дар масири истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ. – Душанбе: ДМТ, 2017. – с. 23-35.
16. Ятимов С.С. Миллат, илм, амният. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 384 саҳ.
17. A Definition of E-Government. The World Bank Group. URL: www1.worldbank.org. (Дата обращение 02.04.2020)


## МАСЪАЛАИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ

Мақола ба мавзӯи иштироки шаҳрвандон дар раванди идоракунии давлат бахшида шудааст. Дар он масъалаи аҳамияти иштироки шаҳрвандон дар сиёсат, идоракунии давлат ва таъсири он ба инкишофи кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар

низоми демократии давлат, ки мардум сарчашмаи ҳокимият дониста мешавад, барои иштироки фаъолонаи мардум дар идоракунии давлат заминаи ҳуқуқӣ-қонунӣ фароҳам гардидааст. Шаҳрвандон ҳам дар шакли бевосита ва ҳам дар шакли бавосита ба раванди идоракунии давлат ширкат менамоянд. Аз ҳама шакли иштироки оммавии мардум дар сиёсат ва идоракунӣ ширкат дар интихобот ва райъпурсӣ мебошад. Дар мақола масъалаи сатҳи иштироки мардум дар идоракунии давлат вобаста ба омилҳои зерин: режими сиёсӣ, шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маданияти сиёсӣ, сатҳи эътимоду боварии мардум ба ҳокимияти сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз назари муаллиф дар шароити рушдии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ торафт нақши васоити ахбори омма дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат боло рафта, он ба ташаккулёбии афкори сиёсии ҷомеа ва шаклгирии рафтори сиёсии мардум таъсири назаррас мерасонад. Дар давлати демократӣ ҳар чи қадар сатҳи фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон андоза рақобати сиёсӣ ба миён омада, ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ мусоидат менамояд. Ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бидуни дараҷаи баланди фаъолнокии шаҳрвандон имконнопазир аст. Дар мақола таъкид гардидааст, ки боло рафтани маърифати сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон ва фароҳам гардидани фазои озоди сиёсӣ ба мустаҳкамшавии низоми сиёсӣ ва пешрафти давлат мусоидат менамояд. Муаллиф дар охир хулоса ва таклифҳои хешро оид ба боло бардоштани дараҷаи фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон манзур намудааст.

***Калидвожа:*** *иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат, низоми демократӣ, маданияти сиёсӣ, режими сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ, ВАО, Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ПРОБЛЕМА УЧАСТИЯ ГРАЖДАН В ПРОЦЕССЕ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВОМ

Исследуется участие граждан в процессе управления государством. Обосновывается важность участия народа в политике, в управлении государством и на его развитие. В демократическом государстве, где народ считается источником власти, заложены законно-правовые предпосылки для активного участия граждан в управлении государством. Граждане как непосредственно, так и опосредованно участвуют в этом процессе. Самые массовые формы участия народа в политике и в управлении государством являются выборы и референдум. Анализируется степень участия граждан в управлении государством, связанная с такими факторами: политический режим, социально-экономическое положение, политическая культура, уровень доверия граждан политической власти. По мнению автора, в условиях развития информационно-коммуникационных технологий неуклонно растёт роль средств массовой информации в политической жизни и в управлении государством. Это влияет на формирование политического мышления и на трансформацию политического поведения граждан. Чем выше уровень активности граждан в демократическом государстве, тем лучше условия для политической конкуренции, что качественно влияет на улучшение деятельности политических партий и политической власти. Становление и развитие гражданского общества недопустимы без высокой активности народа. Отмечено, что повышение уровня политико-правовой грамотности граждан и создание свободной политической среды способствуют укреплению политической системы и развитию государства. Сделаны выводы и даны предложении по повышению уровня политической активности граждан Республики Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *участие граждан в управлении государством, демократическая система, политическая культура, политический режим, политическая власть, СМИ, Республика Таджикистан.*

## THE PROBLEM OF CITIZEN'S PARTICIPATION IN THE PROCESS OF STATE RULING

The article examines the participation of citizens in the process of state ruling. The author proves the importance of people's participation in politics, state regulation and for its development. In a democratic state, where the people are considered the source of power, there are legal prerequisites for the active participation of citizens in government. Citizens directly and indirectly will be involved in this process. The most popular forms of people's participation in politics and state ruling are elections and referendum. The author analyzes the level of citizens participation in state regulation, which related to such factors as political regime, socio-economic situation, political culture, and the level of citizens trust to the political power. According to the author, in the context of the development of information and communication technologies, the role of mass media in political life and in government is steadily growing. This will affect the formation of political thinking and the transformation of political behavior of citizens. Higher level of citizens activity in a democratic state will create better conditions for political competition and the improvement of political parties and political authorities activities. The formation and development of civil society will not be realized without high activity of the people. It is noted that increasing the level of political and legal literacy of citizens and creating a free political environment contribute to the strengthening of the political system and the development of the state. Author gives some recommendations to increase the level of political activity of citizens of the Republic of Tajikistan.

***Keyword:*** *participation of citizens in state regulation, democratic system, political culture, political regime, political power, mass media, Republic of Tajikistan.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Саидзода Шӯхрат Шукур –** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, Тоҷикистон, ш. Хуҷан, м-н. 17, хонаи 1, тел: +992-93-938-88-66, e-mail: shuhratst@mail.ru

**Сведения об авторе: Саидзода Шухрат Шукур** – кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой политологии Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, 735700, Таджикистан, г.Худжанд, 17 мрн., дом 1, тел. +992-93-938-88-66, e-mail: shuhratst@mail.ru

**Information about the author: Saidzoda Shukhrat Shukur -** candidate of political sciences, Head of the political science department under the Tajik state university of law, business and policy, 735700, Tajikistan, c. Khujand;17 microdistrict., home 1, Tel. +992 939388866, E-MAIL: shuhratst@mail.ru

УДК: 07 (575.3)

# ТОБИШИ МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ҚОЛАБИ ЖАНРҲОИ ЖУРНАЛИСТИКА ДАР РӮЗНОМАИ "ҶУМҲУРИЯТ" ВА ҲАФТАНОМАИ "ОЗОДАГОН"

**Шодихони Н.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Журналистика ҳамчун як шохаи илм монанди дигар соҳаҳо ба жанрҳо ҷудо мешавад. Жанр дар кори рӯзноманигор нақши муҳим мебозад ва фаъолияти эҷодӣ ё самараи меҳнати рӯзноманигорро бе жанр наметавон хуб ва сарҷамъона дастрас намуд. Жанр ба тартибоварандаи масъули кори журналист аст. Рӯзноманигор маводи ҷамъовардаи худро, ки дар пайи ҷустуҷӯҳою андешарониҳои зиёд ҳосил мешавад, ба тартиб медарорад ва дар чаҳрчубае бо номи жанр банду баст намуда, ба хонанда пешниҳод мекунад.

Барои равшан намудани нақши жанр дар фаъолияти эҷодии рӯзноманигор прафессор Мурод Муродов дар китоби "Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист" чунин мисол меорад.

"Тасаввур кунед, ба шумо модаратон ё каси дигар мефармояд, ки аз бозор маҳсулоте харидорӣ намоед то хӯрок пазад ё муҳаррири нашрияе ба шумо супориш медиҳад, ки маводи хубу хонданӣ бояд навишт. Чунин шакли хоҳиш ё супориш шуморо андаке ба нофаҳмӣ ва саргумӣ метавонад орад. Зеро шумо аниқ намедонед, ки аз бозор чиро харидорӣ намоед ва чигуна мавод нависед. Агар аз шумо хоҳиш кунанд, ки барои пухтани оши палав маҳсулот харидорӣ намоед ё мухбирномаи хуб нависед, дар ин ҳолат бароятон амалу ҳаракат ва фаъолияти баъдина муайяну мушаххастар мегардад. Ҳамин тавр жанр ҳамчун шаклҳои гуногуни инъикоси воқеият на танҳо фаъолияти эҷодии рӯзноманигорро мушаххас мегардонад, балки баррасии матлаби ӯро рангин низ мекунад" [14, с. 4].

Ин мисолҳо нақши жанро дар фаъолияти эҷодии журналист муайян намуд. Акнун худи мафҳуми жанр чист? Мафҳуми истилоҳи жанр аз забони фаронсавӣ (depche) гирифта шуда, маънои навъ, намуд, тарзро ифода мекунад. Моҳияти калимаи жанр миёни мутахассисони соҳаи журналистика аз диду назари гуногун тавзеҳ ёфтааст. Профессор Иброҳим Усмонов, дар китоби худ, "Жанрҳои публисистика" мафҳуми жанро бо истифода аз забони мутахассисони соҳаи журналистика чунин тавзеҳ додааст: "М. Черепахов ва В. Ученова жанро ҳамчун "василаи тасвири воқеият". Ю.Д. Бараневич "категорияи таърихӣ" шинохтаанд ва ҳамин назар дар таҳқиқи олимони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, Ҷ. Муқим, И.Усмонов, П. Гулмуродов, С. Гулов низ омадааст. Ҳамаи онҳо мисли В. Д. Плет жанро намуди аломатҳо ва хусусиятҳои устувордоштаи эҷод медонанд" [11, с. 4].

Сарчашма пеш аз ҳама воситаи асосии маҳсули эҷоди журналист ба ҳисоб меравад. Жанр қолабе аст, ки журналист тамоми фикру ақидаи худро дар он мерезад ва вобаста ба ҳамон қолаб мавод эҷод мекунад.

Мурод Муродов баъди таҳлилиу аз назаргузарониҳои зиёд аз забони мутахассисони хориҷию ватанӣ оид ба мафҳуми жанр ба хулосае омада, жанро чунин таъриф додааст: "Шаклҳои гуногун ва мухталифи инъикоси воқеа, ҳолату рӯйдод, ҷараён ва вазъият, ки

аз ҷиҳати аломат, хусусият ва сохти унсурҳои умумӣ, такроршаванда ва хоса доранд, жанр номида мешаванд” [15, с. 5].

Устодони журналистикаи тоҷик профессор Асадулло Саъдуллоев ва дотсент Сангин Гулов бобати шинохти ин мафҳум жанро категорияи таърихӣ номида онро ба марҳилаи феълӣ (равон), сохти мавҷуда, фаъолмандии идеалогии ҷомеа хонда, дар охир бо такия ба андешаҳои дигар олимону мутахассисони соҳаи илми журналистика жанро чунин таъриф додаанд.

“Жанр василаи байёни фикри омӯхтаву дар тарозуи ақл санҷидаест, ки бо мақсади таъсиррасонӣ байён карда мешавад” [11, с.11].

Профессор Ҷовид Муқим ҳам дар таърифи жанр такия ба андешаҳои боло намуда, жанро, як воситаи тасвири ҷомеа унвон намудааст. Ӯ дар китобашон “Мақоми жанрҳо дар Радиои “Озодӣ” менависад, ки “жанр як воситаи тасвири ҷомеа аст. Ҳамзамон ба қавли муҳаққиқ Ю. Д. Бараневич жанр категорияи таърихӣ аст. Вай ба сохти иҷтимоии ҷамъият, фаъолияти мақсадноки идеалогии он ва ба даврони худалоқамандии зич дорад”.

Иброҳим Усмонов баъди чанд сари мавзуи жанр кор кардан ва иқтибосҳои зиёд аз олимони соҳаи журналистикаи хориҷ овардан ба хулосае омада жанро чунин таъриф медиҳад.

“Жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешавад ва ҳар кадом қолаб ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад” [11, с. 5].

Ҳамин тариқ ҳар соҳае ки дар он эҷод вуҷуд дорад, бе жанр буда наметавонад. Яъне жанр хоси эҷод аст. Ҳар як соҳаи эҷод дорои жанр мебошад ва жанр дар навбати худ ба қисмҳо ҷудо мешавад. Дар илми журналистикаи тоҷик жанрҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд.

1.Жанрҳои Хабарӣ

2. Жанрҳои таҳлилӣ

3. Жанрҳои публисисти – бадеӣ

Дар дохили гурӯҳи жанро боз жанрҳои хурд-хурде ҷойгиранд, ки ҳар яке таъриф ва хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Вале мо сари ин масъала зиёд намеистем. Зеро асоси мақолаи моро Тобиши масъалаҳои худшиносии миллӣ дар қолаби жанрҳои журналистика (дар мисоли рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва ҳафтаномаи “Озодагон”) дар бар мегирад.

Як чизро қайд кардан ба марид аст, ки ҳамаи жанрои зикргардида аз якдигар тафовут доранд. Аммо нишонаҳои аксар дар якдигар мушоҳида мешавад. Онҳо танҳо бо нозукиҳои бо худ хос фарқ мекунанд. Чуноне ки Иброҳим Усмонов мегуяд. “Ҳар кадоми ин соҳаҳо жанрҳои ба худ хос доранд ва ҳар кадом жанр хислати хоси хешро дорост. Жанҳои соҳаи зикршуда ҳама мустақиланд, аммо унсурҳои онҳо, баъзан хусусияти умумии онҳо дар ҳамдигар зоҳир ва такрор шуданашон мумкин аст. Масалан унсурҳои жанри адабиии ҳикоя дар жанри публисистии очерк, усурҳои жанри публисистии тақриз

дар жанри илмии тақриз ва монанди ин. Аммо онҳо такрори ҳам, нусхабардории ҳам нестанд” [11, с. 5].

Мақола бошад дар илми журналистика ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ дохил мешавад. Мақола аз калимаи лотинии aticulus гирифта шуда маънои “қисм”, “узв”-ро ифода мекунад. П. Гулмуродзода муҳаққиқи тоҷик нишонаи асосии мақоларо дар масъалагузорӣ, баррасии ҳамаҷониба мавзӯъ, таҳқиқи мавзӯъ мебинад. А. Азимов хусусиятҳои публиситӣ доштаи мақоларо зикр мекунад. Мурод Муродов бошад, мақоларо чунин шаҳр додааст: “Мафҳуми мақола дар фаҳмиши оммавӣ ба ду маънӣ маъмул аст. Мақола-гуфтор, сухан, нутқ ва навишта. Ба ин маънӣ тамоми навиштае, ки дар матбуот интишор мешавад, новобаста аз шакли жанрӣ мақола меноманд. Масалан барои онҳое ки аз рӯзноманигорӣ дуранд, тақриз, мухбирнома ва ё жанри дигар мақола аст. Аммо барои мутахассиси рӯзноманигор мақола матнест, ки хусусияти худро молик буда, ҳамчун жанри мустақил аз дигар жанрҳои публисистӣ фарқ дорад... дар журналистика вай барои таҳлили воқеа, зуҳурот ва ҷараёни муҳиму мухталифи иҷтимоӣ истифода мешавад” [15, с. 45].

И. Усмонов андешаи ҳамкасбонашро тақвият дода, таъкид мекунад: “Мақола зоҳири воқеаро не, ботини онро ошкор мекунад. Мақола мақсади хабар доданро не, таъсир расониданро дорад”.

Маҳз бо ҳамин хусусияти таъсиррасониаш аксар маводҳое, ки ба масъалаи худшиносии миллӣ дар доираи арзишҳои умумибашариро дороанд дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар жанри мақола пешниҳод шудаанд. Зимни таҳлилҳо айён гардид, ки он масъалаҳое, ки ба арзишҳои миллӣ рабт доранд, дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” бо тамоми паҳлуҳояш таҳлил шудаанд ва яке аз вазифаҳои мақола низ ин таъсир расонидан аст. Рӯзнома бошад, ба воситаи силсила мақолаҳояш дар мавзӯи худшиносиии миллӣ дар давоми солҳои 2010-2015 дар дигаргунсозии рӯҳияи хонандаи худ саҳми назаррас гузоштааст.

Ҳафтаномаи “Озодагон” низ аксар маводҳои ба арзишҳои миллӣ бахшида шудаи худро дар қолаби мақола ба хонанда пешниҳод намудааст. “Озодагон” дар солҳои 2010-2015 аксар мақолаҳои калонҳаҷмро ба нашр расонидааст ва баъзеи онҳо бознашр аз дигар нашрияҳо мебошанд. Давоми солҳои 2010-2015 аксар мақолаҳои ҳафтаномаи мазкур дар мавзӯҳои забон, либоси миллӣ, дин ва баъзе масъалаҳои сиёсӣ ки тобиш мехуранд ба мавзӯҳои миллӣ аз чоп баромадааст. Дар баробари он ки дар ҳафтаномаи “Озодагон" аксар мақолаҳо бо сарлавҳаҳое аз чоп мебароянд, ки валвала ангезанд, ба ҳар восита метавонад ҳисси худогоҳии миллии хонандаро бедор намояд. Зеро мақсади мақола низ таъсир расонидан аст.

Чизи дигар низ маврид ба зикр аст, ки дар мақолаҳои ҳафтанома дар баробари оне ки мавзӯъ таълил мешавад, инчунин манфиатҳои баъзе аз кишварҳо пардапушона тарғиб мегарданд. Барои мисло вакте ки сухан дар мавзуи миллату фарҳанг меравад, ҳангоми таҳлил набояд онро ба дигар миллатҳо муқоиса кард. Махсусан ҳолате мавод интиқодӣ аст. Зеро ин як навъ тарғиби миллати дигар мешавад. Барои мисол ҳафтаномаи “Озодагон” зери рубрикаи “Як қазоқ маоши ҳафт тоҷикро мегирад” маводеро дар жанри мақола аз чоп мебарорад. Дар мақола такия ба сомонаҳои давлати Қазоқистон намуда, муаллиф таъкид мекунад, ки маоши миёна дар Қазоқистон нисбат ба маоши миёнаи аҳолии Тоҷикистон 7 баробар зиёд аст ва ин маълумот дар сайти Mojazarplata.kz дарҷ

ёфтааст. Муаллиф дар давоми матлаб, ки дар жанри мақола пешниҳод шудааст, такия ба манбаи болозикр ба мафкураи хонанда таъсир расонидан мехоҳад ва дар муқоисагузориҳояш Тоҷикистонро дар муқобил ба Қазоқистон давлати қашшоқ муаррифӣ кардан мехоҳад.

“Дар минтақаи Осиёи Марказӣ маоши миёнаи аҳолии Қазоқистон аз ҳама баланд ҳисобида мешавад. Аммо маоши миёнаи аҳолии Русия дар як моҳ 805 доллари амрикоиро ташкил медодааст, ки аз маоши миёнаи аҳолии Қазоқистон 35 дар сад зиёд мебошад. Гуфта мешавад, ки аз ҳама пасттарин маоши миёна дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам ба аҳолии Тоҷикистон рост меояд [28, 4.01.2012].

Ҳафтаномаи “Озодагон “ дар баъзе аз масъалаҳои миллӣ бетарафиро ихтиёр мекунад. Зимни таҳлил мушоҳида мешавад, ки он масъалаҳое ки “Озодагон” намехоҳад аз он пуштибонӣ намояд, дар шакли суҳбат ё худ пурсиш ба хонанда пешниҳод шудааст. Ва дар аксар пурсишҳое ки ҳафтанома роҷеъ ба масъалаҳои миллӣ анҷом додааст якҷониба баҳогузорӣ шудаанд. Барои мисол дар шумораи №05 (214) 1 феврали соли 2012, бо номи “Тафовути Амрико аз Тоҷикистон дар чӣ аст?” аз чоп баровардааст. Маводи мазкур дар рубрикаи “Се дидгоҳи ҳафта” нашр шуда, моҳияи пурсиш ё муқоисагузорӣ дарҷ нагардидааст. Дар он се андеша ҷой дода шудааст, ки якеро ҳамчун намуна меорем.

“Ман қадр доштани Инсонро дар Амрико дидам. Дар рангу пуст ва нажод ҳеч бартарие ман мушоҳида накардам. Як ҳолат диққати маро ҷалб карда буд ва ҳеҷ наметавонам фаромӯш созам. Дар кӯчаҳо қадам мезадем ва мушоҳида кардам, ки чароғаки роҳнамо барои нобиноён низ мувофиқ будааст. Нобино рангро наметавонад бубинад, вале бо садои махсус, ки аз чароғак мебарояд , метавонад бифаҳмад, ки гузар кардан мумкин аст ё на. Ё ин ки барои нобиноён дар назди метро кошиҳои(кафел) махсус гузошта шудааст, ки онҳо бо пой мушоҳида кунанду ба ягон садама дучор нашаванд. Дар мо ҳуқуқи одами солим поймол мешавад, чӣ расад ба маъюб. Фикр мекунам бо кучактарин касбе ки фард аз уҳдааш бaрояд метавонад дар Амрико кори хубе пайдо кунад ва зиндагии худро бисозад.”

Ин шакли омода намудани маводҳо дар ҳафтаномаи мазкур то чӣ андоза ба жанри суҳбат назидикӣ дорад, такия ба андешаҳои мухатассисони соҳаи журналистика дида мебароем.

Чунин шакли мавод омада намуданро Профессор Асадулло Саъдуллоев ва Сангин Гулов як навъ суҳбат номидаанд. Ба андешаи ин устодон ин мусоҳиба - нақл аст. “Ин ба мусоҳибаи ҳамноми матбуотӣ монанд аст. Хабарнигор мавзуи суҳбатро муайян карда бо як савол ба муҳосиб мурочиат мекунад ва ҷавоби мусоҳиб бидуни мудохилаи журналист сурат мегирад” [19, с. 42].

Муҳаққиқи тоҷик, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ С. Ятимов дар мақолаи худ “Ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ” [2] дуруст зикр мекунад, ки донишҳои таърихӣ, илму дониш сабабгори пешрафту таҳаввулоти инсон дар тамоми соҳаҳои ҳаёт мебошад. Дар иртибот ба ин амнияти миллӣ низ вобастаи сатҳу дараҷаи илми мавҷуда мебошад. Масъалаи пайванди илму амнияти миллӣ дар замони муосир доманаву шиддати бештаре пайдо мекунад, ки ин ба раванди умумиҷаҳонӣ ва падидаҳое, ки дар дунё ба вуқӯъ мепайванданд, иртибот дорад. Ин ҷо овардани фикри олими маъруф Томасс Гобс, ки дар мақола зикр ёфтааст, айни матлаб аст: “Давлате, ки амнияти хешро таъмин карда наметавонад, ғайримаҷоз аст”. Агар мо бо назардошти сабақҳои таърихӣ ва донишҳои илмӣ ба вазъи амнияти кишвару миллат назар андозем давлату ҳукумат ва мардум барои бартараф кардани хатарҳои зиёди маҳви миллату давлат ва шикасти сохтори давлатӣ чи қадар саддҳо ва душвориҳоро аз сар гузаронид.

Имрӯз аз назари илмӣ баҳогузорӣ кардан ба вазъи нооромии ҷаҳон, дарси таҷриба андӯхтан аз ихтилофҳои мазҳабиву динӣ ва марзиву бумӣ, ки муттассифона ҳам олами Шарқ ва ҳам олами Ғарбро фаро гирифтаст, аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи сарчашмаҳои таърихӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар ҳаёти халқи тоҷик таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии амиқ ба вуҷуд омаданд, ки дар осори устод Садриддин Айнӣ, аз ҷумла романи «Дохунда» инъикос ёфтаанд.

Таҳлили романи «Дохунда» – нишон медиҳад, ки устод С. Айнӣ ҳамчун муаррих ва нависандаи забардаст на танҳо манзараҳои рангоранги ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсӣ, фарҳангӣ ва меҳнату муборизаи халқи тоҷикро дар романи мазкур ба шакли бадеӣ таҷассум кардаанд, ҳамчунин онҳоро воқеъбинона, бо ҳуҷҷату санадҳои таърихӣ ва дар саргузашти ашхоси воқеӣ тасвир намудаанд.

Ин ҷо моро асосан қисмати чоруму панҷуми роман, ки дар он ҳаракати босмачигарӣ, дуздиву ғоратгарӣ ва зулму ситами беандозаи онҳо нисбат ба халқи меҳнаткаш бо далелҳои воқеӣ ба таври муфассал тасвир ёфтааст, ҷалб месозад. Зеро мо дар нақлу тасвири воқеаҳои фоҷеабори охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX, ки дар романи “Дохунда” баён ёфтааст, манзараҳои ҳузнангезеро мебинем, ки бозтоби онҳоро баъди қариб як қарн дар фаъолияти ифротгароёнаву террористии як қатор ҳизбу ҳаракатҳои динӣ – сиёсии замони муосир, бахусус дар симои ТЭТ ҲНИ баръало мушоҳида менамоем.

Романи “Дохунда” ҳамчун сарчашмаи таърихӣ нишон медиҳад, ки агар ҳаракати босмачигарӣ дар муқобили Ҳокимияти Шӯравӣ ва давлати навтаъсиси миллии тоҷикон сурат гирифта бошад, амалҳои бадкирдоронаи ТЭТ ҲНИ аввал бар зидди давлати Шӯравӣ ва баъди истиқлолияти давлатӣ ба муқобили давлати дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур ёфтааст [4].

Аз ҷумла, ҳодисаҳои фоҷеабори дар қисми чорум ва панҷуми роман тасвирёфта аз бозтоби амалҳои зиддиинсонии босмачиён дар фаъолияти ТЭТ ҲНИ баръало шаҳодат медиҳад.

Устод Айнӣ дар боби чорум ва зерқисми 9, ки «Халтаи пургӯшу бинӣ» ном дорад, чунин навиштааст: «Иброҳимбег, Эшони Султон, Давлатмандбӣ, Абдулқайюмбӣ, Тӯғайсариғ, Барот Эшикоқобошӣ ва соири қӯрбошиён ва сардорони босмачӣ бо даста ва навкарони худ дар шаҳри Кӯлоб сарҷамъ шуданд; пас аз он ки миёни худ аҳду паймон баста ҳамаи қӯрбошиён Иброҳимбегро ба сари худ калон бардоштанд, калонон дар як хона нишаста маҷлиси ҳарбӣ барпо карданд;…» [3, 333].

– Дар маҷлис Иброҳимбег қайд мекунад, ки… аз тарафи ҷаноби олӣ ҳам хабарҳои хуш расида истодааст;…ҷаноби олӣ ва сафири Инглис дар Афғонистон оид ба дастрас намудани яроқ корро ба тарзе қарор додаанд, ки пас аз ин мо аз ҷиҳати яроқ ҳеҷ тангӣ намекашем; хоҳ аз роҳи Хонобод бошад ва хоҳ аз роҳи Бадахшон ба мо ҳаргуна яроқ расида меистад.

Нақли устод Айнӣ дар ин порчаи роман аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаракати босмачигарӣ дар ҳудуди Афғонистон аз ҷониби кишварҳои манфиатдор бо омода кардани дастаҳои мусаллаҳ дастгирӣ карда мешуд. Дар навбати худ, ТЭТ ҲНИ низ то сар задани даргириҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз моҳи апрели соли 1992 зиёда аз 150 нафар ҷавонони маҳорати ҷангӣ доштаро, бо фармони бевоситаи С.А.Нурӣ дар Афғонистон ва дигар давлатҳои манфиатдор усулҳои ҷангиданро омӯзонда, сипас бо силоҳ мусаллаҳ намуда, ба Тоҷикистон баргардонида шуданд [4], [5]. .

Ёдрас бояд кард, ки ҳаракати босмачигарӣ ҳамчун падидаи экстремистӣ аввал дар шакли дастаҳои хурди роҳзанӣ зуҳур гардида, дар охир дар шакли гурӯҳҳои муташаккили сиёсии зиддишӯравӣ ва зиддимиллӣ зуҳур кардааст. ҲНИ низ дар ибтидо ҳамчун гурӯҳи хурди махфии зиддишӯравӣ ва зиддимиллӣ таъсис ёфта, то ба дараҷаи ташкилоти махсуси экстремистии террористии байналмилалӣ мубаддал гашт. Дар баробари тағйирёбии вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии минтақа, тарзу усулҳои муборизаи ТЭТ ҲНИ низ тағйир меёфтанд, ки аз бозтоби раванди таъсису ташаккулёбии ҳаракати босмачигарӣ дар фаъолияти он дарак медиҳанд.

Дар қисми номбурдаи “Дохунда” манзараи амалу фаъолияти аъзоёни ҳаракати босмачигарӣ чунин омадааст: Пас аз ин Иброҳим ба рӯйхат кардани касони ба амал шоён даромад: ҳар кас барои даромадан ба ин рӯйхат корҳои худаш анҷомидаро баён кардан гирифт:

– Ман фалон қишлокро оташ сар додам [3, 333].

– Ман як дӯзандаро, ки ба ҷадидон ва болшевикон либосҳои ҳарбӣ дӯхта медод, куштам» [3; 333].

– Ман фалон касеро, ки мехост ба аскарони сурх озуқа фурӯшад, аз гӯшаш ба дарахт парчин кардам [3; 333].

Дар ин маҷлис танҳо як нафар чизе намегуфт ва аз корҳои кардаи худ ҳисобот намедод.

Иброҳимбег ба он одам нигоҳ карда гуфт:

– Ту чаро чизе намегӯӣ, магар дар ин маъракаҳо коре накардаӣ? Он шахс як халтаи карбоси пурчизи даҳанбастаро, ки дар зонуяш буд, ба Иброҳимбег нишон дода: – ҳар коре, ки ман карда бошам, ба даруни ин халта аст, – гуфт – ҳар вақт ки ҷаноби олӣ омаданд, ба худашон пешкаш мекунам».

Дар натиҷаи боисрор пурсидани иштирокчиёни маҷлис, он шахс даҳони халтаро кушода нишон дод, ки дар даруни он гӯшу биниҳои буридаи одамӣ буд ва гуфт:

– «Ҳар кадоми ин гӯшу биниҳо гӯшу бинии ҷадид, болшевик ва хайрхоҳони онҳост, ки ба нияти устувор кардани давлати олӣ буридаам ва баъд аз ин ҳам ҳар қадар гӯшу бинӣ, ки дар ин роҳ бибурам, ҷамъ мекунам…» [3, 334-335].

Акнун рӯ меорем ба далелҳое, ки ҳаммонандии фаъолияти террористии ТЭТ ҲНИ-ро бо амалҳои босмачиён собит месозад.

Моҳи апрели соли 1992, вақте ки ТЭТ ҲНИ тибқи нақшаи хоҷагони хориҷияш марҳалаи мусаллаҳсозии ҷангиёни худро дар ҷанги шаҳрвандӣ оғоз кард, фаъолияти хешро аз гаравгонгирии мардум, таъсиси зиндонҳо, шиканҷахонаҳо ва қатлгоҳҳо оғоз намуд. Зиндони марказии ТЭТ ҲНИ дар бинои ҳаммоми совхози «Туркманистон»-и ноҳияи Вахш ҷойгир буд. Солҳои 1991-1992 наҳзатиҳо дар ин зиндон садҳо нафарро нигоҳ дошта, бе ягон муҳокима шиканҷа дода, қатл мекарданд. Вақте ин ноҳия аз дасти наҳзатиҳо озод шуд, дар таҳхонаи ин ҳаммом садҳо узви буридаи инсон ва даҳҳо ҷасад ба ҷой монда буд, ки касе намедонист, ба кӣ тааллуқ доранд [5].

Омӯзиш ва таҳлили таърихи ҳаракати босмачигарӣ нишон медиҳад, ки дар сафи он зархаридони хориҷӣ ба монанди Анварпошшо ва Салимпошшо бо лашкаронаш бар зидди Давлати Шӯравӣ, зидди миллати тоҷик, ки нав давлати миллии худро таъсис дода буданд, ҷангидаанд.

Бояд гуфт, ки гурӯҳҳои босмачиён дар ҳайати ҳаракати зиддишӯравӣ ва зиддимиллӣ қувваи асосӣ ва пешбаранда ба ҳисоб мерафтанд, чунон ки имрӯз аъзо ва тарафдорони ТЭТ ҲНИ низ худро дар ҳамин симо ошкор сохтанд. Ба ҳамон тавре ки босмачиён тадриҷан ҷойи намояндагони зубдагони маҳаллӣ – рӯҳониён, доираҳои тоҷирону сарватмандон ва зиёиёни маҳаллиро иваз карда, дар ин ҳаракат мақоми хос касб карда буданд, ТЭТ ҲНИ низ дар атрофи худ рӯҳониён ва ашхоси худкомаро ҷамъ оварда, ба як ҳаракати зиддимиллӣ табдил ёфта буд. Агар босмачиён ҳаракати озодихоҳии халқи тоҷикро барои бунёди давлати миллӣ ба ҳаракати зиддимиллӣ табдил доданӣ шуда бошанд, ТЭТ ҲНИ низ мавҷудияти давлати миллии тоҷиконро дар солҳои 90-уми асри XX зери хатар гузошта, манфиатҳои онро мехост ба хоҷагони бурунмарзии худ фурӯшад ва ҳатто эътиқоди динии мардуми Тоҷикистонро ба манфиати ҳамин хоҷагон тағйир диҳад.

Чуноне ки аз таҳлили маводҳои ҷамъомада бармеояд, дар сафи ҷангиёни ТЭТ ҲНИ хориҷиёни зархариди афғон, арабу ҳинд, чечену покистонӣ бо дастгирӣ ва маблағгузории хоҷагони хориҷӣ ба муқобили сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҷангиданд. Аҷнабиёни зиёд (гурӯҳи мусаллаҳи Хоҷаев Ҷумъабойи Намангонӣ, террористи байналмилалӣ – Хаттаб, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳоҷӣ Ҷамшед – набераи Иброҳимбеги босмачӣ, Абӯ Бабаи Ҳиндустонӣ ва дигарон) дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилоти экстремистию террористии ҲНИ бевосита ширкат варзидаанд [4].

Маълум аст, ки соли 1923 роҳбари гурӯҳи босмачиёни водии Қаротегин Фузайл Махсум Ғармро давлати мустақил эълон карда буд (Ғарми «мустақил» [3, 393-394]. Дар натиҷаи ҷангҳои далеронаи аскарони сурх ва фидоиёни маҳаллӣ давлати «мустақил»-и Фузайл Махсум шикаст дода шуда, босмачиҳо ба тарафи Сағирдашту Дарвоз ва Ванҷ гурехтаву пароканда шуданд ва аксари онҳо несту нобуд гардида, қисме аз онҳо ба Афғонистон фирор мекунанд. Ҳамин тақдир соли 1992 ба ТЭТ ҲНИ низ насиб гардид.

Моҳи январи соли 1993, вақте минтақаи Рашти Тоҷикистон муваққатан зери назорати ҲНИ афтод, онҳо дар ин минтақа зуд давлатчаи худро бо номи «Ҷумҳурии исломии Ғарм» (ҶИҒ) ташкил намуда, дар он қоидаҳои исломиро аз нигоҳи фаҳмиши ифротии наҳзатӣ ҷорӣ карданд. Аз тарафи ҲНИ узви раёсати олии ҳизб Саъдидини Рустам «президент»-и ин «давлати исломӣ» ва қумандони хунхори ТЭТ ҲНИ Ризвон Садиров «вазири мудофиаи ҶИҒ» эълон шуданд. Аввалин фармонҳои ин давлати худхондаи ТЭТ ҲНИ ба ин гуна буданд: «аз хона набаромадани занон», «аз чор ангушт кам набудани риши мардон», «ба мактаб нарафтани духтарон», «аз ҳар хона ба лашкари наҳзат додани ду муҷоҳид», «ба ихтиёри ҷангандаҳои ҲНИ супоридани захираҳои озуқавории мардум, аз ҷумла орд, асал, чорво, картошка, себ ва ғайра», «манъ будани мусиқӣ дар тӯйҳо» ва ғайра [5].

Ин далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки наҳзатиҳо дар Ғарм як режими зулму ситам ва ғорати мардумро бо номи «давлати исломӣ» ба роҳ монда буданд. Хушбахтона, ин сохтори сиёҳи наҳзатиён дер тӯл накашиду баҳори соли 1993 аз тарафи неруҳои давлатӣ пароканда карда шуд. Роҳбарони ТЭТ ҲНИ ба Афғонистон гурехта, муносибати золимонаи худро дар нисбати гурезаҳои тоҷик татбиқ намуданд.

Ҳанӯз ҷонибдорони ҳаракати босмачигарӣ ва наҳзати исломии Тоҷикистон масъалаҳоро чунин шарҳу тафсир медиҳанд, ки гӯё босмачиён ва наҳзатиён бо дастгирии хоҷагони хориҷии худ барои барқарор ё бунёд кардани давлати миллии тоҷикон мубориза бурда бошанд. Дар асл бошад, онҳо мехоҳанд бо ин усул мардуми ноогоҳро ба иштибоҳ баранд, то ки симои аслии худро, ки аз дину мазҳаб ва миллатфурӯшӣ ва мақсади асосиашон сохтани “давлати исломӣ” иборат мебошад, аз мардум пинҳон доранд.

Дар ин росто мебояд зикр кард, ки агар ҳаракати босмачигарӣ қувваи муташаккили ҳарбии ҳокимону синфҳои сарнагуншуда бо мақсади аз нав барқарор кардани ҳокимияти амирии манғития ва амалӣ намудани манфиатҳои геополитикии давлатҳои абарқудрати Ғарб дар Осиёи Миёна буд, ТЭТ ҲНИ низ имрӯз ифодагари манфиатҳои геосиёсии ҳамин давлатҳои зикршуда дар Тоҷикистон мебошад, ки ҲНИ-ро бевосита ба ҳаракати босмачигарӣ мепайвандад. Беҳуда нест, ки сарварони ТЭТ ҲНИ, ба мисли М.Кабирӣ, М.Ҳаит, Ҳ.Сайфуллозода, «фақеҳи терроризм»-и наҳзатӣ Саидюнуси Истаравшанӣ ҳаракати босмачигариро ҳамчун ҳаракати миллӣ – озодихоҳии тоҷикон ба муқобили Ҳокимияти Шӯравӣ муаррифӣ менамоянд [4], [5].

Қисми панҷуми романи “Дохунда” бо фасли «Каждуми таги бӯрё» оғоз мешавад. Садриддин Айнӣ дар он амалҳои мору каждумро ибратомӯзона тасвир кардааст. Нависанда моҳияти муборизаи халқи меҳнаткашро бар зидди душманони худ аз забони қаҳрамони асосии роман – Дохунда чунин баён мекунад: «мо босмачиёнро, ки монанди мор ба назар намоён буданд, нест кардем, аммо он гурӯҳ ва синфе, ки босмачиён намояндагони онҳо буданд, ҳанӯз ҳастанд, монанди каждуми таги бӯрё бе он ки ба назари мо худро рӯйрост нишон диҳанд, захр мезананд, барои ҳар гуна пешрафти мо монеъ мешаванд. Мо бояд ин каждумони таги бӯрёро тамоман нест кунем…» [3, 426].

Қобили зикр аст, ки аз саҳнаи сиёсии Тоҷикистон берун кардани ҲНИ, пеш аз ҳама, ҷавобгӯйи манфиатҳои халқи одӣ ва давлатдории тоҷикон аст. Мусаллам аст, ки ҳар як ҳизб ё ташкилоти динии аз роҳи табаддулоти давлатӣ ба сари ҳокимият омада мафкураи динии худро ба идеологияи ҳукмрон табдил медиҳад ва чунин мафкура арзишҳои демократӣ, муқаддасоти миллиро на танҳо намепазирад, ҳатто мавҷудияти онҳоро зери хатар мегузорад. Намунаи барҷастаи он фаъолияти «Толибон» дар Афғонистон ва ба ном «Давлати исломӣ» дар Ироқу Сурия [5] мебошад, ки мардумро ба асорати асримиёнагӣ гирифтор карда, таъриху маданияти аҳамияти умумибашарӣ доштаи онҳоро поймол намуданд.

Романи «Дохунда» – и устод Садриддин Айнӣ сабақ медиҳад, ки морбачаву каждумбачагони таги бӯрё дар симои аъзоёни пинҳонии ТЭТ ҲНИ ҳанӯз фаъолият доранд ва аз онҳо ҳушёр будан зарур аст, то ки ҳодисаҳои мудҳиши таърихи гузашта ба сари мардуми созандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол такрор наёбанд.

Дар ин росто, овардани суханони Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ бамаврид мебошад:

***Бикуш оташи хурд пеш аз газанд,***
***Ки гетӣ бисӯзад ҷу гардад баланд***

Бинобар ин, омӯзишу тарғиби ғояҳои романи мазкур имрӯз дар бедории миллӣ ва муайян сохтани тақдири давлати миллии тоҷикон аҳамияти хос дорад ва он бояд яке аз китобҳои рӯидастии тоҷикистониён бошад.

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба муносибати 27-умин солгарди истиқлолияти давлатӣ. 8 сентябри соли 2018. Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/18333 (санаи муроҷиат:20.10.2020).
2. Ятимов С.С. «Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ». – рӯзномаи «Ҷумҳурият», аз 30-юми майи соли 2017.
3. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 2. – Сталинобод, 1960.
4. Гафаров Қ. А., Самадов А. С. Маводи таҳлилии Раёсати 4-уми КДАМ ҶТ оид ба фаъолияти босмачигарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инъикоси он дар амалҳои ТТЭ ҲНИ, аз соли 2018
5. Иззатулло Саъдулло. «ҲНИТ ва ДОИШ. Исботи амалии як будани таълимот, фаъолият ва мақсади ин ду ташкилоти экстремистӣ», рӯзномаи «Фараж», 2 ноябри соли 2017.
6. «ҲНИТ дар Покистон бароиояндаи худ артиш омода мекард», Зафар Алихонов, рӯзномаи «Хатлон», 30 октябри соли 2017. № 43.

## ТАКРОРИ ВОҚЕАҲОИ ФОҶЕАБОРИ РОМАНИ “ДОХУНДА”- И УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ҲАЁТИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ОХИРИ САДАИ XX ВА ИБТИДОИ САДАИ XXI

Муаллиф шабоҳати таърихӣ, инчунин монандии ҳаракати босмачигарӣ дар давраи шӯравӣ ва фаъолияти ташкилоти экстремистиву террористии Ҳизби наҳзати исломро дар таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар мақола фаъолияти ғайриқонунии ҲНИ ва таъсири манфии он ба манфиатҳои миллӣ ва амнияти Тоҷикистон инъикос гардидааст.

***Калидвожаҳо***: *ҳаракати босмачигарӣ, Ҳизби наҳзати ислом, терроризм, экстремизм, Ҷумҳурии Тоҷикистон, амният.*

## ПОВТОРЕНИЕ ТРАГИЧЕСКИХ СОБЫТЫЙ РОМАНА “ДОХУНДА” САДРИДДИН АЙНИ В ЖИЗНИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА (КОНЕЦ XX - НАЧАЛО XXI вв)

Автор рассматривает и анализирует исторические параллели, а также сходства басмачества в советском периоде и деятельности экстремисткой и террористической организации Партии исламского возрождения в современной истории Республики Таджикистан. В статье отражается незаконная деятельность ПИВ и её негативное влияние национальные интересы и безопасность Таджикистана.

***Ключевые слова:*** *басмачество, Партия исламского возрождения, терроризм, экстремизм, Республика Таджикистан, безопасность.*

## REPEAT OF THE TRAGIC EVENTS OF THE NOVEL "DOHUNDA" USTOD SADRIDDIN AINI IN THE LIFE OF THE TAJIK PEOPLE (AT THE END OF XX - BEGINNING OF XXI CENTURIES)

The author researches and analyses historical parallels as well as similarities between the basmachi movement in the Soviet period and the activities of the extremist and terrorist organization Islamic revival party in the modern history of the Republic of Tajikistan. The article reflects illegal activities of the IRP and its negative impact on the national interests and security of Tajikistan.

***Keywords:*** *basmachi movement, Islamic revival party, terrorism, extremism, Republic of Tajikistan, security.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Неъматов Икромиддин** - дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, 734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел. (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru

**Сведения об авторе: Неъматов Икромидин** - доцент кафедры дипломатия и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, 734003, ш.Душанбе, ул. Саида Носира, 33**,** тел. (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru

**Information about the author: Nematov Ikromidin -** Docent of Diplomacy and Internation Relations of Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidat of Histori, 734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str. Phone (+992) 907705875, E-mail: i.nemat@mail.ru

УДК:891.550-3

# НАҚШИ МАЪРИФАТИ ҲИССӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

*Сулаймонов Б.С., Мирова Н.Р.*
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**

Масъалаи маърифат дар низоми фалсафии Насируддини Тӯсӣ мавқеи муҳим дорад. Бояд қайд намуд, ки ин масъала шурӯъ аз нимаи дуюми асри гузашта то кунун мавриди пажӯҳиши муҳаққиқони ватанӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла М. Болтаев ва М. Диноршоев таваҷҷуҳи худро ба ҷанбаҳои материалистии маърифатшиносии мутафаккир равона намудаанд. Сабаби чунин муносибат ба осори Тӯсӣ ба он вобаста аст, ки дар он даврон идеологияи марксистӣ ҳукмрон буда, муҳаққиқон ҳамаҷониба кӯшиш менамуданд, ки дар таълимоти дилхоҳ мутафаккири асримиёнагӣ анъана ё тамоюли материалистиро пайдо намоянд.

Чуноне медонем, дар даврони асримиёнагӣ дар таълимоти аксар мутафаккирон, ки ба масъалаи маърифат бахшида шуда буданд, тамоюлҳои динӣ-идеалистӣ ва мистикӣ афзалият доштанд ва дар онҳо фаъолияти маърифатии инсон бо кадом як ҷавҳари ғайриматериалӣ вобаста дониста мешуд, ки он ба материя ва ба шуури инсон вобастагӣ надошт. Аммо назари Насируддини Тӯсӣ ба ҷавҳар ва усулҳои маърифат бунёдан аз ҷаҳонбинии бештари гузаштагонаш, аз ҷумла Фахруддини Розӣ, Абуҳомиди Ғаззолӣ ва дигарон фарқ мекард. Дар ин масъала ӯ қатъан самти пешгирифтаи Арасту, Форобӣ ва Ибни Синоро пайравӣ мекард, ки маърифатро ҳамчун раванди инъикоси ашё ва падидаҳои олами атроф дар рӯҳи инсон баррасӣ мекарданд. Тӯсӣ чун мутафаккир – математик ва астрономи шинохтаи замони худ заррае шубҳа надошт, ки маърифат намуди мураккаб ва пурихтилофи фаъолияти рӯҳии инсон аст, ки ба дарёфти моҳияти объектҳои олами воқеӣ равона гардидааст.

Насируддини Тӯсӣ шаклҳои ҳиссӣ ва ақлии маърифатро дақиқан фарқ карда, кӯшиш менамуд, ки нақши онҳоро дар раванди ягонаи маърифат нишон диҳад. Маърифатшиносии ӯ ба мисли Арасту ва Ибни Сино бар назарияи инъикос асос ёфтааст. Тибқи ин назария инъикос на танҳо хоси мавҷудоти зинда, балки хоси ашёи олами ғайриорганикӣ низ мебошад, ки ба фарқ аз мавҷудоти органикӣ таъсири ашёи олами воқеиро нисбатан сусттар инъикос мекунанд. Вобаста ба ин, мутафаккир қайд менамояд, ки ашёи олами ғайриорганикӣ қобилияти инъикос доранд, аммо тимсоли идеалии объекти инъикосшавандаро ҳифз карда наметавонанд. Масалан, «об имкони инъикоси шаклро дорад, аммо имкони ҳифзи онро не». [9, 114]

Дар бобати ашёи олами органикӣ бошад, мутафаккир чунин ибрози ақида менамояд, ки онҳо, дар фарқ аз ашёи олами ғайризинда, то ҷое аз ашёи беруна мутаассир шуда, ҳамзамон имкони ҳифзи тимсолҳои идеалии бавуҷудомадаро доро мебошанд.

Муҳимтарин воситаҳои маърифат эҳсос ва шуур ба ҳисоб меравaнд, ки ба андешаи Тӯсӣ, бо ҳам иртиботи ногусастанӣ доранд. Марҳалаи ибтидоии маърифат эҳсос аст, ки тавассути он ашёву падидаҳо, инчунин аломоти онҳо дар рӯҳи инсон инъикос гардида, шаклҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд, ки онҳо дар навбати худ дониши ҳиссиро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар маърифатшиносии мутафаккир ба нақши эҳсос дар раванди маърифат таваҷҷуҳи махсус равона карда мешавад. Аз ҷумла, мутафаккир ба нақши аъзои ҳиссӣ дар раванди маърифат баҳои баланд дода, менависад: «Аъзои биноӣ ба мо дар бораи рангҳо ба мисли сафеду сиёҳ, сурху зард, сабзу кабуд, инчунин ашёи дорои

чунин рангҳо152 дониш медиҳанд. Бо ҳамин ҳис мо нурҳо, масалан шуои Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо, оташ ва ғайраро дарк мекунем…

[Ашёе, ки] бо аъзои шунавоӣ маърифат карда мешаванд, аз овозҳо ва хусусияти онҳо иборатанд, ки тавассути онҳо намудҳои овозҳо ва дигар хусусиятҳои рангоранги онҳо аз қабили баландию пастӣ ва форамию зиштӣ ба вуҷуд меоянд. Тавассути аъзои шомма мо бӯйҳои фораму нофорам ва намудҳои гуногуни онҳоро маърифат мекунем.

Ба воситаи аъзои зоиқа мо нӯҳ навъи маззаи хурока – ширинию туршӣ, шӯрию тезӣ, талхию равғаннокӣ, часпакию тундӣ, бемаззагӣ ва ҳамаи он маззаҳоеро, ки аз омехтаи инҳо ҳосил мешаванд, ҳис мекунем.

Бо ёрии ҳисси ломиса мо чор ҳолат – гармию сардӣ, намнокию хушкӣ ва ҳама он чизеро, ки аз онҳо ба вуҷуд меояд, аз қабили сахтию нармӣ, вазнинию сабукӣ ва ба онҳо монанд, ҳис мекунем». [9, 43]

Насируддини Тӯсӣ нақши аъзои ҳисро дар раванди маърифат дуруст тавсиф намуда, эҳсосро сарнуктаи ин раванд медонад. Барои Тӯсӣ эҳсос ин инъикоси тарафҳои алоҳидаи ашё ва падидаҳост, ки бевосита ба яке аз аъзои ҳис – биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ ва ламскунӣ таъсир расонида, дар вуҷуди инсон ҷой мегиранд. Маҳз эҳсос, ба ҳайси сарчашма ва нахустманбаи раванди маърифатӣ, инсонро бевосита ба олами атроф алоқаманд месозад. Дар ҷои дигар андешаи Тӯсиро чунин баён мекунем, ки ба хотири исботи ҳолати мазкур пешниҳод кардааст: «Ҳарчанд эҳсос худ аз худ дониши умумиро инъикос намекунанд, аммо бояд донист, ки калиди донишҳои умумӣ ва алоҳида маҳз эҳсос ба шумор меравaнд, зеро инсон сарчашмаи ҳар як мафҳум ва муҳокимаро танҳо тавассути эҳсос метавонад маърифат кунад. Аз ин ҷиҳат Муаллими аввал гуфтааст: «Ҳар ки аз эҳсос маҳрум мешавад, аз дониш маҳрум мегардад». [2, 375]

Бебаҳс, ин ҷо аз тарафи мутафаккир ба нақши аъзои ҳис дар раванди маърифат баҳои дуруст дода шудааст. Бе қобилияти маърифатии эҳсос шуур неру ва тавоноии маърифатии худро гум мекунад. Мутафаккир на танҳо тасдиқ мекунад, ки эҳсос ин калиди раванди маърифат аст, инчунин ӯ тасдиқ мекунад, ки эҳсос ашёи тавассути аъзои ҳиссӣ даркшавандаро дуруст инъикос намуда, доир ба ашёи олами моро иҳотакарда дониши ҳақиқӣ медиҳанд. Ӯ дар ин бора менависад: «Маърифат тавассути эҳсос чунин сурат мегирад: агар вуҷуди инсон бо ёрии яке аз эҳсоси берунӣ ягон воқеияти аслиро қабул намояд, пас дар тасаввури он шакли мувофиқ ба ин воқеияти ҳисшаванда инъикос мешавад, то ки пас аз нест шудани ин воқеият вуҷуди инсон тавассути тасаввурот дар ҳолати дилхоҳ тавонад ин шаклро дар эҳсоси ботинии худ барқарор созад. Ин шакл дар ҳама гуна зуҳураш ба шакли нахустин мувофиқат мекунад. Фарқ танҳо дар ҳамин зоҳир мешавад, ки барои қабули воқеияти ҳиссии нахустин мавҷудияти материя лозим аст, ки фарогири ин аразҳо бошад, ҳангоми қабули дубора ин шакл бошад, ба мавҷудияти материя зарурат нест». [2, 375–376]

Қавли мазкур боз як бори дигар тасдиқ менамояд, ки таълимоти Тӯсӣ доир ба маърифат ба назарияи инъикос асос ёфтааст. Ин ҳолатро ҳам иқтибоси болоӣ ва ҳам дигар андешаҳои мутафаккир тасдиқ менамоянд. Дар саҳифаи дигари китоби худ ӯ менависад: «Вақте одамон бо ёрии эҳсоси зоҳирӣ моҳияти тамоми аслҳоро маърифат мекунанд, пас тимсоли ашёи идрокшаванда ба таври табиӣ дар шуури онҳо инъикос мешаванд... Сипас ин тимсолҳо тавассути хотира ва ёдҳо бо роҳи табиӣ ба моҳияти тамоми аслҳо ишора мекунанд». [9, 61]

Бояд қайд намуд, ки баъзе андешаҳои мутафаккир, ки дар бораи раванди маърифат иброз шудаанд, хусусияти диалектикӣ доранд. Шояд ин андешаҳои Тӯсӣ таҳти таъсири идеяҳои Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино ба вуҷуд омада бошанд, ё шояд маҳсули

мулоҳизаронии худи ӯянд. Ба ақидаи ӯ «маърифати ашё ҳолати яклухт нест, балки вобаста ба нерумандӣ ва сустӣ, равшанию норавшанӣ, куллияту ҷузъият, комилию нокомилии он дорои якчанд зина аст. Вақте ки ягон ашёро аз дур мушоҳида карда, мефаҳманд, ки он моддӣ аст, аммо дарк карда наметавонанд, ки он сангию чӯбӣ ё ягон мавҷуди зинда аст, пас маълум мешавад, ки дониши онҳо доир ба ин ҷисм шубҳанок, умумӣ ва нокомил аст. Аммо агар баъдан бубинанд, ки ин ҷисм ҳаракаткунанда аст, пас маълум мешавад, ки он мавҷуди зинда аст. Ҳамин тавр, ин дониш нисбатан фаҳмотар, дақиқтар ва комилтар мегардад, агар тавассути дигар аломатҳо маълум шавад, ки ин ҷисм ё асп, ё одам аст, ё ба ягон гурӯҳ мутааллиқ аст ё моҳияташ дар ину он зоҳир мегардад». [9, 441]

Аз ин ҷо бармеояд, ки Насируддини Тӯсӣ хусусияти нисбӣ доштани дониши ҳосилшавандаро қайд намуда, ба роҳу воситаҳои комил гардонидани он, яъне чӣ гуна дониши нокомил нисбатан такмил дода мешавад, таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Дар тақвияти он ки Тӯсӣ дар муқоиса бо гузаштагон ба нақши эҳсос дар раванди маърифат диққати бештар равона месозад, метавон гуфтаи зерини ӯро мисол овард: «Ба он нигоҳ накарда, ки эҳсосот наметавонанд инъикоси андешаҳои умумӣ бошанд, боз ҳам набояд фаромӯш кард, ки калиди донишҳои умумӣ ва ҷузъӣ эҳсосот ба шумор мераванд. Зеро ҳастии инсон аз ибтидои андеша то ҳама он чи, ки тавассути ақл ба вуҷуд меояд, бар эҳсос асос ёфтаанд. Асоси ҳама гуна мафҳум ва мулоҳизаҳо танҳо тавассути эҳсос аз худ карда мешаванд… Вақте ҳастии инсон бо ёрии яке аз эҳсоси зоҳирӣ ягон чизи мушаххасро мешиносад, пас тимсоли айнии ин ашёи мушаххас дар он чунон инъикос меёбад, ки дар ҳолати мавҷуд набудани ин ашё, вақте ки инсон мехоҳад онро бубинад ба ботини худ барои маърифати ин ашё мурочиат мекунад ва дар ин ҳол ба қабули дубораи ин ашёи мушаххас зарурат намемонад… Агар ҳамон навъи эҳсос ашёи алоҳидаи зиёдеро инъикос кунад, пас аз ҷамъи онҳо як тасвир ҳосил мешавад ва он тасаввури ақлии аз эҳсос беруновардашуда мебошад… Аммо ягон маҳсули шуур, шакл, муқаррарот ва мақула наметавонад ҷойи эҳсосро вобаста ба моҳияти ҳамон тасвир иваз намояд». [9, 378–379]

Чуноне мебинем, дар назарияи маърифати мутафаккир маърифати ҳиссӣ дар шакли тимсолҳо ва тасвирҳое зуҳур мекунад, ки дар дар ҳастии инсон дар натиҷаи фаъолияти узвҳои ҳиссӣ ва низоми марказии асаб ба вуҷуд омадаанд. Насируддини Тӯсӣ эҳсос гуфта, тасвири ҳиссӣ – овоз, ки шунида мешавад, ранг, ки дида мешавад, бӯй, ки шамида мешавад, сардӣ, ки ламсшаванда аст, гаронӣ, ки ҳангоми бардоштани ягон ашё эҳсос карда мешавад ва ғайраро дар назар дорад. Инъикоси комили ашёро дар натиҷаи таъсири бевоситаи онҳо ба аъзои ҳиссӣ мутафаккир идрок меномад. Тибқи андешаи ӯ идрок бо дарёфт, фарққунӣ ва синтези таркиб ва паҳлуҳои ашё тавассути масалан даст, ки барои муайян намудани шакли ин ашё ёрӣ мерасонад; чашм, ки суроби онҳоро муоина мекунад, аъзои шунавоӣ, ки лапишҳои мувофиқи ҳаворо пай мебарад, алоқамандӣ дорад.

Бо ёрии идрок иртибот ва муносибати ашё ҳосил гарида, ҳамзамон барои мавқеъгирии инсон дар олами воқеӣ замина фароҳам оварда мешавад. Дар зинаи тасаввур бошад дар асоси баёдорӣ бо истифода аз хотира тимсолҳои ашёи олами воқеӣ ташаккул меёбанд. Агар идрок бо роҳи иртиботи бевосита бо олами беруна тимсоли комили ашёро ба вуҷуд орад, пас тасаввур метавонад дар либоси забонӣ аломатҳои монанди ашёро ба ҳам биёрад ва дар ин баробар боз ҳам шакли инъикоси ҳиссӣ боқӣ монад.

Дар хулоса бояд қайд намоем, ки маърифати ақлонӣ, бо фарқ аз шаклҳои ҳиссӣ, на ҳамеша бо тимсолҳои ҳиссӣ якҷоя меояд, дар ҳоле ки дилхоҳ тасвири ҳиссӣ дар инсон, бар хилофи ҳайвонот, бо тимсолҳои ақлонӣ ҳамроҳ аст.

Дар ин баробар бо андешаи яке аз аввалин муҳаққиқони осори мутафаккир М. Диноршоев розӣ шудан душвор аст, ки дар зимни таҳлилу баррасии назарияи маърифати Насируддини Тӯсӣ мегӯяд: «Ба он нигоҳ накарда, ки Насируддин тасдиқ мекунад, ки сарчашмаи донишҳои ҷузъӣ ва куллӣ эҳсос ба шумор меравaнд, боз ҳам ба тадриҷ исбот мекунад, ки ҷузъиёт бо эҳсос ва куллиёт бо ақл шинохта мешаванд ва дар ин ҳол пай намебарад, ки шинохти воҳидҳо ва ҷузъиёт ба шинохти куллиёт мебарад ва ҳамчунин баракс… Насируддин ақидаи худро дар бораи он ки эҳсос калиди донишҳои ҷузъӣ ва куллӣ ба ҳисоб рафта, эҳсос ба ақл дар маърифати ашёи тааққулшаванда мусоидат мекунад, на ҳамеша пайдарҳам баён месозад». [6, 123–124]

Бо вуҷуди ин муҳаққиқ ба қавли мутафаккир дар бораи муносибати эҳсос ва ақл дар раванди маърифат, ки дар «Ахлоқи Носирӣ» баён гардидааст, истинод мекунад: «Вуҷуди инсон дар як замон тавассути эҳсос тамоми аслҳоро қабул мекунад, сабабҳои гумроҳшавии эҳсосро муқаррар мекунад, ҳақиқатро аз дурӯғ ҷудо месозад. Маълум гардид, ки донишҳои ӯ на тавассути эҳсос ба вуҷуд омадаанд, зеро он чиро ки дар эҳсос вуҷуд надорад, вуҷуди инсон истифода карда наметавонад. Ҳарчанд мулоҳизаҳои ӯ инкори эҳсос бошанд, ҳамон қадар ӯ онҳоро аз эҳсос нагирифтааст. бинобар ин, маълум гардид, ки рӯҳ чизи дигар ва фарққунанда аз эҳсоси ҷисмонӣ аст ва бар онҳо бартарӣ дорад. Он моҳиятан аз эҳсос комилтар аст». [6, 125]

М. Диноршоев дар идомаи муҳокимаҳояш мегӯяд: «Охир ӯ воқеан ҳам дар «Асосу-л-иқтибос» борҳо қайд мекунад, ки рӯҳи инсон… танҳо тавассути эҳсос метавонад сарчашмаҳои нахустини мафҳум ва мулоҳизаҳоро маърифат кунад» ва «усули ҳосил намудани мулоҳизаҳо қиёс ё индуксияи воқеӣ ба ҳисоб меравад. Бурҳонҳои нахустини қиёсҳо тавассути индуксия ба вуҷуд меоянд, ки дар он нақши асосиро эҳсос мебозанд. Аз ин мебарояд, ки ҳеҷ гуна донише бе ёрии эҳсос ба вуҷуд намеояд.»

М. Диноршоев ба ин андешаҳои мутафаккир розӣ нашуда, суол мегузорад, ки чунин номувофиқатӣ дар андешаҳои Тӯсӣ дар самти шинохти иртиботи эҳсос ва шуур дар раванди маърифат аз куҷо сар мезанад. Агар мо ба ақидаҳои дар боло овардашудаи Насируддини Тӯсӣ мурочиат кунем, пас ба ин савол посух гуфтан чандон душвор нест. Бо зикри ин нукта, ки эҳсос гоҳо моро «фиреб медиҳанд» ва моҳияти аслии падидаҳоро ошкор сохта наметавонанд, ӯ ба хулосае меояд, ки ақл бар эҳсос асос наёфтааст ва аз он пурра вобаста ҳам нест. Дар иртибот бо иқтибосҳои овардашуда метавон ба чунин андешаҳо расид: аввалан, ҳарчанд мутафаккир нақши эҳсос ва шуурро аз ҳам ҷудо мекунад, аммо ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ саҳми эҳсосро дар раванди маърифат ба ҳайси сарчашмаи ибтидоии он инкор намекунад; дувум, Насируддини Тӯсӣ математики бузурги замони худ буд ва аз ин ҷиҳат ӯ наметавонист нақши ақлро дар раванди маърифат нодида бигирад. Мо чунин мешуморем, ки Тӯсӣ ба мисли Лейбнитс алоқаи байни шаклҳои ҳиссӣ ва ақлонии маърифатро инкор намекард. Махсусан қайд менамоем, ки дилхоҳ андеша ё назарияи математикӣ маҳсули ақл аст. Аммо ин ба он маъно нест, ки байни эҳсос ва шуур алоқаи диалектикӣ вуҷуд надорад. Тасдиқи ин иддао метавонад гуфтаи зерини мутафаккир бошад: «Бояд маълум бошад, ки ҳосил намудани маъқулот аз эҳсос кори осон нест. Дар ҳама ҳолат шуур нақши асосӣ дорад. Бино бар ин эҳсоси аз шуур ҷудокардашуда наметавонад ягон хел андешаи умумиро иброз намояд. Бо вуҷуди ин мулоҳизаи махсуси алоҳида берун аз раванди эҳсос самаре надоранд. Аммо ҳангоме ки эҳсосҳои такроршавандаи тавассути аъзои ҳиссии беруна бавуҷудомада дар рӯҳи мо

тимсолҳои алоҳидаро ба вуҷуд меоранд, пас чунин такрори образҳои алоҳида тавассути эҳсос дар шуур шакли умумиро ба вуҷуд меоранд». [9, 377–378]

Ҳамин тариқ, ба ақидаи мутафаккир, ҳарчанд аъзои ҳиссӣ интиқолдиҳандаи дониш ба ҳисоб мераванд, аммо эҳсос дар алоҳидагӣ ба мо дар бораи он чи ки дар батни падидаҳо ниҳон аст, дониши воқеӣ намедиҳанд. Аммо он чи ки тавассути эҳсос дониста намешавад, онро ба таври пурра метавон бо ёрии шуур шинохт ва хатоҳое, ки аз ҷониби ягон узви ҳиссӣ содир шудааст, бо кӯмаки ақл метавон ислоҳ кард.

## НАҚШИ МАЪРИФАТИ ҲИССӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Дар ин мақола муаллиф яке аз масъалаҳои муҳими фалсафӣ-масъалаи маърифат дар низоми фалсафаи Насируддини Тӯсӣ ва мавқеи онро дар таълимоти машшоияи баъдӣ муҳим дониста, иброз доштааст, ки омӯзиши ин масъала шурӯъ аз нимаи дуюми асри гузашта мавриди пажӯҳиши муҳаққиқони ватанӣ қарор гирифтааст.

Таҳлилҳои муаллиф нишонрас буда, исбот месозанд, ки назари Насируддини Тӯсӣ ба ҷавҳар ва усулҳои маърифат чун дигар муҳаққиқони ин соҳа, аз ҷумла Фахруддини Розӣ, Абуҳомиди Ғаззолӣ ва дигарон фарқ дошта, дар ин масъала ӯ самти пешгирифтаи Арасту, Форобӣ ва Ибни Синоро пайравӣ кардааст.

Дар такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ муаллифи мақола меафзояд, ки Насируддини Тӯсӣ шаклҳои ҳиссӣ ва ақлии маърифатро дақиқан фарқ карда тавониста, дар баррасии онҳо кӯшиш намудааст, ки нақши онҳоро дар раванди ягонаи маърифат нишон диҳад. Ба андешаи ӯ муҳимтарин воситаҳои маърифат эҳсос ва шуур ба ҳисоб рафта, бо ҳам иртиботи ногусастанӣ доранд.

Насируддини Тӯсӣ марҳалаи ибтидоии маърифатро эҳсос медонад, ки тавассути он ашёву падидаҳо, инчунин аломоти онҳо дар рӯҳи инсон инъикос гардида, шаклҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд, ки онҳо дар навбати худ дониши ҳиссиро ташкил медиҳанд. Ба андешаи муаллифи мақола, ин андешаҳои Тӯсӣ дар зери таъсири идеяҳои маърифатшиносии Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино ба вуҷуд омада бошанд ҳам, ӯ мулоҳизакорона онро ташаккул додааст. Ба ақидаи ӯ маърифати ашё ҳолати яклухт нест, балки вобаста ба нерумандӣ ва сустӣ, равшанию торикӣ, куллияту ҷузъият, комилию нуқсонии он дорои якчанд зина аст.

Аз хулосаи муаллиф бармеояд, ки Тӯсӣ хусусияти нисбӣ доштани дониши ҳосилшавандаро қайд намуда, бо методҳои дуруст ба даст овардани мафҳумҳо ва тарзи такмили онҳо, махсусан, таваҷҷуҳ намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *Насируддини Тӯсӣ, маърифат, ақл, эҳсос, идрок, тафаккур, шуур,фалсафа, узвҳои ҳиссӣ, мулоҳиза.*

## РОЛЬ ЧУВСТВЕННОГО ПОЗНАНИЯ В УЧЕНИЯХ НАСИРУДДИНА ТУСИ

В статье рассматривается одна из важнейших философских проблем - вопрос познании в философской системе Насируддина Туси. Автор того мнения, что учение Насируддина Туси относительно этого вопроса имеет огромное влияние на учение последующих перипатетиков. Этот вопрос, начиная со второй половины прошлого столетия, является предметом научных работ отечественных исследователей.

Автор, на основе тщательного анализа, доказывает, что точка зрения Насируддина Туси по отношению сущности и методов познания отличается от позиции таких мыслителей как Фахруддина Рази и Абухомида Газзели. В решении этого вопроса Туси поддерживается линию Аристотеля, Фараби и Ибн Сины.

Опираясь на достоверных источников, автор статьи также отмечает, что Насируддин Туси четко разграничивал чувственные и рациональные формы познания, и в ходе их рассмотрения, пытался определить их роль в едином процессе познания. По его мнению, основными средствами познания являются чувство и разум, которые имеют неразрывный взаимосвязь.

Насируддин Туси был такого мнения, что начальным этапом познания является чувство, посредством которого предметы и явления, а также их свойства отражаются в душе человека, и тем самым формируют чувственные знания.

По мнению автора статьи эти воззрения Туси формировались под влиянием гносеологических идей Аристотеля, Фараби и Ибн Сины; в дальнейшем Туси рассудительно развивал эти идеи. Согласно доктринам Туси процесс познания предметов не является цельным, а согласно его мощности и немощности, ясности и неясности, полноты и неполноты имеет несколько уровеней.

В заключение автор отмечает, что Туси указывал на относительный характер знания, а также имел особый интерес к методам добывания и усовершенствование понятий.

***Ключевые слова:*** *Насируддин Туси, познание, разум, чувство, восприятие, мышление, сознание, философия, органы чувство, рассуждение.*

## ROLE OF SENSORY PERCEPTION IN NASIRUDDIN TUSI'S TEACHINGS

In article one of the major philosophical problems – the problem of knowledge of the philosophical system of Nasiruddin Tusi is considered. The author of such opinion, that Nasiruddin Tusi's doctrine concerning this question has huge influence on the doctrine of the peripatetic subsequent. This question, since the second half of last century, is a subject of scientific works of domestic researchers.

The author, on the basis of the careful analysis, proves that the point of view of Nasiruddin Tusi on the relation of essence and methods of knowledge differs from a position of such thinkers as Fakhruddin Razi and Abuhamid Ghazzali. In the solution of this question of Tusi it is supported Aristotle's line, Farabi and Ibn Sino (Avicenna).

Relying on reliable sources, the author of article also notes that Nasiruddin Tusi accurately differentiated sensual and rational forms of knowledge, and during their consideration, tried to define their role in uniform process of knowledge. According to him, fixed assets of knowledge are the feeling and reason which have indissoluble interrelation.

Nasiruddin Tusi was such opinion that initial a stage of knowledge is the feeling by means of which objects and the phenomena and also their properties are reflected in soul of the person and by that form sensual knowledge.

According to the author of article these views Hang out Aristotelya, Farabi and Ibn Sino were formed under the influence of the gnoseological ideas; further Hang out judiciously developed these ideas. According to doctrines Hang out process of knowledge of objects is not integral, and according to its power and feebleness, clarity and ambiguity, the completeness and incompleteness has several level.

In conclusion the author notes that Hang out pointed to the relative nature of knowledge and also had a particular interest in methods of getting and improvement of concepts.

***Key words:*** *Nasiruddin Tusi, knowledge, reason, feeling, perception, thinking, consciousness, philosophy, bodies feeling, reasoning.*

## АДАБИЁТ


1. Аль-Фараби, Абу Наср. Логические трактаты / Аль-Фараби. – Алма-Ата, 1975. – 478 с.
2. Аристотель. Аналитика //Сочинения / Аристотель. Т.2. – М., 1978. – 688 с.
3. Ахманов, А.С. Логическое учение Аристотеля / А.С. Ахманова. – М.: Едиториал УРСС, 2011. – 312 с.
4. Болтаев, М. Н. Вопросы гносеологии и логики в произведениях Ибн Сины и его школы / М. Н. Болтаев. – Душанбе, 1965. – 600 с.
5. Войшвилло, Е.К. Понятие как форма мышления: логико–гносеологический анализ / Е.К.Войшвилло. – М.: Изд-во Моск. Ун-та, 1989. – 238 с.
6. Диноршоев, М. Философия Насириддина Туси / М. Диноршоев. – Душанбе, 2012. – 189 с.
7. Мец, А. Мусульманский ренессанс / А. Мец. – М., 1966. – 458 с.
8. Сулаймонов, Б.С. Логико-гносеологические воззрения Абу Насра Фараби / Б.С. Сулаймонов. – Душанбе, 2016. – 146 с.
9. Туси, Н. Асас ул-Иктибас («Основы приобретения») / Н.Туси. Тегеран: Изд-во Тегеранского ун-та, 1955. – 430 с. (на пер. яз.)
10. Туси, Н.. Ахлаки Насири («Насирова Этика») / Н. Туси. – Лондон, 1364 х. – 420 с. (на пер. яз.)
11. Хусайн, А. Мабади’ал-мантик ар-рамзи («Основы символической логики») / А. Хусайн. – Каир, 2003. – 197 с. (на араб. яз.)



**Маълумот дар бораи муаллифон**: **Сулаймонов Б.С.** – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, 734019, ш.Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 938384345
**Мирова Нағзигул Раҳмоновна** - ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода. Суроға: 734019, Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел: 98 599 76 81. E-mail: mirova@mail.ru

**Сведения об авторах: Сулаймонов Б.С.** – кандидат филологических наук, старший преподавателӣ кафедры философии и политологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул .Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 938384345
**Мирова Нагзигул Рахмоновна** - асистент кафедры философии и политологии ТГИЯ им. Сотима Улугзаде. Адрес: 734019, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6. Тел: 98 599 76 81. E-mail: mirova@mail.ru

**Information about avthots: Sulaimonov B.S**. - candidate of Philology, senior Lecturer of the of Philosophy and Political chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzod, 734019, Dushanbe, Muҳammadiev str. 17/6. Tel: : (+992) 938384345
**Mirova Naghzigul Rahmonovna** - assistant of the Department of philosophy and political science of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, 734019. Tel: 98 599 76 81. E-Mail: mirova@mail.ru

УДК:341+32(7.548.82)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЗУҲУР ВА САТҲИ РУШДИ ТАШКИЛОТИ СИЁСӢ ДАР АМЕРИКА (ТО ДАВРАИ КОЛУМБ)

***Сайнаков С.П., Комилбек А.Ё.***
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мувофиқи маълумоти илмҳои палеонтология ва археология инсон дар қаламрави имрӯзаи Америка қариб 25 ҳазор сол пеш зуҳур кардааст. Тибқи хулосаи олимон бори нахуст тавассути гулӯгоҳи Беринг инсонҳо аз Осиё ба Америка кӯч бастаанд ва оҳиста-оҳиста аз Шимолии Америка то ба Ҷануб паҳн шуданд. Ҳамин тавр, рушди минбаъдаи онҳо то кашфиётҳои географӣ дар шароити изолятсионӣ сурат гирифтааст. Гарчанде ки фикрҳо оид ба такроршавии муҳоҷират ва алоқаҳои эпизодии минбаъда доштан бо Осиё низ рад намешаванд, аммо аҳолии таҳҷоии Америка ҳиндуҳо ва эскимосҳо ба ҳисоб мераванд.

Оид ба муносибатҳои ибтидоии қабилаҳои америкоӣ олимон ба хулосае омадаанд, ки аз сабаби надонистани забони ҳамдигар ҳатто аз забони имову ишора ҳам истифода намудаанд. Зеро муҳоҷирон дар асрҳои дуру дароз ба қитъа аз минтақаҳои гуногуни дигар қитъа ворид шуда, тарзи ҳаёт, забону маданияташон гуногун буд. Ҳамин тавр, дар муносибати байни қавму қабилаҳо нақши доҳиён хеле калон будааст [2]. Дар рафти раванди дуру дарози таърихӣ қабилаҳо ва халқиятҳои ҳиндуии америкоӣ ташаккул ёфтанд. Маркази асосии зӯҳурёбии мамадниятҳои америкоӣ Мезоамерика (ё Месоамерика – ҳавзаи маданӣ - географӣ, ки Мексикаи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Гватемала, Белиз, ноҳияҳои ғарбии Салвадор ва Гондурасро дар бар мегирифт) ва Анди Марказӣ (қаламравҳои Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия ва як қисми Чили) ба ҳисоб меравандд, ки дар ин минтақаҳо аввалин нишонаҳои заминдорӣ ба вуҷуд омадааст. Дар давраи гузариш аз ҳазорсолаи III ба ҳазорсолаи II маскунҷойҳои доимӣ (муқимӣ) - и кишоварзон зуҳур намудаанд [1, с. 3].

Дар натиҷаи тағйироти муҳими иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва маданӣ, интенсификатсияи методҳои кишоварзӣ, васеъшавии ҳаҷми мубодилаи молу тиҷорат, зуҳурёбии нобаробарии молу мулкӣ ва нобаробарии синфӣ, ки дар нимаи дуюми ҳазорсолаи I-уми пеш аз мелод сурат гирифтанд, қариб ҳамзамон тамаддунҳои америкоӣ низ тавлид ёфтанд, ки ба давраи таърихи классикии Мезоамерика (ҳазорсолаи якуми солшумории мо) тааллуқ доранд. Он бо хусусиятҳои зуҳурёбӣ ва рушди ҷамъиятҳои ибтидоии синфӣ, таъсисёбии шаҳр-давлатҳои бузург ва муттаҳидшавии онҳо, мутамарказшавии идоракунӣ, қудрат ва тавоноию обрӯи коҳинон, хоҷагиҳои истеҳсолкунанда ифода меёфт [1, с. 6 – 7]. Ҳамин тариқ, дар охири ҳазорсолаи I п.м. дар Месоамерика гузариш аз сохти ҷамоаи ибтидоӣ ба давлатдории ибтидоии синфӣ сурат гирифт.

Яке аз марказҳои асосии давраи маданияти классикӣ Теотиуакан (дар Мексикаи Марказӣ) будааст, ки дар асрҳои III – VI ба давраи баланди тараққиёти худ расида, дар асри VII дар натиҷаи тохтутоз аз ҷониби қабилаҳои бегона хароб мегардад.

Дар соҳилҳои халиҷи Мексика тамаддуни олмекҳо вуҷуд доштааст, дар қаламрави штати ҳозираи Оахака тамаддуни сапотекҳо ва дар шимол-ғарбии Америкаи Марказӣ бошад яке аз тамаддунҳои қадимтарини қитъа – маданияти майя зуҳур карда буд. Дар ин ҷо шаҳрҳои сераҳолӣ, ба монанди Тикал, Копан, Паленке ва ғайра мавҷуд будаанд. Дар ҳудуди асри X аксарияти шаҳрҳои мазкуро аҳолиашон тарк карда ба шимол ҳаракат

намуданд. Дар натиҷа маркази тамаддуни Майя ба Юкатан кӯчид, ки дар ин ҷо шаҳр-давлатҳои Чичен-Иса, Майяпан, Ушмал ба вуҷуд омаданд. Дар асри XI дар як иттифоқ муттаҳид шуда, нимҷазираро ба худ тобеъ намуданд. Аммо дар минбаъда миёни иштирокчиёни Лигаи Майяпан мубориза сар шуд, ки дар рафти он Майяпан ғолиб баромада, дар нимаи дуюми асри XIII гегемонияи худро дар Юкатан барқарор намуд. Дар муддати қариб 200 сол ҳукмронии ҳокимони майяпанӣ аз сулолаи Кокомҳо идома дошт. Дар асри XV бар зидди онҳо ҳокимони як қатор вилоятҳои майда баромаданд ва қувваи муттаҳидаи онҳо дар соли 1441 Майяпанро хароб намуданд. Баъди ин воқеа Юкатан ба ташкилотҳои майдаи давлатии зиёди байни ҳам хусуматдошта тақсим мешавад. Истифодабарии меҳнати ғуломон аз он шаҳодат медиҳад, ки аз они майяҳо унсурҳои сохти ҷамъиятии ғуломдорӣ бо нигоҳ доштани як қатор институтҳои сохти авлодӣ мавҷуд будааст.

Дар давраи гузариш ба давраи солшумории мо аз ҷониби майяҳо (бори нахуст дар Америка) хат дар намуди иероглифҳо кашф карда шудааст. Қадимтарин навиштаҷотҳо бо хати мазкур ба асри III п.м. рост меоянд. Оид ба мероси хаттии бошандагони қитъаи Америка як қатор асарҳо рӯи чопро диданд, ки дар онҳо меъроси маънавии мардумони он гирд оварда шудааст [4].

Дар Мексикаи Марказӣ қабилаҳое, ки ба гуруҳи забонии нахуа тааллуқ доштанд, тамаддуни худро таъсис доданд. Дар асри XI қабилаҳои толтекҳо аз Шимол ба ин ҷо омада, давлати паҳноварро бо пойтахташ Толлан таъсис доданд. Онҳо бар зидди ҳамсояҳо низ лашкар кашида, марказҳои майяҳои Юкатан ва Кӯҳистони Гватемаларо ба худ тобеъ намуданд. Толтекҳо низ шаҳрҳои калон сохтанд, хат ва тақвими худро доштанд, ки онро дар асоси хат ва тақвими майяҳо тартиб доданд.

Тамаддуни толтекҳо низ дар натиҷаи ҳуҷуми қабилаҳои шимолии шомили гурӯҳи забонии науха буда, ки ба худ номи умумии чичимекҳоро гирифта буданд, аз байн бурда шуд. Аммо дар охири асри XIV – ибтидои асри XV шаҳр-давлати онҳо аз ҷониби тепанекҳо забт карда шуд. Ин қабилаҳо Теночтитланро, ки аз ҷониби астекҳо сохта шуда буд, низ ба даст оварданд.

Дар соли 1426 Теночтитлан бо Тескоко ва Тлакопан иттифоқ баста, ҳукмронии тепанекҳо аз байн бурда, иттифоқчиён қариб тамоми водии Анахуакро ба худ тобеъ намуданд. Баъди ин астекҳо дар иттифоқи сегона ҳукмронии худро таъмин намуда, тамоми Мексикаи Марказиро ба худ тобеъ намуданд. Ҳамин тавр, давлати нисбатан қудратманди Астекҳо шакл гирифт. Астекҳо ба авлодҳои алоҳида тақсим мешуданд, ки сарварии онро доҳиёни интихобшуда ба ӯҳда доштанд. Доҳии асосии ҳарбӣ, ки аз ҷониби намояндагони авлодҳои муайян интихоб карда мешуд, амалан ҳам дар давраи ҷангӣ ва ҳам оромӣ ҳокими олӣ ҳисоб мешуд. Дар ҷомеаи астекҳо ҳам унсурҳои сохти ғуломдорӣ ҷой доштанд. Ҷангҳои бетанаффус ба он оварда расонданд, ки ҳокимияти ҳокими олӣ амалан характери меросӣ гирад. Ин аз он шаҳодат медод, ки сохти авлодии астекҳо вайрон гардида, ба ҷои он ҷамъияти синфии мутобиқ ба он шакли давлатдорӣ ба вуҷуд омада буд. Астекҳо ҳам дар асоси тақвими майяҳо, тақвими офтобии худро ихтироъ намуда буданд. Хати онҳо низ ба роҳ монда шуда буд.

Бо қадри имконияти вайроншавии сохти авлодӣ ҳокимони Астекҳо тавассути ҷангҳо ғораткунӣ ва истисморкунии на танҳо қабилаҳои дигар, балки ҳамхунони худро низ ба роҳ монда буданд. Дар давраи ҳукмронии Искоатл (1428 – 1440), Мотекухсома (1440 – 1469), Ашаякатл (1469 – 1479) ва ворисони онҳо астекҳо ҷангҳои шахсӣ бурда, аз мутеъшудагон боҷу хироҷ гирифта, асиронро ба ғуломӣ табдил медоданд. Чунин

рафтори астекҳо боиси шӯришҳои қабилаҳо мегардид ва он оқибат ба парокандашавии давлати онҳо оварда расонд [1, с. 9].

Дар вақти омадани европоиён ба Америка дар ибтидои асри XVI империяи Астекҳо қаламрави калон – қариб 200 ҳ. км$^2$ дар бар гирифта, аҳолии он 5 – 6 миллион нафар будааст. Пойтахти Астекҳо шаҳри Теночтитлан он соли 1521 дар натиҷаи муҳосираи се моҳа аз ҷониби испаниҳо зери фармондеҳии Кортес ишғол гардида, маъмурияти мустамликавии испанӣ дар харобаҳои он шаҳри Мехикоро сохтанд.

Дар Америкаи Ҷанубӣ бошад қадимтарин тамаддунҳо дар ҳавзаи Анд ва соҳилҳои уқёнуси Ором узуҳур намудаааанд. Дар нимаи аввали ҳазорсолаи I-уми пеш аз мелод дар қаламрави васеъ маданияти чавин паҳн гардид, ки дар рушди минбаъдаи минтақа таъсири калон расонд. Баъди барҳамхӯрии он бошад дар соҳили шимолии Перу маданияти мочика, дар Боливия мамаднияти тиауанако зуҳур намуданд.

Дар шимолии соҳили Перу дар асрҳои XII – XV давлати калони Чиму вуҷуд дошт, ки пойтахти он шаҳри Чан буд. Аммо дар миёнаи асри XV империяи мазкур зери зарбаи истилогарони нав – инкҳо аз байн рафт. Инкҳо дар давраи ҳукмронии ҳокими худ Пачакутека (1438 – 1471) тавоно гардид. Соли 1438 инкҳо иттифоқи ҳарбиро таъсис дода, дар мубориза барои гегемон шудан ҳарифонашро мағлуб намуда, заминаи ташаккулёбии давлати тавонои Тауантинсуйюро гузоштанд.

Инкҳо оид ба математика, астрономия, география, тиб, ботаника ва дигар илмҳо тасаввуроти баланд доштанд. Онҳо тақвими дақиқро тартиб доданд, ки мувофиқи он сол ба чор фасл ва 12 моҳи моҳтобӣ ҷудо мешуд ва аз хати иероглифӣ истифода мекарданд. Дар давлати Инкҳо ба роҳзосӣ аҳамияти калон дода, хабарҳо ва маълумоти даркорӣ бо суръати тез ба пойтахт дастрас карда мешуд.

Дар баробари Месоамерика ва ҳавзаи Анд маркази дигари калони зуҳурёбии тамаддуни америкоӣ минтақаи миёни онҳо, наздикии ҳавзаи Кариб (минтақаҳои муосири Эквадор, Колумбия, Коста-рика, Панама) будааст. Оғози коркарди замин ва кашфи метал дар ин минтақаро ба ҳазорсолаи якуми пеш аз милод нисбат медиҳанд. Дар ин ҷо яке аз маданиятҳои америкоӣ – тумако, калима ва ғайра зуҳур намудаанд [1, с. 14].

Дар барқароркунии муносибатҳои байниқабилавӣ ва дипломатияи авлодию қабилавии сокинони қитъаҳои мазкур бошад ба мутахассисони соҳа қайдҳои ҷамъоварӣ намудаи муҳаққиқон ва сайёҳони асрҳои XVII, XVIII ва ибтидои асри XIX, ки байни ҳиндуҳои Америкаи Шимолӣ рафта зиндагӣ мекардаанд ва он таҳҷоиҳои америкоӣ бошад дар зинаи рушди сохти авлодӣ қарор доштанд, ёрӣ мерасонанд.

Яке аз қабилаҳои рушдёфта байни онҳо қабилаҳои сершумори ирокезӣ буданд, ки барои ба роҳ мондани муносибот бо қабилаҳои ҳамсоя мақомоти ҷамъиятии махсуси худро доштанд. Дар ибтидои асри XIX, мувофиқи қайдҳои Люис Морган, дар доираи салоҳияти шӯрои доҳиёни онҳо доираи васеи масъалаҳо қарор доштанд, ки байни онҳо масъалаҳо оид ба шикор, муносиботи сулҳхоҳона, иттифоқҳои мудофиавӣ ва ҳуҷумкунӣ бар зидди қабилаи сеюм низ ҷой доштанд. Шӯро ҷанг эълон мекард, сулҳ мебаст, сафирони дигар қабилаҳоро қабул мекард, инчунин сафирони худро ба пеши дигар қабилаҳо мефиристонд.

Сафиронеро, ки Шӯро ба пеши ҳамсоя - қабилаҳо мефиристонд, бо дорои баъзе нишонаҳои махсуси фарққунанда буданд. Масалан, онҳо сарпӯш (кулоҳ) ва бандинаи махсус доштанд. Шахсияти сафир, ки «шохаи сулҳ ветвь мира»-ро мебурданд, дахлнопазир дониста мешуд, ба ӯ набояд зарар расонда мешуд. Зиёда аз ин, дар байни онҳо, расму маросимҳои ниҳоят рушдёфтаи қабул намудани сафирон вуҷуд доштанд. Сафиронро дар доираи умумии доҳиён ҷой мекарданд, ки аъзоёни он ба тавri навбати

доиравӣ чилим (чубуқи) сулҳро мекашиданд. Баъди он гуфтушунидҳои дароз сар мешуданд. Дар шароити демкоратияи ибтидоӣ қарори шӯрои кӯҳансолонро бояд маҷлиси ҳамаи аъзоёни қабилаҳо, яъне ҳарбиён тасдиқ мекард.

Пеш аз бастани шартнома дар ҳузури коҳинон ҳар ду тараф қасам мехӯрданд ва он тавасути маросиби бародархонӣ мустаҳкам гардонда мешуд. Инчунин маросими мубодила бо хун низ васеъ маълум будааст. Ҳар кадоме дар атрофи гулхан ҷамъ шуда, дасти худро бурида, хуни худро ба пиёлаи умумӣ рехта, баъд аз он ҳама ба навбат хунро як култӣ менӯшиданд. Мувофиқи бовариҳои ибтидоӣ мубодилаи хун ба ҳам хешутабории хунӣ ворид шудани одамонро ифода мекард, ки вайрон намудани он ҷинояти махсусан вазнин дониста мешуд. Дар шароити набудани хат, кӯҳансолон шартномаи басташударо пурра аз ёд мекарданд ва онро аз насл ба насл интиқол медоданд.

Ҳамин тавр, то омадани европоиён ба Америка дар ин минтақа ташкилоту иттиҳодияҳои сиёсӣ ва давлатӣ вуҷуд дошта, муносиботи байни авлодию қабилавӣ, минтақавӣ ва ташкилоти ибтидоии сиёсӣ ба роҳ монда шуда буд, аммо оид ба масъалаҳои мазкур маълумоти пурра дастрас нестанд. Лекин зарур аст қайд намоем, ки то омадани намояндагони тамаддуни европоӣ ба қитъа дар байни бархе аз қабоилу авлодҳои аҳолии таҳҷоии он муносиботи қабилавӣ низ пурра ҷой доштанд. Масалан, қабилаҳои ирокезӣ, мускогҳо ва хопҳо дар зинаи рушди модаршоҳӣ қарор дошта буданд, дигар қабилаҳо бошад аллакай ба зинаи ҷамъиятии падаршоҳӣ гузашта буданд. Як қисми дигар дар зинаи дигари гузариш аз сохти авлодӣ ба ҷамъияти синфӣ қарор доштанд. Ҳиндуҳои Америкаи Марказӣ ва Америкаи Ҷанубӣ (астекҳо, майяҳо, инкҳо) аллакай дар ҷамъияти синфӣ зиндагӣ мекарданд. Дар замони муосир ҳам бошад дар баъзе ҷойҳои бешаҳои Амазонка бархе аз қабилаҳои тарзи зисти ибтидиро аз сар мегузаронанд.

Ҳамин тавр, муносибатҳо дар ҳар ду қитъаи Америка асосан дар сатҳи авлодию қабилавӣ, иттиҳоди қабилавӣ ва ташкилотҳои ибтидоии сиёсӣ ва давлатӣ қарор дошта будаанд.

Ҳамин тариқ, олими америкоӣ Пол Кеннеди, ки марказҳои ҷаҳонии таъсиррасонро дар асри XVI муайян намудааст, ӯ, дар нимкураи Ғарбӣ ба империяи Астекҳо ва империяи Инкҳо мартабаи маркази таъсиррасонро додааст [3].

## АДАБИЁТ


1. Альперович М. С., Слёзкин Л. Ю. История Латинской Америки (с древнейших времен до начала XX в.). М.: Высшая школа, 1991. – 286 с.
2. Иванян Э. А. История США. М., 2004. – 576 с.
3. Кеннеди П. Взлеты и падения великих держав. Экономические изменения и военные конфликты в формировании мировых центров власти с 1500 по 2000 г. Екатеринбург: Гонзо, 2018. – 846 с.
4. Талах В. Н., Куприенко С. А. Америка первоначальная. Источники по истории майя, науа (астеков) и инков. Под редакцией и в переводах Виктора Талаха и Сергея Куприенко. Киев, 2013. – 370 с.: ил.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЗУҲУР ВА САТҲИ РУШДИ ИТТИҲОДИЯҲОИ СИЁСӢ ДАР АМЕРИКА (ТО ДАВРАИ КОЛУМБ)

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои зуҳури ташкилотҳои сиёсӣ ва шакл гирифтани давлатдорӣ дар қитъаи Америка дар давраи пеш аз кашфиётҳои Христофор Колумб баррасӣ гардидааст. Ҳамин тавр, муаллифон ба хулосае меоянд, ки дар қитъаи мазкур ташкилотҳои сиёсӣ ва намудҳои хоси давлатдорӣ барвақттар аз солшумории мо зуҳур намуда, дар сатҳи гуногуни рушди худ қарор дошта будаанд.

***Калидвожаҳо:*** *Америка, ҷамоа, ҷамъият, муносибатҳо, ташкилотҳои сиёсӣ, давлат, қитъа, Мезоамерика.*

## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ЗАРОЖДЕНИЯ И УРОВЕНЬ РАЗВИТИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ ОБЪЕДИНЕНИ В АМЕРИКЕ (ДО ОТКРЫТИЯ КОЛУМБОМ)

В данной статье рассматривается проблемы возникновения и уровень развития политических организации в Америке до открытия ее Христофором Колумбом. Авторы приходят к выводу, что в континенте еще до нашей эры возникли различные политические организации и ряд государств, находившиеся в разной степени своего развития.

***Ключевые слова:*** *Америка, община, общество, отношение, политические организации, государство, континент, Мезоамерика.*

## SOME PROBLEMS OF GENERATION AND LEVEL OF DEVELOPMENT OF POLITICAL ASSOCIATIONS IN AMERICA (PRE-COLUMBUS PERIOD)

This article examines the problems of the emergence and level of development of political organization in America before its discovery by Christopher Columbus. The authors come to the conclusion that even before our era, various political organizations and a number of states arose in the continent, which were at different stages of their development.

***Key words:*** *America, community, societies, attitude, political organizations, states, continent, Mesoamerica.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Сайнаков Сайнак Парпишоевич -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналхалқии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел: (+992)934162099, E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Комилбек Амид Ёрбек -** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел: +992 (37)2-245929, E-mail: amid.komilbek@mail.ru

**Сведение об авторах: Сайнаков Сайнак Парпишоевич –** кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатия и международных отношений Академии

государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, тел: (+992) 934162099, E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Комилбек Амид Ёрбек** - кандидат политических наук, доцент, проректор по науке и инновациям Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, Тел: +992 (37) 2- 245929, E-mail: amid.komilbek@mail.ru

**Information about the author: Saynakov Saynak Parpishoevich** – Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Diplomacy and International Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, phone: (+ 992) 934162099) E - mail: saynakov2012@mail.ru
**Komilbek Amid Yorbek –** Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Vice-principal on science and innovation unit of Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str., Phone: +992 (37)2-245929, E-mail:

УДК 013:32 (092) (575.3)

# ИНЪИКОСИ ОСОРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР НИШОНДИҲАНДАҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

*Абдураҳимзода Қ.Б., Надиров С.С.*
**Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Библиографиянамоии осори шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ аз зумраи сиёсатмадорон, олимону маорифпарварон, таърихнигорону адибон ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ҳар давру замон шахсиятҳое буданд, ки ба омӯзиши ҳаёт, фаъолият ва эҷодиёти онҳо аз ҷониби ағлаби ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардид ва ин таваҷҷуҳ дар навбати хеш аз ҷониби дигар муҳаққиқону мусаннифон дарк гардида, бахшида ба онҳо нишондиҳандаҳои гуногуншакл таҳия ва интишор менамуданд. Бахусус бахшида ба фарзонафарзандоне, ки баҳри устувории истиқлолияту ваҳдат, эҳёи илму фарҳанг, анъанаҳои аҷдодӣ, ба даст овардани якпорчагии кишвар ҷонисориҳо бемисл намудаанд ва исмашонро дар саҳафоти таърих бо хатти зарин сабт сохтаанд. Мақсади асосии таҳияи чунин нишондиҳандаҳо ба наслҳои оянда дар шакли дастаҷамъи вогузоштани хотирот аз ҳаёту эҷодиёт ва корнамоиву шуҷоат, ҷонбозиву ҷонисории ин абармардон, дар шакли библиографиянамоии маълумот оид ба қиссаву ривоятҳо, маҳсули эҷодиёт ва иҷрои вазифаҳои пурмасъулияти давлатӣ, ки бо номи онҳо алоқамандии ногусастани доранд ва номи онҳоро дар саҳафоти таърих ба некӣ ёдгор мегузоранд. Таҳқиқоти мо ба библиографияи осор ва ҳаёту фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шуда, бо қатъият иброз медорем, ки ӯ аз қабили қаҳрамонҳои ҷоннисори миллат буда, симои ӯ дар радифи фарзонафарзандони миллати тоҷик дурахшандатар ва арзишмандатар ба назар мерасад ва яке аз хидматҳои бузурги ӯ миллати куҳанбунёди тоҷикро аз нобудшавӣ ва давлати тозаистиқлоли моро аз парокандагӣ наҷот додаанд.

Воқеан миллати шарафманди тоҷик бо ин қаҳрамони фарзонаи худ мефахраду номи ӯ вирди забони хурду бузурги кишвар аст. Таърих гувоҳ аст, ки ин абармард дар як давраи кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вартаи бӯҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ берун баровард ва зери роҳбарии хирадмандонаю сиёсатмадоронаи ӯ ба муваффақиятҳои бузург, на танҳо дар сатҳи кишвар, балки дар сатҳи ҷаҳони ноил гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз яке аз ҷумҳуриҳои фаъол дар сатҳи ҷаҳонӣ шинохта шудааст ва ҷомеаи ҷаҳон бо гирифтани номи муборакни ӯ миллати тоҷикро мешиносанд ва дар симои ӯ кишвари мо машҳур ба дунё гардидааст. Пешвои муаззами миллат бо фазилатҳои инсонгароёнаи хеш, накӯкориву ҷоннисориҳо баҳри ба даст овардани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба дили ҳазорон шаҳрвандони кишвар ҷо гардида, аз ҷониби миллати шарафманди тоҷик бахшида ба ӯ садҳо қиссаву ривоят, очерку роман, достону ғазалиёт дар шакли назму наср пайваста эҷод ва эҳдо мегарданд. Дар ин эҷодиёт мардуми меҳанпарасти мо бахшида ба мактаби давлатдорию сиёсатмадорӣ, қаҳрамониву ҷоннисорӣ, поктиннативу ростқавлӣ, ваъдаю вафо, фарҳангдӯстиву маорифпарварӣ ва амсоли он хислатҳои ҳамидаи Сарвари муаззам мунъакис ва васф мегарданд.

Таълифи осори назмию насрӣ дар дилхоҳ мавзӯъ аз ҷумлаи талабот ва эҳтиёҷоти маънавии ҷомеа бошад, масъалаи дигар чӣ тавр ва бо кадом роҳ онро дастраси хонанда гардонидан ва ё хонандагонро аз нашри он воқиф кардан, мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мо ба соҳае дахл дорад, ки вазифаи асосии он пажӯҳиш, коркард, интихоб, таснифот ва тарғиби осори чопӣ ва рақамӣ мебошад ва мо тасмим гирифтаем, ки ба таърихи пайдоиш

ва мавриди истифода қарор гирифтани нишондиҳандаҳое, ки ба Пешвои муаззами миллат бахшида шудаанд рӯ орем. Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз воситаҳои самарабахши иттилоотрасонӣ дар бораи осори чопӣ ва омавигардонии хониш – бо усули библиографӣ паҳн намудани адабиёт мебошад. Таҳлилҳо дар ин самт нишон дод, ки бо усули библиографӣ паҳн намудани осори илмӣ ва адабӣ ба хонанда имконияти зудтар бадастовардани эҳтиёҷот ёрии калон мерасонад ва пеш аз ҳама вақти пурқиммати ӯро дар дарёфти ин ё он мавод сарфа намуда, ҳамзамон, имконияти бо маводи ҳамсон ошноӣ пайдо карданро муҳайё менамояд. Яке аз самтҳои фаъолияти библиографӣ нувобаста аз шакл ва намуди китобхонаҳо фаъолияти амалӣ, яъне "библиографинамоӣ"-и мавод ба шумор меравад. "Бибилографинамоӣ" – ин раванди муҳими таҳия намудани нишондиҳандаҳои библиографӣ буда, аз ҷониби китобхонаҳо ва дигар муассисаҳои библиографӣ анҷом дода мешавад. Таҳлилҳо нишон дод, ки аксари нишондиҳандаҳои библиографии мавҷуда бахшида ба фаъолияти олимону адибони оламшумули гузашта ва муосири тоҷик таҳия гардидаанд, ки то ба имрӯз аз онҳо маълумотҳои ҷолибу аз эҷодиёти онҳо саҳифаҳои нотакрорро барои мо муаррифӣ менамоянд ва дар бораи онҳо хотираҳои нек дар саҳифаи таърихи миллат боқӣ мегузоранд. Пажӯҳишгарони дигаре ҳастанд, ки бо заҳмати беандоза бузурги онҳо нишондиҳандаҳои библиографӣ омода мегарданд ва онҳо гарчанде муҳаққиқони варзидаи ин ё он соҳа бошанд ҳам, дар хотироти таърих оид ба алломаҳои давру замон маълумотҳои фаровоне сабт месозанд ва мо аз онҳо то ба имрӯз истифода менамоем. Мусаннифони нишондиҳандаҳои библиографӣ дар масири таърих аксаран шахсиятҳое ҳастанд, ки аз соҳаи библиографишиносӣ нестанд ва дар ҷараёни фаъолияти пурмаҳсули хеш тавонистаанд асарҳои нодири библиографӣ биофаранд. Аз назари илми библиографишиносӣ ин нафарон ҳамчун субъекти (зоти) фаъолияти библиографӣ дониста шаванд ҳам, аммо касбият ва соҳаи асосии фаъолияти илмиву амалии онҳо на библиографишиносист. Агар ба мусаннифони асарҳои библиографии асрҳои миёна назар андозем, пеш аз ҳама номи алломаҳои давр, энсиклопедистон Муҳаммади Хоразмӣ, Абӯнасри Форобӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Надим, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Муҳаммади Бухороӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва амсоли он абармардони илму адабро мебинем, ки аз онҳо на танҳо осори бемислу бешумор, ки дар эҳёи Шарқу Ғарб таъсири бевосита доштаанд боқӣ мондааст, балки онҳо аз худ осори библиографӣ низ боқи гузоштаанд.

Дар замони мо низ осори зиёди библиографии мусаннифони ҳирфаӣ ва ғайрикасбӣ ба чашм мерасанд. Муносибати онҳо ба сарчашмаи асосӣ ҳамчун зоти библиографӣ гуногун аст. Аз ин рӯ, он нишондиҳандае, ки аз ҷониби муҳаққиқ ва мутахассиси касбӣ омода мегардад, албатта, аз дигар осори ба он монанд тафовути куллӣ дорад, ки мо онро ҳангоми таҳлилӣ китобномаҳо хоҳем дид. Хотирнишон менамоем, ки эҷодкор метавонад нисбат ба ин ё он ҳаводис, шахсони шинохта, мавзӯи рӯз ва орзую омоле, ки дар дил дорад андеша ронад, нигоштаҳои хешро манзури ҳаводорон гардонад ва ба ин васила ҳиссиёти волои хешро баён созад, саҳми хешро дар рушду такомули ҷомеа гузорад ва ҳамзамон қарзи инсонии худро адо намояд. Маҳз, анҷом додани фаъолияти пурмашаққати библиографинамоӣ аз мутахассис пеш аз ҳама сабру таҳаммул, пажӯҳишу омӯзиш, коркарду интихоб, таснифоту ороиши дастур, эҳтиёҷоти хонанда ва талаботи ҷомеа, ки дар асл кори саҳл нест, тақозо мекунад.

Таваҷҷуҳ ба библиографиянамоии ҳаёт ва эҷодиёти Президенти кишвар баъди истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар гардид. То ин замон рӯйихатҳои гуногун ва осори ҷудогона нисбат ба симои сарвари муаззами миллат начандон зиёд буд ва дар китобхонаҳои маркази феҳристу картотекаҳои ҷудогона дар

радифи дигар анвои чопӣ бахшида ба Эмомалӣ Раҳмон созмон дода мешуд. Аммо бори нахуст таҳия намудани дастури мушаххаси библиографӣ аз феҳристи “Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов: феҳристи асарҳо ва адабиёт дар бораи ӯ” [12] дар соли 2001 оғоз меёбад, ки дар он ҷамъулҷамъ 457 мавод, дар ду қисм, аз ҷумла 342 мавод дар фасли “Асарҳои Эмомалӣ Шарипович Раҳмон” ва дар фасли “Адабиёт дар бораи Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов” 115 маводро дар бар мегирад. Китобномаи мазкур аз ҷониби мусаннифон Н. Мамадамонова ва З. Содиқова таҳия гардидааст.

Китобномаи дуюм бо номи “Феҳристи таърихнигорӣ оид ба фаъолияти Президенти Тоҷикистон Эмомали Раҳмон” [9] аз ҷониби А. Шарифзода, Н. Муродова А. Сафаралиев дар соли 2011 рӯй чоп омадааст. Дар китобномаи мазкур номгӯйи китобу мақолаҳо, баромаду мусоҳибаҳои Пешвои миллат ва китобу мақолаҳо, андешаҳо доир ба фаъолияти сиёсии ӯро, ки дар зарфи солҳои 1992-2011 нашр гардида, ҷамъ оварда шудаанд. Дар китобномаи мазкур ҳамчунин сарчашмаи суханрониҳои Пешвои миллат дар санаҳои муҳимтарини таърихӣ, аз ҷумла, Рӯзҳои Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ, Рӯзи модарон, Рӯзи артиши миллӣ ва ҷашни Наврӯз, Идҳои Рамазону Қурбон ва Паёмҳои Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ, Созмони Милали Мутаҳид ва Рӯзи зиёиёни кишвар инъикос гардидааст.

Китобномаҳои мазкур бо ҷалби мутахассисони касбӣ омода гардида бошанд ҳам доираи фарогирии маводи чопии аз манотиқи гуногуни кишвар пурра ворид нагардидааст ва аксаран диққат ба захираи Китобхонаи миллии Тоҷикистон дода шудааст, ки дар он бо сабабҳои гуногун на ҳамаи маводи интишоргардида дар он давра гирдоварӣ карда мешуд. Сохтори китобномаҳо хело содда ва аз нишондиҳандаҳои предметиву мавзӯи орӣ буданд, ки ҷустуҷӯи маводи зарурӣ дар онҳо вақти зиёдтарро талаб менамояд. Ҳол он ки яке аз вазифаҳои асосии таҳияи нишондиҳандаҳо ҳаддалимкон сарфа намудани вақти хонанда мебошад.

Нишондиҳандаҳои бунёдии солҳои охир гувоҳанд, ки агар мусанниф аз назария ва амалияи соҳа бохабар бошад, китобномаҳо ҳадафрас ва бо инобати тамоми ҷузъиёти соҳавӣ таҳия мегарданд. Аз ҷумла, мо ин дастовардро дар нишондиҳандаҳои бунёдии «Иҷлосияи сарнавиштсоз: Феҳристи адабиёт» (2012) [2], «Наврӯз: Китобнома» (2012-2013) [4], «Об – манбаи ҳаёт: Феҳристи адабиёт» (2013) [6], «Ваҳдати миллӣ: Китобнома» (2014) [1], «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ» (2015) [3], “Наврӯз: Феҳристи адабиёт” (2017) [5] ва ғайра бараъло мушоҳида менамоем. Дар таҳия намудани онҳо яке аз чеҳраҳои шинохтаи соҳаи китобдорӣ, олим ва муҳаққиқи варзидаи библиографишиносии тоҷик, Ш. Комилзода саҳми беандоза бузург дорад ва ӯ тавонистааст, ки барои китобдорони кишвар дастурҳои намунавӣ барои омӯхтану ҳамчун дастурамалӣ корбарӣ қарор додан таҳия намудааст. Пас аз он, ки Ш. Комилзода даҳҳо нишондиҳандаҳои библиографии гуногунмавзӯъ ва гуногуншаклро таҳия ва манзури аҳли ҷомеа менамояд, бо як руҳияи баланд ба омодасозии нишондиҳандаҳои бунёдӣ, ба вижа ба шахсияти маҳбуб ва Сарвари муаззами миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон оғоз менамояд. Ҳарчанд, ки ӯ таҷриба ғанӣ дар таҳияи дастурҳои шарҳиҳолию библиографии олимону орифони илму фарҳанг дошта бошад ҳам, аммо ҳангоми даст задан ба омодасозии нишондиҳандаи бунёдӣ бахшида ба Пешвои муаззами миллат ба душвориҳои зиёде мувоҷеҳ мегардад, ки ҳалли онҳо ниҳоят душвор ва аз ӯ заҳмати сангинеро талаб менамуд. Яке аз ин мушкилот дар як марказ ҷамъ набудани тамоми маводи интишоргардидаи кишвар бошад, дигар мушкили дастрасӣ ба маводи дар кишварҳои хориҷа буд, ки он муносибати дигарро дар пажӯҳишу гирдоварӣ ва коркарду

ҷобаҷогузории мавод пеш меовард. Бо вуҷуди ҳамаи душвориҳо мусанниф мақсад мегузорад, ки дар доираи имкониятҳои фароҳамомада, бо истифода аз маводи мавҷуда дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва захоири муассисаҳои ҳамсон нишондиҳандаи бунёдии тарҷеии "Эмомалӣ Раҳмон: китобномаи шарҳиҳолӣ" [10] -ро оғоз намояд. Ҳамзамон, бо марказҳои бузурги китобдориву иттилоотии кишварҳои ИДМ ва кишварҳои бузурги дунё дар тамос гардида, дар китобномаи омодашаванда на танҳо аз маҳсулоти чопию электронии ватанӣ, балки аз маводи хориҷӣ низ маводи дастрасгардидаро интихоб, коркард ва ҷобаҷо намояд.

Таҷрибаи ғании Ш. Комилзода, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба библиографинамоии осори олимону орифони илму фарҳанг таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуд ва дастурҳои шарҳиҳолию библиографии зиёде офаридааст ба ӯ имкон медиҳад, ки аз таҳияи китобномаи Пешвои муаззами миллат сарбаландона барояд. Ӯ такя ба таҷрибаю малакаи бисёрсола ба библиографинамоии осори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷиддият оғоз намуда, якчанд китобномаҳо бунёдиро омода ва манзур менамояд. Аз ҷумла, аз ҷониби ӯ дар соли 2013 дастури библиографии тарҷеийи "Эмомалӣ Раҳмон: китобномаи шарҳиҳолӣ" [10] бо фарогирии 5215 номгӯйи адабиёт дар ҳаҷми 653 саҳифа таҳия гардид. Китобномаи мазкур бо дар шакли дастаҷамъи манзури хонанда намудани намунаҳои осор, Паёму суханронӣ ва маводи бахшида ба фаъолияту ҳаёт ва эҷодиёти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшидашуда таҳия гардидааст. Китобнома аз дастгоҳи ёрирасони нашр (пешгуфтор, мақолаи муқадимавӣ, кӯмакфеҳристи ашхост, мундарича), 3 қисм ("Асарҳои Эмомалӣ Раҳмон", "Адабиёт дар бораи Эмомалӣ Раҳмон", "Кӯмакфеҳристҳо") ва 13 зерқисм иборат буда, маводи чопию электронии солҳои 1981-2012 нашршударо фаро гирифта, маводи китобномаҳои пешин бо таҳриру иловаҳо ба он ворид карда мешаванд. Китобнома дар асоси захираи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва сомонаҳои Интернетӣ мураттаб шудааст. Дар китобномаи мазкур адабиёт бо 12 забон аз ҷумла, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, чинӣ, олмонӣ, ҳидӣ, форсӣ, арабӣ, ӯзбекӣ, туркӣ, туркманӣ ва белорусӣ гирдоварӣ шудааст.

Асари библиографии дигаре, ки мо онро мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳем ин китобномаи "Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ" [11] мебошад. Мусаннифи ин китобнома низ устод Ш. Комилзода буда, нишондиҳандаро бо риояи тамоми қонуният ва талаботҳое, ки барои таҳияи дастурҳои библиографӣ муҳиманд эҷод намудаанд. Мусаллам аст, ки дар он мусанниф аз малака ва маҳорати назариву амалии хеш моҳирона истифода намуда, барои мо як дастури намунавии соҳавиро пешниҳод кардаанд.

Китобномаи "Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ" дар соли 2016 нашр шуда, дар он маводе, ки бахшида ба симои сиёсиву ҳаётии фарзанди баруманди халқи тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеи эҷод шудаанд, гирд оварда шудааст. Тамоми маводи инъикосёфтаро мусанниф якояк аз назар гузаронида, бо мазмуну муҳтавои тамоми маводи интихобгардида аз наздик ошно шуда, сипас мавриди коркарду таснифот қарор додааст. Сохтори китобнома аз се қисм "Назм", "Наср" ва "Инъикоси осори Эмомалӣ Раҳмон ва адабиёт доир ба ӯ дар китобномаҳо", 6 рукни таркибӣ ва дастгоҳи илмӣ-ёрирасон муҷаҳҳаз гардонида шуда, ҳамагӣ 844 номгӯйи адабиётро фаро мегирад [8].

Дар муқаддимаи китобнома, ки “Бозтоби симои Пешвои миллат дар адабиёти тоҷик” унвон гирифтааст симои Пешвои миллат дар ваҳдатофариву сулҳу суботи ватани азизамон ва гулгулшукуфии он васф гардида, саҳми бесобиқаи ӯро дар рушду такомули давлати озоду дунявӣ ва гулгулшукуфии кишвари соҳибистиқлоли тоҷик нишон медиҳад. Пешвои миллат бо ҷоннисориҳои хеш тавонистааст маҳбуби дилу дидаи тоҷикон ва дар байни мардум ба унвони ифтихории Президенти мардумӣ соҳиб гардад ва дар сатҳи байналмилалӣ соҳиби обурӯю эътибори бузург шуда, дар радифи сиёсатмадорони варзидаи ҷаҳонӣ сазовори унвони “Пешвои асри XXI” гардад.

Асари дигаре, ки устод Ш. Комилзода ба Пешвои муаззами миллат бахшидааст китобномаи “Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон” мебошад, ки он дар 8 ҷилд таҳия ва рӯйи чоп омадаанд. Дар ҷилди аввал [7] ишора шудааст, ки силсилаи китобномаи мазкур адабиёти ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекие, ки дар солҳои 2012-2019 интишор ёфтаанд дар бар мегирад. Дар ҷилдҳои 1-6 адабиёти ба забони тоҷикӣ, дар ҷилди 7-ум адабиёт ба забони русиву ӯзбекӣ ва дар ҷилди 8-ум бошад, адабиёти бадеии ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ интишоргардида мураттаб шудааст. Масалан, дар 8 ҷилди осори мазкур 16395 номгӯйи адабиёти солҳои 2012-2019 фаро гирифта шудааст. Аз ҷумла, дар ҷилди 1-ум 2339 номагӯйи маводи солҳои 2012-2013 [7], дар ҷилди 2-юм 2139 номгӯйи маводи солҳои 2014-2015 [8], дар ҷилди 3-юм 1645 номгӯйи маводи соли 2016 [8], дар ҷилди 4-ум 1538 номгӯйи маводи соли 2017 [9], дар ҷилди 6-ум 2042 номгӯйи маводи соли 2019 [12], дар ҷилди 7-ум 3013 номгӯйи маводи солҳои 2012-2019 [13] ва ҳамчунин дар ҷилди 8-ум 1548 номгӯйи маводи солҳои 2012-2019 [11] интишоргардида инъикос ёфтаанд. Маводи интихобгардида, аз захираи Китобхонаи илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот, нашрияҳои библиографии Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон ва манобеи электронии идораҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ҷамъоварӣ шудаанд.

Тавре ки ишора гардид силсилаи китобномаи “Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон” бо мақсади омӯзишу тарғиби осори Пешвои муаззами миллат таҳия шудаанд. Силсилаи китобномаи мазкур аз ҷиҳати дарбаргирии навъҳои гуногуни мавод, пажӯҳишу коркард, интихобу тасниф ва ҷобаҷогузории мавод дар дохили фаслҳову зерфаслҳо, аз ҷумлаи дастурҳои мукамали библиографӣ буда, аз намунаҳои беҳтарини услуби таҳияи китобномаи шарҳиҳолӣ дар кишвар маҳсуб меёбанд ва то ба имрӯз дар зоти хеш собиқа надоранд. Мусанниф ҳангоми таҳияи китобномаҳои шарҳиҳолӣ тамоми талаботи стандартҳои мавҷуда ва маъмули тасвири библиографӣ, гурӯҳбандии мавод ва дигар унсурҳои илми библиографияшиносиро риоя намудааст. Аз рӯйи мақсад ва таъйини хонандаги силсилаи мазкур ба библиографияи илмӣ-ёрирасон ва аз рӯйи мазмун ба библиографияи фардӣ мансуб мебошад. Аз рӯи аломати маъмури мақсаднокӣ ва хронологӣ китобномаҳои мазкур ба библиографияи тарҷеӣ шомил буда, маводи дар як давраи муайяни таърихӣ интишоргардидаро инъикос ва манзур намудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқон нишондиҳандаи “Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон” яке аз воситаи муҳими тарғибнамоии фаъолияти Пешвои миллат на танҳо дар сатҳи кишвар, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Тавассути дастрасӣ ба китобномаи мазкур хонанда метавонад аз тамоми маводи чопӣ ва қисман рақамии бахшида ба Сарвари муаззами миллат дарҷгардида баҳравар бошад ва бо симои фарзонафарзанди миллат аз наздик ошно гардад. Аз ин рӯ, китобномаҳои фавқуззикр, ки бо пуррагӣ ва мазмуни волои илмию эҷодӣ омода гардиданд ба мутахассисон соҳаҳои гуногуни илмиву амалӣ пешниҳод мегардад.

Китобномаҳо ҳамчун манбаи комили иттилотию таҳлилӣ ва раҳнамои илмӣ барои доираи васеи хонандагон, сиёсатмадорону муаррихон, устодону донишҷӯёни макотиби олӣ ва муҳаққиқону коршиносони ватаниву хориҷӣ пешбини шуда, баҳри беҳтару хубтар ошноӣ пайдо кардан оид ба ҳаёту фаъолият, санаҳои муҳимми фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёрии беғаразона мерасонанд. Ҳамзамон, китобномаҳо барои омӯхтани таърихи навини Тоҷикистон, таҳқиқи вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии даврони соҳибистиқлоли кишвар чун сарчашмаи муҳимму муфид кӯмак хоҳад кард.

## АДАБИЁТ


1. Ваҳдати миллӣ [Матн]: Китобнома / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари М.Асрорӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 342 с.
2. Иҷлосияи сарнавиштсоз [Матн]: Феҳристи адабиёт / Мураттибон Ш.Комилзода, М.Акобирова; Зери назари Н.Салимов. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 206 с.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн]: Феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ/ Мураттибон Ш.Комилзода, С.Иброҳимова; Муҳаррир Қ.Бӯриев. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 128 с.
4. Наврӯз [Матн]: Китобнома / Мураттиб Ш.Комилзода; Муҳаррири масъул Н.Салимов. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 330 с.; Наврӯз [Матн]: феҳристи адабиёт / Мураттиб Ш.Комилзода; Муҳаррир Қ.Буриев. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 174 с
5. Наврӯз [Матн]: Феҳристи адабиёт / Мураттиб Ш.Комилзода; Муҳаррир Д.Раҳимов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 280 с.
6. Об – манбаи ҳаёт [Матн]: Феҳристи адабиёт / Муратибон Ш.Комилзода, М.Акобирова; Зери назари Н.Салимов. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 576 с
7. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон, 2018. – Ҷ.1. – 496 с.
8. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – Ҷ.2. – 479 с.
9. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон, 2019. – Ҷ.3. – 440 с.
10. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон, 2019. – Ҷ.4. – 416 с.
11. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон, 2019. – Ҷ.5. – 512 с.
12. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон,2019. – Ҷ.6. – 496 с.
13. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон, 2019. – Ҷ.7. – 612 с.

14. Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – иборат аз 8 ҷилд / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон, 2019. – Ҷ.8. – 340 с.
15. Пешгуфтор / Ш. Комилзода // Эмомалӣ Раҳмон дар абабиёти бадеӣ: Китобнома / Мураттиб Ш. Комилзода; Зери назари академик А. Раҳмонзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 3.
16. Феҳристи таърихнигорӣ оид ба фаъолияти Президенти Тоҷикистон Эмомали Раҳмон [Матн] / Мураттибон А.Шарифзода, Н.Муродов, А.Сафаралиев .– Душанбе: Ирфон, 2011 .– 200 с.
17. Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобномаи шарҳиҳолӣ / Мураттиб Ш.Комилзода; зери назари Н.Салимов.– Душанбе: ЭР-граф, 2013.– 656 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ [Матн]: китобнома / Мураттиб Ш.Комилзода; зери назари академик А.Раҳмонзода.– Душанбе: ЭР-граф, 2016.– 224 с.
19. Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов [Матн]: феҳристи асарҳо ва адабиёт дар бораи ӯ / Мураттибон Н. Мамадамонова, З. Содиқова.– Душанбе, 2001.– 95 с.

## ИНЪИКОСИ ОСОРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР НИШОНДИҲАНДАҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

Дар мақолаи мазкур зарурати омӯзишу таҳлил ва коркарди осори Пешвои миллат ва адабиёт дар бораи ӯ ишора гардида, дастурҳои библиографии шарҳиҳолӣ бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун мабҳаси омӯзишии мавзӯъ мавриди таҳлили умумӣ ва баррасӣ қарор мегиранд.

Раванди омӯзишу баррасии мавзӯъ муайян намуд, ки мақсади дигари интишори нишондиҳандаҳои шарҳиҳолию библиографӣ ҳифзи асолати миллӣ, шинохти фарзонафарзандон ва арҷгузорӣ ба заҳмату ҷоннисориҳои онҳо мебошад. Як нуктаро ишора намудан ба марид аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ, ҳифзу такомули фазои ягонаи фарҳангиву иттилоотӣ аз бархурд ва таъсири манфии тамаддунҳои бегона моро зарур аст, ки аз манфиатҳои миллии худ дифоъ намуда, ҳаёту эҷодиёти шахсиятҳои бузурги миллатро биомӯзем ва ҳамзамон дастовардҳои онҳоро ба маърази тарғибу ташвиқи ҷаҳониён манзур намоем.

***Калидвожа:*** *Пешвои миллат, библиография, библиографинамоӣ, китобнома, китоб, осор, пажӯҳиш, библиографияи ҷорӣ, феҳрист.*

## ЛИТЕРАТУРА ЛИДЕРА НАЦИИ В БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЯХ

В данной статье подчеркивается необходимость изучения, анализа и обработки произведений Лидера нации и литератур о нем, а также в качестве исследования темы предоставляеться общий анализ и обсуждение библиографических комментариев о жизни и работе лидера нации Эмомали Рахмона.

Процесс изучения и рецензирования темы показал, что еще одной целью публикации комментариев и библиографических указателей является защита национальной идентичности, признания великих заслуг деятелей сыновей таджикского народа, уважения к их трудолюбию и самоотдаче.

Важно отметить, что в процессе глобализации, сохранения и развития единого культурного и информационного пространства от столкновений и негативного влияния очуждение культурый и традиций таджикского народа. Предоставляеться пути необходимости изучение жизнь и творчество великих личностей и пропаганда мира, защиты свои национальные интересы.

***Ключевые слова:*** *книги и произведения Лидера нации, библиография, книга, печатные работы, исследование, текущая библиография, каталог.*

## REFERENCES OF THE NATION LEADER IN BIBLIOGRAPHIC INDICATORS

This article emphasizes the need to study, analyze and process the works of the Leader of the nation and the literature on him, as well as provide a general study and discussion of bibliographic comments on the life and work of the leader of the nation Emomali Rahmon as a research topic.

The process of studying and reviewing the topic showed that another goal of publishing comments and bibliographic indexes is to protect national identity, recognize the great merits of the leaders of the sons of the Tajik people, respect for their hard work and dedication.

It is important to note that in the process of globalization, preservation and development of a single cultural and information space from collisions and negative influence, the estrangement of the cultural and traditions of the Tajik people. The ways of the need to study the life and work of great personalities and the promotion of peace, protection of their national interests are provided.

***Key words:*** *Books and passage Leader of the nation, bibliography, book, printed works, research, current bibliography, catalog.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Абдураҳимзода Қурбоналӣ Бозор -** номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини. Вазири фарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734025 Душанбе, хиёбон. Рӯдакӣ 34. Тел: (+992) 90 501-67-67; (+992) 93 166-67-00. E-mail: kurbonalib@mail.ru
**Надиров Сайзароб -** докторанти кафедраи китобдорӣ ва библиографияи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Фирдавсӣ 5/10. Тел: (+992) 988-80-86-87. E-mail: Sayzarob_1991@mail.ru

**Сведения об авторах: Абдурахимзода Курбонали Бозор** - кандидат исторических наук, доцент, зам. министра культуры. **Адрес:** 734025 г. Душанбе, Республики Таджикистан , просп. Рудаки 34 Министерства культуры Республики Таджикистан. **Моб. тел:** +992 90 501-67-67; +992 93 166-67-00. **Эл. адрес:** kurbonalib@mail.ru;
**Надиров Сайзароб** - докторант кафедры библиотековедение и библиографоведение Государственного института культуры и искусств Таджикистана имени Мирзо Турсунзода. **Адрес:** Республика Таджикситан, г.Душанбе, проспект Фирдоуси 5/10. **Телефон:** (+992) 988-80-86-87. **E-mail:** Sayzarob_1991@mail.ru

**Information about the authors: Abdurahimzoda Kurbonali Bozor** - Candidate of Historical Sciences, associate Professor, Deputy Minister of Culture. **Address:** 734025 Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 34 Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. **Email**: kurbonalib@mail.ru; **Mob. tel:** +992 90 501-67-67; +992 93 166-67-00.
**Nadirov Saizarob -** PhD student, Department of Library Science and Bibliography State Institute of Culture and Arts of Tajikistan named after Mirzo Tursunzoda. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ferdowsi avenue 5/10. **Phone:** (+992) 988-80-86-87. E-mail: Sayzarob_1991@mail.ru

УДК: 32.001+325/329 (100-87)

# ВАЗЪИЯТИ СИЁСӢ ВА РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ФАЗОИ ДАВЛАТҲОИ ИДМ

*Шеров Ш.С.*
**Академяи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо пош хӯрдани ИҶШС ва гузаронидани ислоҳоти бозорӣ дар ҳудуди кишварҳои пасошӯравӣ, ба раванди умумии муҳоҷирати байналмиллалӣ аз ҳама бештар кишварҳои ИДМ кашида шуданд. Мувофиқи ақидаи И.В.Ивахнюк, маҳз “Имзои созишномаҳои Беловежӣ аз қафои худ маҷмӯи раванд ва падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқиеро ба миён овард, ки дар он лаҳза, ҳатто пешгӯии онҳо душвор буд. Яке аз чунин падидаҳои нисбатан равшан, маҷмӯӣ ва шадид ин муҳоҷирати якбора афзудаи байни Россия ва ҳамсоягони наздики он - собиқ кишварҳои шӯравӣ гардид. Муҳоҷирати байниҷумҳуриявии дохилидавлатии ба муҳоҷирати байналмиллалӣ табдил ёфт. Феномен мисли хориҷаи наздик (нав) шакл гирифт, ки аз хориҷаи дур (кӯҳна) бо мавҷудияти сарҳадҳои “шаффоф” ва ҷойивазкунии нисбатан озод фарқ мекард.  Махсусияти чунин “Ҳолати сарбаста”-и кишварҳои собиқ давлати ягона ба он оварда расонид, ки акнун тариқи сарҳадҳои байнидавлатӣ гузариш карда шаҳрвандон наметавонистанд мавқеи худро дар кишвари сукунат доранд танзим намоянд: онҳо метавонистанд ҷойи зист ва ҳатто ғизо ёбанд, вале наметавонистанд ҳамчун шаҳрванди Россия худро ба қайд гиранд”. [3.С. 199-200]

Аллакай 28 сол гузашт ва тӯли ин вақт мардуми ин кишвари бузург шоҳиди воқеаҳои зиёди тезутунди ҳамаи низомҳои ҷамъиятӣ гардиданд. Ба сифати самтҳои нав арзишҳои демократӣ - иқтисодиёти бозорӣ, озодии сухан ва ҳаракат, ҳифзи ҳуқуқи шахс эълон гардиданд. Ин тағйирот шароити ҳаётро дар фазои пасошӯравӣ якбора  тағйир доданд ва ҳолати куллан нави муҳоҷиратро ба миён оварданд. Вай дар худ омезиши аҷиби равандҳои деструктивӣ, анъанаҳо ва имкониятҳои навро таҷассум менамояд.

Ба оғози тезутунди раванди соҳибихтиёргардии давлатҳои нав нигоҳ накарда, фазои муҳоҷиратии барои кишварҳо дар гузашта монда, барои аксари аҳолии он то ҳол умумӣ боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин, убури сарҳади байни кишварҳои ИДМ раводид талаб намекунад. Қисми асосии ҷойивазкунии муҳоҷирати бурунимарзӣ аз кишварҳои ИДМ дар дохили Иттиҳод амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ дарки равандҳои муҳоҷират дар кишварҳои алоҳидаи берун аз ҳудуди ИДМ душвор мебошад.[2.С. 173]

Бояд қайд кард, ки муҳоҷират - ин амалан раванди рефлектории зуд ва аниқ инъикоскунандаи тағйироти вазъияти иҷтимоӣ мебошад. Дар шароити бемайлон ивазшавандаисиёсати кишварҳои ИДМ ин раванди муҳоҷират илова ба ин, намунаи сиёсатӣ давлатҳои ИДМ шароити наве ба миён меоварад, ки то назоратро болои онҳо пурзур намояд. Равандҳои бештари муҳоҷират дар замони табадулотҳои иҷтимои-сиёсӣ руръат мегирад.

Аз рӯйи хулосаи аксари муҳаққиқони соҳа махсусан дар давраи солҳои 1990 - 2000, дар ИДМ рушди босуръати равандҳои муҳоҷират баамал омад. Дар солҳои 1990-1992 дар натиҷаи ҳаракати аҳолӣ байни кишварҳои ИДМ беш аз 2 млн. нафар тағйири ҷойи зист кардаанд. Омилҳои асоси чунин муҳоҷирати фаъол – аз бай рафтани ИҶШС, ивазшавии аломатҳои сиёсӣ, пошхурии низоми сотсиалистӣ,

маҷроҳои аввали гурезагони арманӣ, гардиданд. Маҳз Россия бо захираҳои табиӣ ва дигар захираву имкониятҳои худ, маркази ҷозибаи аксарияти мутлақи муҳоҷирон аз Ҷумҳуриҳои Арманистон, Белорус, Гурҷистон, Қазоқистон, Молдова, Тоҷикистон, Узбекистон, Украина гардид. Низоми бераводид ва шаффофияти сарҳади Россия ба ин кишварҳо, мавҷудияти алоқаҳои зиёди хешутаборӣ, эмотсионалӣ, касбӣ, забонӣ ва дигар омилҳову алоқаҳо ҳавасмандиро барои ҷараёни иммигратсионӣ ба Россия қувват бахшиданд. Табиист, ки ин раванд ҳам русҳои аслӣ, ҳам русзабонон ва ҳам намояндагони тамоми миллатҳои дигарро фаро мегирифт. Айнан ҳамин омилҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ таъсир расониданд, вале характери байналхалқиро касб намуданд. Омили муҳими муайянкунандаи махсусиятҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Россияи муосир, - менависад В. Ионсев, - пайдоиши ба ном “Хориҷаи наздик” мебошад, ки бо тамоми кишварҳои он (яъне “хориҷаи  наздик”) (ба истиснои Белорус) Россия ҳамаи ин солҳо рафти муҳоҷират дорад, ки ба туфайли ин вай аз рӯйи ҷалби муҳоҷирон дар ҷаҳон ҷойи дуюмро (баъди ИМА) соҳиб гардид, ки миқдори онҳо дар давоми 10 соли охир беш аз 13 млн. нафарро ташкил дод.[4.С. 12]

Ибтидои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия аз кишварҳои ИДМ чунин шакл дорад. [10]

**Таблитсаи 1**

Динамикаи равандҳои муҳоҷират ба Россия аз кишварҳои ИДМ

| | 1994 | | 1995 | | 1996 | | 1997 | | 1998 | | 1999 | | 2000 | | 2001 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Страна | Тыс.чел. | % | Тыс.чел. | % | Тыс.чел. | % | Тыс.чел. | % | Тыс.чел. | % | Тыс.чел. | % | Тыс.чел. | % | Тыс.чел. |
| Армения | 1,7 | 1,3 | 6,1 | 2,2 | 7,2 | 2,5 | 6,9 | 2,9 | 7,5 | 3,1 | 5,2 | 2,4 | 5,5 | 2,6 | 8,5 |
| Белоруссся | 5,8 | 4,5 | 111 | 4,0 | 103 | 3,5 | 1,0 | 0,4 | - | - | - | - | 0,1 | 0 | 0,2 |
| Грузия | 0,9 | 0,7 | 7,0 | 2,5 | *.1 | 2,77 | 6,7 | 2,8 | 6,3 | 2,6 | 5,2 | 2,5 | 5,2 | 2,4 | 4,9 |
| Казахстан | 1,0 | 0,8 | 2,1 | 0,7 | 2,2 | 0,8 | 1,8 | 0,7 | 1,8 | 0,7 | 1,7 | 0,8 | 2,9 | 1,4 | 3,6 |
| Молдавия | 3,7 | 2,9 | 6,7 | 2,4 | 9,5 | 3,2 | 9,9 | 4,1 | 10,5 | 4,3 | 8,.6 | 4,1 | 119 | 5,6 | 13,3 |
| Таджикистан | 0,6 | 0,4 | 1,5 | 0,5 | 2,0 | 0,7 | 3,1 | 1,3 | 3,3 | 1,4 | 4,1 | 1,9 | 6,2 | 2,9 | 100 |
| Узбекистан | 1,5 | 1,1 | 3,5 | 1,3 | 4,1 | 1,4 | 3,2 | 1,3 | 3,0 | 1,2 | 3,4 | 1,6 | 6,1 | 2,9 | 10,1 |
| Украина | 551 | 47 | 942 | 335 | 987 | 33,8 | 766 | 317 | 73,7 | 304 | 620 | 297 | 641 | 301 | 989 |

Аз таблитсаи овардашуда маълум мегардад, ки гарчанде то ин дам як қатор созишномаҳои байниҳукуматӣ имзо гардида бошанд ҳам, бо вуҷуди ин гардиши муҳоҷирати байни Россия ва давлатҳои ИДМ дар соли 1994; 54,9% ва дар давраи мазкур 52,4%-ро ташкил дод. Масалан дар даврони Шӯравӣ Белоруссия бо гардиши зиёди муҳоҷиратии худ, махсусан дар Россия ва кишварҳои Наздибалтика фарқ мекард. Зиччии гардиши муҳоҷиратии он бо Россия дар солҳои 70-80-ум бо ҳамон нишондиҳандаи Украина баробар буд.

Бурун аз марзи ҷумҳурӣ асосан аҳолии деҳот - махсусан ҷавонмардон ё оилаҳои ҷавони ба ноҳияҳои саноатии минтақаҳои шарқӣ роҳпешгирифта,

рафтуомад мекарданд. Дар ин давра дар мубодилаи муҳоҷиратии Россия - Белоруссия айнан ҳамон равандҳое ба миён омаданд, ки бо дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС ба миён омада буданд. Вале аллакай дар давраи афзоиши ҷараёни муҳоҷират аз Белоруссия оғоз гардид, ки бо бадшавии вазъияти иҷтимоӣ - иқтисодӣ алоқаманд буд. Ин натанҳо ба пастшавии муҳоҷирати байнидавлатии ё ноҳияҳои шарқии Руссия аз ҳисоби нигаҳдории кӯчиши аҳолӣ, балки ба пайдошавии ҷараёнҳои “Баргардандагон” аз Белоруссия оварда расонид.[9.С. 90-91]

Рафтуомади шахрвандон аз Тоҷикистон ба Россия бошад, бо маҷмӯи омилҳо асоснок гардида буд. Ҷойи аввалро миёни онҳо барзиёдии аграрии аҳолӣ ва норасоии рушди ҷойҳои корӣ дар шаҳрҳо ишғол мекарданд. Дар баробари ин дар шаҳрҳо сатҳи баланди зиндагӣ, хизматрасонии маишӣ ва иҷтимоии аҳолӣ мавҷуд буд. Меъёри дотатсия аз буҷети шуравӣ низ барои Тоҷикистон, нисбати дигар ҷумҳуриҳои иттиҳод камтарин буд. Масалан, дар дататсияҳо ба сари аҳолӣ дар Узбекистон 98,5 рубл ба сари аҳолӣ, дар Туркманистон - 114,1, дар Қирғизистон 119,1, дар Тоҷикистон бошад ҳамагӣ 62,9 рубл ба сари аҳолӣро ташкил медод.[5.С. 27]

Дар зиччии ҷараёнҳои муҳоҷират дар Россия аз Тоҷикистон бади пошхӯрии ИҶШ беш аз 2 баробар афзуд. Солҳои 1990 ва 1992 аз ҳама солҳои баландтарин дар мубодилаи муҳоҷиратии Тоҷикистон бо тамоми ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳод гардиданд.

Омили фавқуллодаи муҳоҷирати иҷбориро аз Тоҷикистон бамиёноварда, низои дохилии байни тоҷикон гардид, ки аз тобистони соли 1992 то моҳи июни соли 1997 давом карда, ҳаёти зиёда аз 50 ҳазор нафарро танҳо дар давоми соли аввали низоъҳо аз байн бурд. Ҷанги шаҳрвандӣ мавҷи аз ҳама пурқувваттарини (сеюми) ҷараёни муҳоҷирати аҳолиро аз Тоҷикистон бамиён овард. Дар давраи солҳои 1992 то 1997 ҳар панҷумин сокини Тоҷикистон гуреза ва ё шахси дар дохил тағйиримаконкарда (ШДТ) гардид. Аз ибтидои низоъ аз соли 1992 то 1995 аз Тоҷикистон 284.6 ҳазор нафар ҳиҷрат намудаанд, берун аз ҳудуди кишвар 255,900 гурезаҳо гурехтаанд, ки беш аз 60 ҳазор нафари онҳо дар хоки Афғонистон, боқимонда дар кишврҳои ИДМ паноҳ бурдаанд, дар дохили мамлакат бошад 679,653 нафар ШДТ ҷой иваз намудаанд.[6.С-50]

Қайд кардан ба мавридаст ки, дар натиҷаи воқеаҳои сиёсӣ ҳиссаи муҳоҷирати байниҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми умумии ҷойивазкунии муҳоҷирини Тоҷикистон аз 34,6% - и соли то 71% - соли афзуд. Давоми як сол аз Тоҷикистон ба дигар кишварҳои собиқ ИҶШС қариб 100 ҳазор нафар, аз ҷумла 66% - и он ба Россия ҳиҷрат намудаанд.[8.С. 111-112]

Ғайр аз Россия қариб 18 % - и муҳоҷирон ба Узбекистон, боз 8% - и дигар ба Украина ҳиҷрат намуданд. Зиччии ҳиҷрати русҳо ва русзабонон аз Тоҷикистон ба Россия, аз соли сар карда, кам шудан гирифт ва ҳоло дар маҷрои муҳоҷирони ба Россия ҳиҷраткунанда, массаи(меъёри) нисбии тоҷикон афзуда истодааст.

Ҳамин тавр, равандҳои муҳоҷират дар мамлакатҳои ИДМ дар вазияти депрессияи вазнинтарини сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳаракат даромаданд. Истеҳсолоти саноатӣ дар мамлакатҳои ИДМ қариб 2 баробар, сармоягузорӣ - беш аз 3 баробар кам гардид, танҳо миқдори бекорони бақайдгирифташуда ба 3,5 млн. нафар расида, даромадҳои воқеии пулӣ якбора паст гардиданд.

Вале, баъди соли 1992 меъёри муҳоҷирати байнидавлатӣ дар ИДМ бемайлон кам шуд ва соли 2000 - ум 480 ҳазорро ташкил дод, соли 2009 он боз якчанд

маротиба коҳиш ёфт. Камшавии зудҳаракатии муҳоҷират ҳамаи кишварҳои ИДМ ро фаро гирифт, илова бар ин ҳам иммигратсия ва ҳам эмигратсия дар ин мамлакатҳо кам намуд. Мувофиқи гуфтаи Ж.Зайончковская, «Иммигратсия дар тамоми кишварҳо ба таври синхронӣ паст гардид, танҳо дар Россия соли 1994 авҷи кутоҳмуддати он мушоҳида гардид. Дар муқоиса солҳои пештар иммигратсия байни мамлакатҳои ИДМ ба дараҷаи камтарин дар Россия коҳиш ёфт, вале дар инҷо низ он беш аз 2 маротиба кам гардид. Дар қутби дигар Арманистон рафтуо аллакай аз соли 1993 - блокадаи кишвар, коҳиш ёфт. Дар Белорус нигаҳдории(ҳифзи) дараҷаи иммигратсия 4 карат, Қазоқистон беш аз 5 карат, дар Украина, Қирғизистон ва Тоҷикистон 10 каратро ташкил медод. [1.С. 179-189]

Вобаста ба эммигратсия дар кишварҳои ИДМ бошад, айнан ҳамон тамоюлҳо мушоҳида мешаванд. Федератсияи Россия «Дар ин самт низ мавқеи канориро ишғол менамояд, вале ба маънои баръакс, - рафти эмигрантҳо аз ин мамлакат ба меъёри зиёдтарин қариб 10 маротиба кам гардидааст. Коҳиши эммигратсия аз ҳама кам дар Қазоқистон ба миқдори 38% нисбати солҳои пешин баназар мерасид. Эммигратсия аз Украина 5 маротиба, аз Россия, Арманистон ва Озарбойҷон 6 маротиба, аз мамлакатҳои Осиёи Миёна 3 маротиба, мутаносибан коҳиш ёфт.[1.С. 179-189]

Чунин ҳаракату кушишҳои муҳоҷирон аз ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ба Россия дар солҳои 90 ум ба он оварда расонид, ки самтҳои муҳоҷиратии дигар кишварҳои ИДМ аз Россия вобаста гардиданд. Дар нимаи дуюми солҳои 90 - ум бо сабаби амалҳои мусаллаҳона дар Чеченистон, дефолт дар августи 1998, пайдоиши, гуруҳҳои неофашистии миллатгаро, ба, фишори муҳоҷирбадбинӣ, ба он оварда расонид, ки дараҷи пасти зудҳаракатии аҳолӣ дар ИДМ боз ҳам коҳиш ёфт.

Аз руи хулосаи аксари таҳқиқотчиён, муқоисаи самтҳои муҳоҷират нишон медиҳанд, ки «Аввалан, вазъияти умумӣ дар кишварҳои ИДМ, ба фарқиятҳои калони байни онҳо нигоҳ накарда, хеле монанданд дуюм пешгуиҳои муҳоҷиратро танҳо дар такя ба трендҳои кишвари худ намуда, амалӣ кардан хато мебуд, зеро ин самтҳо ҳоло ба дараҷаи ҳалкунанда, тариқи имкониятҳои Руссия вобаста ба қабули муҳоҷирон муайян мегарданд сеюм, пастравии давомкунандаи муҳоҷират, ҳамчун падидаи ҳаяҷоновар, онро нишон медиҳад, ки дар ИДМ шароити мусоид барои рафтуомади (ҳаракати) аҳолӣ вуҷуд надорад.[1.С.182-183.]

Қайд кардан ба маврид, аст ки тамоми кишварҳои ИДМ барои ҷалби эмигратсия ва иммигратсия ҷавогӯ нестанд, ки ин далели возеҳи бухрони муҳоҷират дар ин кишварҳо мебошад. (омилҳо сабабҳо муаян карда мешаванд).

Мувофиқи ақидаи И.В.Иванюк, ҳоло «Ҳам кишварҳои қабулкунанда» ва ҳам «Кишварҳои интиқолкунанда», ки тавозуни арза ва тақозои қувваи кориро кафолат медиҳанд, маълум шудаанд, ба истифодаи меҳнати муҳоҷирон ташаккул ёфтаанд, ки одатан «Махсусияти этникӣ»-ро доранд. Илова бар ин таҷриба дар самти танзими маҷрои муҳоҷирони меҳнатӣ омухта шуд, таҷрибаи бастани созишномаҳои ҷудокунии мутахассисони касбӣ коркард гардид, шабакаи васеи ташкилотҳои миёнарав вобаста ба кортаъминкунии бурунмарзӣ ба миён омад».[3.С. 201]

Ғайр аз ин, дар тамоми кишварҳои собиқ ИҶШС қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба тартиби баромадан аз сарҳад, оиди шуғли аҳолӣ, оиди бо кортаъминкунӣ дар хориҷи кишвар ва ғ. коркард ва қабул гардидаанд.

Кишварҳои собиқ ИҶШС, ки ҳоло дар ИДМ муттаҳид гардидаанд, бартариятҳои назаррасро дар самти бозори ягонаи мол, сармоя ва қувваи корӣ

соҳибанд, зеро шароити имрӯзаи интегратсия дар натиҷаи даҳсолаҳо дар ҳудуди давлати ягона мавҷуд будан сохта шудаанд. Ин муҳимиятро то андозае дарк намуда, байни Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Россия Шартнома оиди тақвияти интегратсия дар самти иқтисодӣ ва фарҳангӣ баста шуд, ки ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ баҳри гардиши самараноки молҳо, хадамот, сармоя, қувваи корӣ ва рушди низоми ягонаи нақлиётро пешбинӣ мекард. Ҳоло ба ин шартнома Тоҷикистон низ ҳамроҳ гардидааст.

Умумияти забон, наздикии низоми таҳсилоти касбӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва меҳнатиро ба инобат гирифта, ташаккули бозори ягонаи ИДМ метавонист барои паси сар намудани бӯҳрони иқтисодии имрӯза ва боз ҳам оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатии дар ихтиёри ИДМ мавҷудбуда, мусоидат кунад.

Вале, ин тамоюли ба назари аввал табиӣ аз яктараф бо мушкилоти идеологи ва аз тарафи дигар мавҷуд набудани консепсияи андешидашудаи сиёсати ҳавасмандкунандаи муҳоҷират дар ИДМ рӯбарӯ мегардад, ки номуназзамии чорабиниҳои дар ин самт гузаронидашуда, зиддияти аризаҳои расмӣ ва фаъолияти таҷрибавиро пешбинӣ менамояд. Ҳамин тавр, мақсаднок будани ташкили бозори ягонаи меҳнат дар ҳудуди ИДМ эълон мегардад, вале дар амал дар рафтуомади аҳолӣ байни давлатҳои аъзои ИДМ боз ҳам монеаҳои нав эҷод мегардад.

Қайд менамоем, ки фазои муҳоҷирати ИДМ ҳоло нисбатан либералӣ (ба туфайли низоми бераводид) мебошад, вале он истисно нест, зеро фазои мазкур ба ҳамон низоми муҳоҷирате, ки дар тамоми ҷаҳон мавҷуд аст, тобеъ мебошад. Агар Тоҷикистон, Узбекистон ва Қирғизистон ҳамчун кишварҳои интиқлдиҳанда баъзе ним меъёрҳо дар равандҳои муҳоҷират маҳдуд шаванд, пас Россия ва Қазоқистон ҳамчун кишварҳои қабул кунанда, дар фазои пасошӯравӣ сиёсати иммигратсионии худро аз рӯи айнан ҳамон нақшаҳое, ки кишварҳои Аврупои доранд, таҳия менамоянд. Барои ҳамин муҳоҷират имрӯзҳо дар кишварҳои ИДМ ба таври қатъиян муттақобил рушд мекунад. Ҷаҳонишавӣ дар аксари давлатҳои миллӣ аз ҷумла дар кишварҳои ИДМ ҳамчун субъектони ноқобил махсусан дар самти назорати ҳаракати одамон, ба бӯҳрон овард. Дар натиҷа муҳоҷирати ғайриқонунӣ фосилаи хеле калонро касб намуд, ки ба аломати хосси низоми муосири муҳоҷират табдил ёфт. Мувофиқи баҳогузориҳои расмӣ, муҳоҷирони ғайрирасмӣ дар ҳудуди Россия ва Қазоқистон беш аз 7-млнро ташкил медиҳанд, ки дар миён онҳо миқдори муайянро муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз кишварҳои ИДМ дарбар мегиранд. Самаранок набудани идоракунии муҳоҷират инчунин ба танзим наовадани муҳоҷирон дар ин давлатҳо ба талаботи иқтисодии муҳоҷирон инъикос меёбад. Гурӯҳи калони муҳоҷирон аз он сабаб дар вазъияти ғайриқонунӣ қарор мегиранд, ки наметавонанд бо роҳи қонунӣ ҷойҳои кории дар кишварҳои қабулкунанда мавҷудбударо ишғол намоянд. Аз ин сабаб муҳоҷирони ғайриқонунӣ асосан ба он корҳое ҷалб карда мешаван, ки пардохти ками пули доранд, ва аз тарафи корфармоён зериистисмори шадид қарор мегиранд. Масалан, дар Россия ин теъдод 22.4 % - ро ташкил медиҳад. Дар ин самт махсусан савдо ва сектори ҷудо карда мешавад, ки дар он 60 – 70 %арзиши изофа шуда пинҳон мегардад инчунин истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва сохтмон. Мувофиқи баҳогузории Кумитаи давлатии омори ФР, дар сектори ғайрирасмӣ на кам аз 10 млн. нафар(15 % машғулон дар иқтисод) банд буданд, ки аз онҳо 6,5 млн. нафар дар ин ҷо кори асосӣ ва ягона доштанд; 3.3 млн. дар савдо ва истеъмолоти ҷамъиятӣ банд буданд; 2,7 млн. – дар хоҷагии қишлоқ; атрофи 1 млн. – дар саноат ва беш аз 5 млн. дар сохтмон

банд буданд.[7]

Дар умум дар Россия миқдори муҳоҷирони ғайрирасмӣ атрофи 1 млн. нафарро ташкил медиҳанд. Мувофиқи ақидаи аксари муҳаққиқон, “Афзоиши иммигратсияи ғайрирасмӣ, ки аксарияти мутлақи он меҳнатӣ мебошад, бо омилҳои гуногун маънидод мегардад. Масалан, агар оиди Россия ва кишварҳои бурунмарзии наздик сухан кунем, пас он вазъияти нисбатан устувори иқтисодии Россия, нисбати дигар кишваҳои ИДМ, “Сарҳадҳои шаффофи россиягӣ” ва ғ. мебошад. Вале аз ҳама муҳимаш он аст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ, барои соҳибкорони рус қувваи кории ниҳоят арзон ва беҳуқукро ташкил медиҳанд, ки ин омили муҳими таъйини чунин қувваи корӣ мегардад, ба он нигоҳ накарда, ки қонунгузории Россия зиёднамоии муҷозот нисбати корфармоёне, ки ба таъйини ғайриқонунии муҳоҷирони хориҷӣ машғуланд, пешбинӣ намудааст”. [4.с-12]

Қайд менамоем, ки муҳоҷирони ғайрирасмии аз дигар кишварҳои ИДМ ба Россия омада, “Натанҳо ба соҳибкорони алоҳида, балки ба тамоми давлат манфиатовар аст, зеро “Андозсупорандагони соф”-ро ташкил медиҳанд, ки аксар маврид намудҳои гуногуни андозҳоро месупоранд (ҳам мустақим ва ҳам ғайримустақим), вале на ҳама вақт аз имтиёзҳои иҷтимоӣ соҳибанд”. [4.с-12]

Таҳлили маводҳои Кумитаи давлатии омори Россия нишон медиҳад, ки муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар Россия аз ибтидои солҳои 90-ум бемайлон афзоиш ёфта истодааст, яъне аз лаҳзаи пошхӯрии ИҶШС, маҳз дар ҳамин давра вай характери транзитиро касб намуд, вале аз соли сар карда, миқёси он зиёд шудан гарифт. Маҷрои зиёдтари муҳоҷирони аввала ба Россия аз давлатҳои Украина, Тоҷикистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, инчунин Хитой ва Ветнам рост меомад.

Так основоположники поведенческой экономики Д. Канеман, лауреат Нобелевской премии 2002 года и его коллега А. Тверски, доказали, что очень часто поступки человека идут в разрез с утверждениями классической экономической теории. В своих статьях «Теория перспектив: анализ принятия решений в условиях риска» [21] и «Достижения в теории перспектив: обобщенное представление неопределенности» [22] они показали результаты большого количества опытов, из которых следовало, что человек не может рационально оценивать размер ожидаемых выгод и потерь, а так же их вероятность. Необходимо учитывать, как человек по-разному реагирует в одинаковых ситуациях (с позиции выгод и потерь) в зависимости от того, теряет он или выигрывает. Каждый отдельный человек боится потерь и поэтому он готов рисковать, чтобы их избежать, но не хочет рисковать, чтобы получить выгоду. Из экспериментов этих учёных следует обратить внимание на то, что человек плохо оценивает вероятность и склонен ошибаться при её оценке. Человек недооценивает вероятность событий, наступление которых очень велико и склонен переоценивать события, вероятность наступления которых мала. Даже студенты математики, которые хорошо знают теорию вероятности, в реальной жизни не применяют свои знания, а пользуются сложившимися у них стереотипами, предрассудками и эмоциями. Исходя из своих опытов и экспериментов Д. Канеман и А. Тверски, вместо теории принятия решений, которая основывалась на теории вероятности, предложили новую теорию перспективы, согласно

которой обычный человек не в состоянии правильно оценить будущие выгоды в абсолютном выражении, а оценивает он их в сравнении с каким-то определённым общепринятым стандартом и стремится, прежде всего, при этом не допустить ухудшения своего положения. С помощью этой теории перспективы ученые предлагали объяснить множество нерациональных поступков человека, которые невозможно объяснить с позиций классической экономической теории.

В своей книге «Думай медленно… решай быстро» [23] Д. Канеман обратил внимание на такой элемент ИЧК как мышление. Он говорил, что сам процесс мышления кажется нам со стороны понятным, осознанным и последовательным, то есть одна осознанная мысль следом за собой вызывает следующую мысль. Но наш мозг, как отмечал Д. Канеман, может работать и по-другому, то есть многие мысли у человека возникают в сознании неизвестно откуда. Он приводит такой пример, когда человек видит, что на столе стоит лампа и в то же время он не может сказать, откуда у него взялась мысль, что перед ним на столе стоит именно лампа. Отсюда он делает вывод, что умственная деятельность человека, которая в свою очередь ведет к принятию решений, обычно происходит незаметно для самого человека, и он не может проследить и осознать возникновение мысли и её дальнейшее последовательное движение. В этой же книге он подробно рассматривает такой элемент как интуиция и ошибки интуиции. Следует сказать, что, в реальной жизни человек не только доверяет своими впечатлениям и чувствам, но и руководствуется ими, и уверенность человека в собственной интуиции, как правило, оправдана. Но бывают и такие ситуации, когда человек опираясь на свою интуицию, совершает ошибки и только объективный сторонний наблюдатель в состоянии заметить эти ошибки.

Ещё один лауреат Нобелевской премии 2017 года по экономике Р. Талер отводил очень важную роль такому элементу ИЧК как эмоции человека. Досконально изучив эмоции человека, которые руководят им, и трудности, с которыми сталкивается человек, когда принимает решения, он изложил результаты своего исследования в книге «Новая поведенческая экономика: почему люди нарушают правила традиционной экономики и как на этом заработать» [24]. В своей работе он выделял такие элементы как наблюдательность, сбор информации и выражение своего мнения. Наблюдению Р. Талер отводил важную роль, так как при внимательном наблюдении за миром вокруг себя, человек может увидеть мир таким, какой он есть на самом деле, а не таким, каким его хотят видеть другие люди. Сбору информации он придавал так же большое значение, так как человек при отсутствии информации, очень часто не анализирует свои совершённые ошибки и просчёты. Следует считать, что единственный способ предотвратить будущие ошибки и просчеты – это записывать и анализировать свои прошлые действия как успешные так и не очень успешные и особенно собирать информацию и анализировать её в части совершенных ошибок и просчетов, как говорится, что не записано, то не существует. По мнению Р. Талера очень много ошибок совершает человек, которые можно было бы предотвратить, если бы он высказывался и выражал своё мнение, своё несогласие, а не соглашался с существующим ходом вещей и мог усомниться в авторитете других людей.

И как следствие всего вышесказанного, Р. Талер считал идеальными условиями для развития ИЧК такие условия, когда человек способен спокойно наблюдать за всем происходящим вокруг него, собирать и анализировать собранные им данные и свободно высказывать своё аргументированное мнение, в том числе и критические замечания, по

поводу всего происходящего вокруг него. При соблюдении этих условий, по мнению Р. Талера, человек способен развиваться и генерировать мощный поток новых идей.

Считается, что каждому человеку свойственно делать в своей жизни выбор, в частности выбор между принятием того или иного решения. В книге «Nudge. Архитектура выбора. Как улучшить наши решения о здоровье, благосостоянии и счастье» [25] ведущих ученых Р. Талера и К. Санстейна поднимается именно вопрос выбора человеком, изучается то, что стоит за тем или иным решением человека, а так же рассматривается вопрос о том, как принять лучшее решение и сделать наиболее лучший для человека выбор. Суть этой книги заключается в том, чтобы показать, как можно убедить отдельного человека сделать выбор наилучший для него самого. Кроме этого К. Сантстейн в своей книге «Иллюзия выбора. Кто принимает решения за нас и почему это не всегда плохо» [26] пишет о свободе выбора каждого отдельного человека и о том, что этот выбор требует от человека времени, которого всегда недостаточно. И в результате он утверждает, что человек очень часто выбирает не делать выбор в своей жизни, а просто соглашается с тем вариантом, который ему предлагают в данный момент времени. К. Санстейн заявляет, что в действительности это не так страшно, когда у человека, по сути, отнимают право свободного выбора и заменяют это право одним каким-то предложенным ему вариантом, выбранным за него самого и более того отказ от права свободного выбора, как считает К. Санстейн, сможет сделать более комфортной жизнь человека. При этом автор предлагает разобраться человеку самому, когда ему стоит бороться за свободу выбора, а когда свобода выбора будет только мешать человеку.

В данной статье автор считает, что лишение человека права на свободу выбора и прямое вмешательство в процесс принятия им решений, даже под предлогом недостаточности времени в жизни человека, не является веским основанием для этого. И это можно рассмотреть как навязывание одному человеку другим человеком или группой лиц своих представлений или своего мнения. А такой подход может привести к неумению каждого отдельного человека принимать решения в своей жизни, что в свою очередь ведёт к инфантилизации [27] общества в целом. Проблеме выбора посвящено ещё одно очень важное научное издание «Мышление. Ведущие учёные о том, как мы делаем выбор, решаем задачи и прогнозируем будущее» [28], в котором известные учёные, такие как Д. Канеман, Г. Гигеренцер, Н.Н. Талеб и другие рассказывают о своих проведённых исследованиях, и о тех выводах, которые они сделали из них, а так же о новых концепциях мышления, сознания и морального выбора.

После изучения всего этого материала по поведенческой экономике следует обратить внимание на то, что именно здесь проходит тонкая грань между свободой каждого отдельного человека, в том числе и свободой выбора, и ограничением его свободы и даже в какой-то степени манипулированием человеком при принятии им решения. И это очень важно, так как ИЧК лучше будет развиваться в свободной среде, чем в зарегулированной, и тем более имеющей признаки манипуляции им. Здесь следует затронуть такое понятие как либертарианский патернализм [29], которое активно используют представители поведенческой экономики. При этом интересны условия, при которых существует либертарианский патернализм. Первое – это принуждение человека к тому поведению, которое сам он мог бы и не выбрать или ограничение свободы выбора, и второе – цель, которую преследует либертарианский патернализм – это благо для того, на кого он направлен, а именно для конкретного человека. И здесь возникает очень много вопросов, связанных именно со свободой выбора каждого отдельного

человека, хотя поведенческие экономисты заявляют, что она не нарушается и более того по их мнению соблюдается правило Парето-улучшения [30].

И всё же, по мнению автора, возникает такая ситуация когда можно сделать вывод из подхода поведенческих экономистов, что сам человек не в состоянии сделать наилучший для него самого же выбор, и его какое-то третье лицо может и обязано принудить к принятию решения, которое якобы будет лучшим для самого человека. Таким образом, ставится под сомнение рациональность при принятии решений человеком, и, по сути, идёт вмешательство в самостоятельный выбор при принятии решения человеком. В этом и заключается расхождение взглядов на человека поведенческих экономистов и представителей классической или традиционной экономической теории, которые предполагали, что человек является рациональным [31] субъектом, который обладает согласованными, упорядоченными предпочтениями, и при этом ведёт себя последовательно и непротиворечиво, а самое главное человек сам знает свои интересы лучше, чем кто-либо другой, и сам примет лучшее для него самого решение. То есть можно сказать, что поведенческая экономика и либертарианский патернализм придерживаются такой программы, когда прямое вмешательство в процесс принятия решений каждым отдельным человеком не только возможно, но и необходимо, на благо этого человека и для его же благосостояния.

В экономической науке в последнее время происходит доминирование поведенческой экономики в проблеме принятия решения человеком, но не стоит забывать о том, что поведенческая экономика появилась на стыке экономики и психологии. И в психологической науке существует альтернативный подход к проблеме принятия решения человеком – это школа немецкого психолога Герда Гигеренцера. В своей книге «Понимать риски. Как выбирать правильный курс» [32] он рассматривает такой важный элемент ИЧК как риск при принятии решений. В ней он приходит к выводу, что человеку, для того чтобы успешно справляться с трудностями выбора в своей жизни, внедрять инновации и развивать свой человеческий капитал, необходимо уметь брать на себя риск. Помимо этого он пытается разобраться в том, как распознавать случаи в жизни, когда нам предоставляется не полная информация и что необходимо делать в таких ситуациях, а так же какие использовать правила и приёмы, которые избавят человека от беспричинных страхов и помогут принять более грамотные и взвешенные решения. Из вышесказанного следует обратить внимание на то, что на сегодняшний день нет однозначной положительной связи, как и нет ни одного из известных исследований, где бы было видно, что человек с поведением, отклоняющимся от модели рационального выбора, был бы менее счастлив, зарабатывал бы меньше денег или имел более короткую продолжительность жизни. И наоборот нет оснований утверждать, что человек, чьё поведение соответствует принципам рационального выбора, в чём-то выигрывает по сравнению с человеком, чьё поведение отклоняется от модели рационального выбора.

И в заключение, обобщая положения классической и поведенческой экономики, можно утверждать, что основными элементами ИЧК, по мнению классических экономистов, являются – здоровье, образование, знание, опыт и умения; а по мнению поведенческих экономистов – интуиция, эмоции и мышление. Выделение наиболее важных элементов в ИЧК позволяет понять, с каких позиций рассматривается человек в классической экономике, а с каких позиций в поведенческой экономике. Это в свою очередь будет определять подходы и способы в изучении человека классическими и поведенческими экономистами.

## СПИСОК ЦИТИРОВАННЫХ ИСТОЧНИКОВ

1. Schulz T. Investment in Human Capital // American Economic Revien. – 1961, March – No 1.
2. Becker G.S. Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis with Special Reference to Education. — Third Edition. — Chicago and London: The University of Chicago Press, 1993.
3. Grossman, M. On the Concept of Health Capital and the Demand for Health / M. Grossman // Journal of Political Economy. – 1972. – Vol. 80, No 2. – P. 223–255.
4. Bovenberg A. L. The Life-course perspective and social policies: An overview of the issues // CESifo Economic Studies. 2008. Vol. 54. № 4.
5. Римашевская Н. Человеческий потенциал России и проблемы «сбережения населения» // Российский экономический журнал. 2004. № 9-10.
6. Нойманн Ф. Методика экономической оценки человеческого капитала // Государственное управление: трансформационные процессы в современном мире: Тез. докл. междунар. науч.-практ. конф. Минск.: Академия управления при Президенте Республики Беларусь, 2002. Ч. 2.
7. Lucas R.E. On the Mechanics of Economic Development // Journal of Monetary Economics. 1988. P. 3–42.
8. Coleman J. S. Foundations of social theory. Belknap Press of Harvard University Press, 1990.
9. Корогодин И. Социально-трудовая система: вопросы методологии и теории/монография. М.: ПАЛЕОТИН, 2005.
10. Laroche M., M´ erette M., Ruggeri G. C. On the concept and dimensions of human capital in a knowledge-based economy context. Canadian Public Policy - Analyse de Politiques, 1999.
11. Климов С.М. Интеллектуальные ресурсы организации. СПб: ИВЭСЭП, «Знание», 2000.
12. Абалкин, Л.И. Парадоксы измерения человеческого капитала /Л. И. Абалкин //Вопросы экономики. - 2009. - No9. - С.51 - 70.
13. Корчагин Ю.А. Человеческий капитал и процессы развития на макро- и микроуровнях. Воронеж, ЦИРЭ, 2004 - 140 с.
14. Рощина Я.М. Психологические составляющие человеческого капитала как фактор экономического поведения. Препринт WP15/2008/03. М.: ГУ ВШЭ, 2008. 56 с.
15. Семенов И. Н. Творчество и человеческий капитал: рефлексивно-психологические аспекты взаимодействия и развития // Мир психологии. 2010. №2. С. 37-51
16. Семенов, И. Н. Человеческий и социальный капитал: междисциплинарные и рефлексивно-психологические аспекты взаимодействия // Модернизация экономики и глобализация. М., 2009. Кн. 2.
17. Иноземцев В. Л. За пределами экономического общества - М.: "Academia" - "Наука", 1998 - 640с.
18. Леонтьев Б. Б. Цена интеллекта. Интеллектуальный капитал в российском бизнесе. - М.: Издательский центр "Акционер", 2002 - 200 с.
19. Брукинг Э. Интеллектуальный капитал: ключ к успеху в новом тысячелетии / Пер. с англ, под ред. Л. Н. Ковачин Питер, 2001 - 288 с.

20. Гилбрейт Д. Экономические теории и цели общества / Под ред. акад. Н. Н. Иноземцева. - М.: Прогресс, 1979. - 406 с., с. 49
21. Kahneman D., Tversky A. Prospect Theory: An Analysis of Decision under Risk // Econometrica. 1979. Vol. 47, No 2. P. 263-292
22. Tversky A., Kahneman D. Advances in Prospect Theory: Cumulative Representation of Uncertainty // Journal of Risk and Uncertainty. 1992. Vol. 5, No 4. P. 297-323
23. Канеман, Даниэль. Думай медленно…решай быстро: перевод с английского/Даниэль Канеман. – Москва: Издательство АСТ, 2018. – 653с.
24. Талер, Ричард. Новая поведенческая экономика: почему люди нарушают правила традиционной экономики и как на этом заработать / Ричард Талер; [перевод с английского А. Прохоровой]. – Москва: Эксмо, 2018. – 384с.
25. Талер, Ричард. Nudge. Архитектура выбора. Как улучшить наши решения о здоровье, благосостоянии и счастье / Ричард Талер, Касс Санстейн; пер. с англ. Е. Петровой; [науч. ред. С. Щербаков]. – 2-е изд. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2018. – 240с.
26. Касс, Санстейн. Иллюзия выбора. Кто принимает решения за нас и почему это не всегда плохо / Касс Санстейн; перевод, оформление. ООО «Альпина Паблишер», 2016 год; [ редактор А. Черникова]. – М.: ООО «Альпина Паблишер», 2016. – 252с.
27. Инфантилизм // Академик [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://dic.academic.ru/searchall.php?SWord=инфантилизм+&from=xx&to=ru&did=ruwiki&stype= - Дата доступа: 19.01.2019.
28. Мышление. Ведущие учёные о том, как мы делаем выбор, решаем задачи и прогнозируем будущее: [сборник: перевод с английского Алины Курышевой Дмитрия Литвинова] / под ред. Джона Брокмана. – Москва: Издательство АСТ, 2018. – 480с.
29. Либертарианский патернализм // Академик [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:// dic.academic.ru/searchall.php?SWord=патернализм+либертарианский&from=xx&to=ru&did=&stype=0 - Дата доступа: 19.01.2019.
30. Парето-улучшения // Академик [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:// socialeconom.academic.ru/1662/Парето-улучшение - Дата доступа: 19.01.2019.
31. Рациональность // Академик [Электронный ресурс]. Режим доступа: https:// dic.academic.ru/searchall.php?SWord=рациональность&from=xx&to=ru&did=socialeconom&stype= - Дата доступа: 19.01.2019.
32. Гигеренцер Г. Понимать риски. Как выбирать правильный курс / Герд Гигеренцер; пер. с англ. А. Кузина. – М.: КоЛибри, Азбука-Аттикус, 2015. – 352 с.
33. Б. Вейсброд. Экономика здравоохранения; унив Pennsylvania Press, 1961.
34. Б. Вейсброд и Р. Андреано. Американская политика в области охраны здоровья: перспективы и выбор; Markham Publishing, 1974.
35. Кендрик Дж. Совокупный капитал США и его формирование / Дж. Кендрик. – М. : Прогресс, 1978. – 275 с.

## УНСУРҲОИ САРМОЯИ ИНФИРОДИИ ИНСОНӢ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО АЗ МАВҚЕИ ИКТИСОДЧИЁНИ КЛАССИКӢ ВА РАФТОРӢ

Дар мақола нуқтаи назари иқтисодчиёни классикӣ ва рафторӣ дар бораи унсурҳои сармояи инфиродии инсонӣ, ки аз нуқтаи назари онҳо муҳимияти ин ё он унсур муайян карда шудааст, таҳлил карда мешавад. Дар мақола он унсурҳои сармояи инсонии

инфироде, ки аз ҷониби иқтисодчиёни классикӣ бартарӣ дода шудаанд ва он унсурҳое, ки аз ҷониби иқтисодчиёни рафторӣ бартарӣ дода шудаанд, муайян карда шудааст. Ҳамчунин ихтилофи назарҳои иқтисодчиёни классик ва рафторӣ дар бораи аҳамияти унсурҳои алоҳидаи сармояи инсонӣ баррасӣ карда шуда, мушкилоти интихоби озоди шахс ва зарурати доштани ин интихоб аз ҷониби инсон баррасӣ карда мешавад.

***Калидвожаҳо***: *сармояи инсонии инфиродӣ; сохтори сармояи инсонии инфиродӣ; унсурҳои сармояи инфиродии инсонӣ; иқтисодиёти классикӣ ё анъанавӣ; иқтисодиёти рафтор; рафтори инсон; мушкилоти интихоби инсон; инфантизатсияи ҷомеа; падарпарастии озодихоҳӣ; қоидаи такмили парето; оқилона; бемантиқӣ.*

## ЭЛЕМЕНТЫ ИНДИВИДУАЛЬНОГО ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА И ИХ ВАЖНОСТЬ С ПОЗИЦИЙ КЛАССИЧЕСКИХ И ПОВЕДЕНЧЕСКИХ ЭКОНОМИСТОВ

В статье проанализированы взгляды классических и поведенческих экономистов на элементы индивидуального человеческого капитала, определена с их точки зрения наибольшая важность того или иного элемента. Выявлены те элементы индивидуального человеческого капитала, которым отдавалось предпочтение классическими экономистами и те элементы, которым отдавалось предпочтение поведенческими экономистами. Так же рассмотрены противоречия между взглядами классических и поведенческих экономистов на важность тех или иных элементов индивидуального человеческого капитала, рассмотрена проблема свободного выбора человеком и необходимость иметь этот выбор человеком.

***Ключевые слова:*** *индивидуальный человеческий капитал; структура индивидуального человеческого капитала; элементы индивидуального человеческого капитала; классическая или традиционная экономика; поведенческая экономика; человеческое поведение; проблема выбора человеком; инфантилизация общества; либертарианский патернализм; правило Парето-улучшения; рациональность; иррациональность.*

## ELEMENTS OF INDIVIDUAL HUMAN CAPITAL AND THEIR IMPORTANCE FROM THE POSITION OF CLASSICAL AND BEHAVIORAL ECONOMISTS

The article analyzes the views of classical and behavioral economists on the elements of individual human capital, determined from their point of view the greatest importance of an element. The elements of individual human capital, which were preferred by classical economists and those elements, which were preferred by behavioral economists, are revealed. Contradictions between views of classical and behavioral economists on importance of these or those elements of the individual human capital are also considered, the problem of free choice by the person and need to have this choice by the person is considered.

***Key words:*** *individual human capital; structure of individual human capital; the elements of individual human capital; the classical or traditional Economics; behavioral Economics; human behavior; the problem of choice; the infantilization of society; libertarian paternalism; the rule of Pareto-improvement; rationality; irrationality.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Пришепа Д.Н. -** магистри менеҷмент, аспиранти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Беларус. E-mail: garptica@tut.by

**Сведения об авторе: Прищепа Д.Н. -** Магистр менеджмента, аспирант Академии государственного управления при Президенте Республики Беларусь. E-mail: garptica@tut.by

**Prishchepa D. N. -** Master of management, Postgraduate Student of the Academy of Public Administration under the aegis of the President of the Republic of Belarus. E-mail: garptica@tut.by

УДК: 80/81+050(575,3)

# НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ ТЕРРОРИЗМ

*Сафарзода Х.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳанӯз ибтидои солҳои ҳаштодуми садаи гузашта Е.Саблиер дар китоби «Таърихи махфии теროристони интернатсионал» навишта буд: «Ҷанги севуми ҷаҳон, ки ҳама ба сурати таркиши атомӣ тасаввур мекунанд, аллакай дар шакли дар тамоми дунё паҳншудаи терроризм шуруъ шудааст» (2,3). Ин воқеият ба фоҷеаҳое ишора мекунад, ки аз замонҳои қадим ҳамсафари зиндагии инсоният будааст. А.Муминов дар китоби «Ифротгароии исломӣ василаи таҳдид ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи имрӯз» дар заминаи тадқиқоти анҷомгирифта ин таърихро ба замони зуҳури сикарию зелот, Алию Муовия, юриши салибӣ ва садҳо гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсиву динӣ пайванд дода, моҳияти ҳар кадомеро шарҳ медиҳад. Аз қиёсу муқобилаҳои ин муҳаққиқ бармеояд, ки ҳеҷ кадоме аз ҷиноҳҳо ва равияҳои террористиву ифротгаро, ки собиқаи таърихӣ доранд, ба осоишу саодатмандии инсоният ва суботи кишварҳову ҷаҳон мусоидат накардаанд (4, 87-97).

Номҳо ва тарзи амалҳои терроризм дар давоми асрҳо дигар шуда бошад ҳам, моҳият ва ҳадафҳои он, ки зӯриву вайронгарӣ ва барҳам задани суботи ҷомеаи инсонист, аз оғози пайдоиш то ба имрӯз тағйир наёфтааст. Вале миқёс, тарз ва доираи фаъолияти он дар ҷаҳони имрӯз фарогир буда, ҳамчун мушкили глобалӣ эътироф ва «алҳол барои аксар кишварҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба як хатари фарогир табдил гаштааст» (3, 5). Аз ин ҷиҳат дар роҳи шиносонидани чеҳраи аслии терроризм барои ҷомеаи имрӯз накши матбуоти даврӣ бузург аст. Инъикоси мушкилоти терроризм, пеш аз ҳама, ҳадафи касбӣ дошта, ҳамчунин ҷомеа ва ҷомеадоронро аз таҳдидҳои эҳтимолии ин гуруҳҳо огоҳ месозад. Арзёбии ин мавзӯъ дар мисоли баъзе нашрияҳои кишвар баёнгари нақши воситаҳои ахбори омма дар ин самт мебошад.

Мавзӯи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои Ҳукумати кишвар аз оғоз масъалаи афзалиятнок ба шумор мерафт. Ҳанӯз 19-уми декабри соли 1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар аввалин мусоҳибаашон гуфта буданд: « ... то он даме ки мо дар хонаи худ сулҳу амниятро барқарор насозем, силоҳ ба замин нагузорем, ба ҷои ярок олоти меҳнат ба даст нагирем ва аз тахрибкорӣ ба бунёдкорӣ нагузарем, ҳеҷ гуна кӯмаки ҳамсоягон вазъи моро беҳтар сохта наметавонад» (5, 13). Аз ин назар, дар асоси нишондоди раҳбари кишвар нақши калидии интишори иттилоот оид ба мушкилоти терроризм ва таҳдидҳои он дар даврони истиқлолият бар дӯши ВАО қарор гирифта буд. Матбуот дар инъикоси мавзӯи терроризм бо интишори иттилооти воқеӣ ва беҳангома пойбанди ҳадафҳои касбӣ буда, дар ин росто ҷомеаро аз ҳадафҳои созандаи Ҳукумат дар роҳи пешгирии терроризм ва ифротгароӣ огоҳ намудааст. Аз ҷумла, рӯзномаи «Ҷумҳурият» 30-уми майи соли 2006 суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмоновро ба муносибати рӯзи сарҳадбонон чоп кардааст, ки дар он омадааст: «...мо бояд дар роҳи паҳншавии гуруҳҳои террористиву ифротгаро, инчунин қочоқи маводи мухаддир монеаи устувор эҷод намоем» (6).

Нашрияҳои расмӣ, аз ҷумла «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва рӯзномаҳои хусусии «Тоҷикистон»-у «Миллат» ва дигарҳо бо нашри иттилооти воқеӣ талош кардаанд, ки ҷомеаро аз сиёсати дурбинонаи Ҳукумати кишвар дар боби пешгирӣ аз ҳамлаҳои эҳтимолии гурӯҳҳҳои террористӣ огоҳ созанд. Дар ин замина самти

фаъолияти нашрияҳоро чунин тасниф метавон кард: а) нашри ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла консепсияи зиддитерористии глобалӣ ва қарору қонунҳои танзимкунандаи ин мушкилот; б) иттилооти огоҳкунанда дар бораи ҳодисаҳои террористие, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ҷаҳон ба вуқуъ омадаанд.

Нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» бештар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва қарору қонунҳои марбут ба ин масъаларо чоп намудаанд, ки заминаҳои амалӣ ва ҳуқуқиро барои пешгирӣ аз терроризм муҳайё месозанд. Таҳлили қиёсии маводи дар ин замина нашршуда нишон медиҳад, ки ҳар ду рӯзнома сиёсати давлатро пайгирӣ карда, аввалан талош кардаанд, ки моҳияти тахрибкори «ин шакли даҳшатангези мубориза сиёсиро, ки бо мақсади суст кардани сохтори мавҷудаи давлат нисбат ба ҷомеа ва арбобони намоёни сиёсӣ даҳшатафканӣ ва зуровариро ба кор мегирад» (12, 42) шарҳ диҳанд, сониян талошҳои Ҳукумати кишварро барои ба вуҷуд овардани шароити воқеии мубориза бо терроризм инъикос намоянд, ки ифодагари талошҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мубориза бо терроризм аст.

Маводи дар ин рӯзномаҳо нашршуда хонандаро бовар мекунонад, ки терроризми байналхалқӣ дар охири садаи бист ва ду даҳсолаи асри бисту як дар ҳошияи равандҳои ҷаҳонишавӣ бо суръати тамом ташаккул ва тавсеа ёфта, алҳол барои аксар кишварҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба хатари фарогир мубаддал шудааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди байналмилалӣ ҳоло дар ҷаҳон тақрибан 500 ташкилоти террористӣ амал мекунанд, ки дорои шабакаҳои фаромиллӣ ва муташаккили сохторӣ мебошанд. Фақат дар соли 2011 маҷмӯан дар ҳафтод давлати ҷаҳон зиёда аз даҳ ҳазор амалҳои террористӣ ба вуқуъ пайваста, дар натиҷаи он зиёда аз дувоздаҳу ним ҳазор одам ҷони худро аз даст додаанд (3, 5-6).

Баъд аз амали террористии 11-уми сентябри соли 2001 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА нашрияи «Ҷумҳурият» ва маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ» бештар ба нашри маводе таваҷҷуҳ кардаанд, ки кӯшиши Ҳукуматро дар амалӣ кардани тадбирҳои зиддитеррористӣ инъикос менамоянд. Аз ҷумла дар мақолаи Вазири вақти корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ «Тоҷикистон ва масоили глобалии ҷаҳони муосир» тадбирҳои пешниҳодкардаи раҳбарияти кишвар барои пешгирӣ аз терроризм оварда шудааст, ки чунин аст:

«1. Қабули аҳдномаи муштаракӣ умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм, эътироф намудани терроризм ҳамчун зуҳуроти дорои ҳадафҳои сиёсӣ;

2. Пешбинӣ намудани ҷазо нисбат ба давлатҳое, ки аз терроризм пуштибонӣ зоҳир менамоянд;

3. Таъсис додани Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ таҳти сарпарастии СММ;

4. Баланд бардоштани нақши Интерпол дар мубориза бар зидди терроризм;

5. Ташкил намудани маъхази умумии маълумот ва шабакаи муштараки иттилоотӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм» (3,6-7).

Тавре дида мешавад, яке аз тадбирҳое, ки ҳукумати ҷумҳурӣ амалӣ кардааст, ташкил намудани маъхази умумии маълумот ва шабакаҳои муштараки иттилоотӣ дар роҳи пешгирӣ ва мубориза бо тероризм аст. Дар ин замина матбуоти даврӣ дар ҳамаи сатҳҳо ба инъикоси муҳимтарин паҳлуҳои мавзуи мазкур пардохта, дар роҳи амалисозии сиёсати ҳукумат барои ба омма фаҳмондани моҳияти зиддиинсонии тероризм ва иқдомҳои тахрибкоронаи он корҳои муҳиммеро ба субот мерасонад.

Ин қабил иттилоот, ки матбуоти даврӣ нашр кардааст, инъикоскунандаи сиёсати давлат дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва сатҳи миллӣ мебошад. Нашри мақолаҳо оид ба нақши Пешвои миллат дар мубориза бо терроризм ва ифтотгароӣ (14, 10-15), ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» (16, 24), тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «ҷазоро бо истифода аз интернет ба амал овардани даъвати оммавӣ ҷиҳати содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ пурзӯр мекунад» (Паёми Душанбе. -2018. -10 август), Консепсияи зиддитеррористӣ, ҳуҷҷати Стратегияи зиддитеррористии глобалии СММ дар Осиёи Марказӣ ва ғайра фаъолияти амалӣ ва судманди матбуоти давриро дар самти таблиғ ва дастгирии сиёсати давлат собит месозад. Аз ҷумла ҳафтаномаи «Паёми Душанбе» хабари расмии «Дар Тоҷикистон ҷазо барои таблиғоти терроризм пурзӯр карда мешавад»-ро нашр карда, тағйиру иловаҳоеро, ки дар ин боб ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардидааст, ба омма таъкид менамояд. Ин хабар ва тағйироте, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди пешгирӣ аз амалҳои даъвати оммавӣ аз дастгирии гуруҳҳои террористӣ ва сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ ворид шуда ва дар фазои иттилоотӣ интишор гардидааст, хусусияти огоҳкунӣ дошта, амалҳои ғайриқонуниро дар ин самт пешгирӣ менамояд (13).

Матбуоти даврӣ дар инъикоси воқеаҳои террористӣ ва ифротгароие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон, кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ҷаҳон ба вуқӯъ омадаанд, низ саҳми назаррас дорад. Аз ҷумла дар баъзе маводи нашршуда омилҳои гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамин гуна маводи ҷолибро ҳафтаномаи «Азия-Плюс» 29-уми июни соли 2011 нашр кардааст, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Ин дар соли 1996 рух дода буд, - мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрак Билолиддин Маҳкамов. - Он замон дар маркази шаҳр ду автобус бо рақамҳои қирғизӣ пайдо шуданд. Дар вай одамоне нишаста буданд ва таклиф мекарданд, ки шаҳрвандони моро бо нархи арзонтар то шаҳрҳои Русия баранд. Тааҷҷубовар ин буд, ки онҳо фақат ҷавонони синни 17-25 соларо интихоб мекарданд. Калонсолонро бо сабабҳои гуногун қабул намекарданд. Ин бачаҳоро (беш аз 120 нафар) дар ҳудуди Қирғизистон ташкилотҳои ифротӣ фиреб дода, ба Афғонистон ва Покистон мефиристанд. Ба ин тартиб, қариб ҳеҷ кадоме аз онҳо то Русия нарафтаанд. Сарнавишти онҳо то ҳол маълум нест, ҳеҷ кадоме аз онҳо бар нагаштааст. Агар касе баргашта бошад, онро ифротии мазҳабӣ шинохтаанд. Волидайн то ҳол интизори фарзандони худанд» (1, 13).

Ин ва бисёр мақолаву гузоришоте, ки нашрияҳо чоп кардаанд, ҳадафи ошкор кардани омилҳои гаравиши табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба гурӯҳҳои террористӣ ва ифротиро доштаанд. Дар ин замина мусоҳибае, ки ҳафтаномаи Имрӯз-нюс бо прокурори генералӣ чоп кардааст, ҷолиби диққат аст. Дар мусоҳиба илова ба зикри омилҳои таҳрикдиҳандаи ин раванд, прокурори генералӣ аз таъсиси ситоди ягонаи ҷумҳуриявӣ алайҳи терроризм хабар медиҳад. Табсираи «Ифротгароии ҷавонон – айб дар иқтисодиёт, идеология ё тарғибот», ки назари иштирокдорони конференсияи байналхалқии «Ифротгароии ҷавонон – омили хатар дар Осиёи Марказӣ»-ро низ фаро гирифтааст, сабабҳои асосии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиро дар асоси санадҳои воқеӣ баён ва тафсир кардааст. Аз табсира бармеояд, дар кори конференсия намояндагони Қазоқистон, Қирғизистон ва

ҷомеаи шаҳрвандии кишвар ширкат низ доштаанд ва назари тарафҳо оид ба омиҳои зуҳури ин ҳодиса ба ҳам монанд аст. Аз ҷумла намояндаи Қазоқистон Акбота Жолдасбекова омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва нофаъол будани дастгоҳҳои таблиғотиро омили аслии майли ҷавонон ба терроризму ифротгароӣ таъбир кардааст. Коршиноси қирғиз Эрлан Сатибеков низ андешаи ҳамтои қазоқашро таъйид карда, изҳор доштааст, ки пайвастани ҷавонон ба ин гурӯҳҳо навъе муҳоҷирати меҳнатӣ аст. Иштирокдорони дигари конференсия, аз ҷумла Зулфиқори Исмоилиён ва Қосими Бекмуҳаммад «нобаробарии иҷтимоӣ» ва «Интернет»-ро аз омилҳои муассири пайвастан ҷавонон ба терроризм ва ифротгароӣ донистаанд (7).

Нашрияҳо бо нашри як силсила матолиб дар бораи амалҳои террористӣ дар Федератсияи Русия, Владикавказ, Махачкалъа ва манотиқи дигар ба вусъати фаромиллӣ ва фароминтақавии терроризм таъкид кардаанд. Ҳамчунин хабаре, ки дар баъзе нашрияҳо оид ба суйиқасди гурӯҳи террористии Абдушукуров Х., Абдуллоев А. ва дигарон ба ҷони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, амалиёти террористии дар Нуробод (1998) ба вуқуъ пайваста ва маълумот дар бораи гурӯҳҳои террористии дар Душанбеву ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) фаъолиятдошта зуҳури ин чараёнро дар сатҳи миллӣ имкопазир донистаанд.

Нашрияи «Ҷумҳурият» дар интишори иттилоот оид ба терроризм ду равиши таъсиргузорро ба кор гирифтааст:

1) Дар бораи амалҳои террористӣ ҳамвора маълумот нашр кардан;

2) Тасаввуроти оммаро оид ба ин масъала тағйир додан.

Дар ин замина нашрия санадҳои муҳими ҳодисоти террористии дар ҳудуди Тоҷикистон дар давраҳои гуногун воқеъшуда, иштироки ҷавонон дар ин гуна ҳодисаҳо ва назари инфиродии шаҳрвандони алоҳидаро доир ба ин масъала нашр кардааст, ки аҳамияти таблиғии маводро афзун намудааст. Аз ҷумла хабари «Қотилони рӯзноманигор ё Муҳиддин Олимпурро кӣ кушт?» хонандаро бо ҷузъиёти террори ин рӯзноманигор ва фармоишгарону иҷрокунандагони он ошно сохта, омилҳои асосии ин ҷиноятро ёдрас менамояд (8). Гуруҳи дигари маводҳои нашршуда масъалаи «мағзшӯиҳои экстремистӣ»-и ҷавонон ва роҳҳои пешгирии ин раванди носолимро ба миён гузоштаанд. Дар ин замина мақолаи «Экстремизм. Чӣ тавр ҷавононро аз мағзшӯии мубалиғони он эмин дорем?» (9) ҷолиб буда, дар он омилҳои асосии гароиши ҷавонон ба таблиғоти беруна ва роҳҳои ҷалби онҳо ба донишомӯзиву ободкорӣ  мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Нашрия баъзе маводҳое низ нашр кардааст, ки дар онҳо назари инфиродии шаҳрвандон оид ба терроризм баён шудааст. Масалан, дар мақолаи «Ифротгароӣ хиёнат ба ватан аст» (10) М.Мирмамадова суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст»-ро иқтибос карда, дар заминаи дастуру ҳидоятҳои роҳбари давлат мушоҳидаҳояшро оид ба омилҳои пайдоиш ва равишҳои хатарноки терроризми миллӣ бо мисолҳои мушаххас баён медорад. Ин гуна маводҳое, ки «Ҷумҳурият» нашр кардааст, ҷанбаи амиқи таблиғӣ дошта, ба муҳити ҷомеа таъсири мусбат доранд.

Ҳафтаномаи «Имрӯз-News» барои ошкор намудани заминаҳо ва омилҳои гуногуни зуҳури ҳодисаҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва раванди ҷаҳонии тавсеаи он дар минтақа гузориши раиси вақти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, генерал-майор

А.Розиқзодаро тахти унвони «Тоҷикистон дар мубориза бар зидди терроризм» (11, 4), мақолаҳои «Ҷанги байниҳамии террористҳо чӣ оқибат дорад?» (11, 6), «Қатли роҳбарони «Давлати исломӣ» (11, 6) ва «ДИИШ дар Афғонистон»-ро (11, 7) чоп кардааст, ки дар шинохти равишҳо ва тамоюлҳои ақидатию фаромиллии ин ҷараён аҳамияти хос дорад.

А.Розиқзода дар гузориши зикршуда муфассал дар бораи сӯиқасди 19 сол қабл ба ҷони Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон анҷомгирифта, гаравгонгирии Зуҳурову кормандони СММ ва фош гардидани гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ сухан карда, идомаи терроризмро дар ҷумҳурӣ то соли 2001 бо санадҳои қотеъ нишон додааст. Дар мақолаҳои дигар, ки ёд кардем, асосан раванди фарогири терроризми фаромиллӣ ва таъсири он ба минтақаву давлатҳои ҷудогона таҳлил ва баҳогузорӣ шудааст, ки дар шинохти чеҳраи аслии терроризми байналмилалӣ арзиши хоси таблиғӣ доранд.

Хабарҳое, ки ҳафтаномаи «Нигоҳ» нашр кардааст, аз ҷумла «Ҳизб-ут-таҳрир» фаъол мешавад», «"Норак-Антитерор-2009" баргузор мегардад», «Таркишҳои шабона дар Душанбе», табсираҳои «Таркиш дар Душанбе аз чӣ далолат мекунад?», «Алафдарав дар Тавилдара», «Аввалин маҳкумшудагони «Ҷамоати таблиғ» ва ғайра ба ҳаводиси рӯзҳое ишора мекунанд, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар рух дода, ҳамчун терроризми сатҳи миллӣ ёд шудаанд ва аз хотираи мардуми кишвар низ нарафтаанд («Нигоҳ».-2009.-26 март; 2009.-9 апрел; 2009.-4 июн;2009.-30 июл; 2009.-13 август ва 2009.-13 август). Мазмуни ин мавод далолат бар он мекунанд, ки хоҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва хоҳ дар сатҳи миллӣ терроризм ва ифротгароиро намешавад фақат бо нирӯи ҳарбиву милиса аз байн бурд. К. Франки дар китоби «Терроризм ва демократия» навиштааст, ки «Ифротгароӣ ва терроризмро ҳамчун ҳодисаи махфӣ ба назар оварда, наметавон муқобили он мубориза кард. Дар ин ҳол бояд суол кард, ки чӣ гуна онро бо таъсири ҷомеа қатъ кард, онро бо таъсиргузорӣ ба решаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии он аз байн бурд» (2, 248).

Ҳамин тариқ, метавон ба ин натиҷа расид, ки нақши васоити ахбори омма дар пешгирӣ ва аз байн бурдани падидаи харобовари терроризм муҳим буда, шаҳрвандонро дар шинохт ва ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъол месозад. Ҳамчунин матбуот бо нашри санадҳои воқеӣ ва эътимодбахш хонандаро ба натиҷагириҳои судманд нисбат ба терроризм раҳнамоӣ мекунад, ки ин масъулияти иҷтимоии васитаҳои ахбори омма дар назди имрӯзу фардои миллат мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Азия Плюс. -2001. -29 июн.
2. Грачев, А.С. Политический экстремизм/ А.С. Грачев. -Москва: Мисл, 1986.-271с.
3. Зарифӣ, Ҳ. Тоҷикистон ва масоили глобалии ҷаҳони муосир /Ҳамрохон Зарифӣ // Сиёсати хориҷӣ.-2012.-2. -С.3-17.
4. Муминов, А.И. Религиозный экстремизм как угроза социальной жизни современного общества / Ахмад Исматович Муминов. -Душанбе. -2011. -229с.
5. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ, ҷ.1-3/ Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе: Ирфон. - 640с.
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати рӯзи сарҳадбонон. Душанбе, 28 майи соли 2006 /Ҷумҳурият. -2006. -30 май.

7. Тоҷикистон. -2016. -10 август.
8. Ҷумҳурият. -2011. -10 ноябр.
9. Ҷумҳурият. -2011. -12 ноябр.
10. Ҷумҳурият. -2018. - 4 октябр.
11. Имрӯз-News. -2016. -2 август.
12. Назиров, Д. Проблема тероризма, религиозного экстремизма и пути их преоделения. Монография / Давлатходжа Назиров. – Душанбе: «Шарқи озод», 2018. - 624 с.
13. Паёми Душанбе. - 2018. - 10 август.
14. Илм ва ҳаёт. – 2018. – N 2. – С. 10-15.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм»/ Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1999.- N 11/ - С. 24.

## НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ ТЕРРОРИЗМ

Дар ин мақола мушкилоти фарогири мубориза бо терроризм дар матбуоти даврӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф терроризмро ҳамчун яке аз хатарноктарин мушкилоти ҷаҳонӣ дар замони муосир таҳлил намуда, саҳми назарраси матбуотро дар иттилоотонии ҷомеа таъкид кардааст.

Муаллиф бо назардошти пайдоиши мушкилоти терроризм, вазъи кунунии он гузариши онро аз сатҳи маҳаллӣ ба сатҳи ҷаҳонӣ таъкид кардааст. Дар мақола терроризм ҳамчун як зуҳуроти коммуникатсионӣ бо оқибатҳои гуногун таҳлил карда мешавад, ки дар ВАО низ васеъ инъикос карда мешавад. Муаллиф барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар мубориза бо терроризм иштирок доранд, тавсияҳо таҳия намудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *терроризм, ифротгароӣ, иҷтимоӣ, рӯзнома, васитаҳои ахбори омма, сиёсӣ, мазҳабӣ, миллӣ, фаромиллӣ, глобалӣ.*

## РОЛЬ ПРЕССЫ В ОСВЕЩЕНИИ ПРОБЛЕМЫ ТЕРРОРИЗМА

В данной статье рассматривается проблема освещения борьбы с терроризмом в периодической печати. Анализируя терроризм как одну из наиболее опасных глобальных проблем современности, автор подчеркивает значительную заслугу прессы в уведомление современного общества.

Рассматривая истоки возникновения проблемы терроризма, ее современное состояние, автор подчеркивает ее переход от локального уровня к глобальному. В статье терроризм анализируется как коммуникативное явление с различными последствиями, которое также широко освещается в СМИ. Автор формулирует рекомендации для правоохранительных органов, участвующих в борьбе с терроризмом, подкрепляя их примерами из СМИ.

***Ключевые слова:*** *терроризм, экстремизм, социальная, газета, средства массовой информации, политические, религиозные, национальные, глобальные.*

## ROLE OF THE PRESS IN COVERING TERRORISM ISSUE

This article deals with the problem of coverage of the fight against terrorism in the periodical press. Analyzing terrorism as one of the most dangerous global problems of our time, the author emphasizes the considerable merit of the press in notifying the public of this serious threat to the security of contemporary society.

Considering the origins of the emergence of the problem of terrorism, its current state, the author emphasizes its transition from the local to the global level. The article analyzes terrorism as a communicative phenomenon with various consequences, which is

also covered in the media. The author formulates recommendations for law enforcement agencies involved in the fight against terrorism, backing them up with examples from the mass media.

***Keywords:*** *terrorism, extremism, social, newspaper, mass media, political, religious, national, global.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Х.Ҳ., -** номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДМТ E-mail: khursheds@mail.ru

**Сведения об авторе: Сафарзода Х.Х. -** кандидат филологических наук, доцент кафедры зарубежных языков ТНУ, *E-mail: khursheds@mail.ru*

**Information about the author: Safarzoda Kh.H. -** Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of Foreign Languages, Tajik National University, E-mail: khursheds@mail.ru

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей: Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**Научно-политический журнал**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**

---

Над номером работали:
Ответственный редактор: Р. Каримов
Редактор таджикского языка: Х. Мавлонов
Редактор русского языка: С. Таиров
Редактор английского языка: С. Зухурова

**Издательский отдел**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: hurshed.0001@mail.ru
Сайт издания: https://journal.apa.tj

---

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 30.09.2020 г. Заказ №2020/07-08
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.